ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

# АУДИТ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ: МУАММО, АФЗАЛИЯТ ВА ДУРНАМО




ДУШАНБЕ – 2025

**УДК: 657; 657.6; 657.62; 65.011**
**ББК: 65.052; 65.053**

**Ҳайати таҳририя:**
Қодиров Ф.А., Фарайдунов О.Қ., Саидов Р.Н.,
Ҳомидов А.У., Ҳамроев М.И., Худойбердиев Ҷ.М., Шарифӣ Ш.И.

**Редакционная коллегия:**
Кодиров Ф.А., Фарайдунов О.К., Саидов Р.Н.,
Хомидов А.У., Хамроев М.И., Худойбердиев Дж.М., Шарифи Ш.И.

Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Аудит дар шароити рақамикунонӣ: муаммо, афзалият ва дурнамо» (24-уми майи соли 2025).– Душанбе, «Ашуриён».– 2025. – 275 с.

Дар маҷмуа маърӯзаҳои илмии иштироккунандагони конференсия, ки самтҳои алоҳида ва мубрами аудит дар шароити рақамикунонӣ: муаммо, афзалият ва дурнаморо дар бар мегиранд, ҷойгир карда шудааст. Маводи дар маҷмуа овардашуда барои кормандони илмӣ, омӯзгорон, аспирантон, магистрон ва донишҷӯёни макотиби олии кишвар тавсия карда мешавад.

Масъулияти муҳтавои илмӣ, далелҳо, иқтибосҳо ба зиммаи худи муаллифони мақолаҳо вогузор карда шудааст.

Сборник статей республиканской научно-теоретической конференции на тему «Аудит в условиях цифровизации: проблемы, преимущества и перспективы» (24 мая 2025 г.). – Душанбе, «Ашуриён». – 2025. – 275 с.

В сборник включены научные доклады участников конференции, охватывающие отдельные направления и ключевые аспекты аудита в условиях цифровизации: проблемы, преимущества и перспективы. Материалы, представленные в сборнике, рекомендуются научным работникам, преподавателям, аспирантам, магистрантам и студентам высших учебных заведений страны.

Научная ответственность за содержание, аргументацию и цитирование возлагается на самих авторов статей.

**©ДДМИТ, 2025**
**©ТГФЭУ, 2025**

## МУНДАРИҶА


**Досиев М.Н., Раҷабзода Ҳ.Ҷ.** Нақши аудити экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ............5-10

**Тилабав Ё.Э.** Асосҳои ташкил ва гузаронидани аудити дохилӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ............11-14

**Ҳомидов А.У.** Танзими меъёрӣ – ҳуқуқии аудити дохилӣ дар муассисаҳои давлатӣ............15-18

**Саидов Р.Н.** Аудити технологияи иттилоотӣ: хусусиятҳо, муаммоҳо ва дурнамои рушди он..19-25

**Самиева М.Б.** Хусусиятҳои фаъолияти аудиторӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ............26-30

**Баротов А.Х.** Ташаккули иқтидори андозӣ дар шароити иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)............31-36

**Саидов Р.Н., Маҷидзода Ш.Х.** Пути совершенствования внутреннего аудита в государственном секторе............37-42

**Абдулхайров Ф.М.** Нақши аудити рақамӣ дар баландбардории шаффофияти фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ............43-46

**Саёраева Р.Ш.** Нақши аудити давлатӣ дар низоми идоракунии соҳаҳои буҷетӣ............47-50

**Диловаров М.** Ошкоркунии ҳолатҳои сохтакорӣ зимни аудити ҳисоботи молиявӣ............51-54

**Абдулхайров Ф.М., Саёраева Р.Ш.** Ҷанбаҳои назариявию амалии аудити натиҷаҳои молиявии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ............55-58

**Ҳоҷиева Ш.А., Раҳмонов А.Р.** Аудит дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт............59-63

**Абдуллоева Ш.Ф., Сафарова С.Б.** Санҷиши аудитории қоғазҳои қимматнок дар шароити иқтисодиёти рақамӣ............64-67

**Ҳоҷиева Ш.А.** Аудит ҳамчун унсури муҳими назорати молиявӣ............68-71

**Самиева М.Б., Маҷидзода Ш.Х.** Муаммоҳо ва афзалиятҳои аудит дар шароити рақамикунонии фаъолияти иқтисоди муосир............72-76

**Давлатова Н.И.** Муаммоҳои самаранокии аудит барои истифодаи маблағҳои давлатӣ............77-81

**Бобомуродов П.Х., Абдураҳмонов С.** Баъзе ҷанбаҳои назариявии аудит ҳамчун шакли назорат............82-86

**Ҳасанов Қ.А.** Хусусиятҳои аудити низоми назорати дохилӣ дар ташкилотҳои суғуртавӣ........87-90

**Хакимова М.С.** Концептуальные основы инновационного развития промышленных предприятий в современных условиях............91-94

**Юсупова Ҳ.Ҳ.** Самтҳои асосии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои бозори электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон............95-99

**Досиев М.Н., Шарипов Н.Г.** Самаранокии қарзи бонкӣ ҳамчун омили рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз»............100-104

**Ҳасанов Қ.А., Холиқова Ҷ.М.** Моҳияти иқтисодии воситаҳои пулӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёти муосир............105-110

**Урунбоев А., Абдумухторзода Н.А.** Зеленая экономика – как фактор развития национальной экономики страны............111-115

**Сафаров А.А., Саъдиев Ҳ.Ф.** Таҳлили рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: муаммо ва дурнамо............116-120

**Нуралиев У.М., Дилшодзода С.** Оид ба баъзе масъалаҳои муносибатҳои байналмилалии тиҷорати иқтисодӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ............121-125

**Аскарова С.С.** Рушди технологияҳои рақамӣ ва стратегияи муҷтамаъҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иқтисодиёти рақамӣ............126-131

**Пирова Ш.С., Рустамова Г.** Рушди иқтисоди рақамӣ ҳамчун нуқтаи калидӣ дар Паёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон............132-134

**Одиназода М.А., Тураева М.Т.** Нишондиҳандаҳои омории равандҳои иҷтимоӣ – иқтисодии демографӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ..........................................................135-140
**Қурбонова Ш.Б.** Асосҳои илмии рушд ва ташакулёбии туризм дар шароити бозор.............141-145
**Нуралиев У.М.** Хусусиятҳои аудити низоми баҳисобгирии муҳосибӣ..................................146-150
**Машрапов Қ.Ш., Усмонова М.А.** Таҳқиқи асосҳои назариявии муҳоҷирати меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ..................................................................151-155
**Нуриддинова М.С.** Таҳлили равандҳои воридотивазкунӣ ва имкониятҳои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтисодиёти муосири ҷаҳон................................................................156-158
**Ҳомидова М.М., Одилҷони Ф.** Нақши аудит дар пешбурди фаъолияти корхона.................159-162
**Ҳакимов С.Н.** Таъмини бехатарии озуқаворӣ – асоси рушди неруӣ инсонӣ..........................163-169
**Саидмахмадова С.М.** Ҷаҳонишавӣ: моҳият ва тамоюли муосири рушд.................................170-175
**Султонова С.М.** Основные принципы составления учётной политики в бюджетных и научных организациях..........................................................................................................176-179
**Қаюмова С.Р.** Ташкили бизнес дар асоси платформаи рақамӣ дар Тоҷикистон....................180-183
**Тоҷидинова З.С.** Организация учета активов в бюджетных организациях.............................184-189
**Шарифова Р. Н.** Мафҳум ва муҳтавои назорати давлатии молиявӣ ва аудит дар замони муосир............................................................................................................................190-194
**Расулзода Ҳ.М.** Амнияти озуқаворӣ ҳамчун омили рушди некуаҳволии инсон......................195-199
**Каримов Н.Я.** Масъалаҳои методологии дастгирии давлатии хоҷагиҳои деҳқонӣ.................200-204
**Саидов Р.Н., Ҷализода У.А.** Нақши баҳисобгирии муҳосибӣ дар низоми идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ...................................................................................................................205-210
**Фезалиев А., Саъдонов А.** Татбиқи моделҳои аппроксиматсионӣ дар таҳлили сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ...........................................................................................211-214
**Ходжабекова М.К.** Об одной задачи степени овладения спортсменом упражнения.............215-221
**Сабзаева М.С.** Методологические различия бухгалтерского и налогового учета..................222-227
**Саъдонов А., Фезалиев А.** Истифодаи технологияи рақамӣ дар дурнамои хароҷоти корхона.........................................................................................................................228-231
**Зарипова Г.А.** Нақши доракуни дар фаъолияти соҳибкорӣ....................................................232-236
**Марипова Ф.А.** Шаклҳо ва метотҳои барномабандии компютерии “интелекти сунъӣ” дар раванди тайёрии касбии донишҷӯён.............................................................................................237-240
**Самиров Б.А.** Бурду бохти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аъзошавӣ ба созмони умумиҷаҳонии савдо..................................................................................................................241-245
**Шарипова Ф.Н., Зарипова Г.А.** Бизнес-сайёҳӣ: назария, моҳият ва нақши он дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ..........................................................................................246-249
**Саидов Д.А.** Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................................................................................................250-256
**Гулова Ф.З.** Миграционные процессы в Республике Таджикистан: исторический анализ и современные тенденции...............................................................................................257-259
**Одилджонова Н.И.** Формирование институциональных и ресурсных основ подготовки рабочих кадров..............................................................................................................................260-263
**Шарипова Ф.Н.** Ҷанбаҳои иқтисодии ташкил ва идоракунии сайёҳии тиҷоратӣ...................264-267
**Марипова Ф.А., Нуралиев У.М.** Таҳдидҳои киберӣ ҳамчун рушди фаъолияти соҳибкорӣ..268-271
**Одилджони Ф.** Основные направления совершенствования пенсионной системы в Республике Таджикистан.................................................................................................................272-275

## НАҚШИ АУДИТИ ЭКОЛОГӢ ДАР ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

**Досиев М.Н. -** доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатииназди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Носир, 33.Тел.: (+992) 918-11-96-48. E.mail; dostiev68@mail.ru

**Раҷабзода Ҳ.Ҷ. -** унвонҷӯи кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Носир, 33.Тел.: (+992) 988-00-76-77. E.mail; Hasan_7677@mail.ru

Дар мақола нақши аудити экологӣ дар рушди ҳифзи муҳити зист дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин, зарурати истифодаи аудити экологӣ асоснок карда шуда, саҳми асосии он дар рушди иқтисодию экологии кишвар пешниҳод карда шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва махсусан ташкилоту муассисаҳо аллакай бо тадриҷ ба иқтисодиёти рақамӣ гузашта истодаанд. Дар ин замина, ташкилотҳои аудитории соҳаи муҳити зист бо мақсади таъмини устувории экологӣ тавассути истифодаи самараноки технологияҳои муосири рақамӣ бояд мутахассисони ботаҷрибаро ҷалб намуда, сатҳу сифати санҷишҳои аудиториро баланд бардоранд.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти рақамӣ, аудити экологӣ, назорати молиявӣ, муҳити зист, рушди иқтисодию экологӣ, предмети назорат, объекти назорат, стандартҳои экологӣ.

## РОЛЬ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО АУДИТА В УСЛОВИЯХ ФОРМИРОВАНИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

**Досиев М.Н. -** доктор экономических наук, и.о. профессора, заведующий кафедрой управления государственными финансами и цифровой экономики Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Носир, 33.Тел.: (+992) 918-11-96-48. E.mail; dostiev68@mail.ru

**Раджабзода Х.Дж.** - Соискатель кафедры управления государственными финансами Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Носир, 33.Тел.: (+992) 988-00-76-77. E.mail; Hasan_7677@mail.ru

В статье рассматривается роль экологического аудита в развитии охраны окружающей среды в условиях формирования цифровой экономики. Также обоснована необходимость использования экологического аудита и представлен его основной вклад в экономическое и экологическое развитие страны. Автор отметил, что все сферы национальной экономики, особенно организации и учреждения, уже постепенно переходят к цифровой экономике. В этом контексте для обеспечения экологической устойчивости за счет эффективного использования современных цифровых технологий экологическим аудиторским организациям следует привлечь опытных специалистов и повысить уровень и качество аудиторских испытаний.

**Ключевые слова:** цифровая экономика, экологический аудит, финансовый контроль, окружающая среда, экономико-экологическое развитие, субъект контроля, объект контроля, экологические стандарты.

## THE ROLE OF ENVIRONMENTAL AUDIT IN THE CONDITIONS OF FORMATION OF THE DIGITAL ECONOMY

**Dosiev M.N. -** Doctor of Economic Sciences, Acting Professor, Head of the Department of Public Finance Management and Digital Economy of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.734025, Tajikistan, Dushanbe, S. Nosir Street, 33. Tel.: (+992) 918-11-96-48. E.mail; dostiev68@mail.ru

**Rajabzoda H.J. -** Applicant of the Department of Public Finance Management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.734025, Tajikistan, Dushanbe, S. Nosir Street, 33. Tel.: (+992) 988-00-76-77. E.mail; Hasan_7677@mail.ru

The article considers the role of environmental audit in the development of environmental protection in the context of the formation of the digital economy. The need for using environmental audit is also substantiated and its main contribution to the economic and environmental development of the country is presented. The author noted that all areas of the national economy, especially organizations and institutions, are already gradually moving to the digital economy. In this context, in order to ensure environmental sustainability through the effective use of modern digital technologies, environmental audit organizations should attract experienced specialists and improve the level and quality of audit tests.

**Key words:** digital economy, environmental audit, financial control, environment, economic and environmental development, subject of control, object of control, environmental standards.

Инкишофу равнақи тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла экологияро бе аудит тасаввур кардан ғайри имкон мебошад. Назорат яке аз қисмҳои муҳими идоракунӣ ба шумор меравад ва ин пай дар пай санҷидани фармонҳои Ҳукумат, қонунҳо ва қарорҳои ташкилотҳои роҳбарикунанда, иҷрои нақшаи ба зимма доштаи шахсони ҳуқуқӣ мебошад, ки барои пешгирии интизомвайронкуниҳо ва ё ба даст овардани даромади муфт (беасос) дар ҳамаи соҳаҳо гузаронида мешавад. Назорати молиявӣ- ин назорати маблағҳои пулӣ мебошад, ва аз ин рӯ ин намуди назорат нисбати дигар намудҳои назорат дар ҳамаи соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷой дорад ва дар ҳамаи соҳаҳои истеҳсолӣ ва ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ гузаронда мешавад [6].

Илова бар ин, бояд зикр намуд, ки аудити экологӣ дар раванди фаъолияти субъектони хоҷагидоре, ки дар бахши муҳити зист фаъолият менамоянд, аз манфиат холӣ нест.

Вале, бояд зикр намуд, ки дар шароити муосир рақамикунонии иқтисодиёт дар назди аудити экологӣ вазифаҳои муҳимеро мегузорад. Чунки рақамикунонӣ метавонад дар соҳаи муҳити зист низ имкониятҳои фаровонро эҷод намояд, аммо танҳо дар сурате, ба муваффаққият ноил гашта мешавад, ки аудити экологӣ зимни фаъолияти худ дар тамоми зерсохторҳои соҳаи муҳити зист раванди такмили иқтисодиёти рақамиро роҳандозӣ намояд. Бо назардошти ин, бояд ёдовар шуд, ки мутахассисони бахши аудити экологӣ ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои экологӣ буда, оид ба раванди ташаккул иқтисодиёти рақамӣ маълумоти кофӣ дошта бошанд[1].

Дар робита ба ин, аудитор бояд оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар самти иқтисодиёти рақамӣ ва бо мақсади таъмини устувории экологӣ қабул гардидаанд, воқиф бошад. Мусаллам аст, ки тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва махсусан ташкилоту муассисаҳо аллакай бо тадриҷ ба иқтисодиёти рақамӣ гузашта истодаанд.

Дар ин замина, ташкилотҳои аудитории соҳаи муҳити зист бо мақсади таъмини устувории экологӣ тавассути истифодаи самараноки технологияҳои муосири рақамӣ бояд мутахассисони ботаҷрибаро ҷалб намоянд. Зеро чораҳои мазкур баланд бардоштани самаранокии иқтисодию экологиро таъмин намуда, ба сарфи захираҳои табиӣ, молиявӣ ва меҳнатӣ, инчунин ба истифодаи самараноку сарфакоронаи энергия таъсири мусбат мерасонанд [3].

Бо дарназардошти ин, бояд зикр намуд, ки дар навбати аввал аудиторӣ экологӣ истифодаи технологияҳои рақамиро дар фаъолити худ роҳандозӣ намуда, сипас онро ҳангоми саншҷишҳои аудиторӣ ба мизоҷон тавсия дода, иҷроиши онро талаб намояд. Илова бар ин, бояд ёдовар шуд, ки

худи технологияҳои рақамӣ бояд аз ҷиҳати экологӣ тоза буда, ба саломатии мутахассис ва вазъи экологии муҳити атроф зиён наоварад[2].

Бо назардошти иҷрои вазифаҳои аудити экологӣ дар самти муҳити зист, инчунин ба роҳ мондани назорати молиявии субъекти санҷидашаванда бо истифодаи технологияи рақамӣ аз манфиат холӣ нест. Зеро назорати молиявӣ ин назорати иҷрои қонунҳо аз тарафи органҳои давлатӣ ва муассисаҳои махсусгардонидашуда мебошад, ки аз болои фаъолияти ҳамаи субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла субъектони хоҷагидори соҳаи муҳити зист бо усулҳои махсус гузаронида мешавад.

**Расми 1. Ҷузъҳои низоми назорати моиявӣ дар фаъолияти аудиторӣ**

Аудити экологӣ ҳангоми гузаронидани санҷиш, инчунин тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуии соҳаи муҳити зист ва сиёсати экологии субъетони хоҷагидорро ҳамчун объекти назоратӣ мавриди баррасӣ қарор дода метавонад. Дар баробари ин, бо мақсади дуруст тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ва экологӣ, инчунин истифодаи технологияи рақамӣ ба мизоҷон бояд кӯмаки амалӣ ва назариявии худро расонида тавонад то ки суръати ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ дар кишвар афзоиш ёбад. [9].

Низоми назорати молиявӣ, ки дар расми 1 нишон дода шудаанд, аз чунин элементҳо иборат мебошад, ки ба аудити экологӣ низ таалluқ доранд: [4].

Дар баробари ин, объектҳои аудити экологӣ намудҳои хоҷагидорӣ, маъмурӣ, сармоягузорӣ ва дигар намудҳои фаъолият буда метавонанд, аз ҷумла:

✓ объектҳо, низомҳо, комплексҳои идоракунии умумии муҳити зист ва таъмини тозакунии обҳои ифлосшуда аз партовҳои саноатӣ;

✓ қарорҳои саноатӣ ва маҳаллии хоҷагию маъмурие, ки татбиқи онҳо боиси вайрон кардани меъёрҳои экологӣ мегардад;

✓ объектҳои истифодабарии аз ҷиҳати экологӣ хатарнок, ки аҳамияти ҳарбӣ ва мудофиавӣ доранд;

✓ барномаҳои сармоягузорӣ ва хусусигардонии рушди корхонаҳое, ки фаъолияти онҳо бо хатарҳои экологӣ барои муҳити зист ва саломатии аҳолӣ алоқаманд аст;

✓ созишнома ва шартномаҳои қарзӣ, ки татбиҳи онҳо метавонад боиси вайрон кардани меъёрҳои экологӣ гардад [8].

Илова бар ин, бояд зикр намуд, ки ба ҷумлаи объектҳои аудити экологӣ инҳо низ дохил мешаванд:

Доираи истифодаи аудити экологиро метавон ба соҳаҳои фаъолияти марбут ба рушди соҳибкорӣ васеъ намуд, ки инҳоро дар бар мегирад:

**Расми 2.** Доираи истифодаи фаъолияти аудити экологӣ.

Ба андешаи мо воқеан ҳам ташкил ва рушди аудити экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манфиат холӣ набуда, метавонад баҳри амалӣ намудани ҳадафҳои асосии стратегии кишвар тавассути истифодаи принсипҳои иқтисоди рақамӣ фаъолият намуда, саҳми арзандаи хешро дар рушди фаъолияти экологии ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳои истеҳсолӣ ва дар маҷмӯъ давлат гузорад.

Аз ин ҷо натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки фаъолияти аудити экологӣ яке аз равандҳои машваратӣ ба шумор рафта, ба рушди ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъсири назаррас расонида, инчунин такмил ва рушди иқтисоди рақамиро дар соҳаи муҳити зист ва экология роҳандозӣ карда метавонад. Унсури муҳим ва аҳамиятноки пешбарандаи иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафтани

аудити экологӣ дар шароити гузариши кишвар ба иқтисоди рақамӣ тибқи ақидаҳои зерин возеҳтар мегарданд [5].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи санҷишҳо ва машваратҳои аудити экологӣ раванди истеҳсолоти маҳсулоти ватанӣ дар субъектони хоҷагидор беҳтар гардида, маҳсулоти ба талаботи бозори ҷаҳонӣ ҷавобгӯ ва аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол карда мешавад. Дар ин замина, таъмини шуғли аҳолӣ, сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ, истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва дар маҷмӯъ омили ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ҳалли мусбии худро пайдо менамоянд [4].

Ба андешаи мо, барои рушду нумӯи фаъолияти аудити экологӣ дар шароити гузаштан ба иқтисоди рақамӣ бояд пеш аз ҳама, маърифати молиявӣ ва экологоии шаҳрвандон, инчунин кормандони субъектҳои хоҷагидорро баланд бардошта, навсозии низоми таълимро дар ин самт таҳия ва ҷорӣ намудан лозим аст.

Яке аз ҳадафҳои муҳими аудити экологӣ ин идоракунӣ, машваратдиҳӣ ва ҳавасмандгардонии субъектҳои хоҷагидор бо мақсади коҳиш додани ҳолатҳои ногувор ба муҳити зист мебошад, ки ба рушди инноватсионӣ ва ҳамзамон, такмили рақамикунонии иқтисодиёт мусоидат менамояд [7].

Бо назардошти ин, метавон қайд намуд, ки ҳангоми рушди аудити экологӣ раванди ташкили ҷойҳои нави корӣ дар тамоми манотиқи кишвар пурзӯр, вазъи муҳити атроф ва сатҳу сифати зиндагии мардум беҳтар мегардад.

Дар хулоса, бояд зикр намуд, ки нақши аудити экологӣ дар рушди устувори соҳаи муҳити зист манфиатнок арзёбӣ гардида, инчунин метавонад рушди бемайлони иқтисоди миллиро тавассути истифодаи технологияи муосири рақамӣ таъмин намояд. Дар ин раванд, аудити экологӣ низ метавонад корҳои назаррасро анҷом диҳад ва дар асоси принсипҳои қонуният, ҳаққоният, мустақилият ва ошкорбаёнӣ фаъолиятро ба роҳ монда, дар татбиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти иқтисодиёти рақамӣ саҳми муассир гузорад.

**Адабиёт**


1. Абанина Е. Н. Цифровые технологии в сфере обеспечения экологической безопасности: состояние и перспективы использования [Текст] Е. Н. Абанина // В сборнике: Тамбовские правовые чтения имени Ф.Н. Плевако. Материалы IV международной научно-практической конференции. В двух томах. Тамбов, 2020. С. 374-378.
2. Анахов С. В. Цифровые технологии в экологической практике [Текст] С. В. Анахов // В сборнике: Экологическая безопасность в техносферном пространстве. сборник материалов Пятой Международной научно-практической конференции преподавателей, молодых ученых и студентов. Екатеринбург, 2022. С. 22-31.
3. Анциферова А. С. Цифровые технологии в решении экологических проблем [Текст] А. С. Анциферова // ВУЗ и реальный бизнес. 2021. Т. 1. С. 206-211
4. Досиев М. Н., Аудити бахши давлатӣ [Матн] / М. Н.Достиев// Матбааи АИДНПҶТ, Васоити таълимӣ, Душанбе-2022, 236 с.
5. Задирина Р. И. Цифровизация и ее влияние на окружающую среду: анализ отечественного и зарубежного опыта [Текст] Р. И. Задирина // Вестник студенческого научного общества ГОУ ВПО «Донецкий национальный университет». 2022. Т. 4. № 14-1. С. 136-142.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “дар бораи фаъолияти аудиторӣ” аз 22 июли соли 2013, № 993. - http://mmk.tj (санаи муроҷиат 08.02.2025)
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи аудити экологӣ”, ш. Душанбе, 26 декабри соли 2011, № 785(санаи муроҷиат 07.02.2025)
8. Никонова И. Ю., Николенко П. В. Экологический аудит как современный вид аудита, отвечающий запросам общества // Gloђal and Қegional Қeseaқch. 2022. Т. 4. № 2. С. 60-70.

9. Чхутиашвили Л.В. Перспективы развития и нормативно-правовое регулирование экологического аудита в РФ // Теоретическая и прикладная экономика.2012.№1.С.131153.DOI:10.7256/23064595.2012.1.530ҒҚL:https://nӣрғӣlish.com/liӣқақу_қead_aқticle.php?id=530
10. Саидов, Р. Н. рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирӣ, аудит, таҳлили иқтисодӣ ва омор дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ: Мачмуаи материалхои конферен-цияи илмию назариявии умуми-университетӣ муаллимон, хизматчиён, аспирантхо, докторантхо ва студентон, Душанбе, 21–26 апреля 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – Р. 113-116. – EDN NDMIHP.
11. Саидов, Р. Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – Р. 110-119. – EDN TAAOGJ.

## АСОСҲОИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ АУДИТИ ДОХИЛӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

**Тилабов Ёрибек Эмомназарович**-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14.

Дар мақола мубрамияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-рақамӣ дар рафти ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои санҷишӣ оварда шуда, қайд карда мешавад, ки сатҳу сифати хизматрасониҳои хадамоти аудити дохилӣ аз бисёр ҷиҳатҳо аз ташкили низоми иттилоотии омӯхташаванда вобаста мебошад. Муаллифон истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар шароити рушди инноватсия, бахусус иқтисодиёти рақамӣ барои ташкил ва баргузории санҷиши саривақтӣ ва эътимоднок муҳим мешуморанд.

**Калидвожаҳо:** аудити дохилӣ, технологияҳои иттилоотӣ, иқтисоди рақамӣ, супориши аудитӣ, касбият, идоракунии таваккал, самаранокӣ, стандартҳои байналмилалии аудит.

## ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ И ПРОВЕДЕНИЯ ВНУТРЕННЕГО АУДИТА В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

**Тилабов Ёрибек Эмомназарович -** кандидат экономических наук, доцент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.

В статье рассматривается актуальность использования информационных и цифровых технологий в процессе организации и проведения аудиторских мероприятий, отмечается, что уровень и качество услуг внутреннего аудита во многом зависят от организации исследуемой информационной системы. Авторы считают использование информационных технологий в условиях развития инновационной, особенно цифровой экономики, важным для организации и проведения своевременных и надежных аудиторских проверок.

**Ключевые слова:** внутренний аудит, информационные технологии, цифровая экономика, аудиторское задание, профессионализм, управление рисками, эффективность, международные стандарты аудита.

## BASICS OF ORGANIZING AND CONDUCTING INTERNAL AUDIT IN THE DIGITAL ECONOMY

**Tilabov Yoribek Emomnazarovich -** candidate of economic sciences, associate professor of the audit and revision department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14.

The article discusses the relevance of using information and digital technologies in the process of organizing and conducting audit activities, it is noted that the level and quality of internal audit services largely depend on the organization of the information system under study. The authors consider the use of information technologies in the context of the development of an innovative, especially digital economy, important for organizing and conducting timely and reliable audits.

**Key words:** internal audit, information technology, digital economy, audit assignment, professionalism, risk management, efficiency, international audit standards.

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ фаъолияти аудиторӣ набояд аз ин пешравӣ дар канор бошад. Гузариши ширкатҳои аудиторӣ ба шароити иқтисоди рақамӣ аз зиддиятҳо ва монеаҳои зиёде холӣ нест. Ҷорӣ намудани истифодаи технологияҳои компютерӣ дар аудит барои таъмини фаъолияти аудиторӣ дар низоми иқтисоди рақамӣ шароити мусоидро фароҳам меоварад.

Аудити дохилӣ ҳамчун фаъолияти мустақил ва объективӣ оид ба гузаронидани санҷиш, баҳодиҳӣ ва машваратдиҳии низомҳои идоракунӣ ва дигар низомҳо, ки бо мақсади мусоидат намудан ба фаъолияти қонунӣ, самаранок ва натиҷабахши ташкилотҳои бахши давлатӣ анҷом дода мешавад, нигаронида мешавад.

Яке аз ҳолатҳои муҳими ба асосҳои ташкил ва гузронидани аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ вобастабуда принсипҳо ва меъёрҳои дар моддаи 4-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки мустақилиятӣ, беғаразӣ, салоҳиятнокӣ, зарурии касбият, бовиҷдонӣ, масъулиятокӣ ва махфият мебошад.

Ташкили аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақсади таъмини иҷроиши саривақтии уҳдадориҳои масъулин нигаронида шудааст. Асосҳои институтсионалии аудити дохилӣ ҳолатҳои зеринро дар назар дорад:

1) Ошкор намудан ва баҳодиҳии таваккал дар ташкилотҳои бахши давлатӣ дар заминаи ҷамъоварии фаврӣ, таҳлил ва омӯзиши иттиоот;

2) Баҳодиҳии мувофиқат ва самаранокии низоми идоракунии молия ва назорат аз нуқтаи назари:

- ҳаммонандкунӣ, баҳодиҳӣ ва идоракунии таваккал аз ҷониби роҳбарияти ташкилотҳои бахши давлатӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ;

- риоя намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ;

- боэътимод ва ҳаматарафа будани иттилооти ҷамъовардашуда, ки аҳамияти иҷтимоӣ доранд;

- судмандӣ, самаранокӣ ва сарфакорӣ;

- таъмини амнияти дороиҳо ва ҳуҷҷатҳо бо роҳи идоракунии саривақтии низоми иттилоотии онҳо;

- иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба мақсадҳо.

Тибқи муқаррароти Моддаи 12-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ таъсиси воҳиди сохтории аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ дар ҳолатҳои зерин ҳатмӣ мебошад:

- ҳаҷми маблағгузорӣ аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз якуним миллион нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад;

- шумораи миёнаи кормандонашон дар соли тақвимӣ зиёда аз 800 (ҳаштсад) нафар бошад.

Ҳолатҳои зикршуда васеъ гардидани иттилооти муҳосибиро ба вуҷуд меоранд, ки имконияти ба таври датсӣ ба роҳ мондани баҳисобгирию аудити онҳо мушкил мегардад. Дар натиҷа зарурати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ пеш меояд.

Дар ташкилотҳои бахши давлатие, ки воҳиди сохтории аудити дохилӣ надоранд, аудити дохилӣ тибқи тартиби муқаррargardida аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ гузаронида мешавад. Фаъолияти аудитори дохилӣ дар мақомоти маҳаллии молия бошад, тибқи дастурҳои методии мақомоти ваколатдори давлатӣ анҷом дода мешавад.

Доираи амали аудити дохилӣ барои ҳар як ташкилоти бахши давлатӣ дар муқоиса бо дигар ташкилот ва сохторҳое, ки захираҳои онҳо аз ҷониби худашон назорат карда мешавад фарқкунанда мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳолати ба вуҷуд омадани бархӯрди манфиатҳо корманди воҳиди сохтории аудити дохилӣ бояд роҳбари ташкилоти бахши давлатиро огоҳ намояд ё дар ҳолати ба

бархӯрди манфиатҳо ҳамроҳ будани роҳбари ин ташкилот аз ин хусус роҳбари тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетиро хабардор намояд.

Тибқи талаботи қонунгузории соҳа аудиторҳои дохилӣ бояд талаботи паҳн накардани иттилоотеро, ки ба онҳо ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳо дастрас шудааст, ғайр аз ҳолатҳои истисноӣ, риоя намоянд.

Тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маводи санҷиши хазинадорӣ махфӣ мебошад. Ба дигар шахс додани ҳуҷҷатҳои дахлдор маълумоти электронӣ, ки дар технологияҳои иттилоотӣ нигоҳ дошта мешаванд, танҳо бо иҷозати хаттии роҳбари ташкилоти бахши давлатӣ, гирифтани он бошад, тибқи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Аудиторони дохилӣ низ аз натиҷаи иҷрои супоришҳои санҷишӣ гузориши хаттӣ омода менамояд. Гузориши аудитӣ - ҳуҷҷати расмии аудити дохилӣ мебошад, ки аз иттилоот оид ба доираи фарогирӣ ва мақсадҳои супориши аудитӣ иборат буда, аз ҷумла хулосаҳои воқеӣ ва пешниҳодҳои аудиторро дар бар мегирад.

Баъди анҷом додани санҷиш аудитори дохилӣ ё роҳбари гурӯҳи аудиторони дохилӣ ӯҳдадор аст дар давоми даҳ рӯз ду нусхаи гузориши хаттиро тайёр намояд, ки як нусхаи он ба роҳбари ташкилоти бахши давлатии санҷидашуда супорида мешавад ва нусхаи дигараш, дар воҳиди сохтории аудити дохилӣ нигоҳ дошта мешавад.

Ҳамин тариқ, дар шароитҳои муосир талаботи ба низоми назорат ва аудити дохилӣ пешниҳодшаванда ба сатҳи нави сифатӣ мебароянд. Хусусан истифодаи технологияҳои иттилоотӣ имконият медиҳанд, ки аудиторон сари вақт бо иттилоот дастрасӣ дошта бошанд. Дар ин маврид сифати низоми аудити дохилӣ, самаранок амалкунии вай бо он алоқаманд аст, ки фаъолияти назоратӣ-аудиторӣ бо кадом дараҷа стандартӣ аст ва ба қоидаҳои фаъолияти назоратӣ-аудиторӣ дар корхонаҳои бахши давлатӣ мувофиқат менамояд.

Ҳамчун хулоса метавон гуфт, ки дар таъсисдиҳӣ ва ташкили кори самараноки хадамоти аудити дохилӣ дар корхонаҳои бахши давлатӣ таҷрибаи дар ин соҳа ғуншудаи байналмилалӣ нақши муҳим дорад. Ин ба низоми стандартҳои аудити дохилӣ низ дахл дорад. Хусусан стандартҳои аз ҷониби Кумита оид ба стандартҳои Ташкилоти байналмилалии мақомоти олии назорати молиявӣ (INTOSAI) таҳиягардида барои гирд овардани иттилооти пурра ва саривақтӣ мусоидат хоҳад кард. Истифодаи ҳатмии технологияҳои иттилоотӣ дар рафти ташкил ва гузаронидани аудит аз ҷониби стандартҳои байналмилалӣ таъкид шудаанд.

Технологияҳои муосири иттилоотӣ барои рафти корҳои ҳисобдорӣ ва аудит имкониятҳои васеъ намудани вазифаҳои онҳоро ба миён меорад, ки ин то андозае самаранокии ҷамъоварию коркард ва таҳлилу пешниҳоди маълумотро метезонад. Аз нигоҳи мо истифодаи технологияҳои муосир дар аудит барои иҷрои вазифаҳои зерин мусоидат менамояд:

- мавқеъҳои таҳлилиро тавассути рамзгузорӣ ва тасҳеҳи минбаъда таъмин менамоянд;
- ҳуҷҷатҳои корхона якбора кам карда мешаванд;
- вуруди ҳуҷҷатҳо ва интиқоли электронии онҳо дар асоси имзоҳои электронии рақамӣ ба роҳ монда мешавад;
- имконияти таҳлили муфассали амалиёти инфиродии равандҳои бизнес;
- арзёбии самаранокии истифодаи дороиҳои ташкилот.

**Адабиёт**

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ” аз 21 июли соли 2010, № 631. – http://mmk.tj

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи идораи молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ” аз 21 июли соли 2010, № 626. – http://mmk.tj

3.Овсийчук В.Я. Внутренний аудит: учеб. пособие / В.Я. Овсийчук, К.М. Кондратьев, И.П. Драчена. – М.: Дашков и К, 2004 (ПИК ВИНИТИ). – 300 с.

4.Саунин А.Н. Аудит эффективности использования государственных средств. Учебное пособие.-М.: Издательство Московского университета, 2015.– 336 с.

5.Сотникова Л.В. Оценка состояния внутреннего аудита, Практическое пособие/ под ред. проф. В.И, Подольского. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2005. – 143 с.

6.Саидов, Р. Н. рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирӣ, аудит, таҳлили иқтисодӣ ва омор дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ : Мачмуаи материалхои конферен-цияи илмию назариявии умуми-университетӣ муаллимон, хизматчиён, аспирантхо, докторантхо ва студентон, Душанбе, 21–26 апреля 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – P. 113-116. – EDN NDMIHP.

7.Саидов, Р. Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 110-119. – EDN TAAOGJ.

## ТАНЗИМИ МЕЪЁРӢ – ҲУҚУҚИИ АУДИТИ ДОХИЛӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ДАВЛАТӢ

**Ҳомидов Аслон Умарович**-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14.

Дар мақола мубрамияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-рақамӣ дар рафти ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои санҷишӣ оварда шуда, қайд карда мешавад, ки сатҳу сифати хизматрасониҳои хадамоти аудити дохилӣ аз бисёр ҷиҳатҳо аз ташкили низоми иттилоотии омӯхташаванда вобаста мебошад. Муаллифон истифодаи технологияҳои иттилоотиро дар шароити рушди инноватсия, бахусус иқтисодиёти рақамӣ барои ташкил ва баргузории санҷиши саривақтӣ ва эътимоднок муҳим мешуморанд.

**Калидвожаҳо:** аудити дохилӣ, технологияҳои иттилоотӣ, иқтисоди рақамӣ, супориши аудитӣ, касбият, идоракунии таваккал, самаранокӣ, стандартҳои байналмилалии аудит.

## НОРМАТИВНО-ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ВНУТРЕННЕГО АУДИТА В ГОСУДАРСТВЕННЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

**Хомидов Аслон Умарович -** кандидат экономических наук, доцент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.

В статье рассматривается актуальность использования информационных и цифровых технологий в процессе организации и проведения аудиторских мероприятий, отмечается, что уровень и качество услуг внутреннего аудита во многом зависят от организации исследуемой информационной системы. Авторы считают использование информационных технологий в условиях развития инновационной, особенно цифровой экономики, важным для организации и проведения своевременных и надежных аудиторских проверок.

**Ключевые слова:** внутренний аудит, информационные технологии, цифровая экономика, аудиторское задание, профессионализм, управление рисками, эффективность, международные стандарты аудита.

## LEGAL REGULATION OF INTERNAL AUDIT IN STATE INSTITUTIONS

**Khomidov Aslon Umarovich -** candidate of economic sciences, associate professor of the audit and revision department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14.

The article discusses the relevance of using information and digital technologies in the process of organizing and conducting audit activities, it is noted that the level and quality of internal audit services largely depend on the organization of the information system under study. The authors consider the use of information technologies in the context of the development of an innovative, especially digital economy, important for organizing and conducting timely and reliable audits.

**Key words:** internal audit, information technology, digital economy, audit assignment, professionalism, risk management, efficiency, international audit standards.

Аудити дохилӣ - фаъолияти мустақил ва объективӣ оид ба гузаронидани санҷиш, баҳодиҳӣ ва машваратдиҳии низомҳои идоракунӣ ва дигар низомҳо, ки бо мақсади мусоидат намудан ба

фаъолияти қонунӣ, самаранок ва натиҷабахши ташкилотҳои бахши давлатӣ анҷом дода мешавад [1, с1].

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ, аудитори дохилӣ - хизматчии давлатӣ мебошад, ки аудити дохилиро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронад.

Қонунгузор супориши аудитиро ҳамчун супориши муайян барои гузаронидани таҳқиқоти аудитӣ, ки аз амали санҷишӣ ва ё машваратӣ иборат аст, маънидод кардааст. Мақсади супориши аудитӣ аз таъмини хулосаи объективӣ ва мустақил оид ба фаъолият ва натиҷаҳои ҷараён, низом ё ҷузъиёти дигаре, ки чорабиниҳои санҷишӣ онҳоро аудиторӣ фаро гирифтааст, иборат мебошад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки рушди заминаҳои институтсионалии барои пешрафти амалияи аудити дохилӣ ниҳоят муҳим мебошад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ мақсадҳои зерин муайян карда шудааст, ки аз ҳолатҳои зерин иборат мебошад:

- муайян намудани принсипҳои аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ;
- муқаррар намудани механизми татбиқи аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ.

Яке аз ҳолатҳои муҳими ба асосҳои ташкил ва гузронидани аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ вобастабуда принсипҳо ва меъёрҳои дар моддаи 4-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки мустақилиятӣ, беғаразӣ, салоҳиятнокӣ, зарурии касбият, бовиҷдонӣ, масъулиятокӣ ва махфият мебошад.

Ташкили аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақсади таъмини иҷроиши саривақтии уҳдадориҳои масъулин нигаронида шудааст. Асосҳои институтсионалии аудити дохилӣ ҳолатҳои зеринро дар назар дорад:

1) Ошкор намудан ва баҳодиҳии таваккал дар ташкилотҳои бахши давлатӣ;

2) Баҳодиҳии мувофиқат ва самаранокии низоми идоракунии молия ва назорат аз нуқтаи назари:

- ҳаммонандкунӣ, баҳодиҳӣ ва идоракунии таваккал аз ҷониби роҳбарияти ташкилотҳои бахши давлатӣ;
- риоя намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои ўҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ;
- боэътимод ва ҳаматарафа будани иттилооти дорои аҳамияти иҷтимоӣ;
- судмандӣ, самаранокӣ ва сарфакорӣ;
- таъмини амнияти дороиҳо ва ҳуҷҷатҳо;
- иҷрои вазифаҳо ва ноил шудан ба мақсадҳо.

Тибқи муқаррароти Моддаи 12-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ таъсиси воҳиди сохтории аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ дар ҳолатҳои зерин ҳатмӣ мебошад:

- ҳаҷми маблағгузорӣ аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз якуним миллион нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад;
- шумораи миёнаи кормандонашон дар соли тақвимӣ зиёда аз 800 (ҳаштсад) нафар бошад.

Аммо дар ташкилотҳои бахши давлатие, ки воҳиди сохтории аудити дохилӣ надоранд, аудити дохилӣ тибқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ гузаронида мешавад.Фаъолияти аудитори дохилӣ дар мақомоти маҳаллии молия бошад, тибқи дастурҳои методии мақомоти ваколатдори давлатӣ анҷом дода мешавад.

Доираи амали аудити дохилӣ барои ҳар як ташкилоти бахши давлатӣ дар муқоиса бо дигар ташкилот ва сохторҳое, ки захираҳои онҳо аз ҷониби худашон назорат карда мешавад фарқкунанда мебошад[4, с114].

Қобили қайд аст, ки самтҳои фаъолияти аудити дохилӣ барои ҳар як ташкилоти бахши давлатӣ нисбати дигар ташкилот ва сохторҳое маҳдуд карда мешавад, ки захираҳои онҳо аз ҷониби ташкилотҳои дахлдори бахши давлатӣ ё ташкилотҳои дигар назорат карда мешавад ва худашон дорои воҳиди сохтории аудити дохилӣ буда, аз Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешаванд.

Ҳангоми гузаронидани санҷиши аудитӣ кормандони воҳиди сохтории аудити дохилӣ шахси масъулеро, ки фаъолияти онро мавриди санҷиш қарор додаанд, хабардор менамоянд ва ба ӯ имконияти муҳокимаи якҷояро дар вақти зерин муҳайё менамоянд:

- то оғози фаъолияти аудитории дахлдор - дар бораи мақсад ва доираи супориши банақшагирифтаи аудитӣ;

- баъди анҷоми аудит - хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда ва дар мавриди муносиб додани шарҳу эзоҳ.

Ба кормандони воҳиди сохтории аудити дохилии муассисаҳои давлатӣ дар ҳолатҳои зерин гузаронидани чорабиниҳои аудиторӣ манъ аст:

- агар дар он қисми объекте, ки аудит гузаронида мешавад, манфиатҳои шахсӣ ва ё амволии ӯ ҷой дошта бошанд;

- дар давраи гузаронидан ё дувоздаҳ моҳи охир дар қисми объекте, ки аудити дохилӣ гузаронида мешавад, ба сифати корманд ё корфармо фаъолият карда бошад;

- дар ҳолати мавҷудияти дигар ҳолатҳое, ки ба воқеӣ ва холис будани аудитори дохилӣ, ки аз меъёрҳои эътирофнамудаи аудити дохилӣ бармеоянд, таъсир расонад.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳолати ба вуҷуд омадани бархӯрди манфиатҳо корманди воҳиди сохтории аудити дохилӣ бояд роҳбари ташкилоти бахши давлатиро огоҳ намояд ё дар ҳолати ба бархӯрди манфиатҳо ҳамроҳ будани роҳбари ин ташкилот аз ин хусус роҳбари тақсимкунандаи асосии маблағҳои буҷетиро хабардор намояд.

Тибқи талаботи қонунгузории соҳа аудиторҳои дохилӣ бояд талаботи паҳн накардани иттилоотеро, ки ба онҳо ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳо дастрас шудааст, ғайр аз ҳолатҳои еистисноӣ, риоя намоянд.

Тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маводи санҷиши хазинадорӣ махфӣ мебошад. Ба дигар шахс додани ҳуҷҷатҳои дахлдор танҳо бо иҷозати хаттии роҳбари ташкилоти бахши давлатӣ, гирифтани он бошад, тибқи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Ҳамчунин қонунгузор муқррар намудаст, ки сардори воҳиди сохтории аудити дохилӣ ва ҳамаи аудиторон ба истисноы воҳиди сохтории аудити дохилии мақомоти ваколатдори давлатӣ набояд:

- дорои ваколатҳои иҷроия ё идоракунӣ, вазифаҳо ё ӯҳдадориҳо бошанд ба ҷайр аз онҳое, ки ба идоракунии вазифаҳои аудити дохилӣ марбутанд;

- набояд дар фаъолияти ҳаррӯзаи ташкилоти бахши давлатӣ иштирок намоянд.

Аудиторони дохилӣ низ аз натиҷаи иҷрои супоришҳои санҷишӣ гузориши хаттӣ омода менамояд. Гузориши аудитӣ - ҳуҷҷати расмии аудити дохилӣ мебошад, ки аз иттилоот оид ба доираи фарогирӣ ва мақсадҳои супориши аудитӣ иборат буда, аз ҷумла хулосаҳои воқеӣ ва пешниҳодҳои аудиторро дар бар мегирад.

Баъди анҷом додани санҷиш аудитори дохилӣ ё роҳбари гурӯҳи аудиторони дохилӣ ӯҳдадор аст дар давоми даҳ рӯз ду нусхаи гузориши хаттиро тайёр намояд, ки як нусхаи он ба роҳбари ташкилоти бахши давлатии санҷидашуда супорида мешавад ва нусхаи дигараш, дар воҳиди сохтории аудити дохилӣ нигоҳ дошта мешавад.

Шакл, мазмун ва тартиби пешниҳод намудани гузориши аудитӣ дар дастурҳои методии мақомоти ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар шароитҳои муосир талаботи ба низоми назорат ва аудити дохилӣ пешниҳодшаванда ба сатҳи нави сифатӣ мебароянд. Дар ин маврид сифати низоми аудити дохилӣ, самаранок амалкунии вай бо он алоқаманд аст, ки фаъолияти назоратӣ-аудиторӣ бо кадом дараҷа стандартӣ аст ва ба қоидаҳои фаъолияти назоратӣ-аудиторӣ дар корхонаҳои бахши давлатӣ мувофиқат менамояд.

Ҳамчун хулоса метавон гуфт, ки дар таъсисдиҳӣ ва ташкили кори самараноки хадамоти аудити дохилӣ дар корхонаҳои бахши давлатӣ таҷрибаи дар ин соҳа ғуншудаи байналмилалӣ нақши муҳим дорад. Ин ба низоми стандартҳои аудити дохилӣ низ дахл дорад. Хусусан стандартҳое, ки эътироф шудаанд, пайдо намудаанд, ки аз ҷониби Комитет оид ба стандартҳои Ташкилоти байналмилалии мақомоти олии назорати молиявӣ (INTOSAI) таҳия гардидаанд.

**Адабиёт**


1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ” аз 21 июли соли 2010, № 631. -http://mmk.tj

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи идораи молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ” аз 21 июли соли 2010, № 626. - http://mmk.tj

3.Бурцев В.В. Общие аспекты организации внутреннего аудита на предприятии и основные требования к деятельности внутренних аудиторов. // Аудитор. -2017. - №11, с. 120.

4.Черенкова О.С. Экономико-организационное обоснование управленческих решений на основе внутреннего аудита. / Автореф. дисс. канд. экон. наук. - С-Пб,2016.– 278 с.

5.Саидов, Р. Н. рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирӣ, аудит, таҳлили иқтисодӣ ва омор дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ : Маҷмуаи материалхои конферен-цияи илмию назариявии умуми-университетӣ муаллимон, хизматчиён, аспирантхо, докторантхо ва студентон, Душанбе, 21–26 апреля 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – P. 113-116. – EDN NDMIHP.

6.Саидов, Р. Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 110-119. – EDN TAAOGJ.

## АУДИТИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ: ХУСУСИЯТҲО, МУАММОҲО ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН

**Саидов Раҷабали Назифович**-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

Дар мақола ҷараёни ташаккул ва такмили заминаҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ таҳқиқ карда шудааст. Сараввал, муаллиф мубрамии таҳқиқи мавзуъро бо нишондодҳои Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 асоснок намудааст. Муҳаққиқ қайд мекунад, ки мувофиқгардонии санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии соҳаи аудит ба шароити рақамикунонӣ амрӣ зарурӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда пешниҳодҳои муаллиф таҳия гардидаанд. Нуқтаи назари иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ оид ба моҳият ва хусусиятҳои аудити технологияҳои иттилоотӣ омӯхта шудааст. Аз ҷониби муаллиф афзалиятҳои рақамикунонии аудит, марҳилаҳои ташаккул ва рушди аудит, инчунин вижагиҳои калидии аудит дар шароити рақамикунонӣ муайян ва асоснок карда шудааст. Дар ҷамъбасти мақола ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҷойдошта, тавсияву пешниҳодҳои муаллиф таҳия гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** аудити технологияҳои иттилоотӣ, иқтисоди рақамӣ, рақамикунонӣ, инноватсия, инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ, аудити дохилӣ, аудити давлатӣ, хизматрасониҳои аудиторӣ, аудити интеллектуалӣ.

## АУДИТ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ: ХАРАКТЕРИСТИКА, ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ ЕГО РАЗВИТИЯ

**Саидов Раджабали Назифович**-кандидат экономических наук, доцент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

В статье рассматривается процесс формирования и совершенствования основ развития аудита информационных технологий. В первую очередь автор обосновал актуальность темы исследования показателями Концепции цифровой экономики в Республике Таджикистан и Среднесрочной программы развития цифровой экономики в Республике Таджикистан на 2021-2025 годы. Исследователь отмечает, что крайне важно адаптировать нормативно-правовые документы в сфере аудита к условиям цифровизации. Поэтому были разработаны предложения автора по решению существующих проблем. Изучены точки зрения отечественных и зарубежных экономистов о сущность и особенности аудита информационных технологий. Автор выявляет и обосновывает преимущества цифровизации аудиторской деятельности, этапы становления и развития аудиторской деятельности, а также ключевые особенности аудиторской деятельности в условиях цифровизации. В заключении статьи разработаны рекомендации и предложения автора по решению имеющихся проблем.

**Ключевые слова:** аудита информационных технологий, цифровая экономика, цифровизация, инновации, инфраструктура информационных технологий, внутренний аудит, государственный аудит, аудиторские услуги, интеллектуальный аудит.

## AUDIT OF INFORMATION TECHNOLOGIES: CHARACTERISTICS, PROBLEMS AND PROSPECTS OF ITS DEVELOPMENT

**Saidov Radjabali Nazifovich** - candidate of economic sciences, associate professor of the audit and revision department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

The article considers the process of formation and improvement of the foundations for the development of information technology audit. First of all, the author substantiated the relevance of the research topic by the indicators of the Concept of the Digital Economy in the Republic of Tajikistan and the Medium-Term Program for the Development of the Digital Economy in the Republic of Tajikistan for 2021-2025. The researcher notes that it is extremely important to adapt regulatory documents in the field of audit to the conditions of digitalization. Therefore, the author's proposals were developed to solve existing problems. The points of view of domestic and foreign economists on the essence and features of information technology audit were studied. The author identifies and substantiates the advantages of digitalization of auditing activities, the stages of formation and development of auditing activities, as well as the key features of auditing activities in the context of digitalization. In conclusion, the article develops the author's recommendations and proposals for solving existing problems.

**Key words:** information technology audit, digital economy, digitalization, innovation, information technology infrastructure, internal audit, government audit, audit services, intellectual audit.

Иқтисоди рақамӣ ин рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ тавассути истифодаи васеи технологияҳои рақамии компютерӣ мебошад, ки барои баланд бардоштани маҳсулнокии истеҳсолот, таҷҳизот, нигоҳ доштан, фурӯш ва дастрас намудани молу хизматрасониҳо мусоидат мекунад [1, с.2]. Фаъолияти аудиторӣ низ дар шароити кунунӣ яке аз соҳаҳои асосии иқтисодӣ бояд аз тариқи истифодаи васеи технологияҳои рақамии компютерӣ ба роҳ монда шавад. Тавре қайд гардид, истифодаи афзалиятҳои иқтисоди рақамӣ барои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии аудиторӣ низ аз тариқи сарфаи вақт, сари вақт ба даст овардани далелҳои аудиторӣ ва иҷрои фаврии қоидаҳои санҷишӣ мусоидат менамояд.

Дар такя ба Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 30 декабри соли 2019, таҳти №642 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, метавон гуфт, ки рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ метавонад боиси зиёд гардидани шумораи дархости муштариёни аудиторони инфиродӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ гардад. Дар натиҷа, хизматрасониҳои аудиторӣ шаклан ва сифатан дигаргун гашта, доираи онҳо васеъ мешавад ва ба афзоиши ММД ва баланд гардидани сатҳу сифати зиндагӣ мусоидат менамояд. Тавре, ки дар ҳуҷҷати мазкур зикр мешавад, натиҷаи рақамикунонӣ ин тезонидани суръати рушди иқтисоди ҷумҳурӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар дар сатҳи байналмилалӣ, афзоиши иловагии ММД ва беҳтаргардонии сифати зиндагии аҳолӣ аз ҳисоби истифодабарии технологияҳои рақамӣ мебошад [3, с.16]. Вобаста ба ин, рушди фаъолияти аудиторӣ низ дар асоси истифодаи имкониятҳои иқтисоди рақамӣ низ ба манфиати аудиторон, фармоишгарони аудит ва дар ниҳоят, рушди иқтисоди миллӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати воқеии аудити технологияҳои иттилоотӣ ҳанӯз баъд аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ба вуҷуд омада буд. Чунки дар моддаҳои 1 ва 12-уми санади мазкур қайд карда мешавад, ки ҳуҷҷатҳои аввалия ва ҷамъбастии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки шаҳодатдиҳандаи амалиёт ё рӯйдодҳо мебошанд, дар ҳомилҳои қоғазӣ ва электронӣ тартиб дода мешаванд [5]. Вобаста ба муқаррароти болозикр ташкилотҳо вазифадоранд, ки ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ,

ҳисоботи молиявӣ ва феҳристи баҳисобгирии муҳосибиро дар ҳомилҳои қоғазӣ ва ё электронӣ дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ доранд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз асосҳои ташаккул ва такмили рушди аудити иттилоотӣ заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии он мебошад. Новобаста аз он ки методологияи умумии иқтисодиёти рақамӣ дар кишвар бунёд ёфтааст, аммо то кунун дар санадҳои меъёрии соҳаи аудит, яъне дар Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» ва «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» фаҳмиши аудити технологияҳои иттилоотӣ ва тартиби ташкил ва гузаронидани он мушаххас карда нашудааст. Бо назардошти ҳолати мавҷуда, дар қонунҳои болозикр ворид намудани баъзе аз тағйиротҳоро оид ба ҷиҳатҳои алоҳидаи аудити технологияҳои иттилоотӣ зарур мешуморем. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки танҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ» фаҳмиши аудити технологияҳои иттилоотӣ оварда шудааст. Аммо асосҳои ташкил ва гузаронидани он дар санади мазкур оварда нашудааст. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, зарур мешуморем, ки дар қонуни мазкур методологияи умумии бароҳмонии аудити технологияҳои иттилоотӣ оварда шавад.

Дар моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» бояд фаҳмиши аудити технологияи иттилоотӣ ҷой дода шавад. Метавон дар ин маврид фаҳмиши аудити технологияи иттилоотӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ» оварда шудааст, истифода кард. Дар қонуни мазкур фаҳмиши аудити технологияи иттилоотӣ бо мазмуни зерин оварда шудааст: аудити технологияи иттилоотӣ – санҷиш ва баҳодиҳии мувофиқати технологияи иттилоотӣ ва ҳифзи низоми бехатарӣ, ки бо мақсади таъмин намудани махфиятнокӣ, пуррагии низом, бехатарӣ ва дастрасии иттилоот гузаронида мешаванд [4].

Дар банди 3-юми моддаи 6-уми Қонуни мазкур ҷой додани хизматрасониҳои ҷадиди аудиторӣ аз манфиат холӣ нест, аз ҷумла:

– арзёбии иқтидори технологияҳои иттилоотӣ ва додани машваратҳо оид ба истифодаи самараноки он дар субъекти иқтисодӣ;

– машваратҳо дар самти навкунии иқтидори технологияҳои иттилоотӣ вобаста ба пешрафти илму техника ва қонеъгардонии талаботи иқтисоди рақамӣ;

– арзёбии саҳеҳӣ ва эътимоднокии иттилооти электронии низоми ҳисобдорӣ.

Дар моддаи 13-ум бошад, илова гардидани банди 6-умро муҳим мешуморем, ки бо эҳтимолияти зиёд мазмуни он бояд чунин бошад: аудити дохилӣ на танҳо ба санҷишу арзёбии ҳолати воқеии объектҳо ва маълумоти ҳуҷҷатҳо нигаронида мешавад, инчунин чорабиниҳои санҷишӣ – машваратӣ ва баҳодиҳии он дараҷаи кифоятии инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ ва эътимоднокии иттилоотии электрониро низ дар бар мегирад.

Дар фаъолияти мақомоти аудити бахши давлатӣ афзалиятҳои иқтисоди рақамӣ низ мавриди истифода қарор мегиранд. Омӯзиши муқаррароти қонунгузории аудити давлатӣ оид ба истифодаи имкониятҳои рақамикунонӣ нишон дод, ки мушаххасан дар моддаҳои 11 ва 50 –уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ин самт қайд шудааст. Тибқи муқаррароти моддаи 11- уми ин санад яке аз ваколатҳои Раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон – таъмини баргузории аудит бо истифодаи воситаҳои технологияи муосири иттилоотию коммуникатсионӣ мебошад [6]. Моддаи 50, ки ҳисоботи солона оид ба фаъолияти Палатаи ҳисобро дар бар мегирад, аз ин рӯ, дар ин модда маълумот оид ба татбиқи технологияҳои иттилоотӣ яке аз унсурҳои таркибдиҳандаи ҳисоботи Палатаи ҳисоб оварда шудааст. Ҳамин тавр, аз натиҷаи омӯзиши муқаррароти зикршуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки новобаста аз он, ки дар қонуни аудити давлатӣ методологияи аудити технологияҳои иттилоотӣ ба таври

муфассал оварда нашудааст, лекин муқаррароти ҷойдошта дар ин самт нисбат ба қонунҳои фаъолияти аудиторӣ ва аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ мукаммалтар мебошад.

Аудити технологияҳои иттилоотӣ аз дигар ҷиҳат, низоми қоидаҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо ба омӯзиш ва баҳодиҳии инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ равона карда шудааст, ки ҳадафи асосии он аз баҳодиҳии самаранокии хароҷоти нигоҳдории инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ иборат мебошад.

Мутахассисони соҳа оид ба истифодабарии инноватсия дар аудит ва аҳамияти он барои рушди соҳа нуқтаи назари мусбӣ доранд. Масалан Алан Андерсон, муассиси ACCOҒN Taӣility Plғs LLC, бар ин назар аст, ки дар иқтисоди рақамӣ «аудити виртуалӣ» метавонад як навоварӣ дар соҳаи аудит гардад [12]. Н.Д. Бровкина бошад, қайд менамояд, ки ширкатҳои аудитории муосир бо ширкатҳое фаъолона ҳамкорӣ мекунанд, ки онҳо технологияҳои пешрафтаи коммуникатсиониро васеъ истифода мебаранд [2, с.435]. Истифодаи имкониятҳои инноватсионии равишҳои назоратӣ ҷиҳати ба даст овардани манфиати бештар мусоидат менамояд [12, с.60]. Аз нуқтаи назари мутахассисон маълум мегардад, ки дар шароити кунунӣ талабот ба хизматрасониҳое пайдо мегардад, ки онҳо хусусиятҳои инноватсионӣ доранд. Аз ин рӯ, чунин мешуморем, ки хадамоти баландсифат ва дурнамои рушди фаъолияти аудиторӣ аз истифодаи инноватсияҳо ва технологияҳои рақамии компютерӣ вобастагии зиёд дорад.

Ба ақидаи мо, дар шароити имрӯза барои осон гардонидани фаъолияти аудиторӣ аз имкониятҳои рақамикунонӣ низ истифода кардан зарур аст. Баъзе аз бартариҳои рақамикунонии аудит дар расми 1 пешниҳод карда шудааст.

**Расми 1. – Афзалиятҳои рақамикунонии аудит.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти 11.

Тавре аз маълумоти расм дида мешавад, афзалиятҳои рақамикунонӣ барои ҳама марҳилаҳои аудит (омодагӣ, гузаронидани аудит, ҷамъбасту хулосабарорӣ) аз манфиат холӣ нест. Бинобар ин, аз нигоҳи мо, рақамикунонии аудит барои таъмини ҳолатҳои зерин имконият медиҳад:

– иҷрои фаврии корҳо таъмин карда мешавад;

– маълумоти зарурӣ сари вақт интиқол ва дастрас карда мешавад;

– бо мақсади саҳеҳгардонии иттилооти зарурӣ, имконияти зиёди зери назорат гирифтани маълумот пайдо мегардад;

– бо истифода аз барномаҳо ва дигар имкониятҳои рақамикунонӣ маълумоти зарурӣ фавран таҳлилу арзёбӣ гардида, хулосаю пешниҳодҳои муфид ва дурнамои рушди самтҳои алоҳидаи фаъолият таҳия карда мешавад. Чунин мавқеъ, яъне бартарии имкониятҳои инноватсиониро дар пешбурди фаъолияти босамари аудиторӣ иқтисодчиёни ватанӣ: Низомов С.Ф., Зокирова Ф.Ҷ.,

Давлатзода Д.А. ҷонибдорӣ намуда, қайд менамоянд, ки яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи аудити давлатӣ – истифодаи роҳу равишҳои инноватсионӣ дар соҳа мебошад [8, с.91].

Аудит дар тули таърих марҳилаҳои гуногуни ташаккул ва рушдро паси сар кардааст, ки он дар ҳар як марҳила дорои хусусиятҳои хос мебошад. Бояд қайд намуд, ки хусусиятҳои ҷойдошта ба шароити иқтисодӣ ва зарурати истифодаи хизматрасониҳои аудиторӣ вобаста мебошанд (ниг. ба ҷадв. 1).

**Ҷадвали 1.-Марҳилаҳои ташаккул ва рушди аудит**

| Марҳилаҳо | Хусусиятҳои аудит дар ҳар як марҳила |
|---|---|
| Аудити анъанавӣ | Дар ин марҳила аудиторҳо санҷиши иттилооти баҳисобгирии муҳосибиро бо истифода аз равиши анъанавӣ (дастӣ) анҷом медоданд. |
| IT-аудит | Ин марҳила баррасии объектҳои назоратиро, ки ба аудити анъанавӣ монанд аст, дар бар мегирад. Дар ин ҳолат таҳлил ва коркарди иттилоот бо истифода аз барномаҳои алоҳидаи банақшагирӣ ва гузаронидани санҷишҳо ба роҳ монда мешавад. |
| Аудити маълумоти зиёд | Истифодаи қоидаҳои аудит дар ин марҳила ба коркард ва таҳлили миқдори зиёди иттилоот асос ёфтааст. Объекти аудит ҳисоботи молиявӣ ва ғайримолиявӣ буда, аз аудиторҳо талаб карда мешавад, ки дар баробари донишҳои иқтисодӣ дорои дониши баланди техникӣ низ бошанд. |
| Аудити интеллек-туалӣ (зеҳнӣ) | Раванди санҷиши аудитории ҳисоботи якҷояшудаи субъекти санҷидашаванда истифодаи технологияҳои блокчейн, зеҳни сунъӣ ва барномаҳои таҳлилии сатҳи олиро дар бар мегирад. Дар ин марҳила ҳамкории пуршиддати иттилоотии байни аудиторҳо ва мизоҷон имкон медиҳад, ки аудити доимӣ дар давоми сол гузаронида шавад. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти 7.

Аз маълумоти ҷадвали 1 бар меояд, ки зарурати асосӣ ва воқеии марҳилабандии ташаккул ва рушди аудит афзоиши доираи объектҳои аудитшаванда мебошад. Марҳилаҳо ва хусусиятҳои аудит аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар натиҷаи зиёд гардидани объектҳои ба аудит фарогирифташаванда методологияи он низ ба такмилдиҳӣ ниёз пайдо кардаст. Гузариш аз равиши анъанавии санҷиш ба аудити интеллектуалӣ (зеҳнӣ) исботи ин гуфтаҳо мебошад. Ҳамин тавр, дар баробари он ки дар рушди аудити ҷаҳонӣ тамоюлҳои мусбии зиёд ба чашм мерасанд, лекин аксарияти ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторони инфиродии ватанӣ аз имкониятҳои ҷойдошта дар сатҳи зарурӣ истифода намекунанд.

Дар шароити рақамикунонӣ фаъолиятҳои иқтисодӣ вижагиҳои муайянеро пайдо менамоянд. Дар чунин шароит асосҳои ташкил, баргузорӣ ва марҳилаҳои ниҳоии аудит низ дорои хусусиятҳои нисбатан фарқкунанда мебошанд (ниг. ба ҷадв. 2).

**Ҷадвали 2.-Хусусиятҳои калидии аудит дар шароити рақамикунонӣ**

| Унсурҳои асосии аудит | Тавсифи унсурҳо |
|---|---|
| Мақсади аудит | Ташаккулдиҳии стратегияи рушди субъекти санҷидашаванда, ки ба таҳлили мунтазами иттилооти маҷмӯӣ асос меёбад. |
| Вазифаи асосии аудит | Ба тавri фаврӣ омодакунии заминаҳо ҷиҳати қабули қарорҳои беҳтарини молиявию иқтисодӣ аз ҷониби роҳбари субъекти санҷидашаванда мебошад. |

| | |
|---|---|
| Методикаи санҷишӣ | Қоидаҳои санҷишӣ истифодаи ҳаҷми зиёди иттилоотро дар назар дошта, коркарди автоматии он барои коҳишдиҳии хавфҳои иқтисодии стратегии рушди тиҷорат нигаронида шудааст. |
| Моҳияти супориши аудиторӣ | Аудиторҳо на танҳо асоснокии амалиётҳои ҳаёти иқтисодиро арзёбӣ менамоянд, инчунин мавқеи муносиби (оптималии) ташкилотро дар низоми иқтисодӣ аз мавқеи таҳлили муносибатҳои байнихоҷагӣ ва вобастагии байниҳамдигарӣ дида мебароянд. |
| Ҷамъбасти аудит | Натиҷаи адои хизматрасониҳои аудиторон дар шароити рақамикунонӣ аз тавсияҳои мунтазам ва пешниҳодҳои аудиторон иборат мебошад, ки ба шароити ҷойдошта ва самараи пешбинишудаи фаъолият мувофиқ мебошад. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти 7.

Аз маълумоти ҷадвали 2 бар меояд, ки унсурҳои асосии аудит дар шароити рақамикунонӣ нисбат ба шароити муқаррарӣ то андозае хусусиятҳои фарққунандаи худро доранд. Масалан, агар мақсади аудит дар шароити муқаррарӣ изҳор намудани ақидаи мустақил оид ба саҳеҳӣ ва мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ва дигар иттилооти марбут ба ҳисоботи молиявӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ё стандартҳои миллии ҳисобдорӣ бошад, пас дар шароити рақамикунонӣ ҳадафи аудит на танҳо ҳалли мушкилоти ҷорӣ, балки тарҳрезии дурнамои рушди субъекти иқтисодӣ мебошад. Ҳамчунин бо суръати нисбатан паст иҷро намудани вазифаҳо, таҳлилу баррасии иттилооти шакли қоғазӣ ва коркарди дастии онҳо, ба асосноккунии амалиётҳои ҳаёти иқтисодии субъекти иқтисодӣ маҳдуд гардидани супоришҳои аудиторӣ ва хусусияти номутасилии машваратҳои аудиторон, ки вижагиҳои аудити муқаррарӣ мебошад, дар шароити кунунӣ ва минбаъда моҳияти иқтисодии фаъолияти аудиториро барои фармоишгарони аудит коҳиш медиҳад. Дар чунин шароит, таъмини пешрафти фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, баланд гардидани нуфузи аудиторон ва дар ниҳоят, таъмини рушди иқтисоди миллӣ аз ҳисоби фаъолияти аудиторӣ имконнопазир мегардад. Бо назардошти вазъи ҷойдошта, рақамикунонии аудит амри зарурӣ мебошад.

**Ҳамин тавр,** бо назардошти мушкилоти болозикр таъмини шароиту имкониятҳои зеринро ҷиҳати рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ мубрам меҳисобем:

1.Таъмини заминаҳои институтсионалии аудити технологияҳои иттилоотӣ ва IT-инфрасохтор, инчунин тамоюли такмилёбии онҳо;

2.Пешрафти илму техника, аз ҷумла истеҳсоли босуръати воситаҳои низоми иттилоотӣ;

3.Махсусгардонии андухти маблағҳои пулӣ ва ё ташкили фонди муайян ҷиҳати харидории техникаҳои инноватсионӣ – рақамӣ аз ҷониби фармоишгарони аудит ва санҷишкунандагон.

4.Истифодаи васеъи барномаҳои нигоҳдорӣ ва идоракунии иттилооти иқтисодӣ аз ҷониби аудиторон;

5.Истифодаи барномаҳои ҳифзи иттилоот аз талафёбӣ (нестшавӣ);

6.Ҳамкории зич байни ташкилотҳои аудиторию аудиторони инфиродӣ бо ширкатҳои истеҳсолкунандаи технологияҳои рақамии пешрафта.

**Адабиёт**

1.Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, № 460).

2.Бровкина Н.Д. Дистанционный аудит: инновации коммуникаций // Аудит и финансовый анализ. – № 6.– 2014.– С. 434 -437.

3.Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642)

4.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ», 21.07.2010, №631.– [Манбаи электронӣ].– Ҳолати дастрасӣ: http:www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 5.02.2025 с.)

5.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», 25.03.2011, №702.– [Манбаи электронӣ].– Ҳолати дастрасӣ: http:www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 02.02.2025 с.)

6.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», 22.06.2023, № 1977.– [Манбаи электронӣ].– Ҳолати дастрасӣ: http:www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 7.02.2025 с.)

7.Мусаев Т.К. Инновационные пути развития аудита в условиях цифровой экономики / Т.К. Мусаев, А.Т. Мусаев // В сборнике: Тренды и перспективы цифровой экономики: финансовые технологии и безопасность. Материалы II Всероссийской научно-практической конференции. Орёл, 2023. – С. 255-260.

8.Низомов С.Ф., Зокирова Ф.Дж., Давлатзода Д.А. Развитие государственного аудита в условиях цифровизации экономики: теория и практика / Монография // С.Ф. Низомов, Ф.Дж. Зокирова, Д.А. Давлатзода. – Душанбе. «Матбааи ДМТ». – 2022. – 159 с.

9.Орзуев П.Ҷ. Хусусиятҳои аудити самаранокӣ дар низоми аудити мустақили давлатӣ / П.Ҷ. Орзуев, Р.Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. 2021.– № 3 (27).С-83-90.

10.Полыгалова Д.А. Инструменты автоматизации аудита в условиях цифровой экономики / Д.А. Полыгалова // В сборнике: цифровая экономика и индустрия 4.0: форсайт Россия. Сборник трудов научно-практической конференции с зарубежным участием. Санкт-Петербургский политехнический университет Петра Великого. –2020.–С. 235-242.

11.Рублева А.В. Аудит в условиях цифровой экономики / А.В. Рублева, Е.П. Поликарпова // В сборнике: инновации и современные технологии в производстве и переработке сельскохозяйственной продукции. Сборник статей по материалам Всероссийской (национальной) научно-практической конференции. Курган, 2022. – С. 566-569.

12.Саидов Р.Н. Афзалиятҳои ҳамкории воҳидҳои аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақоми олии аудити давлатӣ / Р.Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024.– № 3 (42). С.58-65.

13.Саидов, Р. Н. рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирӣ, аудит, таҳлили иқтисодӣ ва омор дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ : Маҷмуаи материалхои конферен-цияи илмию назариявии умуми-университетӣ муаллимон, хизматчиён, аспирантхо, докторантхо ва студентон, Душанбе, 21–26 апреля 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – Р. 113-116. – EDN NDMIHP.

## ХУСУСИЯТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ АУДИТОРӢ ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

**Самиева Меҳрангез Бобоевна -** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит. Суроға: 734055, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: (+992) 888-83-01-20

Дар марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ, фаъолияти аудиторӣ низ таҳти таъсири ҷиддии технолог қарор гирифтааст. Истифодаи васеи усуоҳои рақамӣ, системаҳои интеллектуалӣ ва платформаҳои абрӣ на танҳо равандҳои аудиториро осон мекунанд, балки сифати таҳлил ва назоратро низ ба атҳи нав мебаранд.

Аудит ҳамчун воситаи муҳими таъмини шаффофия ва назорати молиявӣ, дар шароити иқтисодиёти рақамӣ аҳамияти бештарро пайдо мекунад. Ин мақола ба таҳлили хусусиятҳо, имкониятҳо ва мушкилоти фаъолияти аудиторӣ дар заминаи иқтисодиёти рақамӣ бахшида шудааст.

**Калидвожаҳо:** аудит, рақамикунонӣ, иқтисодиёт, рушд, технология, система, ширкат, раванд ва ғайраҳо.

## ОСОБЕННОСТИ АУДИТОРСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В УСЛОВИЯХ ФОРМИРОВАНИЯ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

**Самиева Мехрангез Бобоевна** - Международный университет туризма и предпринимательства, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета и аудита. Адрес: 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбада, 48/5. Телефон: (+992) 888-83-01-20

На этапе перехода к цифровой экономике аудиторская деятельность также подверглась серьезному влиянию технолога. Широкое использование цифровых технологий, интеллектуальных систем и облачных платформ не только упрощает процессы аудита, но и выводит качество анализа и контроля на новый уровень.

Аудит как важный инструмент обеспечения финансовой прозрачности и контроля приобретает все большее значение в условиях цифровой экономики. Данная статья посвящена анализу особенностей, возможностей и проблем аудиторской деятельности в контексте цифровой экономики.

**Ключевые слова:** аудит, цифровизация, экономика, развитие, технология, система, компания, процесс и др.

## FEATURES OF AUDITING ACTIVITIES IN THE CONDITIONS OF FORMATION OF THE DIGITAL ECONOMY

**Samieva Mehrangez Boboevna -** International University of Tourism and Entrepreneurship, PhD in Economics, Associate Professor of the Department of Accounting and Auditing. Address: 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbad Avenue, 48/5. Phone: (+992) 888-83-01-20

At the stage of transition to the digital economy, auditing has also been heavily influenced by the technologist. The widespread use of digital technologies, intelligent systems, and cloud platforms not only simplifies audit processes, but also takes the quality of analysis and control to a new level. Audit as an important tool for ensuring financial transparency and control is becoming increasingly important in the

digital economy. This article is devoted to the analysis of the features, opportunities and problems of auditing in the context of the digital economy.

**Key words:** audit, digitalization, economy, development, technology, system, company, process, etc.

Аудит дар шароити рақамикунонӣ — мавзӯи муҳим ва саривақтӣ аст, ки ба дигаргуншавии раванди санҷиш ва таҳлили фаъолияти молиявӣ дар замони истифодаи технологияҳои рақамӣ дахл дорад. Рақамикунонии иқтисод ва ширкатҳо боиси тағйироти ҷиддӣ дар тарзи гузаронидани аудит гардид. Технологияҳои иттилоотӣ имконият медиҳанд, ки равандҳои аудиторӣ самараноктар, дақиқтар ва суръатноку шаффоф бошанд.

Рақамикунонӣ маънои табдил додани равандҳо, ҳуҷҷатҳо ва маълумот ба шакли рақамӣ мебошад. Ин раванд ба аудит таъсири зерин мерасонад:

- Истифодаи нармафзорҳои муосир: системаҳои ЕҚР, системаи ҳисобдории автоматикӣ ва абзорҳои таҳлили маълумот;
- Таҳлили маълумоти калон (Ӣig Data);
- Истифодаи зеҳни сунъӣ (AI) ва омӯзиши мошинӣ (Machine Leaқning);
- Аудити вақти воқеӣ (қeal-time aғdit);

Аудит санҷиши мустақилонаи ҳисоботи молиявӣ ва фаъолияти молиявии ташкилот мебошад, ки ҳадафи он муайян намудани дурустӣ ва мутобиқати маълумот бо стандартҳо ва меъёрҳои муқарраршуда аст.

Афзалиятҳои аудит дар шароити рақамикунонӣ метавонад ба чунин самтҳо равона карда шавад:

- Суръат ва дақиқии баланд;
- Муҳосираи маълумоти зиёд дар муддати кӯтоҳ;
- Беҳтар шудани шаффофият;
- Муайянсозии хавфҳо дар марҳилаи барвақт.

Бо вуҷуди афзалиятҳои зиёд, рақамикунонӣ дар соҳаи аудит бо як қатор чолишҳо ва хатарҳои эҳтимолӣ ҳамроҳ аст, ки бояд аз ҷониби мутахассисон ва ташкилотҳо ба таври ҷиддӣ баррасӣ ва ҳал карда шаванд. Чолишҳо ва хатарҳо дар раванди фаъолияти аудиторӣ метавонад чунин самтҳоро дар абр мегирад:

- Мушкилоти амнияти иттилоот;
- Ниёз ба мутахассисони баландихтисос дар соҳаи IT;
- Мавҷуд набудани инфрасохтори муосир дар баъзе ташкилотҳо;
- Масъалаи мутобиқати қонунгузории миллӣ ба технологияҳои рақамӣ.

Ояндаи аудит дар шароити рақамикунонӣ метавонад ба чунин натиҷаҳо ноил гардад:

- Гузариш ба аудити рақамӣ комилан;
- Омӯзиши доимии аудиторон дар самти IT ва киберамният;
- Истифодаи блокчейн барои таъмини шаффофият ва боварӣ.

Рақамикунонӣ яке аз равандҳои муҳими муосир аст, ки дар тамоми соҳаҳои иқтисод, аз ҷумла дар фаъолияти аудиторӣ, таъсири ҷиддӣ расонида истодааст. Бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ, тарзу усули анъанавии гузаронидани аудит тағйир ёфта, шаклҳои нав ва инноватсионӣ ба вуҷуд омадаанд.

Яке аз таъсирҳои асосии рақамикунонӣ — автоматизатсия мебошад. Барномаҳои компютерӣ ва нармафзорҳои муосири ҳисобдорӣ ба аудиторон имкон медиҳанд, ки маълумоти молиявиро дар ҳаҷми калон ва дар муддати кӯтоҳ таҳлил намоянд. Ин раванд хатогиҳои инсонро коҳиш дода, самаранокии раванди санҷишро меафзояд.

Дигар таъсири муҳими рақамикунонӣ — пайдоиши аудит дар вақти воқеӣ (қeal-time aғdit) мебошад. Ба воситаи дастрасӣ ба маълумоти рақамӣ ва мутобиқсозии абзорҳои таҳлилӣ, аудитор метавонад фаъолияти молиявии ташкилотро бидуни таъхир назорат ва арзёбӣ намояд. [1. с.88]

Инчунин, рақамикунонӣ дақиқии таҳлилро зиёд мекунад. Истифодаи технологияҳои бузургмаълумот (Ӣig Data), зеҳни сунъӣ (AI), ва омӯзиши мошинӣ (Machine Leaқning) ба аудиторон имконият медиҳад, ки намунаҳо ва хатарҳои молиявиро бо дақиқии баланд муайян кунанд.

Бо вуҷуди ин, рақамикунонӣ ҳамзамон бо худ чолишҳои нав меорад, аз ҷумла масъалаи амнияти иттилоот, зарурати доштани донишҳои техникӣ аз ҷониби аудиторон ва мутобиқати қонунгузорӣ ба усулҳои рақамии санҷиш.

Ба таври умум, рақамикунонӣ аудитро ба як соҳаи муосир ва технологикӣ табдил медиҳад, ки дар он таҳлили стратегӣ, шаффофият ва вокуниши фаврӣ нақши асосӣ доранд.

Бо рақамикунонӣ, нақши анъанавии аудитор — ҳамчун санҷандаи муқаррарӣ — ба нақши мушовири стратегӣ табдил меёбад. Аудиторони муосир на танҳо ҳисоботи молиявиро тафтиш мекунанд, балки бо истифода аз таҳлили маълумот маслиҳатҳои арзишманд дар бораи самаранокии фаъолияти ташкилот пешниҳод менамоянд.

Абзорҳои рақамии аудит имкон медиҳанд, ки равандҳои мушкили назорати дохилӣ ба таври автоматикӣ тафтиш карда шаванд. Масалан, технологияҳои ҚPA (Қоӣotic Pқocess Aғtomation) барои санҷиши миқдори зиёди амалиётҳо бе дахолати инсон истифода мешаванд. Ин боиси баланд шудани дақиқӣ ва суръати санҷиш мегардад.

Илова бар ин, рақамикунонӣ имконият медиҳад, ки аудит дар шакли масофавӣ (дурдаст) анҷом дода шавад. Ин махсусан дар шароити пандемия ва таҳаввулоти ҷаҳонии иқтисодӣ аҳамияти зиёд пайдо кард. Аудиторон метавонанд тавассути платформаҳои онлайнӣ ва захираҳои абрӣ (cloғd stoқage) маълумотҳоро таҳлил ва баҳогузорӣ намоянд.

Дар шароити рақамикунонӣ, технологияи блокчейн низ ба аудит таъсир расонида истодааст. Бо истифодаи блокчейн, маълумотҳо бо тарзи бехатар ва бетағйир сабт мешаванд, ки ин шаффофият ва эътимодро зиёд мекунад. Аудиторон метавонанд маълумоти таърихиро бидуни хатари таҳриф дидан ва таҳлил намоянд.

Бо ин ҳама тағйирот, талабот ба маҳоратҳои рақамии аудиторон афзудааст. Мутахассисони ин соҳа бояд на танҳо дониши молиявӣ, балки фаҳмиши чуқур аз системаҳои иттилоотӣ, таҳлили додаҳо ва киберамният дошта бошанд. [2. с.29]

Рақамикунонӣ имкониятҳои васеъ барои такмили равандҳои аудиторӣ фароҳам меорад. Ин тағйирот на танҳо фаъолияти аудиторонро осон мекунад, балки сифати хулосаҳо ва таҳлили молиявиро низ баланд мебардорад. Афзалиятҳои асосии рақамикунонӣ дар соҳаи аудит чунинанд:

1. Суръат ва самаранокии кор - бо истифодаи нармафзорҳо ва абзорҳои рақамӣ, маълумоти молиявӣ метавонад дар муддати хеле кӯтоҳ ҷамъоварӣ ва таҳлил гардад. Он равандҳое, ки қаблан рӯзҳо ва ҳатто ҳафтаҳо вақт мегирифтанд, имрӯз метавонанд дар чанд соат анҷом ёбанд.

2. Дақиқӣ ва кам кардани хатогиҳо - автоматизатсия дар ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот хатогиҳои инсонро ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Аудиторон метавонанд ба маълумоти боэътимод ва дақиқ дастрасӣ пайдо кунанд, ки ба сифати умумии хулосаи аудиторӣ таъсири мусбат мерасонад.

3. Шаффофият ва боварӣ - Системаҳои рақамӣ, бахусус бо истифодаи блокчейн ва логҳои рақамии назорат, имкон медиҳанд, ки ҳар як амалиёт сабт ва назорат шавад. Ин шаффофиятро зиёд карда, эътимоди мизоҷон ва ҷонибҳои манфиатдорро афзоиш медиҳад.

4. Аудити вақти воқеӣ (Қeal-time aғdit) - Аудиторон метавонанд маълумоти дарҳол дастрасшударо таҳлил кунанд ва дар вақти воқеӣ ба мушкилот ё хатарҳо вокуниш нишон диҳанд.

Ин имкон медиҳад, ки масоили эҳтимолӣ пеш аз ба миён омадани хисороти ҷиддӣ ошкор ва ҳал шаванд.

5. Таҳлили маълумоти калон (Ӣig Data Analysis) - рақамикунонӣ аудиторонро бо имконияти таҳлили садҳо ҳазор ё миллионҳо сабтҳои молиявӣ дар як вақт таъмин менамояд. Ин барои таҳлили трендҳо, хатарҳо ва камбудиҳои системавӣ нақши муҳим мебозад.

6. Имконияти аудити масофавӣ – ба туфайли платформаҳои рақамӣ ва системаҳои абрӣ, аудитро метавон аз дур гузаронд. Ин хусусан дар шароити фавқулода, монанди пандемияҳо ё маҳдудиятҳои сафар, хеле муфид аст. [1. с.79]

7. Коҳишёбии хароҷот - бо рақамикунонӣ, эҳтиёҷ ба корҳои дастӣ ва сафарҳои сершумори аудиторон кам мешавад, ки дар натиҷа хароҷоти умумӣ барои аудити ташкилот коҳиш меёбад.

Аудит дар шароити рақамикунонӣ як равандест, ки бо истифода аз технологияҳои муосир ва системаи рақамӣ ба сӯи афзоиши самаранокӣ ва дақиқӣ ҳаракат мекунад. Рақамикунонӣ бо себеъ таҳаввулоти беназир дар соҳаи аудит, ба аудиторон имкон медиҳад, ки ҷараёни таҳлил ва санҷиши молиявиро суръат бахшанд, хатогиҳоро кам кунанд, ва тавонмандии худро барои таҳлил ва арзёбии ҳаҷмҳои калонтарини маълумот (Ӣig Data) зиёд кунанд.

Дурнамои аудит ба таҳаввулот ва равандҳои оянда дар соҳаи аудит ишора мекунад, ки ба таҳаввулоти технологӣ, методологӣ ва ниҳодӣ вобаста аст. Дар шароити ҷаҳони муосир, соҳаи аудит таҳаввулоти назаррасро аз сар мегузаронад. Ин равандҳо таъсир мегузоранд, ки чӣ гуна аудиторҳо дар оянда фаъолият хоҳанд кард ва чӣ гуна онҳоро барои самаранокӣ, дақиқӣ ва шаффофият бештар истифода бурдан мумкин аст.

Аудит дар оянда бештар бо истифодаи технологияҳои муосир, монанди зеҳни сунъӣ (AI), машин лернинг (машинаи омӯзишӣ), ва ӢlockChain такмил хоҳад ёфт. Ин технологиҳо имкон медиҳанд, ки аудиторҳо бештар маълумотро бо суръат таҳлил кунанд, хатогиҳоро осонтар шенасоии, ва хатарҳоро зудтар шеносо мекунанд. Рақамикунонӣ имконият медиҳад, ки усулҳои аудити автоматикӣ ва системаи мониторинги замони воқеӣ эҷод карда шаванд. [3. с.69]

Мушкилот ва хатарҳо дар аудити замони воқеӣ метавонанд ба зудӣ ошкор шаванд, ки ин барои бозор ва муассисаҳо фоидаовар аст. Ин имкон медиҳад, ки гузариш аз аудитҳои даврaӣ ё мавсимӣ ба аудитҳои мантиқӣ ва ҳаррӯза сурат гирад. Аудитори воқеӣ кӯмак мекунад, ки мушкилот ва эҳтимолияти хатар дар якҷоягӣ бо гурӯҳҳои қарorгирӣ ва роҳбарият шенасо шавад, ки дар натиҷа кори муассиса самаранок мегардад.

Дохил шудан ба таҳлилҳои Ӣig Data низ як ҷузъи муҳими дурнамои аудит аст. Миқдори зиёди маълумоти молиявӣ ва ғайримолиявии ташкилотҳо дар натиҷаи рақамикунонӣ ва густариши иттилоот ба вуҷуд меояд. Аудиторон, ки бо ин таҳлилҳо кор мекунанд, бояд қобилиятҳои нави техникӣ ва таҳлилӣ дошта бошанд, то таҳлили дарси амиқ ва идоракунии риски бо таклифҳои самаранокро пешниҳод намоянд.

Бо вусъати истифодаи технологияҳои рақамӣ, амнияти иттилоотӣ ва муҳофизат аз киберхатарҳо ба масъалаи муҳим ва фишорнок табдил меёбад. Аудиторон бояд иқтидор ва муҳитҳои техникии лозимаро барои муҳофизат аз киберхатарҳо ва дуздии маълумотҳо дошта бошанд, ки боиси баланд шудани эътимод ва пӯшида нигоҳ доштани маълумоти муҳими молиявӣ мегардад. [4. с.79]

Ба як мувозинати мунтазам ва глобалӣ расидан дар соҳаи аудит муҳим аст. Аудитории рақамӣ ва автоматизатсияшуда бояд бо стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ бошад, то дар натиҷа эътимод ба таҳлилҳо дар ҳамаи кишварҳо ва муҳитҳо баланд шавад. Ҳамин тавр, ташкилотҳо ба стандартҳои нави аудити рақамӣ ва қонунгузорӣ эҳтиёҷ доранд, ки барои ташкили аудитҳои самаранок ва дақиқ дар оянда кӯмак мекунанд.

Дар оянда, эҳтиёҷ ба кормандони баландихтисос ва мутахассисони навин барои амалӣ кардани талаботҳои технологӣ ва методологии аудит хеле меафзоянд. Кадрҳо бояд на танҳо малакаҳои анъанавии аудиториро, балки қобилиятҳои технологӣ ва таҳлили иттилоотиро низ ба даст оранд. Ҳамин тавр, гузариш аз бозомӯзии дастӣ ба омӯзиш ва истифодаи технологии рақамӣ муҳим аст.

Аудит дар оянда ба василаҳои аниматикӣ ва сабтҳои ғайримутобиқ (ӣlockchain) барои раванди шаффоф ва масъулиятпазир хоҳанд гузашт. Ҳар як амал дар раванди аудит хоҳад буд, ки ба корбар ва ташкилотҳо саодатмандӣ ва эътимод зиёдтар хоҳад кард.

**Адабиёт**


1. Аудит: Учебник 1 ред. М.В. Мельник. – М.: Экономист, 2005.
2. Аудит В.И. Подольский, А.А. Савин, Л. В. Сотникова. 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Юнити – Дане 2006..
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ”аз 22 июли соли 2013, № 993. – http://mmk.tj.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 июни соли 2011, № 749. - http://mmk.tj.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” аз 17 майи соли 2004, № 37. – http://mmk.tj.
6. Кодекси одоби касбии аудиторҳо. Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2001, № 69. – http://minfin.tj.
7. Каримов Б.Ҳ. Асосҳои баҳисобгирии муҳосибӣ. – Душанбе, 2016. – 220 с.
8. Каримов Б.Ҳ. Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ. Душанбе: Ирфон, 2013. – 213 с.
9. Саидов, Р. Н. рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирӣ, аудит, таҳлили иқтисодӣ ва омор дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ : Мачмуаи материалхои конферен-цияи илмию назариявии умуми-университетй муаллимон, хизматчиён, аспирантхо, докторантхо ва студентон, Душанбе, 21–26 апреля 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – P. 113-116. – EDN NDMIHP.
10. Саидов, Р. Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 110-119. – EDN TAAOGJ.

## ТАШАККУЛИ ИҚТИДОРИ АНДОЗӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (ДАР МИСОЛИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН)

**Баротов Амирхон Холмирзоевич** - ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, Телефон: 918-35-55-73. E-mail: amirkhon.barotov@mail.ru

Дар низоми ташаккул иҷтимоию иқтисодӣ ва шароити муносибатҳои бозаргонӣ шакли низоми андозбандиро мегиранд. Масалан, дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон иқтидори захиравӣ ва маъмурии ҳар як зерсохтори он дар асоси риояи принсипҳои идоракунӣ ба амал омада, ҳамчун шарти рушди иқтисоди миллӣ хизматрасониҳои рақамӣ ва электронӣ баромад мекунад. Дар ин самт, роҳандозии чорабиниҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва рақамикунонии равандҳои фаъолияти иқтисодии минтақаро талаб мекунад.

**Калидвожаҳо:** иқтидори андоз, хизматрасониҳои рақамӣ, даромадҳои андоз, Унсури иқтисодӣ, субъектҳои хоҷагидор, иқтисодии минтақа, буҷети минтақа, манбаи андозбандӣ.

## ФОРМИРОВАНИЕ НАЛОГОВОГО ПОТЕНЦИАЛА В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (НА ПРИМЕРЕ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ)

**Баротов Амирхан Холмирзоевич,** ассистент кафедры аудит и ревизия Государственного финансово-экономического университета Таджикистана. Адрес: 734067, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14, тел.: 918-35-55-73. E-mail: amirkhon.barotov@mail.ru

В системе общественно-экономической формации и условиях рыночных отношений система налогообложения приобретает форму системы. Например, в некоторых регионах республики, в том числе в Хатлонской области, ресурсный и административный потенциал каждой из ее инфраструктур реализуется на основе соблюдения принципов хозяйствования, а цифровые и электронные услуги выступают условием развития национальной экономики. Для этого необходима реализация мер экономического и правового характера, цифровизация процессов хозяйственной деятельности в регионе.

**Ключевые слова:** налоговый потенциал, цифровые услуги, налоговые поступления, экономическая составляющая, хозяйствующие субъекты, региональная экономика, региональный бюджет, источник налогообложения.

## FORMATION OF TAX CAPACITY IN THE CONDITIONS OF THE DIGITAL ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN (ON THE EXAMPLE OF KHATLON REGION)

**Barotov Amirkhon Kholmirzoevich** - Assistant Professor of the Audit and Revision Department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14, Phone: 918-35-55-73. E-mail: amirkhon.barotov@mail.ru

In the system of socio-economic formation and conditions of market relations, the taxation system takes the form of a system. For example, in some regions of the republic, including Khatlon region, the resource and administrative potential of each of its infrastructures is realized on the basis of compliance with the principles of management, and digital and electronic services act as a condition for the development of the national economy. This requires the implementation of economic and legal measures and the digitalization of the processes of economic activity in the region.

**Keywords:** tax capacity, digital services, tax revenues, economic element, economic entities, regional economy, regional budget, source of taxation.

Муносибатҳои андозӣ дар низоми иҷтимоию иқтисодӣ ва шароити муносибатҳои бозаргонӣ шакли низоми андозбандиро мегиранд. Масалан, дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон иқтидори захиравӣ ва маъмурии ҳар як зерсохтори он дар асоси риояи принсипҳои идоракунӣ ба амал омада, ҳамчун шарти рушди иқтисоди миллӣ баромад мекунад.

Тибқи назария ва амалияи андозбандӣ коркард ва татбиқи чорабиниҳо оид ба васеъ кардани иқтидори андозӣ хело муҳим мебошад. Чунки ташаккулёбии манбаи андоз ва пурраю сари вақт таъмин гардидани буҷети сатҳҳои гуногун маҳз ба ҳамин гуна амалҳо вобаста аст. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт корҳои зиёди ташкилию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва техникию рақамикунонӣ анҷом дода шуд, ки дар баробари беҳтарсозии низоми миллии андозбандӣ имкониятҳои васеи рушди минтақаро аз ҳисоби иқтидори андозӣ фароҳам оварданд. Аз таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам бармеояд, ки мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ дар ташаккул додани даромадҳо ва ғанигардонии буҷет мақоми таъсирбахш доранд. Вобаста ба ин, бо дарназардошти таҳкими ҳамкорӣ бо субъектҳои хоҷагидор, алалхусус, соҳибкорони маҳаллӣ шароити хуби танзими муносибатҳои иқтисодӣ ва суръатбахшии рушди иқтисоди миллӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он ба миён меояд. Аз ин ҳисоб, мақоми минтақаҳо хело назаррас буда, аз ҷумла рушди вилояти Хатлон заруратеро ба миён овардааст, ки бо татбиқи чорабиниҳои давлатӣ ҳаҷми даромадҳои андозиро афзоиш дода, иҷрои рушди вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақаро таъмин гардонад. Дар ин самт, ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии зерин барои таҳияи тадбирҳои барномарезишудаи рушди минтақа ва сафарбарсозии имкониятҳои иқтидори андозӣ хело назаррас мебошанд:

- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ”
- «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори ҲҶТ аз 30.12.2011;
- «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори ҲҶТ аз 30.12.2019;
- «Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025»;
- Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз 01.01.2022 мавриди амал қарор гирифтаст;
- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.

Новобаста аз ин барномаю Консепсияҳо то кунун якдигарфаҳмӣ ва муносибатҳо миёни мақомотҳои давлатӣ ва маҳаллӣ дар шакли лозима ба роҳ монда нашудааст, ки он боиси сатҳи пасти ҷамъоварии маблағҳои андозӣ ва маъмурикунонии он гардида, ба самаранокии макомоти андоз таъсири худро мерасонад.

Қайд кардан зарур аст, ки бахотири бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта дар Паём ба Маҷлиси Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид карданд: «Ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод менамоям, ки солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд” [3]. Илова бар ин, бо риояи талаботи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии бахши андозӣ, раванди пурра гузаштаи пардохтҳои андоз ба воситаи ғайринақдӣ, истифодаи усулҳои муосири иқтисодиёти рақамӣ ва хизматрасониҳои пешқадами электронӣ ба субъектҳои минтақаҳо, аз ҷумла соҳибкорони хурду миёна пешбинӣ гардидаст.

Амалигардонии тадбирҳои барномавии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа барои дарёфт ва сафарбар намудани имкониятҳои ташаккулёбии иқтидори андозӣ дар вилояти Хатлон аз

такмили механизми молиявии иқтисодиёти минтақа ҷиҳати рушди иқтисодиёти минтақа вобаста аст. Дар ин самт истифодаи баҳисобгирии муҳосибӣ, рақамикунонӣ, идоракунии хизматрасониҳои қарзӣ, раванди банақшагирии иқтидори андозӣ ва даромаду хароҷоти буҷети минтақа фишангҳои муҳимми арзёбии иқтидори андозӣ маҳсуб меёбанд. Бо ин мақсад, ташкили корхонаҳои хурду миёна, афзоиши ҷойҳои корӣ, бештар гардонидани фаъолияти соҳибкории истеҳсолии хурду миёна заминаро барои афзоиши иқтидори андозии минтақаи Хатлон ва саҳмгузор шудани он дар татбиқи ҳадафҳои умумии стратегии кишвар ба вуҷуд меоранд. Дар робита ба ҷиҳатҳои ташкилию ҳуқуқӣ мутахассисон ва олимони кишвар ба имкониятҳои татбиқи амалии таъсири фишанги андозӣ бо сафарбарсозии иқтидори андозӣ ва бахшҳои воқеии иқтисодиёт таваҷҷуҳи махсус медиҳанд. Қайд кардан зарур аст, ки олимони ватанӣ аниқ муайян кардаанд, ки “иқтидори андозии минтақаро ҳамчун объекти идоракунӣ на танҳо аз мавқеи захиравӣ ва буҷетӣ, яъне дар натиҷаи муносибатҳои андозии субъектҳои минтақаҳо бо давлат, балки ҳамчун ченаки қобилияти минтақаи муайян барои сафарбар кардани даромадҳои андоз тавассути идоракунии самараноки андоз ва маъмурияти андоз фаҳмидан мумкин аст” [4, 25]. Ҳамчунин, ҷиҳати муҳимми масъалаи мазкур ин аст, ки сиёсати андозӣ бояд самаранок бошад, инчунин “ҳангоми баҳодиҳии иқтидори андозӣ ва муайян намудани гаронии андоз истифодаи дурусти сиёсати андоз мувофиқи мақсад мебошад. Аз ин рӯ, татбиқи дурусти сиёсати андоз ба давлат имкон медиҳад, ки гаронии андозро кам намуда, иқтидори андозсупории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба осонӣ муайян намоянд» [1, 25]. Ҳамин тавр, аз раванди пажуҳишҳо ва коркарди мутахассисон бармеояд, ки вазифаҳои ғанисозии буҷет ва танзими муносибатҳои иқтисодӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он, аз ҷумла вилояти Хатлон, ба ташаккули ҳамаҷонибаи иқтидори андозӣ ва истифодаи он алоқаманд аст.

**Расми 1.-** Низоми татбиқи тадбирҳои барномавии рушди минтақа оид ба ташаккулёбии иқтидори андозӣ

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар робита ба иқтидори иқтисодӣ, бисёре аз олимон ба ин назаранд, ки дар асоси қобилияти маҷмуии иқтисодиёт ҳаҷми истеҳсолот ва хизматрасонӣ аз ҳисоби сафарбар кардани имкониятҳои ҷойдошта дар минтақаҳо таъмин карда шавад. Ба фикри мо, нуқтаи назари М.Д. Дубова ҷолиби диққат аст, ки ӯ аз ҷумла моҳияти иқтидори иқтисодиро чунин шарҳ медиҳад: “Барои арзёбии имконоти тамоми хоҷагии халқ, аз ҷумла истеҳсолоти моддӣ ва соҳаи

ғайриистеҳсолӣ бо дарназардошти ҷузъҳои таркибии илмию техникӣ, иқтидори истеҳсолӣ ва соҳаи ғайриистеҳсолӣ” асос ёфтааст [2, 140]. Аз ин рӯ, зарур аст ки иқтидори андоз дар вилояти Хатлон бо дарназардошти рушди иқтисодии минтақа ва тавсеаи хизматрасониҳои рақамӣ ва электронӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор зиёд карда шавад.

Барои дар амал татбиқ кардани чорабиниҳои барномавӣ дар самти афзунгардонии иқтидори андозӣ роҳандозии амалиётҳои маҷмуӣ заруранд

Чӣ тавре аз расми мазкур мушоҳида мешавад, шартҳои асосии афзоиши иқтидори андозӣ аз роҳандозии чорабиниҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва рақамикунонии равандҳои фаъолияти иқтисодии минтақа вобаста аст. Чунки иқтидори иқтисодии минтақа ин заминаи ташаккулёбии иқтидори андозиро ба миён меорад.

1. Унсури иқтисодӣ. Дар ин зинаи чорабиниҳо иқтидори андозиро бо роҳи пеш гирифтани танзими салоҳиятноки истифодаи меъёрҳои андоз афзоиш додан мумкин аст.

2. Унсури ҳуқуқӣ. Фарогири маҷмуи чорабиниҳоест, ки дар асоси меъёрҳои худ бо истифода аз санадҳои қонунгузорӣ дар робита ба иқтидори андозӣ вобаста ба ҳолатҳои тағйирёбии муҳит татбиқ карда мешаванд.

3. Унсури рақамикунонӣ. Раванди рақамикунонӣ ва андозбандии хизматрасониҳои электронӣ қисми навбатии татбиқи чорабиниҳои барномавии тақвияти иқтидори андозӣ ба шумор меравад.

Барои амалигардонии ин тадбирҳо истифода аз фишангҳои низоми идоракунӣ, алалхусус, мониторинги унсурҳои овардашуда заминаи хуби тақвияти иқтидори андозии минтақа мегардад.

Дар айни ҳол, ташаккул ва фаъолгардонии иқтидори андоз дар бастагӣ аз адади андозсупорандагон, сохтори онҳо, мутобиқ будан ба шароити институтсионалии иқтисоди миллӣ муайян карда мешавад. Яъне иқтидори андозии минтақавӣ нишондиҳандаест, ки дар он маҷмуи иқтидори андозии корхонаҳо ва иқтидори андозии хонаводаҳо ифода меёбад. Ин дар навбати худ, фаъолнокии иқтисодии минтақаро муаян мекунад.

Аз маълумоти омории давраи таҳлил маълум мегардад, ки ҳиссаи баланди субъектҳои хоҷагидори фоидаовар, бешубҳа, ба ин маъност, ки ташаккулёбии иқтидори андозии минтақа дар ҳолати хуб қарор дорад. Аз нигоҳи мо, ба амал омадани заминаи боэътимод оид ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва уҳдадориҳои молиявии онҳо зарур мебошад. Эътимоднок ва шаффоф будани даромадҳо имкон фароҳам меоранд, ки манбаи андозбандии минтақа низ дастрас ва эътимоднок бошад. Дар ҳамбастагӣ бо афзоиши нисбатани адади субъектони хоҷагидори фоидабадастовар аз тариқи мутлақан зиёдшавии маблағи фоида, манобеи андоз аз фоида густариш ёфта, он дар афзоиши воридоти андози марбут ба буҷаи манотиқ ва ҷумҳурӣ сабаб хоҳад шуд. Ингуна вазъ дар ҳудуди манотиқ ифодагари фаъолнокии субъектони хоҷагидор ба шумор рафта, вобаста ба шохисҳои молиявӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор хоҳад гирифт.

**Ҷадвали 1 - Таҳлили иқтисодии субъектҳои хоҷагидори вилояти Хатлон дар солҳои 2018-2022**

| | Шумораи корхонаҳо дар низоми умумӣ, адад | | | | | Ҷамъи фоида, млн сомонӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 4519 | 4997 | 5122 | 4551 | 4852,5 | 7354,8 | 8380,9 | 8364,7 | 13055,2 | 20375,9 |
| Вилояти Хатлон | 797 | 922 | 864 | 822 | 855,5 | 223,2 | 452,1 | 409,1 | 522,7 | 1224,1 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳиссаи фаъолнокии иқтисодии вилояти Хатлон, % | 17,6 | 18,5 | 16,9 | 18,1 | 17,8 | 3,0 | 5,4 | 4,9 | 4,0 | 6,0 |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф аз рӯйи Ҳисоботи даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тибқи талаботи қонунҳои иқтисодӣ ташаккули даромадҳои умумӣ аз омилҳои миқдорӣ ва сифатӣ вобастагии зич доранд. Бинобар ин, таносуби ҷойдошта дар ҷадвали мазкур аз он дарак медиҳад, ки заминаҳои ташаккулёбии иқтидори андозӣ ҳаҷми пардохтҳо аз равандҳои рақамикунонӣ ва истифодаи техникаю технологияҳои нав ба миён меояд. Чунонки аз маълумоти таҳлилии ҷадвали мазкур бармеояд, фаъолнокии иқтисодии субъектҳои хоҷагидор дар сатҳи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон бо тариқи тафриқавӣ майли дигаргуншавиро гирифтаанд. Бо дарназардошти ташаккулёбии маълумоти муътамад ва шаффоф будани даромадҳои умумӣ маълум мегардад, ки манбаи андозбандии минтақа низ эътимоднок мебошад. Дар баробари ҷой доштани тамоили мусбати фаъолнокии иқтисодӣ дар тамоми ҷумҳурӣ, нишондиҳандаи мазкур дар сатҳи минтақавӣ аҳаммияти калон дошта, дараҷаи он дар вилояти Хатлон аз 17,6 то 17,8 банди фоизӣ тағйир ёфтааст, ки мавқеи вилоятро дар робита ба татбиқи сиёсати устувори минтақавӣ аз нигоҳи чорабиниҳои умумидавлатӣ ифода мекунад. Ҳамзамон, нишондиҳандаҳои молиявии ифодакунандаи фаъолнокии иқтисодӣ дар давраи таҳлилӣ аз 3 то 6%-ро ташкил додаанд. Афзоиши шумораи субъектҳои хоҷагидори фоидаовар ва бо тариқи мутлақ зиёд шудани маблағи фоидаи онҳо мантиқан гувоҳӣ аз он медиҳад, ки иқтидори молиявӣ аз ҳисоби воридшавии андозҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа майли устуворӣ дорад. Ҷиҳати дигаре, ки дар ҷараёни таҳлил ва омӯзиш маълум мегардад, ин тағйирёбии теъдоди субъектҳои хоҷагидор бо тариқи тафриқавӣ мебошад. Муқоиса нишон медиҳад, ки лаппишнокии теъдоди субъектҳои хоҷагидор дар вилояти Хатлон нисбатан бештар бошад ҳам, натиҷаи фоидаовар будани онҳо майли афзоиш дорад. Ин маънои онро дорад, ки фаъолнокии иқтисодии субъектҳои хоҷагидори вилоят нисбатан хубтар мебошад.

Мунтазам тақвият додани механизми танзими давлатии андоз аз таъсири маъмурикунонии андозҳо дар робита ба таҳқиқи санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, густариши равобити андозбандӣ ва рақамисозӣ бо дар назар доштани низомҳои андозбандӣ, имтиёзу сабукиҳо, фурсатҳои густариши баъдии субъектҳои хоҷагидорро таъмин менамоянд.

Мувофиқ ба низоми марбута, асилтарин шароити равнақдиҳии иқтидори андозӣ аз бакорандозии иқдомҳои иқтисодӣ-ҳуқуқӣ ва рақамисозии фарояндҳои амалкардҳои иқтисодии минтақа вобаста дошта, фурсати густариши иқтидори андозиро таъмин менамояд.

**Адабиёт**


1. Воҳидов, У.М. Усулҳои иқтисодӣ-математикӣ дар андозбандӣ: монография / У.М. Воҳидов. - Душанбе, 2022. – – С.65.

2. Дубова, М.Д. Экономика региона: учебное пособие /М.Д. Дубова. - Волгоград: ИПК «Царицын». 1997. -140 с.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 28.12.2024.

4. Саидмуродов, Л.Х. Налоговый потенциал региона и региональная система налогового администрирования: механизмы и инструменты управления: монография / Л.Х. Саидмуродов, В.Д. Сабуров. – Душанбе: Матбуоти Уротеппа, 2020. – С.25.

5. Саидов, Р. Н. асосҳои назариявию амалии молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). – P. 81-88. – EDN FTWEFX.

6. Саидов, Р. Н. Оценка факторов формирования уровня жизни населения в Республике Таджикистан / Р. Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 5. – С. 141-146. – EDN VAASMO.

## ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ВНУТРЕННЕГО АУДИТА В ГОСУДАРСТВЕННОМ СЕКТОРЕ

**Саидов Раджабали Назифович**-кандидат экономических наук, доцент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

**Маджидзода Шохмурод Холмурод -** докторант доктора философии (PhD) - доктор по специальности 6D050800-Учета и аудита кафедры бухгалтерского учета факультета учет и цифровая экономика Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: 93-104-80-00; E-mail: sh.majidzoda@moliya.tj

В статье рассматриваются пути совершенствования внутреннего аудита в государственном секторе. Автор отмечает, что приоритетными направлениями совершенствования внутреннего аудита являются соблюдение нормативных правовых актов отрасли, применение стандартов аудита и постоянное повышение профессионализма внутренних аудиторов.

**Ключевые слова:** внутренний аудит, эффективность, бюджетные средства, государственный сектор, контроль, отчетность, стандарты аудита.

## РОҲҲОИ ТАКМИЛДИҲИИ АУДИТИ ДОХИЛӢ ДАР БАХШИ ДАВЛАТӢ

**Саидов Раҷабали Назифович**-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

**Маҷидзода Шоҳмурод Холмурод**-докторанти доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибии факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: 93-104-80-00; E-mail: sh.majidzoda@moliya.tj

Мақола роҳҳои такмили аудити дохилиро дар бахши давлатӣ фаро мегирад. Муаллиф қайд менамояд, ки роҳҳои афзалиятноки такмили аудити дохилӣ риояи санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии соҳа, истифодаи стандартҳои фаъолияти аудиторӣ ва пайваста баланд бардоштани сатҳи касбияти аудиторони дохилӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** аудити дохилӣ, самаранокӣ, воситаҳои буҷетӣ, бахши давлатӣ, назорат, ҳисобот, стандартҳои фаъолияти аудиторӣ.

## WAYS TO IMPROVE INTERNAL AUDIT IN THE PUBLIC SECTOR

**Saidov Radjabali Nazifovich** - candidate of economic sciences, associate professor of the audit and revision department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

**Majidzoda Shokhmurod Kholmurod** - PhD candidate - doctor in the specialty 6D050800-Accounting and auditing of the accounting department of the faculty of accounting and digital economy of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: 93-104-80-00; E-mail: sh.majidzoda@moliya.tj

The article examines ways to improve internal audit in the public sector. The author notes that the priority areas for improving internal audit are compliance with regulatory legal acts of the industry, the application of audit standards and the continuous improvement of the professionalism of internal auditors.

**Key words:** internal audit, efficiency, budget funds, public sector, control, reporting, audit standards

На сегодня возникла острая необходимость существенного повышения эффективности использования бюджетных средств, качества и действенности систем внутреннего финансового контроля и внутреннего финансового аудита. Системы внутреннего финансового контроля и аудита в органах государственной власти присутствуют, но исполнители неверно позиционируют термин «внутренний финансовый контроль» как контрольно-надзорную деятельность внутри органа власти за подведомственными органами и учреждениями.

Внутренний финансовый контроль-это одна из частей системы финансового менеджмента. В соответствии с Лимской декларацией руководящих принципов аудита государственных финансов государственный финансовый контроль-деятельность по своевременному выявлению отклонений от принятых стандартов, нарушений принципов эффективности, законности, результативности и экономности управления финансовыми ресурсами с целью внесения корректив, усиления ответственности уполномоченных лиц, возмещению ущерба, созданию помех и усложнению повторения нарушений в дальнейшем.

В соответствии с международной практикой систему необходимо рассматривать как непрерывный процесс внутри органа исполнительной власти, направленный на:

а) соблюдение установленных процедур составления и исполнения бюджета;

б) соблюдение установленных процедур составления бюджетной отчетности и ведения бюджетного учета (обеспечение достоверности бюджетной отчетности);

в) подготовку и реализацию мер по повышению экономности и результативности использования бюджетных средств.

Несмотря на различие мнений представителей субъектов контроля и аудита, сходятся они в одном в настоящее время требуют организационных решений ряд процедурных и методологических вопросов, необходимых для обеспечения эффективности созданных систем и механизм внутреннего финансового контроля и финансового аудита.

Указанные механизмы необходимо внедрять с целью повышения качества управления финансовыми ресурсами, создания прозрачной эффективной системы финансового менеджмента, однако формализованной связи между оценкой качества финансового менеджмента и системой внутреннего финансового контроля и внутреннего аудита на сегодня не существует. Следовательно, на практике указанные процедуры воспринимаются как отдельные функции, слабо встроенные в управленческий процесс и систему внутреннего контроля организации государственного сектора.

Совершенствование указанной системы необходимо проводить в несколько этапов.

**Первый этап** это включение элементов системы управления бюджетными рисками.

Правила осуществления внутреннего финансового контроля предусматривают необходимость формирования карт внутреннего финансового контроля, в них указываются операции, возникающие из соответствующей бюджетной процедуры, периодичность их выполнения, ответственные за их выполнение должностные лица, методы контроля, контрольные действия за их выполнением.

На сегодня нет четких критериев выбора операций и характеристик контрольных действий для их занесения в карту. В связи с этим многие рассматривают карту как дополнительный документ, отражающий ход выполнения внутренней бюджетной процедуры, уже предопределенный в локальных актах соответствующих главных администраторов и администраторов бюджетных средств.

При этом возникает ключевой вопрос о необходимости описания в карте применяемых методов самоконтроля, контроля по подчиненности при условии, что в должностных регламентах и положениях о структурных подразделениях уже закреплена ответственность руководителей и их подчиненных за правильность и своевременность выполнения операций, находящихся в их компетенции. При разрешении вопроса по исключению вышеуказанного дублирования в целях формирования эффективного дизайна системы контроля и аудита, а также соответствующих изменений нормативной правовой базы необходимо учитывать международную концепцию внутреннего контроля COSO [3, с. 14]. Применительно к информационной сфере организации концепция Комитета COSO развивается рядом таких стандартов, как COЙIT и ITIL. Базовые решения методологии ITIL закреплены отдельными международными стандартами менеджмента услуг информационных технологий в организации из соответствующего семейства стандартов менеджмента ISO/IEC 20000 [4].

Основой указанной концепции является выявление и оценка бюджетных рисков – возможных событий, негативно влияющих на выполнение бюджетных процедур, по следующим направлениям: вероятность наступления и последствия его реализации.

При оценке вероятности рассматриваются условия возникновения негативного события – как в целях определения степени вероятности, так и в целях определения мер по смягчению соответствующих причин и условий. Степень влияния риска определяется исходя из того, приведет ли рассматриваемое негативное событие к грубому нарушению в финансово-бюджетной сфере или нет.

По результатам оценки бюджетных рисков прежде всего необходимо определить рискоемкие операции для включения в карту и характер контрольных действий, необходимых для своевременного пресечения реализации существенных рисков. При таком подходе наиболее эффективными являются автоматические контрольные действия, проводимые с применением информационных систем, обеспечивающих осуществление внутренних бюджетных процедур, с автоматическим занесением данных о нарушениях (ошибках) и их исправлении в журнал (регистр) результатов контрольных действий.

Важнейшим источником для работы с рисками при формировании карт должна стать информация о результатах контрольных и аналитических мероприятий органов государственного финансового контроля, результатах проведения мониторинга качества финансового менеджмента, поступающая главному администратору бюджетных средств на регулярной основе, а также результатах внутреннего аудита.

**Второй этап** – гармонизация системы внутреннего контроля с системой управления бюджетными рисками главного администратора бюджетных средств, трансформация в систему повышения качества финансового менеджмента.

На данной стадии внутренний финансовый контроль должен стать целостной системой управления бюджетными рисками. Это означает не только реализацию проверок за исполнением операций на основе оценки рисков, но и устранение причин реализации рисков, приводящих к нарушениям, не достижению установленных значений показателей качества финансового менеджмента.

При этом такая работа должна проводиться по уровням подчиненности – на уровне руководства главного администратора бюджетных средств, на уровне руководителей подразделений и на уровне рядовых работников подразделений главного администратора бюджетных средств. В результате для каждого значимого бюджетного риска определяются меры по ликвидации причин его возникновения.

К таким мерам можно отнести:

- уточнение регламентов выполнения отдельных процедур;

- уточнение мер по контролю в отношении процедур, выполняемых в рамках финансового менеджмента;

- проведение организационно-штатных мероприятий;

- повышение квалификации сотрудников, выполняющих операции, которым сопутствуют риски, подлежащие минимизации;

- перераспределение обязанностей внутри структурного подразделения, деятельность которого сопряжена с рисками, подлежащими минимизации;

- закупка и введение в эксплуатацию оборудования, средств автоматизации, программного обеспечения, иных материальных и нематериальных активов, необходимых для минимизации риска;

- организация и проведение мониторинга изменений бюджетного законодательства в целях своевременного доведения до ответственных сотрудников исчерпывающей информации, необходимой для правильного проведения операций;

- иные меры, выполнение которых может привести к минимизации рисков.

Мы должны получить эффективную взаимосвязь между системами внутреннего контроля, оценки качества финансового менеджмента и системой государственного финансового контроля. При этом большая часть нарушений и недостатков в финансово-бюджетной сфере должна определяться и устраняться внутри ведомства в результате работы внутреннего аудитора.

Завершающим и логичным шагом станет распространение сферы внутреннего финансового контроля на все учреждения сектора государственного управления.

Функция внутреннего финансового аудита, осуществляемая в целях оценки надежности системы внутреннего финансового контроля, подтверждения достоверности бюджетной отчетности и формирования предложений по повышению экономности и результативности использования бюджетных средств находится на этапе своего становления.

В соответствии с международными стандартами внутреннего контроля в государственном секторе структурное подразделение, осуществляющее внутренний аудит, должно обладать независимостью и отчитываться о результатах оценки качества средств внутреннего контроля и управления рисками напрямую руководству организации. При этом аудит финансово-хозяйственной деятельности (аудит финансовой отчетности) является одним из направлений внутреннего аудита. В связи с этим внутренний финансовый аудит следует рассматривать как транзитивную форму к внутреннему аудиту в организациях сектора государственного управления.

Соответственно, внутренний финансовый аудит целесообразно определить в качестве деятельности по предоставлению независимой и объективной информации о состоянии качества системы управления бюджетными средствами.

Следующей задачей является обеспечение функциональной независимости подразделений внутреннего финансового аудита и организация обучения внутренних аудиторов.

Также программы обучения специалистов в области внутреннего финансового аудита и их реализация должны дать им четкое понимание положений стандартов и методик по внутреннему финансовому аудиту, особенно в части проведения оценки надежности внутреннего финансового

контроля, понимание принципиальных отличий функции внутреннего финансового аудита от любой контрольно-ревизионной функции.

Другой важной задачей по усилению функции внутреннего финансового аудита является выработка подходов к проведению внутреннего аудита достоверности бюджетной отчетности ведомства и их закрепление в правовом поле.

В связи с тем, что сплошная проверка показателей бюджетной отчетности практически нереализуема в связи с ограниченностью материальных и трудовых ресурсов и в принципе нерациональна, аудит отчетности должен проводиться с применением риск-ориентированных методов, предполагающих выявление и оценку рисков существенного искажения бюджетной отчетности, использование данной оценки для определения характера, сроков проведения и объема аудиторских процедур. Проведение внутренними аудиторами качественной проверки бюджетной отчетности с применением рискориентированных методов до ее представления внешним пользователям позволит обеспечить ее достоверность и в итоге значительно снизит риски существенных искажений отчетности об исполнении соответствующих бюджетов.

Полная реализация перечисленных задач по усилению функции внутреннего финансового аудита позволит постепенно перейти к организации общего внутреннего аудита, в рамках осуществления которого должны решаться следующие задачи:

а) внутриведомственная оценка качества управления и контроля за процессами, обеспечивающими достижение показателей государственных программ;

б) анализ управленческих решений по финансовому обеспечению деятельности учреждения;

в) подтверждение достоверности бюджетной отчетности [5, с.137].

Следовательно, необходимо трансформировать систему внутреннего финансового контроля и внутреннего финансового аудита, определить их места и роли в системе финансового менеджмента. Для этого нужно создать определенные условия, необходимые для внедрения каждым органом государственной власти решений по проектированию системы внутреннего финансового контроля и внутреннего аудита, обеспечивающих реальное выполнение целей.

Реализация описанных выше мер по совершенствованию систем внутреннего финансового контроля и внутреннего финансового аудита превратит эти системы в действенный инструмент повышения эффективности бюджетных расходов.

**Литература**

1.Булыга Р. П. Классификация и стандартизация финансового контроля и аудита в Российской Федерации. Учет. Анализ. Аудит. 2017.-10-17.

2.Бычков С.С., Кокарев А. И., Лавров А. М. Развитие методологии и практики оценки качества финансового менеджмента.

3.Иванов Т. Н. Теоретические основы создания и функционирования системы внутреннего контроля // Журнал «Вестник профессиональных бухгалтеров».- 2011., №1 - С. 11 - 16.

4.Комаров В. Н. Взаимодействие системы внутреннего контроля и службы безопасности [Электронный ресурс] // Публикации, 2011. ҒҚL: http://daily.sec.қғ/pғӣlication.cfm?pid=26641

5.Мельник М. В. Международные стандарты ISSAI и INTOSAI GOV, структура, содержание и практика применения высшими органами финансового контроля. Бухгалтерский учет, аудит и статистика. 2012.-С.135-144.

6.Научно-исследовательский финансовый институт. Финансовый журнал. 2018.-С.9-25.

7.Пашков Р., Юденков Ю. Западная модель COSO в системе западных моделей внутреннего контроля и управления рисками. Бухгалтерия и банки. 2016.-С.34-60.

8.Саидов, Р. Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 110-119. –

EDN TAAOGJ.

9. Саидов, Р. Н. рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирӣ, аудит, таҳлили иқтисодӣ ва омор дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ : Мачмуаи материалхои конферен-цияи илмию назариявии умуми-университетӣ муаллимон, хизматчиён, аспирантхо, докторантхо ва студентон, Душанбе, 21–26 апреля 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – Р. 113-116. – EDN NDMIHP.

## НАҚШИ АУДИТИ РАҚАМӢ ДАР БАЛАНДБАРДОШТАНИ ШАФФОФИЯТИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

**Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич** – муаллими калони кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,к. Нахимов,64/4. (+992)93-535-30-05 E-mail: Fakhriddin0007@mail.ru

Мақолаи мазкур ба таҳлили нақши аудити рақамӣ дар баланд бардоштани сатҳи шаффофият дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ бахшида шудааст. Дар мақола моҳияти аудити рақамӣ, усулҳои татбиқи он ва имкониятҳои он дар назорату мониторинги равандҳои молиявӣ баррасӣ гардидаанд. Муаллиф афзалиятҳои асосии ин навъи аудитро, аз ҷумла таъмини мониторинги доимӣ, кам кардани хатогиҳои инсонӣ, таҳлили маълумоти калон ва баланд бардоштани эътимоди ҷонибҳои манфиатдорро зикр мекунад. Ҳамзамон, монеаҳо ва чолишҳои асосӣ дар ҷараёни татбиқи аудити рақамӣ, аз қабили масоили амнияти иттилоотӣ, ниёзи ҷиддӣ ба мутахассисони соҳа ва хароҷоти зиёд таҳлил шудаанд. Дар натиҷа, хулоса бароварда мешавад, ки аудити рақамӣ ҳамчун воситаи муассири таъмини шаффофият ва самаранокии фаъолияти бонкҳо хизмат карда, барои рушди устувори фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

**Калидвожаҳо:** аудит, аудити рақамӣ, рақамикунонӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, шаффофият, мониторинг, рушд, назорати дохилӣ.

## РОЛЬ ЦИФРОВОГО АУДИТА В ПОВЫШЕНИИ ПРОЗРАЧНОСТИ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ

**Абдулхайров Фахриддин Махмадшоевич** старший преподаватель кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/4. (+992) 93-535-30-05 E-mail: Fakhriddin0007@mail.ru

Данная статья посвящена анализу роли цифрового аудита в повышении уровня прозрачности деятельности коммерческих банков. В статье рассматривается сущность цифрового аудита, методы его проведения и его возможности в контроле и мониторинге финансовых процессов. Автор выделяет основные преимущества данного вида аудита, среди которых обеспечение непрерывного мониторинга, снижение человеческих ошибок, анализ больших данных и повышение доверия заинтересованных сторон. При этом анализируются основные препятствия и проблемы при внедрении цифрового аудита, такие как вопросы информационной безопасности, серьезная потребность в специалистах в данной области и высокие затраты. В результате делается вывод о том, что цифровой аудит служит эффективным инструментом обеспечения прозрачности и эффективности деятельности банков, создания благоприятных условий для устойчивого развития коммерческих банков.

**Ключевые слова:** аудит, цифровой аудит, цифровизация, коммерческие банки, прозрачность, мониторинг, развитие, внутренний контроль.

## THE ROLE OF DIGITAL AUDITING IN ENHANCING TRANSPARENCY IN COMMERCIAL BANKS

**Abdulkhairov Fakhriddin Mahmadshoevich -** senior teacher of the Department of Audit and Audit of the Tajik State University of Finance and Economic.Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov, 64/4. (+992) 93-535-30-05 E-mail: Fakhriddin0007@mail.ru

This article is devoted to the analysis of the role of digital audit in increasing the level of transparency in the activities of commercial banks. The article discusses the essence of digital audit, methods of its implementation and its capabilities in controlling and monitoring financial processes. The author highlights the main advantages of this type of audit, including ensuring continuous monitoring, reducing human errors, analyzing big data, and increasing the trust of stakeholders. At the same time, the main obstacles and challenges in the implementation of digital audit, such as information security issues, a serious need for specialists in the field, and high costs, are analyzed. As a result, it is concluded that digital audit serves as an effective tool for ensuring the transparency and efficiency of banks' activities, creating favorable conditions for the sustainable development of commercial banks.

**Key words:** audit, digital audit, digitization, commercial banks, transparency, monitoring, development, internal control.

Воқеъан дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва рақобати афзояндаи бозори молиявӣ, зарурати таъмин намудани шаффофият ва ҳисоботдиҳии фаъолият дар ташкилотҳои молиявӣ, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ, аҳамияти махсус касб мекунад. Яке аз абзорҳои муҳими расидан ба ин ҳадаф - аудити рақамӣ мебошад, ки дар солҳои охир ба як самти стратегӣ дар идоракунии хавфҳо ва таъмини устувории низоми бонкӣ табдил ёфтааст.

Аудити рақамӣ, ҳамчун шакли нав ва муосири назорат, имконият медиҳад, ки амалиётҳои молиявӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ таҳлил ва баҳогузорӣ шаванд. Ин раванд ба коҳиш додани хатогиҳои инсонӣ, баланд бардоштани суръат ва дақиқии таҳлил, инчунин, вокуниши фаврӣ ба хатарҳо ва амалҳои шубҳанок мусоидат мекунад [6].

Дар ин мақола, моҳият ва аҳамияти аудити рақамӣ, таъсири он ба шаффофияти фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин, чолишҳо ва имкониятҳои рушди он мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Мақсад аз таҳқиқ, нишон додани он аст, ки чӣ гуна татбиқи васеи аудити рақамӣ метавонад ба таҳкими эътимоди ҷомеа ба низоми бонкӣ ва беҳтар гардидани идоракунии дохилии бонкҳо мусоидат намояд.

Бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун яке аз муассисаҳои калидии низоми молиявӣ вазифадоранд, ки шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва самаранокии истифодаи захираҳои молияviro таъмин кунанд. Набудани назорати дуруст метавонад ба амалҳои коррупсионӣ, хатогиҳои молиявӣ ва нофаҳмиҳо байни саҳмдорон ва муштариён оварда расонад [5].

Бо суръати баланди рушди технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонии равандҳои молиявӣ, аудити анъанавӣ наметавонад ҷавобгӯи талаботи муосири идоракунии хавфҳо ва шаффофият бошад. Дар ин замина, аудити рақамӣ ҳамчун воситаи муассири назорат ва таъмини шаффофияти равандҳои молиявӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ аҳамияти махсус пайдо кардааст.

Аудити рақамӣ - ин як равандест, ки дар он воситаҳои рақамӣ, нармафзорҳои автоматиконидашуда ва таҳлили маълумоти калон (Big Data) барои баҳогузорӣ, мониторинг ва арзёбии амалиёти молиявӣ ва идоракунии хавфҳо истифода бурда мешаванд [1].

Дар раванди санҷиш аудити рақамӣ имконият медиҳад, ки:

- маълумотро дар вақти воқеӣ таҳлил кард;
- хатоҳо ва фаъолиятҳои шубҳанокро зудтар ошкор намуд;
- назоратро бе дахолати инсонӣ дар сатҳи доимӣ таъмин мекунад.

Чи тавре, ки аз алоқамандии мантиқии унсурҳои расмӣ 1 бар меояд, саҳми аудити рақамӣ дар баландбардоштани шаффофият дар бонкҳои тиҷоратӣ аз манфиат холи нест, чунки самаранокии фаъолияти шӯрои директорон, солимии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва мавқеи бонкҳоро байни саҳмдорон ва муштариён устувор месозад.

Хулоса, аудити рақамӣ яке аз механизмҳои муассир барои баландбардоштани сатҳи шаффофият ва ҳисоботдиҳии молиявӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад. Он на танҳо самаранокии назоратро афзоиш медиҳад, балки имконият медиҳад, ки бонкҳо дар муҳити рақобатии муосир фаъолият кунанд. Бо рафъи монеаҳои мавҷуда, татбиқи васеи аудити рақамӣ метавонад ба рушди устувори низоми бонкии кишвар такони ҷиддӣ диҳад.

Аудити рақамӣ метавонад воситаи муассири мубориза бо фасод, баланд бардоштани шаффофият ва эътимоди ҷомеа ба низоми бонкӣ гардад. Дар Тоҷикистон, ҳарчанд ки ин раванд ҳоло дар марҳалаи ибтидоӣ қарор дорад, вале бо сиёсати дуруст ва сармоягузории мувофиқ, метавонад ба як сутуни асосии самаранокии бонкҳо табдил ёбад.

**Расмӣ 1.-**Афзалиятҳои аудити рақамӣ дар баландбардоштани шаффофият дар бонкҳои тиҷоратӣ
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои [3,4,5].

Аз таҳлили омӯзиши маълумоти бадастовардашуда ба мо муяссар шуд, то самтҳои асосии афзалиятҳои аудити рақамӣ дар баландбардоштани шаффофият дар бонкҳои тиҷоратии кишвар пешниҳод намоем.

Рақамикунонии пурраи раванди аудити дохилӣ, бонкҳо бояд равандҳои аудити дохилиро бо истифода аз нармафзорҳои аудити рақамӣ (мисли ACL, IDEA ё AuditBoard) автоматикӣ гардонанд.

Ҷорӣ намудани платформаи ягонаи рақамӣ барои ҳисоботдиҳӣ сохтани системае, ки ҳамаи бахшҳои бонк аз он истифода мебаранд, шаффофият ва ҳамоҳангии маълумотро таъмин мекунад.

Мониторинги пайвастаи амалиётҳои бонкӣ (real-time audit) бо истифода аз системаҳое, ки амалиётҳоро дар вақти воқеӣ назорат мекунанд, шубҳаҳоро зуд ошкор кардан мумкин аст.

Омӯзонидани кормандони аудити дохилӣ дар самти IT ва рақамикунонӣ, таъмини курсҳо ва сертификатҳои байналмилалӣ (мисли CISA – Certified Information Systems Auditor) барои кормандони аудити дохилӣ.

Ҷалби мутахассисони соҳаи рақамӣ ва Big Data барои таҳлили маълумоти калони бонкӣ (big data analysis) ва муайян кардани хатарҳои эҳтимолӣ.

Ҳамкорӣ бо Бонки Миллӣ ва ниҳодҳои назоратӣ, барои мубодилаи таҷриба ва таҳияи стандартҳои умумӣ дар соҳаи аудити рақамии бонкӣ.

Бонкҳо бояд ба сармоягузорӣ дар рақамикунонии раванди аудити дохилӣ аҳамият диҳанд.

Аудити рақамӣ бояд ҳамчун як стратегияи дарозмуддат барои баланд бардоштани шаффофият ва эътимоди ҷомеа ба бонкҳо амалӣ гардад. Барои ин, якҷояшавии технология, қонунгузорӣ, мутахассисони омӯхта ва иродаи роҳбарият лозим аст. Аудити рақамӣ на танҳо як воситаи назоратӣ, балки як системаи стратегии баландбардории эътимод ва шаффофият дар бонк мебошад.

**Адабиёт**


1. EY Blockchain Analyzer: Explorer & Visualizer [Электронный ресурс] –Режим доступа: https://www.ey.com/en_gl/blockchai platforms/explorer-visualizer (дата обращения: 18.05.2021).
2. Бровкина Н. Д. Дистанционный аудит: инновации коммуникаций // Аудит и финансовый анализ № 6. – 2014. – С. 434–437
3. Королева Л. А. Цифровые технологии в учете, отчетности и аудите: учебное пособие 2024 стр 61.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикстон дар бораи “Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аз 22.06.2023 №1977.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикстон дар бораи “Фаъолияти бонкӣ”, 19 майи соли 2009, № 524
6. Якимова В. А. Возможности и перспективы использования цифровых технологий в аудиторской деятельности // Вестник СПбГУ. Экономика. 2020. Т.36, №2. С. 287–318.
7. Саидов, Р. Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 110-119. – EDN TAAOGJ.
8. Саидов, Р. Н. рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирӣ, аудит, таҳлили иқтисодӣ ва омор дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ : Маҷмуаи маводҳои конферен-цияи илмию назариявии умуми-университетӣ муаллимон, хизматчиён, аспирантхо, докторантхо ва студентон, Душанбе, 21–26 апреля 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – P. 113-116. – EDN NDMIHP.

## НАҚШИ АУДИТИ ДАВЛАТӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ СОҲАҲОИ БУҶЕТӢ

**Саёраева Рухшона Шайховна** – ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: 206-60-31-31; E-mail: sayoraeva87@mail.ru

Дар шароити рушди иқтисоди миллӣ ва такмили идоракунии давлатӣ, яке аз воситаҳои муҳими таъминкунандаи шаффофият ва самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ аудити давлатӣ ба шумор меравад. Аудити давлатӣ на танҳо воситаи назорат, балки яке аз унсурҳои муҳими идоракунии молиявӣ дар соҳаҳои буҷетӣ мебошад, ки барои баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷетӣ, ошкор кардани камбудиҳо ва пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ нақши калидӣ мебозад.

**Калидвожаҳо:** аудити давлатӣ, аудити натиҷаҳои молиявӣ, аудити берунии мустақил, сарфанокӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ,аудити самаранокӣ, истифодабарии ғайримақсаднок, назорати молиявӣ.

## РОЛЬ ГОСУДАРСТВЕННОГО АУДИТА В СИСТЕМЕ УПРАВЛЕНИЯ БЮДЖЕТНОЙ СФЕРОЙ

**Саёраева Рухшона Шайховна** – ассистент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: 206-60-31-31; E-mail: sayoraeva87@mail.ru

В контексте развития национальной экономики и совершенствования государственного управления государственный аудит является одним из важных инструментов обеспечения прозрачности и эффективности использования государственных средств. Государственный аудит является не только инструментом контроля, но и одним из важных элементов финансового управления в бюджетной сфере, играющим ключевую роль в повышении эффективности бюджетных расходов, выявлении недостатков и предупреждении коррупции.

**Ключевые слова:** государственный аудит, аудит финансовых результатов, независимый внешний аудит, экономика, бухгалтерский учет, аудит эффективности, злоупотребление, финансовый контроль.

## THE ROLE OF STATE AUDIT IN THE BUDGETARY SPHERE MANAGEMENT SYSTEM

**Sayoraeva Rukhshona Shaykhovna** – assistant of the audit and revision department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov str., 64/14. Phone: 206-60-31-31; E-mail: sayoraeva87@mail.ru

In the context of the development of the national economy and the improvement of public administration, state audit is one of the important tools for ensuring transparency and efficiency in the use of public funds. State audit is not only a control tool, but also one of the important elements of financial management in the budgetary sphere, playing a key role in increasing the efficiency of budget expenditures, identifying shortcomings and preventing corruption.

**Key words:** government audit, financial results audit, independent external audit, economics, accounting, performance audit, abuse, financial control.

Аудити давлатӣ яке аз василаҳои муҳим дар таъмини шаффофият, самаранокӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар идоракунии молияи давлатӣ мебошад. Дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ ва баланд бардоштани талабот ба самаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ, нақши аудити давлатӣ дар таҳкими назорат ва такмили фаъолияти мақомоти давлатӣ бештар эҳсос мегардад.

Аудити давлатӣ маҷмӯи чорабиниҳоест, ки аз ҷониби мақомот ва сохторҳои ваколатдори назоратӣ бо мақсади таҳлили истифодаи мақсаднок, қонунӣ ва самараноки маблағҳои буҷетӣ амалӣ мегардад. Он на танҳо санҷиши риояи меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, балки самаранокӣ ва натиҷабахшии барномаҳои давлатӣ низ мавриди таҳлил қарор мегирад.

Амнияти миллӣ, самаранокии иқтисодиёти бозаргонӣ ва давлати демократии ноком, ки ба таври хеле мураккаб ва баҳснок сурат мегирад.

Яке аз сабабхое, ки таъмин карда натавонистани устувории иқтисодии давлат ва ҷамъият - ин номутаносибӣ ва ноустувории системаи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин вазъият ташкили системаи таъмини қонунгузорӣ ва меъёрии амнияти буҷетиро ташкил ва муайян мекунад. Аҳамияти масъалаҳои баррасишаванда инчунин аз он иборат аст, ки устуворӣ ва мувозинати низоми буҷетӣ амнияти миллии давлатро тавсиф мекунад.

Санҷиши давлатӣ маҷмӯи тадбирҳо, шаклҳо ва усулҳои ҳифзи манфиатҳои молиявию иқтисодии давлат дар доираи сиёсати буҷетӣ ва андоз мебошад. Дар сатҳи макро ин қобилияти давлат барои вокуниши муассир ба амалҳои манфии молиявии дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Амнияти буҷет хусусияти низоми молиявии давлат мебошад, ки фаъолияти он ба таъмини рушди мутавозини иқтисодии бахшҳои гуногуни иқтисоди миллӣ нигаронида шуда, ба таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ тобовар аст.[1] Муассисаҳои давлатӣ вазифадоранд, ки низоми ҳифзи манфиатҳои иқтисодии миллиро ташкил намуда, ба таъсири таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба рушди иқтисодии давлат муқобилат намоянд. Вобаста ба ин, пеш аз ҳама, заминаи дахлдори меъёрии ҳуқуқиро таҳия кардан зарур аст, ки дар он бояд таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ, инчунин меъёрҳое муайян карда шаванд, ки тавассути онҳо амали иштирокчиёни раванди буҷет метавонад ҳамчун зарар ба амнияти буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шавад.

Иҷрои ин меъёрҳоро Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад назорат кунад, ки он қодир ба арзёбии риояи ин меъёрҳо ва омода намудани ҳисоботи дахлдор ба Маҷлиси Намояндагони Маҷличи олии Ҷумҳурии Тоқиқистон, инчунин паҳн намудани ин маълумотро дар байни аҳолӣ дорад. Комилан равшан аст, ки Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои кофӣ буда, метавонад ба таври доимӣ сиёсати молиявию буҷетӣ ва фаъолияти иқтисодии субъектҳоро бо мақсади пешгирӣ ва пешгирии ҳолатҳои бӯҳронӣ назорат намояд. Нақши асосии аудити давлатӣ дар идоракунии соҳаҳои буҷетӣ:

**1. Таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ** - аудити давлатӣ ба муайянсозии нуқсонҳо дар ҷараёни иҷрои буҷет мусоидат намуда, имконият фароҳам меорад, ки мақомоти дахлдор чораҳои зарурриро рӯи кор оранд.

**2. Пешгирии коррупсия ва сӯиистифода аз маблағҳои давлатӣ** - санҷишҳои мунтазами аудити давлатӣ имкон медиҳанд, ки ҳолатҳои истифодаи ғайриқонунии маблағҳои буҷетӣ пешгирӣ ё ошкор карда шаванд.

**3. Беҳтарсозии идоракунӣ ва банақшагирӣ** - маълумоти бадастомадаи аудитӣ метавонад ҳамчун асос барои таҳияи стратегияи нав дар самти истифодаи маблағҳо ва банақшагирии дурусти хароҷот хизмат намояд.

**3. Ҳавасмандгардонии муассисаҳо ба истифодаи самараноки захираҳо** - муассисаҳои буҷетӣ ба хотири гирифтани натиҷаи мусбати аудит, ба роҳ мондани ҳисоботи дақиқ ва истифодаи оқилонаи маблағҳо ҳавасманд мешаванд.

Таҳқиқи сарчашмаҳои илмӣ ва маводи таълимӣ нишон дод, ки оид ба фаҳмиши назоратии давлатии молиявӣ нуқтаи назари муаллифон гуногун аст. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, навъҳои аудити давлатӣ ва вазифаҳои онҳоро дар ҷадвал пешниҳод намудем. (ниг. ба расми 1).

**Ҷадвали 1.- Навъҳои аудити давлатӣ ва вазифаҳои онҳо**

| № | Навъи аудит | Вазифаҳои асосӣ | Самтҳои татбиқ |
|---|---|---|---|
| 1. | Аудити мувофиқат | Санҷиши риояи қонунгузорӣ дар истифодаи маблағҳо | Мақомоти давлатӣ, муассисаҳои буҷетӣ |
| 2. | Аудити молиявӣ | Арзёбии дурустии ҳисоботи молиявӣ | Вазоратҳо, идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ |
| 3. | Аудити самаранокӣ | Таҳлили натиҷабахшӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо | Барномаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сармоягузорӣ |

**Сарчашма:** Муаллиф дар асоси адабиёти 2 таҳия кардааст.

Матни дар расми 1 ба низом даровардашуда нишон медиҳад, ки навъҳои аудити давлатӣ ва вазифаҳои онҳо ба муқарраоти санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ, ки мазмуни аудити давлатии молиявро муайян кардаанд наздик мебошанд ва тафсири онҳо низ шуда метавонанд. Бинобар ин, таърифҳои муаллифони сатҳи назария ва амалияи соҳа қобили қабул мебошанд.

Методологияи санҷишҳои Палатаи ҳисоб ҷузъҳоеро дар бар мегиранд, ки асосҳои ташкил, баргузорӣ ва ҷамъбасту хулосабарории чорабиниҳои аудиториро фаро мегиранд.

Аз пайдарпайии мантиқии унсурҳои шакли кутоҳкардашудаи методологияи аудити Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мешавад, ки мақоми олии аудити берунаи мустақили давлатӣ дар асоси низоми комили чораҳои санҷишию назоратӣ ва таҳлилию ташхисӣ фаъолияти худро ба роҳ мемонад.

**Пешниҳодҳо барои беҳсозии нақши аудити давлатӣ дар идоракунии соҳаҳои буҷетӣ**

- Ташкили омӯзишҳои мунтазам барои кормандони сохторҳои аудити давлатӣ ва дохилӣ бо ҷалби мутахассисони байналмилалӣ;
- Ҷорӣ намудани курсҳои тахассусии магистрӣ/бакалаврӣ оид ба аудит, назорати молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ дар донишгоҳҳои кишвар;
- Баланд бардоштани маош ва ҳавасмандгардонии кадрҳои баландихтисос барои нигоҳ доштани сатҳи касбӣ.
- Рушди иқтидори инсонӣ ва касбии аудиторон
- Ташкили омӯзишҳои мунтазам барои кормандони сохторҳои аудити давлатӣ ва дохилӣ бо ҷалби мутахассисони байналмилалӣ;
- Ҷорӣ намудани курсҳои тахассусии магистрӣ/бакалаврӣ оид ба аудит, назорати молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ дар донишгоҳҳои кишвар;
- Баланд бардоштани маош ва ҳавасмандгардонии кадрҳои баландихтисос барои нигоҳ доштани сатҳи касбӣ.

**Адабиёт**


1. Бюджетная безопасность: производство, финансы, банки / Под ред. В.К. Сенчагова. – М.: Финстатин-форм, – 2007. – 487 с.
2. Albekov Z.A., Karepina O.I., Romanova, T.F. Organization of the system of state financial control in the Russian Federation: Theory and practice. - M .: Publishing and trading corporation "Dashkov i K", 2002. - 320 p.
3. Dasturamal oid ba tartibi guzaronidani sanjishhoi audiencii Palatai Ĕisobi ĉumnjurii Tajikiston az 31.01.2013 p., No. 3.1.
4. Саидов, Р. Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 110-119. – EDN TAAOGJ.

5. Саидов, Р. Н. рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирӣ, аудит, таҳлили иқтисодӣ ва омор дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ: Мачмуаи материалхои конферен-цияи илмию назариявии умумиуниверситетӣ муаллимон, хизматчиён, аспирантхо, докторантхо ва студентон, Душанбе, 21–26 апреля 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – P. 113-116. – EDN NDMIHP.

6. Konuni Jumhurii Tojikiston “Dar borai Palatai hisobi Jumhurii Tojikiston” az 22 yuni soli 2023, No. 1977. - http://mmk.tj

## ОШКОРКУНИИ ҲОЛАТҲОИ СОХТАКОРӢ ЗИМНИ АУДИТИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

**Диловаров Манучеҳр** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14.

Дар мақола ҳолатҳои сохтакорӣ зимни аудити ҳисоботи молиявӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки омилҳои асосии хавфи сохтакорӣ ин ҳолат ва шароитҳои ба вуҷуд овардани омилҳои моддӣ ва фишороварӣ мебошанд. Аз нигоҳи муҳаққиқ аудиторро зарур аст, ки бо мақсади ошкор ва бартараф намудани ҳолатҳои сохтакорӣ дар иттилооти ҳисоботи молиявӣ чорабиниҳои санҷишӣ – ташхисӣ ва таҳлилӣ – арзёбиро аз болои низоми ҳуҷҷатгузорӣ ва нархгузориҳои дороиҳо роҳандозӣ намояд.

**Калидвожаҳо:** аудит, таҳлил, арзёбӣ, далелҳои аудиторӣ, хавф, ҳисоботи молиявӣ, сохтакорӣ, стандартҳои байналмилалии аудит.

## ОБНАРУЖЕНИЕ МОШЕННИЧЕСТВА В ХОДЕ АУДИТА ФИНАНСОВОЙ ОТЧЕТНОСТИ

**Диловаров Манучехр** - кандидат филологических наук, доцент кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14.

В статье анализируются и изучаются случаи мошенничества при проведении аудита финансовой отчетности. Автор отмечает, что основными факторами риска мошенничества являются обстоятельства и условия возникновения существенных и принудительных факторов. С точки зрения исследователя, аудитору необходимо проводить проверочно-диагностические и аналитические мероприятия по оценке системы документации и активов с целью выявления и устранения случаев мошенничества в финансовой отчетности.

**Ключевые слова:** аудит, анализ, оценка, аудиторские доказательства, риск, финансовая отчетность, мошенничество, международные стандарты аудита.

## DETECTING FRAUD DURING AUDIT OF FINANCIAL STATEMENTS

**Dilovarov Manuchehr** - candidate of philological sciences, associate professor of the department of economic analysis and statistics of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14.

The article analyzes and studies cases of fraud during financial statement audit. The author notes that the main fraud risk factors are the circumstances and conditions of occurrence of material and coercive factors. From the researcher's point of view, the auditor must conduct verification, diagnostic and analytical activities to assess the documentation system and assets in order to identify and eliminate cases of fraud in financial statements.

**Key words:** audit, analysis, assessment, audit evidence, risk, financial statements, fraud, international auditing standards.

Воқеъан таҳрифгариҳо дар ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи сохтакорӣ ва дигар хатогиҳо ба миён омада, омили фарқкунандаи сохтакорӣ аз хатогӣ дар хусусияти қасдона ва ё бе қасди амалҳое, ки ба таҳрифгариҳои ҳисоботи молиявӣ боис гардидааст, ифода меёбад.

Мафҳуми сохтакорӣ мафҳуми васеи ҳуқуқӣ буда, тибқи стандартҳои байналмилалии аудит аз ҷониби аудитор амали сохтакорие, ки боиси таҳрифгариҳои ҷиддии ҳисоботи молиявӣ

гардидааст, баррасӣ карда мешавад. Ҳамчунин сохтакорӣ - амалҳои барқасдонаи аз ҷониби як ва ё чанд нафар шахсони роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ содиршуда ва ё тарафи сеюм, ки бо мақсади ба даст овардани афзалияти ғайриқонунӣ аломатҳои фиребгариро доро мебошад.

Омилҳои хавфи сохтакорӣ ин ҳолат ва шароитҳои ба ҷой доштани омилҳои моддӣ ва фишороварӣ далолаткунанда мебошанд, ки ба содир намудани амалҳои сохтакорӣ ва ё фароҳам овардани имконияти содир намудани он водор месозанд.

Аслан аудитор бо ду намуди таҳрифгариҳои қасдона дар ҳисоботи молиявӣ рӯ ба рӯ мешавад: а) таҳрифгариҳо бо роҳи сохтакорӣ; б) таҳрифгариҳо бо роҳи азонихудкунии ғайриқонунии дороиҳо. Бо назардошти гумон бурдани аудитор дар бораи ҳолатҳои сохтакорӣ ва ё ошкор намудани ҳолатҳои зикршуда, содир шудани ҳолати сохтакориро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ муқаррар карда наметавонад.

Масъулияти асосӣ ҷиҳати пешгирӣ ва ошкор намудани сохтакорӣ ба зиммаи роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ вогузор карда шудааст. Ба шахсони зикршуда зарур аст, ки вобаста ба пешгирӣ намудани ҳолатҳои сохтакорӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор мавқеи дурустро интихоб намуда, ин ҳолат метавонад эҳтимолияти рӯй додани сохтакориҳоро барҳам зада, бинобар эҳтимолияти ошкор шудан ва ба ҷавобгарӣ кашидан тафаккури кормандон дар ин самт дигаргун мегардад.

Чун қоида, аудитор тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии аудит, аудитро амалӣ намуда, барои ба даст овардани боварии қатӣ оиди ҷой надоштани таҳрифгариҳои ҷиддӣ дар ҳисоботи молиявӣ дар маҷмӯъ, ки ба ҳолатҳои сохтакорӣ алоқаманд аст, масъул мебошад.

Тавре дар стандарти байналмилалии аудит 200 нишон дода шудааст, оқибатҳои имконпазири маҳдудиятҳои дохилӣ (маҳдудиятҳои ҷудоинопазир) дар ҳолатҳои таҳрифгариҳои бо сохтакорӣ алоқаманд махсусан муҳим буда, дар ин маврид хавфи ошкор накардани таҳрифгариҳои ҷиддӣ нисбат ба хавфи таҳрифгариҳои ба дигар хатогиҳо алоқаманд баландар мебошад, чунки зимни амалҳои сохтакорӣ нақшаҳои мураккаби таҳрезӣ шуда, ба монанди барқасдона дар ҳисоботҳо нишон надодани амалиётҳо ва ё барқасдона пешниҳод шудани маълумотҳои таҳрифшуда ба аудитор аз ҷониби роҳбарияти субъект татбиқ карда мешавад.

Қобилияти аз ҷониби аудитор ошкор намудани сохтакориҳо ба омилҳои муайян, ба монанди маҳорати қоидавайронкунандаҳо, такрорёбӣ ва миқёси сохтакориҳо, дараҷаи забоняккунӣ, андозаи нисбии ҳаҷми маблағҳои сохтакорӣ мешуда ва даст доштани роҳбарияти субъект дар сохтакориҳо вобастагӣ дорад.

Гарчанде аудитор эҳтимолияти имконпазири сохтакориро муайян карда тавонад ҳам, муайян намудани ҳолати ҷой доштани ин ё он таҳрифгариҳо дар мулоҳизарониҳо, ба монанди баҳогузории ҳисобҳо, ки дар натиҷаи сохтакорӣ ва ё хатогиҳо руй додааст, мушкил мебошад.

Талаботҳои стандартҳои байналмилалии аудит бо мақсади мусоидат намудани аудитор дар самти муайян намудан ва арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддӣ, ки дар натиҷаи сохтакориҳо ба миён омадаанд ва таҳияи чорабиниҳо ҷиҳати ошкор намудани чунин таҳрифгариҳо таҳия гардидааст.

Тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии аудит (СБА 200) ба аудитор зарур аст, ки банақшагирӣ ва гузаронидани аудитро аз мавқеи шубҳаоварии касбӣ ба роҳ монда, имконияти ҷой доштани таҳрифкориҳои ҷиддии ба ҳолатҳои сохтакорӣ алоқамандро новобаста аз таҷрибаи қаблии аудитор вобаста ба поквиҷдонии роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ ба эътибор гирад.

Дар сурати муайян намудани ҳолатҳое, ки аудиторро ба хулоса намудани аслӣ набудани ҳуҷҷатҳо ва ё тағйир дода шудани маълумотҳои он водор месозад, аудитор санҷишро идома дода, дар ҳолати баръакс бошад метавонад қайдҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоро ҳамчун аслӣ эътироф намояд.

Ҳамчунин ба аудитор зарур аст, ки ба роҳбарияти субъект ва шахсони дорои ваколати роҳбарӣ ҷиҳати муайян намудани хабардорӣ ва ё гумон доштани онҳо дар бораи ҳама гуна ҳолатҳои сохтакории ба субъект алоқаманд дархос ирсол намояд. Аммо дар сурате, ки дар сохтори субъекти иқтисодӣ хадамоти аудити дохилӣ амал менамояд, онгоҳ ба аудитор лозим меояд, ки оиди муайян намудани ҳолатҳои ҷой доштани ҳолатҳои сохтакорӣ ва нуқтаи назари дахлдор ба хавфи сохтакорӣ ба хадамоти зикргардида дархост ирсол намояд.

Тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии аудит (СБА 315) ба аудитор зарур аст, ки хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар лаҳзаҳои ҳисоботи молиявӣ ва қабули қарорҳо оид ба дараҷаи амалиётҳо, бақияи ҳисобҳо ва дигар маълумотҳои молиявӣ муайян ва арзёбӣ карда шавад.

Ҳамин тавр, тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии аудит (СБА 330) ба аудитор лозим аст, ки ҳамчун амалҳои ҷавобӣ ба хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар зинаи ҳисоботи молиявӣ муносибати умумиро муайян намояд. Ҳангоми муайян намудани муносибати умумӣ дар ҷавоби хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқаманд дар зинаи ҳисоботи молиявӣ ба аудитор зарур аст, ки амалҳои зеринро роҳандозӣ намояд:

а) бо дарназардошти дониш, малака ва қобилияти кордонӣ ҳайати кормандонро, ки ҷиҳати иҷрои созишнома масъулияти бештар доранд, таъин намуда, фаъолияти онҳоро назорат карда, дар баробари ин арзёбии хавфи таҳрифгариҳои ҷиддии ба сохтакорӣ алоқамандро бо созишномаи мазкур таъмин намояд;

б) арзёбии интихоб ва татбиқи принсипҳои мушаххаси сиёсати баҳисобгирӣ аз ҷониби субъект, ки бо арзёбии субъективӣ ва аҳдҳои мураккаб алоқамандӣ дошта, боиси сохтакории даромадҳо гардидааст;

в) ба инобат гирифтани паҳлуҳои пешгӯинашаванда зимни интихоби хусусият, муҳлати иҷро ва миқёси чорабиниҳои аудиторӣ.

**Хулоса, аз нигоҳи мо,** новобаста аз арзёбии хавфи аз ҷониби роҳбарияти субъект мадди назар намудани воситаҳои назорат, ба аудитор зарур аст, ки чорабиниҳои аудиториро бо мақсадҳои зерин таҳия ва ба иҷро расонад:

а) хусусияти дахлдори китобҳои ба қайдгирии ҳисобҳо дар китоби асосӣ ифода ёфта ва дигар тасҳеҳотҳои дар рафти омода намудани ҳисоботи молиявӣ амалӣ гаштаро мавриди санҷиш қарор дода, ҳамчунин ба аудитор зарур аст:

- ба шахсони дар раванди пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ҷалб гардида вобаста ба амалҳои ғайриқонунӣ, ки ба коркарди китобҳои ба қайдгирии ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳотҳо алоқаманд аст, дархост иросол намояд;

- китобҳои ба қайдгири ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳетҳоро, ки дар анҷоми давраи ҳисоботӣ амалӣ карда шудааст, талаб карда гирад;

- зарурати санҷиши китобҳои ба қайдгирии ҳисобҳо ва дигар тасҳеҳотҳои дар тамоми тули давраи ҳисоботӣ гузаронидаро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

б) нархгузориҳои ҳисоббаробаркуниро ҷиҳати муайян намудани саҳеҳии он ва таъсири онро ба хавфи таҳрифгариҳои муҳими ба сохтакорӣ алоқаманд аз назар гузаронида, инчунин иҷрои амалҳои зеринро таъмин намудан зарур аст:

- арзёбии мулоҳиза ва қарорҳои қабулнамудаи роҳбарияти субъект зимни ташаккули нархгузориҳои ҳисоббаробаркунӣ ва муайян намудани муносибати ғаразноки роҳбарият, ки

метавонад ба хавфи таҳрифгариҳои мухими ба сохтакорӣ алоқаманд таъсир дошта бошад. Дар чунин ҳолат,ба аудитор зарур аст, ки дар маҷмӯъ ҳисоббаробаркуниҳоро аз нав нархгузорӣ намояд;

- аз нуқтаи назари аз нав дида баромадани мулоҳизаҳо ва мадди назаркуниҳои роҳбарияти субъектро вобаста ба нархгузориҳои ҳисоббаробаркуниҳои нисбатан муҳим, ки дар ҳисоботҳои молиявии соли гузашта ифода ёфтаанд, аз назар гузаронад.

в) вобаста ба амалиётҳои нисбатан муҳим, ки аз доираи фаъолияти муқаррарии хоҷагидорӣ берун мебароянд ва ё бо сабабҳои гуногун ғайримуқаррарӣ ба ҳисоб меравaнд, бо дарназардошти маълумотҳои ба даст овардаи аудитор оид ба субъект ва муҳити он ба аудитор зарур аст, ки асоснокии амалиётҳоро муайян намуда, эҳтимолияти бо мақсади сохтакорӣ намудани ҳисоботи молиявӣ ва ё рӯйпуш намудани азонихудкунии ғайриқонунии дороиҳо равона гардидани чунин амалиётҳоро муқаррар намояд.

**Адабиёт**

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ”, № 993 аз 22.07. 2013сол. http:www.mmk.tj

2.Жарилгасова Б.Т. Международные стандарты аудита: учебное пособие / Б.Т. Жарилгасова, А.Е. Суглобов. - 4-е изд., стер. - М.: КНОРУС, 2008. - 400 с.

3.Мадатова О.В. Влияние рынка финансовых услуг на развитие малого бизнеса / О.В. Мадатова. Центросоюз Рос. Федерации, Краснодар. кооп. ин-т (фил.) Белгор. ун-та потреб. кооп. - Краснодар, 2004. - 175 с.

4.Папова С.В. Международные стандарты аудита. Учебное пособие. – изд. с изм. – М: Экономика. 2015 – 165с.

5.Суглобов А.Е. Международные стандарты аудита в регулировании аудиторской деятельности / А.Е. Суглобов.- М.: Экономистъ, 2007. - 256 с.

6.Саидов, Р. Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 110-119. – EDN TAAOGJ.

7.Саидов, Р. Н. рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирӣ, аудит, таҳлили иқтисодӣ ва омор дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ: Мачмуаи материалхои конферен-цияи илмию назариявии умуми-университетӣ муаллимон, хизматчиён, аспирантхо, докторантхо ва студентон, Душанбе, 21–26 апреля 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – P. 113-116. – EDN NDMIHP.

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ АМАЛИИ АУДИТИ НАТИҶАҲОИ МОЛИЯВИИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич** – муаллими калони кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,к. Нахимов,64/4. (+992)93-535-30-05 E-mail: Fakhriddin0007@mail.ru

**Саёраева Рухшона Шайховна** – ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: 206-60-31-31; E-mail: sayoraeva87@mail.ru

Дар мақола ҷанбаҳои назариявии аудити натиҷаҳои молиявӣ, аз ҷумла стандартҳои байналмилалии аудит ва усулҳои таҳлили хавф, тавзеҳ дода мешавад. Дар ин бахш, аҳамияти риояи меъёрҳои байналмилалӣ ва истифодаи усулҳои муосири таҳлил барои муайян кардани хатари хатогӣ ва таъмини сифати баланди аудит таъкид мегардад. Бояд гуфт, ки аввалан, таърифи аслӣ ва мақсади аудити натиҷаҳои молиявӣ, ки арзёбии дурустии ҳисоботҳои молиявӣ ва таъмини эътимоднокии онҳо баррасӣ мешавад.

**Калидвожаҳо:** аудит, назария, амалия, ҳисоботҳои молиявӣ, стандарт, субъектҳои иқтисодӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ АУДИТА ФИНАНСОВЫХ РЕЗУЛЬТАТОВ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ХОЗЯЙСТВУЮЩИХ СУБЪЕКТОВ

**Абдулхайров Фахриддин Махмадшоевич** старший преподаватель кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/4. (+992) 93-535-30-05 E-mail: Fakhriddin0007@mail.ru

**Саёраева Рухшона Шайховна** – ассистент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: 206-60-31-31; E-mail: sayoraeva87@mail.ru

В статье излагаются теоретические аспекты аудита финансовых результатов, включая международные стандарты аудита и методы анализа рисков. В этом разделе подчеркивается важность соблюдения международных стандартов и использования современных аналитических методов для выявления риска ошибки и обеспечения высокого качества аудита. Следует отметить, что, прежде всего, обсуждаются изначальное определение и цель аудита финансовых результатов, заключающиеся в оценке точности финансовой отчетности и обеспечении ее надежности.

**Ключевые слова:** аудит, теория, практика, финансовая отчетность, стандарты, хозяйствующие субъекты.

## THEORETICAL AND PRACTICAL ASPECTS OF AUDIT OF FINANCIAL RESULTS OF BUSINESS ENTITIES

**Abdulkhairov Fakhriddin Mahmadshoevich -** senior teacher of the Department of Audit and revision of the Tajik State University of Finance and Economic.Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov, 64/4. (+992) 93-535-30-05 E-mail: Fakhriddin0007@mail.ru

**Sayoraeva Rukhshona Shaykhovna –** assistant of the audit and revision department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov str., 64/14. Phone: 206-60-31-31; E-mail: sayoraeva87@mail.ru

The article presents theoretical aspects of financial results audit, including international auditing standards and risk analysis methods. This section emphasizes the importance of compliance with international standards and the use of modern analytical methods to identify the risk of error and ensure high quality of audit. It should be noted that, first of all, the original definition and purpose of financial results audit are discussed, which consist in assessing the accuracy of financial statements and ensuring their reliability.

**Key words:** audit, theory, practice, financial statements, standards, business entities.

Аудити натиҷаҳои молиявӣ ҳамчун равандест, ки ташхис ва тасдиқи дақиқӣ, дурустӣ ва шаффофии ҳисоботи молиявиро дар назар дорад. Ин раванд аз рисолати назариявӣ (методология, чаҳорчӯбаҳои стандартӣ) ва амалии (усулҳои назоратӣ, санҷишӣ) иборат буда, ба соҳибкорон, сармоягузорон ва идоракунандагон эътимоди зарурирo ба ҳисоботи молиявӣ фароҳам меорад .

Аудит натиҷаи молиявӣ бояд ба эътимоднокӣ, самаранокии муҳосибот ва мутобиқат ба меъёрҳои байналхалқӣ ( IFRS / ISA) нигаронида шавад. Механизмҳои назорат бояд ҳисоботдиҳӣ баобаста ба даромадҳо, хароҷот ва фоидаҳоро равшан кунанд. Ҷанбаҳои назариявӣ дар кори аудит мақсади идоракунии риск ва бесамариро кам кардани он, коркарду таҳлили алгоритмҳо барои ҳисоб кардани фоида ва риояи меъёрҳои мушаххасро фароҳам меоранд[2].

Аудити натиҷаи молиявии корхона вазифаи муҳим ва аввалин дараҷае мебошад, ки тасдиқи шаффофӣ, дурустӣ ва эътимоднокии ҳисоботи молиявиро дар назар мегирад. Ин раванд, ки ҳадаф ба эътимодноксозии иттилоъ барои сармоягузорон, ташкилотҳо ва мақомоти назоратӣ дорад, аҳамияти назариявиву амалӣ дорад:

Методика ва тартиби аудити давраи ҷамъоварии фоида:

- аудитор бояд ҷараёни ҷамъоварии даромадҳо ва хароҷот, аз ҷумла категорияҳои оддӣ ва ғайриоддиро таҳлил кунад;
- диференсиализатсияи ҳисоб дар асоси байналмилалӣ ва қонунҳои миллиро санҷида, баробар кардани ҳисоботи бухгалтерӣ ва андозиро амалӣ мекунад;

Методҳои техникӣ ва санҷишӣ:

- идора кардани усулҳои стандартҳои байналмилалӣ дар аудит (ISA), ба таври амалӣ баҳогузорӣ ва қоидаҳои дохили ташкилотро риоя мекунад;
- барои шаффофият ва таъмини сифати аудит, санҷиш тавассути таҳлили документи дахлдор, ҷадвалҳои дохилӣ ва назорати дукутбӣ татбиқ мешавад .

Барои субъектҳои хурд ва миёна:

- аудити субъектҳои хурд ба ҳимояи манфиатҳои молиявӣ, истифодабарии фикру мулоҳизаҳои касбӣ (professional judgement) ва мувофиқати онҳо ба муҳити бозор тамаркуз мекунад [1].

Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии аудити натиҷаҳ
ои молиявӣ дар ташкилотҳо аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Технологияҳои муосир, ба монанди таҳлили маълумоти калон (big data), автоматизатсияи равандҳои муҳосибӣ ва истифодаи стандартҳои байналмилалии аудит, имконият медиҳанд, ки аудиторҳо натиҷаҳои молиявиро дар сатҳи баланд ва дар муҳити рақамӣ таҳлил намоянд [4] (нигаред ба ҷадҷали 1).

**Ҷадвали 1.-Ҷанбаҳои назариявию амалии аудити натиҷаҳои молиявӣ дар корхонаҳо**

| Ҷанбаи назариявӣ | Ҷанбаи амалӣ | Пешниҳодҳо |
|---|---|---|
| **Меъёрҳои байналмилалии аудит:** Истифодаи стандартҳои байналмилалии | Таҳлили оморӣ ва big data: Истифодаи таҳлили оморӣ ва маълумоти калон барои | Тибқи ISA/IFRS тартиби санҷишро таҳия кардан. |

| | | |
|---|---|---|
| аудит (ISA) барои таъмини сифати баланди аудит ва мутобиқат бо талаботи байналмилалӣ муҳим аст. | шеносоии тамоюлҳо ва хатогиҳо дар ҳисоботҳои молиявӣ. | |
| **Моделҳои таҳлили хавф:** Равишҳои таҳлили хавф, ба монанди таҳлили оморӣ ва моделҳои статистикӣ, барои муайян кардани хатари хатогӣ дар ҳисоботҳои молиявӣ истифода мешаванд. | **Автоматизатсияи равандҳо:** Истифодаи системаи ERP ва дигар воситаҳои автоматизатсия барои беҳтар кардани самаранокии равандҳои муҳосибӣ ва аудит. | Пайваст кардани аудити дохилӣ ва беруниро дар субъектҳои иқтисодӣ пурра ҷори кардан. |
| **Мустақилияти аудитор**: Мустақилияти аудитор дар муҳити рақамӣ бо истифодаи воситаҳои электронӣ ва платформаҳои онлайн таъмин карда мешавад. | **Аудити доимӣ:** Татбиқи аудит доимӣ бо истифодаи технологияҳои муосир барои назорат ва таҳлил дар вақти воқеӣ. | Барои субъектҳои хурд услуби ҳақиқӣ ва содда пешниҳод шавад. |

**Сарчашма:** Таҳия муаллифон.

Аз таҳлили ҷадвалӣ 1 бар меояд, ки дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, аудити натиҷаҳои молиявӣ дар корхонаҳо бо истифодаи стандартҳои байналмилалии аудит, моделҳои таҳлили хавф, таҳлили оморӣ, big data ва автоматизатсияи равандҳо ба самаранокии баланди назорат ва эътимоднокии ҳисоботҳои молиявӣ мусоидаткунанда мебошад.

**Ҳаминро бояд гуфт, ки** аудити натиҷаҳои молиявӣ дар субъектҳои иқтисодӣ на танҳо барои таъмини дурустии ҳисоботҳои молиявӣ, инчунин барои беҳтар кардани самаранокии фаъолияти молиявии корхонаҳо ва таъмини эътимоднокии сармоягузорони эҳтимолӣ аҳамияти калон дорад [2].

Аз маводҳо ва маълумотҳои ҷамъовардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки:

- Аудити натиҷаҳои молиявӣ бояд дар асоси стандартҳои байналмилалӣ ва механизми «risk-based» амалӣ гардад;
- Методиҳои санҷишӣ (тасдиқ, таҳлил, интихоб) барои гирифтани далелҳои боэътимод муҳиманд;
- Таҳаввулоти рақамӣ ба монанди аудити доими ва AI-айти аудит барои истеҳсоли назорати вақти воқеӣ ва ошкорсозии бетараф таъриф мешаванд;
- Такмили назорати дохилӣ ва мустақилияти аудитори берунӣ ба сифати аудит таъсири мусбат мерасонад.

**Адабиёт**

1. Комилов Ш., «Аудит» Душанбе 2002.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ", аз 25 марти соли 2011, №702
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ",№ 993 аз 22.07. 2013сол. http:www.mmk.tj;
4. Раҳимов С.Х. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, дастури таълимӣ (маҷмӯи лексияҳо), Душанбе, Ирфон-2011, 268с.
5. Уроқов Д.У., Раҳимов С.Х. ва диг. Аудит - Душанбе 2002.
6. Саидов, Р. Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 110-119. – EDN TAAOGJ.

7. Саидов, Р. Н. рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирӣ, аудит, таҳлили иқтисодӣ ва омор дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ: Маҷмуаи материалхои конферен-цияи илмию назариявии умуми-университетӣ муаллимон, хизматчиён, аспирантхо, докторантхо ва студентон, Душанбе, 21–26 апреля 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – P. 113-116. – EDN NDMIHP.

## АУДИТ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

**Ҳоҷиева Шаҳодатхон Абдураҳмоновна -** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит. Суроға: 734055, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: (+992) 787-35-20-20

**Раҳмонов Аюб Раҷабалиевич**-муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14

Дар шароити ҷаҳони муосир, ки равандҳои иқтисодӣ бо суръати бесобиқа рақамикунонида мешаванд, нақши аудит ҳамчун яке аз унсурҳои муҳими таъмини шаффофият ва эътимод дар фаъолияти молиявии субъектҳо боз ҳам бештар мегардад. Рақамикунонӣ, яъне табдили равандҳои анъанавии идоракунӣ ва муҳосибӣ ба шаклҳои рақамӣ, на танҳо муҳити фаъолияти ташкилотҳоро тағйир додааст, балки талабот ба аудит ва мазмуни он низ куллан дигар шудааст. Мақсади асосии мақола таҳлили нақши аудит дар шароити рақамикунонӣ, муайян намудани афзалиятҳо, мушкилот ва дурнамои он дар мисоли фаъолияти амалии як ширкати ватанӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** равандҳои иқтисодӣ, фаъолияти молиявии субъектҳо, иттилооти рақамӣ, рақамикунонӣ, блокчейн, зеҳни сунъӣ, таҳлили маълумоти калон блокчейн, зеҳни сунъӣ ва таҳлили маълумоти калон (Ӣig Data).

## РОЛЬ АУДИТА В УСЛОВИЯХ ФИНАНСОВОЙ ЦИФРОВИЗАЦИИ

**Ходжиева Шаходатхон Абдурахмоновна -** преподаватель кафедры бухгалтерского учета и аудита Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, соискатель Таджикского национального университета, 734055, город Душанбе, проспект Борбад, 48/5, тел: (+922) 787352020.

**Рахмонов Аюб Раджабалиевич -** старший преподаватель кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.

В условиях современного мира, где экономические процессы оцифровываются с беспрецедентной скоростью, роль аудита как одного из важнейших элементов обеспечения прозрачности и доверия в финансовой деятельности субъектов еще больше возрастает. Цифровизация, то есть преобразование традиционных процессов управления и бухгалтерского учета в цифровые формы, не только изменила среду деятельности организаций, но и радикально изменила требования к аудиту и его содержанию. Основная цель статьи-проанализировать роль аудита в условиях цифровизации, определить его преимущества, проблемы и перспективы на примере практической деятельности отечественной компании.

**Ключевые слова**: экономические процессы, финансовая деятельность субъектов, цифровая информация, цифровизация, блокчейн, искусственный интеллект, анализ больших данных блокчейн, искусственный интеллект и аналитика больших данных (Ӣig Data).

## THE ROLE OF AUDIT IN THE CONTEXT OF FINANCIAL DIGITALIZATION

**Hojieva Shahodathon Abdurahmonovna -** is a lecturer at the Accounting and Auditing Department of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of the Tajik National University, 48/5 Borbad Avenue, Dushanbe, 734055**,** Telegram: (+922) 787352020.

**Rakhmonov Ayub Radzhabalievich -** Senior Lecturer, Department of Economic Analysis and Statistics, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14.

In today's world, where economic processes are digitizing at an unprecedented rate, the role of auditing as one of the most important elements of ensuring transparency and trust in the financial activities of entities is increasing even more. Digitalization, that is, the transformation of traditional management and accounting processes into digital forms, has not only changed the environment of organizations, but also radically changed the requirements for audit and its content. The main purpose of the article is to analyze the role of auditing in the context of digitalization, to identify its advantages, problems and prospects using the example of a domestic company's practical activities.

**Key words:** economic processes, financial activities of subjects, digital information, digitalization, blockchain, artificial intelligence, big data analysis, blockchain, artificial intelligence and big data analytics.

Моҳияти рақамикунонӣ ва таъсири он ба аудит- рақамикунонӣ равандест, ки дар он воситаҳои рақамӣ барои содда, самаранок ва шаффоф гардонидани равандҳои истеҳсолӣ, идоракунӣ ва муҳосибӣ ҷорӣ мегарданд. Дар шароити рақамикунонӣ, аудит на танҳо санҷиши рақамҳои молиявӣ, балки таҳлили ҳамаҷонибаи иттилооти рақамӣ ва арзёбии системаҳои автоматиконидашудаи назоратро дар бар мегирад.

Технологияҳои муосир ба монанди системаҳои ЕҚР, блокчейн, зеҳни сунъӣ ва таҳлили маълумоти калон (Ӣig Data) на танҳо равандҳои муҳосибиро тағйир медиҳанд, балки имкониятҳои аудиторро низ васеъ мекунанд. Ҳамин тавр, аудит ба як воситаи рақамӣ ва динамикӣ табдил меёбад.

Афзалиятҳои аудит дар шароити рақамикунонӣ дар он аст, ки аудитор метавонад маълумоти заруриро дар вақти воқеӣ аз системаҳои рақамии идоракунии молия ва муҳосибӣ дастрас намояд. Системаҳои автоматикӣ хатогиҳои муҳосибӣ ва саҳлангориҳоро коҳиш дода, ба аудит шаффофият ва эътимод мебахшанд. Ҷараёнҳои санҷишӣ ва таҳлилӣ зудтар ва бо фарогирии бештар гузаронида мешаванд. Бо истифода аз алгоритмҳо, хатари тақаллуб, истифодаи ғайримақсадноки маблағ ва камбудиҳои идоракунӣ зуд муайян мегарданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми имсолаи худ оид ба рушду пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳиро таҳлил намуда, зарур шумурданд, ки дар шароити имрузаи ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд амнияти миллӣ ва рушди устувори иқтисодӣ собитқадамона таъмин шуда, сатҳу сифати зиндагии мардум боз ҳам баланд бардошта шавад.

Раванди рақамикунонӣ ба аудит воситаҳо ва шабакаҳои иртиботиро барои баҳисобгирии рақамӣ, бо мубодилаи дониш медиҳад. Эҳтимол аст, ки рақамикунонии аудит самти бозорро аз таъминкунанда ба талабот иваз кунад. Иштирокчиёни нави бозор бо дониши ҳадди аққали баҳисобгирӣ дошта метавонанд ба бозор ворид шаванд.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд намуданд: «...татбиқи барномаҳои қабулнамудаи мо барои гузаштан ба ин раванд қонеъкунанда нестанд ва зарур аст, ки чораҳои ба ташаккули шароит барои тақвияти соҳаи рақамикунонӣ мусоидаткунанда андешида шаванд».

Инчунин қайд карданд, ки «... бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани "ҳукумати электронӣ" ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон чораҷӯӣ намоянд».

Тадқиқоти Бреман ва Фелландер нишон дод, ки бо истифода аз раванди рақамикунонӣ бозорҳо куллан тағйир меёбанд. Бисер ширкатҳо кӯшиш мекунанд, ки тиҷорати худро рақамӣ кунанд, аммо, аксари соҳаҳо аз ҷумла соҳаҳои буҷавӣ, яъне молиявӣ рақамикунониро пурра истифода намебаранд.

Эҳтимолият меравад, ки раванди гузариш ба рақамикунонӣ дар соҳаи баҳисобгирӣ ва дар соҳаи молиявӣ зудтар афзоиш ёбад. Ин раванд тағйир додани стратегияи тиҷоратро талаб мекунад, зеро технологияҳои рақамӣ ба муошироти тиҷоратӣ таъсир мерасонанд.

Барои татбиқи пурраи аудит дар муҳити рақамӣ кадрҳои дорои дониш ва малакаи ҳамзамон дар соҳаи муҳосибӣ ва технология лозиманд. Нигоҳдории маълумоти молиявӣ дар серверҳо ва абрҳои рақамӣ эҳтимоли дастрасии ғайриқонуниро зиёд мекунад. Қонунгузории соҳа ҳанӯз ба таври кофӣ татбиқи усулҳои рақамии аудитро танзим накардааст. Бисёре аз ташкилотҳо имкони молиявӣ ва техникӣ барои рақамикунонӣ надоранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рақамикунонӣ дар муҳити муосири иқтисодӣ на танҳо самаранокии фаъолияти молиявиро беҳтар мекунад, балки барои баланд бардоштани сифат ва эътимод ба аудит нақши ҳалкунанда мебозад. Аудит дар шароити рақамикунонӣ бояд на фақат як воситаи назорат, балки як абзори рушди устувор ва қарорҳои стратегӣ бошад.

Дар мақолаи узви вобастаи АМИТ, профессор Хушвахтзода Қобилҷон "Баррасии тақвиятбахши иқтисоди рақамӣ" дарҷ гардидааст, ки "Сарвари давлат зимни баррасии ҳолати иҷтимоӣ ва вазъи иқтисодии кишвар саҳми соҳибкорони фаъолро ёдоварӣ намуда, дастур доданд, ки маърифати молиявии шаҳрвандон ва фарҳанги андозсупории ҳамватанон густариш ёфта, низоми пардохтҳои ғайринақдӣ бобати устувории молиявӣ ва рушди иқтисодӣ тақвият дода шавад. Пардохтҳо бошад, нақдӣ ва ғайринақдӣ буданд, аммо аз санаи 1-уми августи соли 2024 тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисобаробаркунии ғайринақдӣ" пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасонии тиббӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳо, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ мешавад. Инчунин иқдом татбиқи самараноки давлатиро дар самти андозу буҷет тақозо хоҳад кард ва таваҷҷуҳи Сарвари давлат ба самтҳои гуногуни фаъолияти молиявӣ саривақтӣ мебошад: "Ташаккул додани маърифати молиявии шаҳрвандон ва баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии татбиқи самараноки сиёсати андозу буҷет, аз ҷумла дар масъалаи гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ барои ноил гардидан ба устувории молиявии давлат ва рушди иқтисодӣ нақши муҳим дорад".

Тибқи таҳлилҳои Сарвари давлат: "дар бисёр кишварҳо нишондиҳандаи пардохтҳои ғайринақдӣ 80 – 90 фоизро ташкил медиҳад. Ин яке аз роҳҳои асосии таъмин намудани шаффофияти амалиёти хизматрасонӣ, баҳисобгирӣ ва пешгирии коррупсия мебошад".

Дар мадди назари Пешвои миллат пеш аз ҳама рақамикунонии иқтисоди миллӣ истода, бобати гузариш ба иқтисоди рақамӣ фақат тадбирҳо андешидан кам мебошад. Аз ҳамин хотир, Сарвари давлат дар Паёми хеш зикр намуданд, ки такмили инфрасохтори рақамӣ, рақамикунонии хизматрасониҳо бо дарназардошти таҳия ва ташкили махзани воҳид, бозомӯзии кадрҳо дар самти

технологияҳои иттилоотӣ, ташаккули соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ роҳандозӣ гардида, раванди электронӣ гардидани фаъолияти давлатӣ татбиқ карда шавад: “Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст”. Гузашта аз ин, барои вусъат додани раванди инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ Сарвари давлат пешниҳод намуданд, ки солҳои 2025-2030 “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон гардад.

Ҳамчунин, бо дарназардошти тараққии технологияҳои ҷадид иқтисоди рақамӣ рушд карда, роҳҳои табодули молиявӣ тағйир ёфтанд. Айни замон одамон бобати нигаҳдории электронии маблағҳо фаъол буда, аз ҳамаи шароити мавҷуда истифода ба амал меоранд. Ширкат дар низоми рақамии табодули молиявӣ онҳоро бохабар аз техникаву технологияҳои нав менамояд.

Истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ба маълумоте ниёз доранд, ки ба онҳо барои арзёбии вазъи молиявӣ ва фаъолияти ташкилоти қарзӣ дар давраи ҷорӣ ва қабули қарорҳои дахлдори иқтисодӣ кумак мерасонанд. Системаи кунунии ҳисоботи молиявӣ қодир нест, ки ба истифодабарандагон иттилооти саривақтӣ ва босифат пешниҳод кунад, зеро на аз рӯйи мазмуни дохилии худ - сохтор ва на аз рӯйи суръати ташаккули он ба талаботи бозорҳои молиявӣ ва истифодабарандагон, аз ҷумла ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ нест. Шартҳои асосии ислоҳоти низоми ҳисоботдиҳии ташкилотҳои қарзӣ, ки дар доираи кор таҳлил ва ба низом даровардани он анҷом дода шудаанд, инҳоро дар бар мегиранд: хусусиятҳои заифи сифати ҳисобот, шумораи зиёди шаклҳои ҳисоботӣ, риояи нопурра ба принсипҳои ҳисобот, хусусияти маҳдуди гузариш, осебпазирии татбиқи модели табдилдиҳӣ, фишори мақомоти назоратӣ ва андоз ба системаи ҳисоботӣ, ки дар ниҳоят боиси норозигии истифодабарандагони манфиатдори ҳисоботи молиявӣ мегардад.

Бо вуҷуди ин, зарур аст, ки баҳисобгирии арзиши одилона тибқи методологияи он дар ҳисоботи молиявии ташкилотҳои қарзӣ, молиявӣ ноустувории ғайричашмдошт ба вуҷудорандаро таҳқиқ намояд. Се манбаи эҳтимолӣ мавҷуданд, ки тавассути онҳо арзиши одилона метавонад ноустувориро дар ҳисоботи молиявӣ ҷорӣ кунад:

-якум, ноустуворӣ аст, ки бо тағйирёбии параметрҳои асосии иқтисодӣ алоқаманд аст;

-дуюм ноустуворӣ аст, ки дар натиҷаи хатогиҳои андозагирӣ ва ё тағйир додани дарки дурнамои иқтисодӣ дар тамоми давраи тиҷорат ба вуҷуд омадааст;

-сеюм, ноустуворӣ метавонад бо модели баҳисобгирии муҳосибӣ, ки баҳисобгирии арзиши одилонаро ба баъзе асбобҳо ва баҳисобгирии арзиши фарсудашавӣ ба дигарон татбиқ мекунад, ки таъсири холисро коҳиш медиҳад.

Муаллифони китоби тозанашршуда профессор Хушвахтзода Қ.Х. ва профессор Пласкова Н.С. қайд мекунанд, ки тайи чанд соли охир дар низоми муносибатҳои муосири иқтисодӣ тағйироти куллӣ ба қайд гирифта шуда, яке аз сабабҳои глобалии он рақамикунонии фаъоли ҷомеа мебошад, ки ба тавсеаи соҳаҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ ҳам барои ҳалли масъалаҳои рӯзмараи ҷомеа ва ҳам дар сатҳи муносибатҳо дар доираи фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунад.

Нуқтаҳои асосии хулоса:

- Рақамикунонӣ барои аудит имкониятҳои нав ва самаранокро мекушояд.
- Барои иҷрои пурраи аудит дар муҳити рақамӣ омодагии кадрҳо ва инфрасохтори техникӣ зарур аст.
- Дастгирии давлатӣ ва рушди қонунгузорӣ дар ин самт муҳим мебошад.

Дар анҷом пешниҳоди муаллиф барои аудит барои рақамикунонии молиявӣ чунин аст:

1. Таҳияи барномаҳои таълимӣ барои тайёр кардани аудиторони рақамӣ.
2. Ҷорӣ намудани платформаҳои рақамии ягона барои ширкатҳои саноатӣ ва аудиторҳо.

3. Рушди ҳамкорӣ миёни ширкатҳо, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ташкилотҳои аудиторӣ.

4. Рақамикунонии раванди аудит дар сатҳи давлатӣ ва корпоративӣ бо истифодаи технологияҳои муосир.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 28.12.2024.

2. Хушвахтзода К.Х., Пласкова Н.С. Методология учета и анализа цифровых активов кредитной организации. – Душанбе: Дониш, 2025, - 131 с.

3. Хушвахтзода Қ.Х. Баррасии тақвиятбахши иқтисоди рақамӣ. –Душанбе. 2025.

4. Салимов Ф. «Аудит ва назорати молиявӣ», Душанбе, 2022.

5. Мусоев А. «Технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти муҳосибӣ», Душанбе, 2021.

6. Inteқnational Fedeқation of Accoғntants (IFAC). “Digital Tқansfoқmation and the Fғtғқe of Aғdit”, 2020.

7. PқicewateқhoғseCoopeқs. “Aғdit and Assғқance in the Digital Age”, 2021.

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», 2011 (боислоҳот то 2023)

9.Саидов, Р. Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 110-119. – EDN TAAOGJ.

10.Саидов, Р. Н. рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирӣ, аудит, таҳлили иқтисодӣ ва омор дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ: Мачмуаи материалхои конферен-цияи илмию назариявии умуми-университетӣ муаллимон, хизматчиён, аспирантхо, докторантхо ва студентон, Душанбе, 21–26 апреля 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – P. 113-116. – EDN NDMIHP.

## САНҶИШИ АУДИТОРИИ ҚОҒАЗҲОИ ҚИММАТНОК ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

**Абдуллоева Шаҳноза Файзилаҳматована** - ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14.

**Сафарова Сабрина Баҳромовна -** магистранти курси 1-уми кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14.

Дар шароити муосир, ҳар як низоми иқтисодӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, тобеъияти идоравӣ ва миқёси фаъолияти ӯ, маҷбур аст, ки дар шароити рақобатнок фаъолият намуда бо талаботҳои ҷаҳони муосир мувофиқат намояд. Мушкилоти ҳаррӯзаи иқтисодӣ, босуръат пайдоиши моделҳои гуногуни тиҷорат, суръати тези навовариҳои технологӣ, инчунин боло рафтани нақши истифодабарии қоғазғои қимматнок дар фаъолияти корхонаҳо таъсири худро ба рушди аудити қоғазҳои қмиматноқ гузошт.

**Калидвожаҳо:** шароити муосир, низоми иқтисодӣ, шакли ташкилию ҳуқуқӣ, тобеъияти идоравӣ, шароити рақобатнок, мушкилоти иқтисодӣ, моделҳои тиҷоратӣ, навъоварҳои технологӣ, қоғазҳои қимматнок, аудити қоғазҳои қимматнок.

## АУДИТОРСКАЯ ПРОВЕРКА ЦЕННЫХ БУМАГ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКӢ

**Абдуллаева Шахноза Файзилахматовна** - ассистент кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово – экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, к. Нахимов 64/14. E-mail: abdulloeva4048shaha@mail.ru

**Сафарова Сабрина Бахромовна -** магистрант 1 курса кафедры «Банковское дело» Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.

В современных условиях каждая экономическая система, независимо от её организационно – правовой формы, административной подчинённости и сферы деятельности, вынуждена действовать в конкурентных условиях и соответствовать требованиям современного мира. Повседневные экономические проблемы, быстрое появление различных бизнес – моделей, быстрые темпы технологических инноваций, а также возрастающая роль использования ценных бумаг в деятельности предприятий повлияли на развитие аудита ценных бумаг.

**Ключевые слова:** современные условия, экономическая система, организационно – правовая форма, административное подчинение, конкурентные условия, экономические проблемы, бизнес – модели, технологические инновации, ценные бумаги, аудит ценных бумаг.

## AUDIT OF SECURITIES IN THE DIGITAL ECONOMY

**Abdullaeva Shahnoza Fayzilahmatovna** – Assistant at the Department of Economic Analysis and Statistics Tajik State Financial and Economic University. Address: K. Nakhimov 64/14, Dushanbe, 734067, Republic of Tajikistan. E-mail: abdulloeva4048shaha@mail.ru

**Safarova Sabrina Bakhromovna -** 1-st year master's student of the Banking Department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14.

In modeқn conditions, every economic system, regardless of its organizational and legal form, administrative subordination, and area of activity, is forced to operate in competitive conditions and meet the demands of the modern world. Everyday economic issues, the rapid emergence of various business models, fast-paced technological innovations, and the increasing role of securities in business activities have influenced the development of securities auditing.
**Key words**: modern conditions, economic system, organizational and legal form, administrative subordination, competitive conditions, economic issues, business models, technological innovations, securities, securities audit.

Марҳилаи кунунии рушди тадқиқоти илмии амалӣ дар иқтисодиёт бо татбиқи усулҳои нав дар соҳаи баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит дар механизмҳои бозор алоқаманд ба миён омад. Назария ва методологияи аудит тавассути ташаккул ва татбиқи консепсияҳои муайян амалӣ карда мешаванд.

Зарурати истинод ба мафҳумҳои илмии аудит пеш аз ҳама бо кафомонии мавҷудаи амалияи аудит аз талаботҳои нави сифати аудит, ки бо равандҳои муосири ҷаҳонишавии иқтисод ва ҳамгироии Тоҷикистон ба фазои ягонаи иқтисодӣ амр дода мешавад, шарҳ додан мумкин аст. Ин фаҳмиши нави назария ва методологияи аудитро аз нуқтаи назари консепсияи муосири илмӣ муайян мекунад.

Бояд қайд намуд, ки аудити қоғазҳои қимматнок ин тартиби мураккабӣ санҷиши аудиторӣ мебошад, ки бо санадҳои меъёри ҳуқуқии зиёт алоқаманди дорад, чунки амалиётҳо бо қоғазҳои қимматнок ҳамгироии иқтисодиёти мамлакатро бо ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваст менамояд. [1] Тартиби гузаронидани аудити қоғазҳои қимматнок дорои хусусиятҳои махсуси объекти аудит ба ҳисоб меравад, ки бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии батанзимдаровbooarandai рушди бозори қоғазҳои қимматнок суръат мегирад.

Мақсади гузаронидани аудити амалиётҳо бо қоғазҳои қимматнок ин муайнунии мувофиқати амалиётҳои гузаронидашуда мебошад, ки инҳоро дар бар мегирад:

- санҷиши дурустии гузаронидани амалиётҳо бо қоғазҳои қимматнок ва дурустии тартибдиҳии онҳо;
- мумаизи барориши қоғазҳои қимматнок;
- низомномаи тартибдиҳӣ, пардохти дивидентҳо ва хариди қоғазҳои қимматнок;
- мумаизи муайянкунии дурустии арзиши бозории қоғазҳои қимматнок;
- мумаизи гузаронидани эмиссияҳои иловагӣ ва дурустии баҳисобгирии муҳосибии онҳо;
- баҳодиҳии дараҷаи хауфи молиявӣ ва харидории қоғазҳои қимматнок;
- тафтиши ҳисобкунӣ, пардохти дивидентҳо, фоизҳо ва инъикоси амалиётҳои мазкур дар ҳисоботи муҳосибӣ;
- санҷиши дурустии андозбандии амалиётҳо бо қоғазҳои қимматнок;
- муайян кардани далелҳои вайронкунии тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ ва санадҳои меъёри ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба амалиётҳо бо қоғазҳои қимматнок.

Дар рафти санҷиши аудитории амалиётҳо бо қоғазҳои қимматнок усулҳои муайян истифода бурда мешаванд. (расми 1.1)

Усулҳои овардашуда нақши муҳимро дар ҷараёни санҷиши аудиторӣ мегузоранд, чунки бо истифода аз онҳо ба ин мақсадҳо метавон ноил гашт:

**<u>Таҳлилӣ:</u>** таҳлилӣ амалиётҳои қоғазҳои қимматнок ва инъикоси онҳо дар ҳисоботҳо;

**Оморӣ:** дар асоси таҳлилӣ омилҳо, истифодаи усулҳои индекси интихобӣ, гурӯҳбандӣ ва муқоиса;

**Меъйрӣ:** дар асоси истифодаи меъёрҳои мавчудаи самаранокии ин ё он амалиёт бо қоғазҳои қимматнок ва мавфумҳои меъёрии индексҳои фондӣ;

**Озмоишӣ:** дар ҳолати муракабии бахисобгирии амалиёт бо қоғазҳои қимматнок барои муайян кардани таркиби воқеии ин амалиётҳо озмоишӣ махсус лозим аст;

**Санчишӣ воқеъи:** аудитор месанчад мавчудияти қоғазҳои қимматнок, ҳисоботҳо оид ба гардиши қоғазҳои қимматнок, ҳисоботи муҳосибӣ оид ба амалиётҳои қоғазҳои қимматнок, бо мақсади тасдиқи омили амалиётҳои алоҳидаи гузаронидашуда дархости расмӣ мекунад, дорандагони қогазҳои қимматнокро пурсиш мегузанонад ва ғ. [2]

**Расми 1. - Усулҳои дар чараёни санчиши аудитории қоғазҳои қимматнок истифодашаванда**

Хуллас барои санчиши аудитории қоғазҳои қимматнок муҳим аст, ки бо хусусиятҳои ибтидоии сиёсати ҳисобгирӣ, ки дар корхона амал мекунад шинос шуд. Дар рафти санчиш муттахасис бо дурустии инъикоси амалиётҳо бо қоғазҳои қимматнокро дар ҳисобҳои таркибӣ дида мебарояд. Бояд қайд кард, ки барои гузаронидани ҳар як амалиёт бо қоғазҳои қимматнок дар корхона шахсони масъул вучуд доранд, ки дар натичаи санчиш қарор мегиранд. Дар рафти санчишӣ қоғазҳои қимматнок аз тарафи кормандони масъул вобаста ба амалиётҳо бо қоғазҳои қимматнок шаҳодатномаҳои махсус бояд пешниҳод карда шавад. Агар рафти санчиши аудитории қоғазҳои қимматнок бе шакли ҳуччати анчом шавад, дар натича санчиши сабткунакҳо ва реесторҳо анчом дода мешавад.

Дар хулосаи аудиторӣ пешҳиҳодшаванда оиди амалиётҳо бо қоғазҳои қимматнок бояд инҳо оварда шаванд:

1. Арзиши бозории қоғазҳои қимматнок;
2. Пешниҳоди дурустии қайд ғардидани амалиётҳо бо қоғазҳои қимматнок дар ҳисоботи молиявӣ;
3. Баҳодиҳии эмиссия, конвертатсия ва индексатсияро дар бозори қоғаззҳои қимматнок арзёбӣ менамояд;
4. Қонуни будани амалиётро пешниҳод менамояд;
5. Мақсаднокии амалӣ намудани ин ё он амалиётро сабт мекунад.

**Адабиёт**

1. Т.Г. Шешукова, М.А. Горолилов. Аудит: теория и практика применения международных стандартов, 2005.

2. Парушина Н.В., Суворова С.П. Аудит: Учеб. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ИД «ФОРУМ», 2009.

3. Саидов, Р. Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 110-119. – EDN TAAOGJ.

4. Саидов, Р. Н. Оценка факторов формирования уровня жизни населения в Республике Таджикистан / Р. Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 5. – С. 141-146. – EDN VAASMO.

## АУДИТ ҲАМЧУН УНСУРИ МУҲИМИ НАЗОРАТИ МОЛИЯВӢ

**Ҳоҷиева Шаҳодатхон Абдураҳмоновна -** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит. Суроға: 734055, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: (+992) 787-35-20-20

Мақолаи мазкур ба таҳлили муаммоҳои асосӣ, афзалиятҳо ва дурнамои рушди аудит дар шароити рақамикунонӣ бахшида шудааст. Бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва равандҳои муосир, дар мақола зарурати мутобиқсозии равишҳои анъанавии аудит ба талаботи муҳити рақамӣ, инчунин татбиқи технологияҳои нав дар фаъолияти аудиторӣ нишон дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** аудит, рақамикунонӣ, технологияҳои рақамӣ, зеҳни сунъӣ, амнияти иттилоотӣ, инноватсияҳо.

## АУДИТ КАК ВАЖНЫЙ ЭЛЕМЕНТ ФИНАНСОВОГО КОНТРОЛЯ

**Ходжиева Шаходатхон Абдурахмоновна -** преподаватель кафедры бухгалтерского учета и аудита Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, соискатель Таджикского национального университета, 734055, город Душанбе, проспект Борбад, 48/5, тел: (+922) 787352020.

Данная статья посвящена анализу основных загадок, преимуществ и перспектив развития аудита в условиях цифровизации. С учетом мирового опыта и современных процессов в статье подчеркивается необходимость адаптации традиционных подходов к аудиту к требованиям цифровой среды, а также внедрения новых технологий в аудиторскую деятельность.

**Ключевые слова:** аудит, цифровизация, цифровые технологии, искусственный интеллект, информационная безопасность, инновации.

## AUDIT AS AN IMPORTANT ELEMENT OF FINANCIAL CONTROL

**Hojieva Shahodathon Abdurahmonovna -** is a lecturer at the Accounting and Auditing Department of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of the Tajik National University, 48/5 Borbad Avenue, Dushanbe, 734055**,** Telegram: (+922) 787352020.

This article is devoted to the analysis of the main mysteries, advantages and prospects of audit development in the context of digitalization. Taking into account international experience and modern processes, the article highlights the need to adapt traditional audit approaches to the requirements of the digital environment, as well as the introduction of new technologies in auditing.

**Key words:** audit, digitalization, digital technologies, artificial intelligence, information security, innovation.

Рақамикунонӣ - ҳамчун ҷараёни ивазкунандаи анъанаҳои идоракунӣ ва таҳлил, яке аз равандҳои асосии трансформатсияи иқтисод ва молия ба шумор меравад. Аудит, ҳамчун унсури муҳими назорати молиявӣ, маҷбур аст ба ин тағйирот мутобиқ шавад. Мақсади асосии таҳқиқ ин аст, ки таъсири рақамикунонӣ ба фаъолияти аудиторӣ, имкониятҳо ва хатарҳои он таҳлил шавад.

Яке аз масъалаҳои асосии рақамикунонӣ дар соҳаи аудит ин масоили амнияти иттилоотӣ мебошад. Маълумоти молиявӣ ва ҳисоботҳои аудиторӣ дорои ҳассосият мебошанд, ки дар муҳити рақамӣ хавфи фиреб, рахна ва дахолати бегонагон афзоиш меёбад. Барои ҳалли ин мушкилот, татбиқи чораҳои кори амниятии муосир ва стандартҳои байналмилалии киберамният зарур аст.

Мушкили дуюм ин мутобиқ набудани қонунгузорӣ ва стандартҳои амалкунандаи аудит ба муҳити рақамӣ мебошад. Аксар меъёрҳо барои равандҳои дастӣ таҳия шудаанд ва тағйироти рақамӣ талаб мекунад, ки ин меъёрҳо аз нав тарҳрезӣ ва ё мутобиқ гарданд.

Яке аз мушкилоти ҷиддии гузариш ба аудит дар муҳити рақамӣ ин паст будани сатҳи саводи рақамии кадрҳои аудиторӣ мебошад. Бисёр мутахассисон бо технологияи иттилоотӣ шиносоии кофӣ надоранд ва наметавонанд таҳлили автоматикӣ, визуализатсияи маълумот ё омӯзиши мошиниро дар аудити молиявӣ истифода баранд. Ин норасоӣ монеа ба воридсозии васеи воситаҳои муосир ба аудит буда, имкониятҳои самаранокиро маҳдуд мекунад. Аудит ҳамчун унсури муҳими низоми назорати молиявӣ дар шароити рушди технологияи иттилоотӣ ба марҳилаи нави инкишоф ворид гардидааст. Рақамикунонӣ равандҳои анъанавии таҳлил, назорат ва ҳисоботдиҳиро тағйир дода, имкониятҳои нав барои шаффофият ва самаранокӣ фароҳам меорад. Дар ин мақола раванди рақамикунонии аудит, мушкилоти мавҷуда, имкониятҳо ва дурнамои рушди он баррасӣ мешавад.

Масъалаи дигари ҷиддӣ — камбуди мутахассисони соҳавӣ бо дониши рақамӣ мебошад. Аудиторҳои анъанавӣ бояд дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ, абрӣ, кор бо маълумоти калон ва зеҳни сунъӣ малакаҳои нав омӯзанд.

Афзалиятҳои рақамикунонӣ дар соҳаи аудит. Рақамикунонӣ як қатор афзалиятҳоро барои соҳаи аудит ба вуҷуд меорад. Аввалан, автоматизатсияи равандҳо имкон медиҳад, ки баррасии ҳисоботҳо ва маълумоти молиявӣ бе дахолати инсон ва бо дақиқии баланд иҷро шавад. Ин боиси баланд шудани сифат ва коҳиши хатогиҳо мегардад. Сониян, зеҳни сунъӣ ва таҳлили маълумоти калон ба аудитор имконият медиҳад, ки хатарҳои эҳтимолиро дар омилҳои сершумор муайян ва пешгӯӣ намояд. Бо ин роҳ аудит метавонад хусусияти пешгӯишаванда гирад.

Инчунин, рақамикунонӣ шароит фароҳам меорад, ки маълумотҳо дар вақти воқеӣ таҳлил шаванд. Ин ҳолат барои шаффофияти молиявӣ ва дастгирии қарорҳои стратегӣ муҳим мебошад. Истифодаи воситаҳои рақамӣ боиси пайдоиши хатари нав ба ҳимояи маълумоти молиявӣ мешавад. Агар аудитор бо шабакаҳои компютерӣ ва пойгоҳҳои дода кор кунад, имкони дучор шудан ба ҳамлаҳои киберӣ ва дуздии иттилоот зиёд мегардад. Набудани протоколҳои қатъии амниятӣ ва муҳофизати маълумот метавонад эътимоди ҷомеаро ба натиҷаҳои аудит коҳиш диҳад.

Дар бисёре аз кишварҳои рӯ ба рушд, санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ ба талаботи замони рақамӣ ҷавобгӯ нестанд. Барои мисол, бисёре аз қонунгузориҳо то ҳол аудити анъанавиро дастгирӣ мекунанд ва истифодаи воситаҳои рақамиро мустақиман танзим намекунанд. Натиҷа ин аст, ки аудиторон дар ҷараёни фаъолияти худ ба номуайянии ҳуқуқӣ ва шарҳҳои гуногун дучор мегарданд.

Автоматизатсия ва рақамикунонӣ имкон медиҳанд, ки маълумоти зиёди молиявӣ дар муддати кӯтоҳ таҳлил шаванд. Барномаҳои махсуси таҳлилӣ имкон медиҳанд, ки ба ҷойи таҳқиқи интихобӣ, тамоми додаҳо дар миқёси калон ва бо дақиқии баланд баррасӣ шаванд. Ин раванд хатогиҳоро кам ва сифати хулосаи аудитро беҳтар мекунад.

Аудити анъанавӣ баъд аз анҷоми давраи ҳисоботӣ сурат мегирад. Аммо бо истифода аз системаҳои ЕҚР ва воситаҳои рақамӣ, аудити воқеии вақт имконпазир мегардад. Ин равиш ба роҳбарият имкон медиҳад, ки қарорҳои худро дар асоси маълумоти фаврӣ қабул намоянд ва хатогиҳоро дар раванди фаъолият ислоҳ кунанд.

Бо истифодаи технологияҳои монанди ӣlockchain, имконпазир аст, ки сабтҳои молиявӣ бетағйир нигоҳ дошта шаванд. Ин таъминкунандаи шаффофият ва кафолати дурустии маълумот буда, эътимоди сармоягузорон, шарикон ва ҷомеаи молиявиро афзоиш медиҳад.Аудити рақамӣ на танҳо истифодаи воситаҳои электронӣ, балки тағйири куллии методологияи аудит мебошад. Он бо истифода аз алгоритмҳои омӯзиши мошинӣ, таҳлили додаҳо ва ёрии зеҳни сунъӣ ҷараёни ташхис

ва таҳлилро пурра тағйир медиҳад. Мақсади он на танҳо санҷиши натиҷаҳои гузаштаро, балки пешгӯии хатарҳо ва рафтори молиявиро дар оянда мебошад.

Барои мутобиқ кардани аудит ба муҳити рақамӣ, зарур аст ки аудиторон пайваста малакаҳои нав омӯзанд. Омӯзишҳо бояд ба истифодаи нармафзорҳои муосир, фаҳмиши алгоритмҳои таҳлил ва асосҳои амнияти рақамӣ равона шаванд. Инчунин, стандартҳои байналмилалӣ низ бояд бо назардошти технологияи муосир бозбинӣ шаванд.

Дар шароити рақамикунонӣ, танзими ҳуқуқӣ ва сиёсати давлатӣ бояд ба таври мувофиқ тағйир ёбад. Қонунгузорӣ бояд истифодаи технологияи рақамиро дар аудит дастгирӣ карда, кафолати амнияти иттилоот ва шаффофияти равандро таъмин намояд. Илова бар ин, зарурати ҳамоҳангии қонунҳои миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ба миён меояд.

Рақамикунонӣ дар аудит на танҳо як раванд, балки инқилобест, ки сохтори тамоми низоми назорати молиявиро дигар мекунад. Барои он ки аудит дар ин шароит муваффақ бошад, бояд: аудиторон бо малакаҳои рақамӣ таъмин шаванд; хавфҳои амниятии рақамӣ коҳиш дода шаванд; стандартҳо ва санадҳои меъёрӣ бо муҳити рақамӣ мутобиқ гарданд. Танҳо бо омодагии касбӣ ва ҳуқуқии зарурӣ метавон афзалиятҳои рақамикунониро пурра истифода бурд.

Дурнамои рақамикунонии аудит - инояндаи рушди аудит дар рақамикунонӣ бо истифодаи зеҳни сунъӣ, технологияҳои абрӣ ва платформаҳои пайваста робита дорад. Аввалан, аудит дар вақти воқеӣ (қeal-time aғdit) метавонад фаъолиятро доимо назорат намояд, на танҳо дар охири давраи ҳисоботӣ. Сониян, ниёз ба таҳияи стандартҳои нави байналмилалӣ эҳсос мешавад. Стандартҳои ҷорӣ бояд бо назардошти имкониятҳои рақамӣ ва технологияҳои нав мутобиқ гарданд. Созмонҳои монанди IFAC ва IAASӢ аллакай ин равандро оғоз кардаанд. Ниҳоят, аудитори муосир бояд ҳамчун мутахассиси фаромарзии рақамӣ ташаккул ёбад, ки дорои дониши молиявӣ, ҳуқуқӣ ва технологияи рақамӣ мебошад.

Дар натиҷаи таҳлили мавзӯъ метавон хулоса кард, ки рақамикунонӣ барои рушди соҳаи аудит як воситаи муҳим ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди мушкилоти амниятӣ, норасоии қонунгузории мувофиқ ва камбуди кадрҳо, имкониятҳои технологӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти аудиторӣ хеле васеъ ҳастанд.

Барои истифодаи самараноки ин имкониятҳо зарур аст:

- қонунгузорӣ ва стандартҳо мутобиқ гарданд;
- мутахассисони соҳавӣ аз рӯи малакаҳои рақамӣ такмил ёбанд;
- амнияти иттилоот таъмин карда шавад;
- технологияҳои инноватсионӣ васеъ татбиқ шаванд.

**Адабиёт**


1. Саидов С.Ш. (2021). Инноватсияҳо дар аудит ва таҳлили молиявӣ. – Душанбе: Ирфон.

2. Inteқnational Fedeқation of Accoғntants (IFAC) (2023). ISA 315: Identifying and Assessing the Қisks of Mateқial Misstatement.

3. ISACA (2022). Digital Тқғst and Суйеқsecғқity Fқamewoқk.

4. Johnson, M. (2020). Data-Dқiven Aғditing in the Age of Йig Data. – Joғқnal of Emeқging Technologies in Accoғnting, Vol. 17.

5. IAASӢ (2023). Handйook of Inteқnational Qғality Management and Aғditing.

6. INTOSAI (2022). Aғditing in the Digital Eқa: Gғidelines and Йest Pқactices.

7. ACCA (2021). Aғdit and Technology: Enhancing the Aғdit Pқocess.

8.Алиев, Р. (2022). Аудит ва хавфҳои рақамӣ. Душанбе: «Илм».
9. Саидов, Ҷ. (2023). Масъалаҳои тайёр кардани кадрҳо барои аудит дар шароити рақамикунонӣ. Маҷаллаи иқтисодӣ, №2, саҳ. 45–49.

10.Саидов, Р. Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 110-119. – EDN TAAOGJ.

11.Саидов, Р. Н. рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирӣ, аудит, таҳлили иқтисодӣ ва омор дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ: Мачмуаи материалхои конферен-цияи илмию назариявии умуми-университетӣ муаллимон, хизматчиён, аспирантхо, докторантхо ва студентон, Душанбе, 21–26 апреля 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – P. 113-116. – EDN NDMIHP.

## МУАММОҲО ВА АФЗАЛИЯТҲОИ АУДИТ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИ МУОСИР

**Самиева Меҳрангез Бобоевна -** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит. Суроға: 734055, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: (+992) 888-83-01-20

**Маҷидзода Шоҳмурод Холмурод** - докторанти доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибии факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: 93-104-80-00; E-mail: sh.majidzoda@moliya.tj

Дар мақолаи мазкур муаллиф қайд менамояд, ки аудит дар шароити рақамикунонӣ як равандест, ки ба ҳалли мушкилот ва бозсозии системаи молиявии ташкилотҳо кӯмак мерасонад. Бо ба роҳ мондани усулҳои муосир ва рушди технологии даврӣ, аудиторҳо метавонанд бо самаранокии бештар ва хатогиҳои камтари амал кунанд, ки барои рушди иқтисоди миллӣ ва байналмилалӣ муҳим мебошад. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки дурнамои аудит нишон медиҳад, ки соҳаи аудит дар шароити рақамикунонӣ ба як раванди пуршиддат ва технологӣ табдил меёбад. Рақамикунонӣ, таҳлили маълумоти бузург, аудит дар вақти воқеӣ, ва беҳбуди амният бояд ба як қисми асосии стратегияи муассисаҳо табдил ёбад. Агар ташкилотҳо ин тағйиротҳоро пазиранд, онҳо метавонанд самаранокии худро афзоиш диҳанд ва дар оянда ба муваффақиятҳои назаррас ноил шаванд.

**Калидвожаҳо:** рақамикунонӣ, рушд стандарт, аудит, фаъолияти аудиторӣ, иқтисодӣ, технология, дурнамо ва ғайраҳо.

## ПРОБЛЕМЫ И ПРЕИМУЩЕСТВА АУДИТА В ЦИФРОВЫХ УСЛОВИЯХ СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**Самиева Мехрангез Бобоевна** - Международный университет туризма и предпринимательства, кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета и аудита. Адрес: 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбада, 48/5. Телефон: (+992) 888-83-01-20

**Маджидзода Шохмурод Холмурод** - докторант доктора философии (PhD) - доктор по специальности 6D050800-Учета и аудита кафедры бухгалтерского учета факультета учет и цифровая экономика Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: 93-104-80-00; E-mail: sh.majidzoda@moliya.tj

В данной статье автор отмечает, что аудит в условиях цифровизации-это процесс, который помогает решать проблемы и перестраивать финансовую систему организаций. Благодаря внедрению современных методов и циклическому технологическому развитию аудиторы могут действовать более эффективно и с меньшим количеством ошибок, что важно для развития национальной и международной экономики. Также автор отмечает, что перспектива аудита показывает, что сфера аудита в условиях цифровизации становится все более интенсивным и технологичным процессом. Цифровизация, анализ больших данных, аудит в реальном времени и повышение безопасности должны стать ключевой частью стратегии учреждений. Если организации примут эти изменения, они смогут повысить свою эффективность и добиться значительных успехов в будущем.

**Ключевые слова:** цифровизация, разработка стандартов, аудит, аудиторская деятельность, экономика, технологии, перспективы и др.

## PROBLEMS AND ADVANTAGES OF AUDIT IN THE DIGITAL CONDITIONS OF MODERN ECONOMIC ACTIVITIES

**Samieva Mehrangez Boboevna** - International University of Tourism and Entrepreneurship, PhD in Economics, Associate Professor of the Department of Accounting and Auditing. Address: 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbad Avenue, 48/5. Phone: (+992) 888-83-01-20

**Majidzoda Shokhmurod Kholmurod** - PhD candidate - doctor in the specialty 6D050800-Accounting and auditing of the accounting department of the faculty of accounting and digital economy of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: 93-104-80-00; E-mail: sh.majidzoda@moliya.tj

In this article, the author notes that auditing in the context of digitalization is a process that helps solve problems and rebuild the financial system of organizations. Thanks to the introduction of modern methods and cyclical technological development, auditors can act more efficiently and with fewer errors, which is important for the development of the national and international economy. The author also notes that the audit perspective shows that the field of auditing in the context of digitalization is becoming an increasingly intensive and technological process. Digitalization, big data analysis, real-time auditing, and increased security should be a key part of the institutions' strategy. If organizations adopt these changes, they will be able to improve their efficiency and achieve significant success in the future.

**Key words:** digitalization, standards development, audit, auditing, economics, technology, prospects, etc.

Дар тамоми мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон палатаҳои мустақили аудиторҳо амал мекунанд, ки вазифаҳои асосии онҳо таҳияи стандартҳои фаъолияти аудиторӣ, баҷоории назорати сифати кори аудиторҳо, гузаронидани аттестатсия ва додани ҳуҷҷатҳо барои машғул шудан ба фаъолияти аудиторӣ (дар мамлакатҳое, ки ин ба салоҳияти давлат дохил намешавад) мебошанд. Палатаҳои аудиторҳо инчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти аудиторҳоро анҷом медиҳанд, меъёрҳои одоб ва рафтори аудиторҳоро дар ҷамъият муайян менамоянд ва ба шахсони вайронкунандаи ин меъёрҳо тадбирҳои интизомӣ роҳандозӣ мекунанд. Вале чунин палата ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода нашудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти аудиторӣ аз се зина иборатанд. Дар зинаи аввалӣ мавқеи асосиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” ишғол менамояд. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии баҷоории фаъолияти аудиториро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, инчунин муносибатҳои дар раванди баҷоории фаъолияти аудиторӣ бамиёномадаро танзим менамояд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ” (аз 21 июли соли 2010, № 631) маҷмуи муносибатҳои марбут ба муқаррар намудани принсипҳо, асосҳои бунёдкунӣ, банақшагирӣ, гузаронидан ва тартибдиҳии ҳисоботи аудити дохилиро дар бахши давлатӣ танзим менамояд.

Баъзе масъалаҳои ба фаъолияти аудиторӣ мансуббуда инчунин бо дигар қонунҳо танзим карда мешаванд, чун: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” (аз 17 майи соли 2004, №37), “Дар бораи низоми

иҷозатномадиҳӣ” (аз 2 августи соли 2011, № 751), “Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (аз 12 ноябри соли 2002, № 321), “Дар бораи идораи молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ” (аз 21 июли соли 2010, № 626), “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” (аз 28 июни соли 2011, № 749), “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” (аз 25 марти соли 2011, № 702), “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (аз 28 июни соли 2011, № 723), “Дар бораи бозори қоғазҳои қиматнок” (аз 28 июни соли 2011, № 745), “Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд” (аз 23 апрели соли 2002, № 275), “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” (аз 5 марти соли 2007, № 237), “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” (аз 19 майи соли 2009, № 524), “Дар бораи бонки миллии Тоҷикистон” (аз 28 июни соли 2011, № 722), Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 17 сентябри соли 2012, № 901).

Бисёре аз аудиторони анъанавӣ ба технологияҳои муосир кам шинос ҳастанд. Барои истифодаи самараноки абзорҳои рақамӣ ва таҳлили Big Data, лозим аст, ки дониш ва малакаи техникии аудиторон рушд дода шавад. Ин талаб мекунад, ки муассисаҳо ба бозомӯзии касбӣ таваҷҷуҳ намоянд.

Технологияҳои нав монанди блокчейн, зеҳни сунъӣ ва VPA (роботҳои автоматикунонидашуда) ҳанӯз пурра дар қонунгузории бисёр кишварҳо танзим нашудаанд. Ин метавонад боиси номутобиқатиҳои ҳуқуқӣ дар раванди аудит гардад.

Рақамикунонӣ на танҳо имконият, балки масъулият низ аст. Барои истифодаи самараноки он дар аудит, зарур аст, ки ба масъалаҳои амният, омӯзиши кадрҳо, мутобиқати қонунгузорӣ ва устувории технологӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Ҳадафи аввалиндараҷа бояд омода кардани кадрҳо ва таъмин кардани онҳо бо малакаҳои зарурӣ барои истифодаи усулҳои рақамии аудит бошад. Ба ин мақсад, курсҳои бозомӯзии касбӣ ва семинарҳо бояд ташкил шаванд.

Ташкилотҳо ва ширкатҳо бояд барномаҳои амнияти иттилоотиро таҳия ва пурзӯр намоянд, то дар муқобили ҳамлаҳои киберӣ муҳофизат шаванд. Инчунин, истифодаи криптографӣ ва блокчейн барои раванди аудит метавонанд эътимод ва шаффофиятро баланд баранд.

Қонунгузорӣ бояд барои танзими дурусти истифодаи технологияи рақамӣ дар аудит ва қабул кардани стандартҳои байналмилалӣ такмил ёбад. Қонунҳои миллӣ бояд бо стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ карда шаванд. Аудитҳо бояд дар асоси таҳлили ҳамаҷониба ва дуруст ба хатарҳои эҳтимолии иқтисодӣ, бозаргонӣ ва дигар паҳлӯҳои стратегӣ ҷиҳатҳои молиявии ташкилотро арзёбӣ намоянд. Аудиторон бояд барои таҳлили миқдори бузурги маълумот ва ҷустуҷӯи трендҳо ва паёмонҳо дар вақти воқеӣ кӯмак гиранд. Барои ин, нармафзорҳои махсуси таҳлилӣ ва таҳлилгарон бо малакаи дақиқ дар таҳлили маълумот зарур мебошанд.

Стандарт (аз калимаи англисии standard – меъёр, намуна, ченак) – ҳуҷҷати меъёрӣ-техникӣ буда, маҷмӯи меъёрҳо, қоидаҳо ва талаботро ба ягон чиз ё амал муқаррар намуда, аз ҷониби мақоми ваколатдор тасдиқ карда мешавад. Стандартҳои аудит фаъолияти касбии аудиторҳоро танзим намуда, дар тамоми ҷаҳон эътироф шудаанд, чунки онҳо имконият медиҳанд, ки воқеияти бештар дар изҳоркунии ақидаи аудиторӣ оид ба мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ба принсипҳои умумимақбули пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва бунёдсозии ҳисоботи молиявӣ ноил гардад, инчунин онҳо маҳакҳои сифатии ягонаи муқоисакунии натиҷаҳои фаъолияти аудиториро муқаррар менамоянд. Ҳамсонии фаъолияти аудиторӣ бинобар гуногуншаклии усулҳои дар амалияи аудиторӣ истифодашаванда ва мураккабии муқоисакунии онҳо шарти зарурӣ барои анҷомдиҳии фаъолияти аудиторӣ мебошад.

Стандартҳо муносибати умумиро ба гузаронидани аудит, миқёси санҷиши аудиторӣ, намудҳои ҳисоботи аудиторҳо, методологияи аудит, инчунин принсипҳои появиеро, ки бояд ҳама намояндагони касби аудиторӣ новобаста аз

шароитҳои гузаронидани аудит онҳоро пайгирӣ кунанд, муқаррар менамоянд. Аудиторе, ки дар фаъолияти худ ба риоя накардани стандарт роҳ додааст, бояд барои шарҳ додани омилҳои ин амали худ омода бошад.

Стандартҳо дар аудит ва фаъолияти аудиторӣ аҳамияти муҳим доранд, чунки онҳо метавонанд, чунин натиҷаҳоро ба даст оранд:[1, с. 24]

- сифати баланди санҷиши аудиториро таъмин менамоянд;
-барои дар амалияи аудиторӣ татбиқ наамудани комёбиҳои нави илмӣ мусоидат менамоянд;
- ба истифодабарандагон барои сарфаҳм рафтан ба раванди санҷиши аудиторӣ ёрдам мерасонанд;
- чеҳраи ҷамъиятии касби аудиториро бунёд менамоянд;
- назорат аз ҷониби давлатро бартараф менамоянд;
- ба аудитор барои бо мизоҷ музокирот намудан ёрдам мерасонанд;

Бо рушди ширкатҳои байналмилалӣ, ҳамбастагӣ ва мубаддал гаштани ширкатҳои аудиторӣ ба гурӯҳҳои бузурги байналмилалӣ зарурати ҳамсонгардонии қоидаҳои гузаронидани аудит дар миқёси байналмилалӣ ба миён омад. Мушкилоти аудит амалан дар тамоми ҷаҳон ҳамсонанд, аз ин хотир, ташкилотҳои касбии ягон мамлакат, ки мушкилоти дучоромадаи аудитро ҳал менамоянд, пеш аз ҳама тариқаи ҳалли онро дар дигар ташкилотҳои таҳиякунандаи стандартҳои аудит меомӯзанд. Мушкилот ва хатарҳо дар аудити замони воқеӣ метавонанд ба зудӣ ошкор шаванд, ки ин барои бозор ва муассисаҳо фоидаовар аст. Ин имкон медиҳад, ки гузариш аз аудитҳои даврaӣ ё мавсимӣ ба аудитҳои мантиқӣ ва ҳаррӯза сурат гирад. Аудитори воқеӣ кӯмак мекунад, ки мушкилот ва эҳтимолияти хатар дар якҷоягӣ бо гурӯҳҳои қароргирӣ ва роҳбарият шенасо шавад, ки дар натиҷа кори муассиса самаранок мегардад.

Дохил шудан ба таҳлилҳои Big Data низ як ҷузъи муҳими дурнамои аудит аст. Миқдори зиёди маълумоти молиявӣ ва ғайримолиявии ташкилотҳо дар натиҷаи рақамикунонӣ ва густариши иттилоот ба вуҷуд меояд. Аудиторон, ки бо ин таҳлилҳо кор мекунанд, бояд қобилиятҳои нави техникӣ ва таҳлилӣ дошта бошанд, то таҳлили дарси амиқ ва идоракунии риски бо таклифҳои самаранокро пешниҳод намоянд.

Бо вусъати истифодаи технологияҳои рақамӣ, амнияти иттилоотӣ ва муҳофизат аз киберхатарҳо ба масъалаи муҳим ва фишорнок табдил меёбад. Аудиторон бояд иқтидор ва муҳитҳои техникии лозимаро барои муҳофизат аз киберхатарҳо ва дуздии маълумотҳо дошта бошанд, ки боиси баланд шудани эътимод ва пӯшида нигоҳ доштани маълумоти муҳими молиявӣ мегардад.

Ба як мувозинати мунтазам ва глобалӣ расидан дар соҳаи аудит муҳим аст. Аудитории рақамӣ ва автоматизатсияшуда бояд бо стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ бошад, то дар натиҷа эътимод ба таҳлилҳо дар ҳамаи кишварҳо ва муҳитҳо баланд шавад. Ҳамин тавр, ташкилотҳо ба стандартҳои нави аудити рақамӣ ва қонунгузорӣ эҳтиёҷ доранд, ки барои ташкили аудитҳои самаранок ва дақиқ дар оянда кӯмак мекунанд.

Дар оянда, эҳтиёҷ ба кормандони баландихтисос ва мутахассисони навин барои амалӣ кардани талаботҳои технологӣ ва методологии аудит хеле меафзояд. Кадрҳо бояд на танҳо малакаҳои анъанавии аудиториро, балки қобилиятҳои технологӣ ва таҳлили иттилоотиро низ ба даст оранд. Ҳамин тавр, гузариш аз бозомӯзии дастӣ ба омӯзиш ва истифодаи технологии рақамӣ муҳим аст.

Аудит дар оянда ба василаҳои аниматикӣ ва сабтҳои ғайримутобиқ (blockchain) барои раванди шаффоф ва масъулиятпазир хоҳанд гузашт. Ҳар як амал дар раванди аудит хоҳад буд, ки ба корбар ва ташкилотҳо саодатмандӣ ва эътимод зиёдтар хоҳад кард.

Чуноне мебинем, раванди таҳиясозии стандартҳои миллии аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз понздаҳ сол пеш оғоз гардида, дар давоми се соли аввалӣ ҳамагӣ шаш стандарт аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ таҳия ва тасдиқ шудаст. Дар солҳои охир дар раванди таҳиясозии стандартҳои миллии аудит ягон пешравие ба назар намерасад. Аз ин хотир, ҳангоми пешбурди фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба стандартҳои байналмилалии аудит такя намуд, ё стандартҳои байналмилалии аудитро пурра ба сифати стандартҳои миллӣ истифода бурдан маврид дорад.

**Адабиёт**


1. Аудит: Учебник 1 ред. М.В. Мельник. – М.: Экономист, 2005.
2. Аудит В.И. Подольский, А.А. Савин, Л. В. Сотникова. 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Юнити – Дане 2006..
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ”аз 22 июли соли 2013, № 993. – http://mmk.tj.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 июни соли 2011, № 749. - http://mmk.tj.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” аз 17 майи соли 2004, № 37. – http://mmk.tj.
6. Кодекси одоби касбии аудиторҳо. Фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2001, № 69. – http://minfin.tj.
7. Каримов Б.Ҳ. Асосҳои баҳисобгирии муҳосибӣ. – Душанбе, 2016. – 220 с.
8. Каримов Б.Ҳ. Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ. Душанбе: Ирфон, 2013. – 213 с.
9. Саидов, Р. Н. рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирӣ, аудит, таҳлили иқтисодӣ ва омор дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ: Маҷмуаи материалхои конферен-цияи илмию назариявии умуми-университетӣ муаллимон, хизматчиён, аспирантхо, докторантхо ва студентон, Душанбе, 21–26 апреля 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – P. 113-116. – EDN NDMIHP.
10. Саидов, Р. Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 110-119. – EDN TAAOGJ.

## МУАММОҲОИ САМАРАНОКИИ АУДИТ БАРОИ ИСТИФОДАИ МАБЛАҒҲОИ ДАВЛАТӢ

**Давлатова Наргис Иззатовна** - ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/10. Телефон: 903032701

Дар мақола самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, ки яке аз муаммои марказии идораи давлатӣ ба ҳисоб меравад. Қарори он, танҳо дар натиҷаи вазифаҳои идоранамоии давлатӣ имконият доранд, ки ҷорисозии санаду меъёрҳои ҳуқуқии таъминкунандаи самаранокии фаъолияти иқтисодӣ – молияviro дар назар дошта бошанд.

**Калидвожаҳо:** аудит, самаранокӣ, маблағ, иқтисодиёт, давлат, назорат, молия, андоз, буҷет.

## ВОПРОСЫ ЭФФЕКТИВНОСТИ АУДИТА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ГОСУДАРСТВЕННЫХ СРЕДСТВ

**Давлатова Наргис Иззатовна** - ассистент кафедры экономического анализа и статистики Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. Душанбе, улица Нахимова 64/10. Телефон: 903032701

В статье рассматривается эффективность использования государственных средств, что является одной из центральных проблем государственного управления. Ее решение возможно только в результате выполнения функций государственного управления, предусматривающего введение нормативно-правовых актов, обеспечивающих эффективность хозяйственной и финансовой деятельности.

**Ключевые слова:** аудит, эффективность, деньги, экономика, государство, контроль, финансы, налог, бюджет.

## AUDIT EFFICIENCY ISSUES FOR THE USE OF PUBLIC FUNDS

**Davlatova Nargis Izzatovna** - assistant at the Department of Economic Analysis and Statistics, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov street 64/10. Phone: 903032701.

The article discusses the efficiency of the use of public funds, which is one of the central problems of public administration. Its solution is possible only as a result of the performance of the functions of public administration, which provides for the introduction of legal acts that ensure the efficiency of economic and financial activities.

**Key words:** audit, efficiency, money, economy, state, control, finance, tax, budget.

Мақсади аудити самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ – ин пеш аз ҳама муайян кардани вазъи молиявии корхонаҳо ва ташкилотҳо, пардохтпазирӣ ва имконияти қарзадокунии онҳо мебошад.

Дилхоҳ санҷиши самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ дар асоси се давра гузаронида мешавад:

- банақшагирии санҷиш;
- амалинамоии санҷиш;
- омодасозии ҳисобот оид ба натиҷаи санҷишӣ.

Мӯҳлати гузаронидани самаранокии санҷишӣ ва фарқияти хароҷоти вақт байни ҳар як давраҳо пеш аз ҳама аз предмети он, мақсад ва ҳаҷми ҳар як санҷиши муайян вобастагӣ дорад. Ҳар як давраи гузаронидани аудити як қатор амалҳои минбаъдаро дар бар мегирад, ки дар ҳуҷҷатҳои махсус қайд карда мешаванд.Тартиботи гузаронидани аудит дар расми зерин, нишон дода шудааст. [2, саҳ. 41-110].

Дар баробари ин, метавонанд чунин ҳолатҳое ба вуҷуд оянд, ки дар натиҷаи санҷиш далелҳои ғайрисамаранок истифодабарии маблағҳои давлати пайдо гарданд, ки асоси қарорҳои ҳуқуқии иҷроияи қудратии Ҳукуматиро дар шубҳа гузорад.

Дар ҷараёни ташаккулёбии иқтисодиёти мамлакат самаранокии маблағҳои давлатӣ мақоми махсусро ишғол менамоянд. Роҳ ба амалинамоии моликияти давлатӣ ба самаранокӣ ва талаботе, ки имкониятҳои стратегии ҳукумати давлатро муайян менамоянд, дар дараҷаи муайяни нуқтаи назари назариявӣ – идеологӣ, методологӣ ва таҷрибавӣ идора карда мешаванд, ки онҳо чунинанд [3, саҳ. 346]:

- иҷроишии вазифаҳо ҳангоми гузаронидани аудити самаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ;

- дар вақти муайян банақшагирӣ, амалинамоӣ ва омодасозии ҳисобот оид ба натиҷаи санҷишӣ;

- нозирони назоратии сохторҳои давлатӣ, ухдадоранд дар доираи салоҳияти тибқи қонунгузории амалкунанда оид ба хароҷоти маблағҳои давлатӣ амал намоянд;

- ҳангоми ошкор гардидани ғайриқонунии истифодабарии маблағҳои давлатии молиявӣ аудитор танҳо дар сурати санад намудани ҳолати мазкур ҳисобот пешниҳод менамояд.

**Расми 1.**- Ташкили аудити самаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ.

Ҳангоми гузаронидани аудити сохторҳои давлатии назорати молиявии масъул, самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатиро муайян менамоянд. Диққат надодан ба бойгариҳои миллии мамлакат дар ҷараёни хусусигардонии моликияти давлатӣ аз бисёр ҷиҳат бо тамоюли рушди моликияти давлатӣ таъсир мерасонад [1, саҳ. 320 ].

Муаммоҳои самаранокии аудит барои истифодаи маблағҳои давлатӣ ҷори намудани чораҳои алоҳидаро талаб мекунад. Умуман дар натиҷаи мукаммалгардонии методикаи аудити маблағҳои давлатӣ ҳаминро қайд кардан муҳим аст, ки асоснокгардӣ ва заруриятӣ фаъолона ҷорикунии аудит дар ду давраи асоси асос меёбад:

1. Баҳогузории санадҳо аз рӯи институтсионалӣ ва меъёри-ҳуқуқии баланд бардоштани самаранокии идораи истифодаи маблағҳои давлатӣ, коркарди пешниҳодҳо оид ба мукамалдиҳӣ ва ташкилёбии шартҳои мувофиқ барои амалигардии онҳо;

2. Гузаронидани аудит бо мақсади самаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ дар соҳаҳои алоҳида.

Ба муаммоҳои асосии сохтани сохтори алоҳидаи давлатӣ оид ба мукамалдиҳии назорати маблағҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Точикистон инҳо дохил мегарданд:

- сохтани низоми ягонаи методологӣ ва ахборотии таъмини назорати сохторҳои давлатии молиявии қонунгузорӣ ва иҷроияи қудрати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- механизми амалишавии ҳозираи консепсияи ягонаи назорати маблағҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайяннамоии мақому маҳалӣ байниҳамкории сохторҳои давлатии назоратӣ маблағҳои давлатии молиявӣ ва сохторҳои қонунбарор.

Яке аз мақоми марказиро аз байни ин муаммоҳо санаду меъёрҳои таъминкунанда ташкил медиҳанд, ки таъмини низоми моҳиятан кафолати самаранокии назорати маблағҳои давлатиро дар бар мегиранд, дар назар дорад. Аз рӯи фаъолияти молиявӣ, аудити давлатии молиявӣ ба чунин шаклҳо тақсим мешаванд, ки дар расми 2 оварда шудааст.

**Расми 2.** Шаклҳои аудити самаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ.

Аз рӯи расми 2 маълум гардид, ки як қатор шаклҳои аудити давлатии молиявӣ мавҷуд аст. Истифодаи аудити самаранокии маблағҳои давлатии молиявӣ сифати нави назоратро, роҳи ҳозираи навини низоми идораи маблағҳои давлатиро ва низоми нави идоракунии сохторҳои давлатиро талаб менамояд. Ин роҳҳо бояд дар асоси усулҳои рушди тамаддунӣ ва самаранокии пайвастакунии маблағҳои марказонидашудаи давлатӣ ташаккул ёбанд, то ки ба талаботи манфиатҳои рушди иқтисодиётӣ миллии мамлакат ҷавобгӯй бошанд.

Дар асоси ҳамаи ин омилҳои овардашуда доир ба мукамалдиҳии методикаи аудити самаранокии маблағҳои давлатӣ Ҳукумати мамлакат, Вазорату кумитаҳои дахлдорӣ давлатӣ, сохторҳои алоҳида оид ба маблағҳои давлатӣ, уҳдадоранд ҳамаи чораҳои зарурииро андешанд. Зарур аст, ки барои мукамалдиҳии методикаи аудити самаранокии маблағҳои давлатӣ Ҳукумати мамлакат ва Вазорату кумитаҳои дахлдори соҳавӣ аз таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа истифода баранд.

Умуман баъд аз гузаронидани таҳлилҳо дар самти аудити самаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ чунин хулоса намудан мумкин аст, ки заминаи меъёрӣ барои идоракунӣ ва истифодабарии маблағҳои давлатӣ ба талаботи назорати давлатии дохилии молиявӣ мувофиқ нестанд. Бартараф кардани камбудиҳои ҷиддӣ ва бо ҳам вобаста, масъалаи душвор мебошад, ки барои ҳалли он мутахассисони соҳавӣ ва ба талабот ҷавобгӯй пайдо кардан мушкил аст. Сатҳи маълумотнокӣ оид ба идоракунӣ ва назорати зарурӣ оид ба самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ, ҳамчун воситаи асосии муқовимат ба хавф, аудити дохилӣ ва берунӣ ва ниҳоят - назорати давлатии дохилии молиявӣ - бениҳоят паст мебошад.

Масъулиятнокии роҳбарон оид ба аудити самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ ба истисноӣ шартҳои умумӣ, барои мақсаднок, самаранок ва мутобиқи қонунҳо истифода гардидани маблағҳои давлатӣ ҷавобгар мебошанд, муайян карда нашудааст [4, саҳ. 324]. Барои ин роҳбари ташкилот бояд низоми устувори идоракунии молиявӣ ва назорати дохилиро ташкил намояд. Дар асоси гузаронидани таҳлилҳои аудити самаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ чунин хулосаҳоро овардан мумкин аст:

- меъёрҳои баҳогузории самаранокии истифодабарии маблағҳои давлатӣ, бо мақсади таъмини ягонагии таҷрибаи назоратӣ сохторҳои давлатии молиявӣ бояд дар санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ, муайян карда шуда бошанд.

- барои дурустии назорати аудити самаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ санаду меёърҳои ҳуқуқии ягона ва вазифаҳои ҷудогонаи сохторҳои давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд қабул карда шаванд, ки ин сохторҳои давлатии молиявӣ ҳангоми назорати аудити самаранок истифодабарии маблағҳои давлатӣ ба такрории иҷроиши вазифаҳо роҳ надиҳанд.

- ҳангоми амалӣ намоии аудити самаранокии маблағҳои давлатӣ дар баробари усулҳои махсуси он, бояд методологияи анъанавии намудҳои назорати маблағҳои давлатӣ низ истифода бурда шаванд.

Аудити минбаъда бо аудити ҷорӣ зич алоқаманд мебошад, ки ба натиҷаҳои корҳои гузаронидашудаи назоратӣ – таҳлилии баъд аз анҷом ёфтани давраи ҳисоботӣ асос меёбад. Бо роҳи таҳлил ва санҷиши ҳуҷҷатҳои ҳисоботии молиявӣ ва муҳосибӣ гузаронида мешавад.

Баҳри мукаммал намудани методикаи ташкили аудити самаранокии
истифодабарии маблағҳои давлатӣ дар шароити буҳрони иқтисодӣ пешниҳодҳои зеринро муҳим мешуморем:

- такмили методикаи аудити самаранокӣ дар асоси истифодаи таҷрибаи пешрафтаи хориҷӣ, пеш аз ҳама истифодаи стандартҳои байналмилалии мақомоти олии назорати молиявӣ;

- таъмини шаффофияти рафти аудити самаранокӣ дар заминаи риояи принсипи “бархурди манфиатҳо”;

- мувофиқати рафти аудити самаранокӣ ба натиҷаҳои бадастовардашуда аз он.

**Адабиёт**

1. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷалаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе «Сино» 2017. 320 саҳ.

2. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. Раҳимов С.Х. Раҳимов З. Душанбе «Эр - граф» 2011 с. Саҳ: 41 – 110.

3. Бровкина Н.Д. Контрол и ревизия: учебное пособие / под. ред. проф. М.В. Мельник. – М.: ИНФРА-М, 2010. – 346 с. ISBN 978-5-16-003022-7

4. Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Раҳимов С.Х. Баҳисобгирии идоракунӣ: китоби дарсӣ. Душанбе: «Ирфон», 2017 – 324 саҳ.

5. Лысенко Д.В. Экономический анализ: Учебник. М.: Проспект, 2008.

6. Савицкая Г.В. Анализ хозяйственной деятельности предприятия: Учебник. – М.: ИНФРА-М, 2002.

7.Савицкая Г.В. Анализ хозяйственной деятельности промышленного предприятия. – Минск: ИСЗ, 1996.

8. Саидов, Р. Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 110-119. – EDN TAAOGJ.

9.Саидов, Р. Н. рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирӣ, аудит, таҳлили иқтисодӣ ва омор дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ: Мачмуаи материалхои конферен-цияи илмию назариявии умуми-университетӣ муаллимон, хизматчиён, аспирантхо, докторантхо ва студентон, Душанбе, 21–26 апреля 2025 года. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2025. – P. 113-116. – EDN NDMIHP.

10.Шеремет А.Д., Сайфулин Р.С. Методика финансового анализа предприятия. – М.: Инфра-М, 1996.

11. Шеремет А.Д. Комплексный анализ хозяйственной деятельности: Учебник. М.: ИНФРА-М, 2006.

## БАЪЗЕ ҶАНБАЪҲОИ НАЗАРИЯВИИ АУДИТ ҲАМЧУН ШАКЛИ НАЗОРАТ

**Бобомуродов Пайрав Хайриевич** - унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 93-539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru

**Абдураҳмонов Сафаралӣ** - ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Нахимова 64/14. Телефон: 904252123.

Мақола ба баррасии муҳимият ва аҳамияи баъзе ҷанбаъҳои назариявии аудит ҳамчун шакли назоратӣ бахшида шудааст. Дар мақолаи илмӣ мақоми аудит дар идоракунии корхонаҳо дар замони муосир баррасӣ карда шудаанд. Мақсади асосии аудит ин изҳор намудани ақидаи мустақил оид ба саҳеҳӣ ва мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ва дигар иттилооти марбут ба ҳисоботи молиявӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ё стандартҳои миллии ҳисобдорӣ мебошад иборат буда, пас аз таҳлилу омӯзиш тавсияҳои мубрам пешниҳод карда шудаанд.

**Вожаҳои калидӣ:** назорати молиявӣ, идоракунӣ, тафтиш, аудити дохилӣ, ширкатҳои аудиторӣ.

## НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ АУДИТА КАК ФОРМЫ КОНТРОЛЯ

**Бобомуродов Пайрав Хайриевич**, саискатель кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 93- 539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru

**Абдурахмонов Сафарали** - ассистент кафедры бухгалтерского учета - Таджикский государственный финансово-экономический университет, адрес: 734067, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, сильный. Нахимова 64/14. Телефон: 904252123.

Статья посвящена рассмотрению важности и значимости некоторых теоретических аспектов аудита как формы контроля. В научной статье рассматривается роль аудита в современном управлении предприятием. Основной целью аудита является выражение независимого мнения о достоверности и соответствии финансовой отчетности и иной информации, связанной с финансовой отчетностью, требованиям международных или национальных стандартов бухгалтерского учета, а после анализа и изучения даются соответствующие рекомендации.

**Ключевые слова:** финансовый контроль, управление, аудит, внутренний аудит, аудиторские фирмы.

## SOME THEORETICAL ASPECTS OF AUDIT, AS WELL AS FORMS OF CONTROL

**Bobomurodov Pairav Hairievich -** an applicant of department is an record-keeping of the Tajik state finances- economy university. Address: Republic of Tajikistan Dushanbe, 64/14 Nahimova street. Phone: 93-539-53-83. E-mail: pp.bobo86@mail.ru

**Abdurakhmonov Safarali** - Assistant of the Department of Accounting - Tajik State Financial and Economic University, address: 734067, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, strong. Nakhimov 64/14. Phone: 904252123.

The article is devoted to the consideration of the importance and significance of some theoretical aspects of audit as a form of control. The scientific article examines the role of audit in modern enterprise management. The main purpose of the audit is to express an independent opinion on the reliability and compliance of financial statements and other information related to financial statements with the

requirements of international or national accounting standards, and after analysis and study, appropriate recommendations are given.

**Key words:** financial control, management, audit, internal audit, audit firms.

Аудит метавонад ҳамчун усули идоракунии иқтисодиёт (фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ) амал кунад, агар онро ҳамчун унсури назорати идоракунӣ баррасӣ кунем, ба шарте ки дар дохили ташкилот аудитор мавҷуд бошад. Он гох вазифаи асосии он тафтиши конунй ва дурустии муомилоти тичоратй ва интизоми молиявй хохад буд. Он метавонад ҳамчун усули ҷамъоварии далелҳо ҳангоми аудит аз ҷониби мақомоти танзимкунанда амал кунад. Он гоҳ вазифаи асосии ревизия муқаррар намудани далелҳои дуздӣ ва суиистеъмол мегардад. Қабл аз оне, ки ҷанбаъҳои амалиявии аудити давлатиро баҳо диҳем, бояд заминаи методологии масъалаи мазкурро таҳлил намоем. Аз рӯи ақидаи олимон Родионова В.М. ва Шлейников В.И. назорати молиявии дохилӣ ин «фаъолияти аз таъсири берунӣ мустақили субъекти хоҷагидорӣ ё мақомоти идоракунӣ доир ба тафтиш ва баҳодиҳии фаъолияти худ, ки бо мақсадҳои худдӣ гузаронида мешавад мебошад. Назорати дохилӣ ба роҳбари субъекти иқтисодие, ки онро таъсис додааст итоат мекунад» [5, с. 25].

Аз инҷо ба чунин хулоса омадан мумкин, аз оне, ки субъекти назорати дохилӣ ба сохтори шабакаҳои идоравӣ ё ташкилотҳои алоҳида дохил карда шудаанд ва ба роҳбарияти ташкилоти худ итоат менамоянд, онро пешакӣ муққарар накарда набояд пурра мустақил ҳисобид.

Зери мафҳуми назорат фаъолияти назоратиро, ки аз тарафи мақомотҳои дар муносибат ба ташкилоти мазкур беруна, мақомотҳои ҳокимият ва идораҳое, ки ба сохтори он дохил намешаванд, зимнан дар назар дошта мешавад. [2, с.81]. Мисоли чунин фаъолият мумкин аст тафтиши Вазорату идораҳо аз ҷониби нозироти андоз шуда тавонад. Аудит шакли амиқтарини назорати минбаъдаи молиявӣ мебошад. Дар баробари ин Д.Н. Дадоматов чунин мешуморад, ки «Аудит низоми амалиёти ҳатмии назоратӣ барои тасдиқи ҳуҷҷатӣ ва воқеии қонунӣ ва асоснокии амалиёти хоҷагидорӣ ва молиявии ташкилот дар давраи тафтишшаванда мебошад» [6].

Як қатор муаллифон, аз ҷумла Двуреченских В.А, Чернавин Ю.А. ва Чегринец Е.А.,бар он ақидаанд, ки мафҳуми «назорати давлатии молиявии дохилӣ»-ро зарур аст, ки ба ҷои термини «назорати давлатии молиявӣ» истифода намоем ва мафҳуми «назорати давлатии молиявии берунӣ»-ро ба мафҳуми «аудити давлатӣ» иваз намоем.

Ба гуфтаи Ю.А. Данилевский ва Л.Н. Овсянников, ҳангоми аудит тамоми амалиёти субъекти хоҷагидор бо истифода аз тамоми усулҳо ва усулҳои барои ин зарур санҷида мешавад - аз мувофиқа кардани ҳуҷҷатҳои дар маҳал мавҷудбуда то санҷишҳои муқобил дар ташкилотҳое, ки субъекти тафтишшаванда бо муносибатҳои молиявӣ ё муносибатҳои дигар алоқаманд аст. [5].

Ба гуфтаи Ш.И. Алибеков, аудит «усули назорати ниҳоӣ (ретроспективӣ) мебошад, ки имкон медиҳад, ки ба фаъолияти истеҳсолӣ ва молиявию хоҷагии иттиҳодия, корхона ва дигар субъектҳои хоҷагидор оид ба иҷрои нақшаҳои истеҳсолию молиявӣ, баҳодиҳии ҳамаҷониба дода шавад. сарфи ресурсхои моддию мехнатй ва натичахои молиявии фаъолият дар давраи тафтишшаванда, таъмини бехатарии молу мулк, муайян намудани захирахои баланд бардоштани самаранокии истехсолот ва бехтар намудани сифати махсулот, ракобатпазирии он дар бозорхои дохили ва чахони» [1].

П.И. Вахрин ва А. Нешита чунин меҳисобад, ки «аудит санҷиши пурраи фаъолияти молиявию хоҷагидории субъекти хоҷагидор бо мақсади санҷиши қонунӣ, дурустӣ, мақсаднокӣ ва самаранокии он мебошад» [2].

Зумрае аз тадқиқотчиён ба хулосае омадаанд, ки аудити давлатиро набояд аз назорати давлатии молиявӣ ҷудо намуд, зеро назорати давлатии молиявӣ самти умумии фаъолияти давлатро оид ба назорат аз болои молия дар назар дорад [3, с. 218].

Дар ҳақиқат қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми аудит давлатӣ вожаи нав нест ва умри зиёда аз 100 сола дорад. Дар давраи ибтидоии пайдоиши он дар Олмон (нимаи дуюми асри 19) аудити дохилӣ ҳамчун шакли назорати ҳолати баҳисобгирии муҳосибӣ маҳсуб шуда буд. Дар аввали асри 20 аудити дохилиро ҳамчун воситаи баҳодиҳии ғайримолиявии амалиёти ширкат ва услуби низомии чустуҷӯии роҳҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ муарифӣ кардаанд.

Мафҳуми аудити дохилиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ» (аз 21.07.2010 № 631) ин тавр барассӣ намудааст: «Аудити дохилӣ - фаъолияти мустақил ва объективӣ оид ба гузаронидани санҷиш, баҳодиҳӣ ва машваратдиҳии низомҳои идоракунӣ ва дигар низомҳо мебошад, ки бо мақсади мусоидат намудан ба фаъолияти қонунӣ, самаранок ва натиҷабахши ташкилотҳои бахши давлатӣ анҷом дода мешавад”.

Аз таърифи дар боло овардашуда бармеояд, ки аудити дохилӣ аз элементҳои зерин иборат мебошад:

1. Ин фаъолияти мустақил ва объективӣ;
2. Он барои гузаронидани санҷиш, баҳодиҳӣ ва машваратдиҳии низомҳои идоракунӣ ва дигар низомҳои дигари ташкилот равона карда шудааст;
3. Он бо мақсади мусоидат намудан ба фаъолияти қонунӣ, самаранок ва натиҷабахши ташкилотҳо мешавад.

Яъне, фаъолияти аудиторӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз фаъолиятҳои мустаъқил ва объективӣ ба ҳисоб меравад. Ин бесабаб нест, ки фаъолияти аудити дохилӣ дар сатҳи қонунгузорӣ гузошта шудааст ва онро ҳамчун фаъолияти мустаъқил эълон намудани қонун аз муҳимиятӣ ва аҳамиятнокии он дар ҷамъият хабар медиҳад. Ба таври дигар гӯем, давлат ва ҳокимияти давлатӣ бо қабули чунин қонун боҳамият ва мубрам будани ташкили фаъолияти аудити дохилиро дар фаъолияти ташкилоту муасиссаҳо бениҳоят боло гузоштааст. Албатта, ташкил кардани низоми босубот ва фаъоли аудити дохилӣ бо мақсади мусоидат намудан ба фаъолияти қонунӣ, самаранок ва натиҷабахши ташкилотҳо худ як кафолатдиҳандаи самаранок ва мақсаднок ва дуруст истифода бурдани чи воситаҳои давлат ва чӣ моликияти хусусӣ мегардад.

Дар шароити иқтисоди муосир самараи назаррасро бо ёрии хадамоти назорати мустақил, яъне ширкатҳои аудиторӣ ба даст овардан мумкин аст. Қабл аз оғози иҷрои супориши аудиторӣ, ки дар нақшаи солонаи санҷишҳо дохил гардидааст, фармон гирифтан зарур аст, ки он бояд омилҳои зеринро муайян намояд:

1. Низом ва чараёне, ки нисбати онҳо санҷиш гузаронида мешавад;
2. Мақсадҳои супоришҳои аудиторӣ;
3. Ҳайати гурӯҳ бо нишондоди роҳбари гуруҳи аудиторӣ;
4. Муҳлате, ки бояд гузориши хотимавии санҷиши аудиторӣ пешниҳод гардад.

Мақсади асосии аудит ин изҳор намудани ақидаи мустақил оид ба саҳеҳӣ ва мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ва дигар иттилооти марбут ба ҳисоботи молиявӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ё стандартҳои миллии ҳисобдорӣ мебошад.

Мақсади аудитро қонунгузорӣ, низоми меъёрии танзимкунандаи фаъолияти аудиторӣ ва уҳдаддориҳои шартномавии муштарӣ ва аудитор муайян менамоянд. Дар Стандартҳои байналхалқиии аудит мақсади аудити ҳисоботи молиявӣ ба таври зайл оварда шудааст: «… ин имкон додан ба аудитор, то ӯ фикри хешро оиди он ки ҳисоботи молиявии таҳиягашта ва пешниҳодшуда аз рӯи ҳамаи тарафҳои муҳиммаш мутобиқи талаботи муқараргардидаи консетсуалии таҳиянамоии ҳисоботи молиявӣ мебошад”.

Аз нуқтаи назари нишонаҳои табақабандишаванда, аудит – ин ташхиси мустақили ҳисоботи молиявии корхона дар асоси санҷиши риояи тартиби бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ, мувофиқати амалиётҳои молиявӣ – хоҷагӣ ба қонунгузорӣ, пуррагӣ ва дақиқияти инъикоси

фаъолияти корхона дар ҳисоботи молиявӣ мебошад. Дар амалия барои тафтиши фаъолияти молиявии корхонаҳо ду намуди аудит, дохилӣ ва берунӣ истифода бурда мешавад [6, с.19] .

Аудити берунӣ аудити ҳатмӣ ва ташаббусиро дар бар мегирад. Аудити ҳатмӣ аз тарафи ташкилотҳои аудиторӣ дар асоси шартномаи хизматрасонии аудит, ки бо субъекти хоҷагидорӣ ба имзо мерасад, гузаронида мешавад. Мақсади асосии он ин тасдиқ намудани эътимоднокии факту рақамҳо мебошад, ки дар ҳисоботи молиявӣ инъикос шудаанд, инчунин пешниҳод ва расондани машваратҳои идоракунӣ ба шумор меравад.

Бо аудити ҳарсолаи ҳатмӣ фаро гирифта мешаванд:

1. Субъектҳои дорои манфиати умум;
2. Дигар субъектҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Субъектҳои санҷидашаванда, ки бояд ба аудити ҳарсолаи ҳатмӣ фаро гирифта шаванд, ӯҳдадоранд бо ширкатҳои аудиторӣ оид ба гузаронидани аудити ҳатмӣ шартнома ба имзо расонида, ба гузаронидани аудити саривақтӣ ва мукаммал мусоидат намоянд. Аудити дохилӣ бо тартиби муқаррарнамудаи субъекти хоҷагидор амалӣ мегардад. Яъне аудити дохилӣ қисмати ҷудонашавандаи назорати идоракунии корхона мебошад, ки бо мақсади баланд бардоштани самаранокии натиҷаҳои фаъолияти корхона ташкил ва гузаронида мешавад. Дар ҳақиқат аз ибтидо вожа ё мафҳуми назорати дохилӣ ба вуҷуд омада, баъдан дар натиҷаи тақсимшавии вазифаҳои таҷрибавӣ мафҳуми аудити дохилӣ пайдо шудааст, ки дар худ вазифаҳои васеътарро шомил карда талаботи корхонаҳоро қонеъ гардонида, масоили пешомадаи ҳозиразамонро ҳаллу фасл мекард.

Вазифаи асосии назорати аудиторӣ – ин пеш аз ҳама аз муайян намудани дурустии ҳисоботи муҳосиба ва молиявӣ, таносуби амалиётҳои молиявӣ ва хоҷагидории - бароварда шуда, санадҳои меъёрии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ба монанди: тафтиши хароҷотҳои истеҳсолот ва муомилот, барҳамдиҳии хароҷоти бесамар ва исрофкорӣ, амалӣ намудани чорабиниҳо оиди сарфи ашё, муътадилгардонии захираҳои молу ашё ва тезонидани суръати гардиши воситаҳои гардони корхона, ки аҳамияти калон дорад ва дигаргуниҳоеро, ки дар иқтисодиёт, молия, муносибатҳои қарзӣ ба амал меояд, пурра меомӯзанд.

**Хулоса,** аудит яке аз намудҳои нави фаъолияти соҳибкорӣ буда, дар худ низоми хизматрасониро ба корхонаҳо оид ба тафтиши ҳисоботҳои молиявӣ ва дуруст инъикос намудани натиҷаи фаъолияти хоҷагиро дар бар мегирад. Ин тафтишҳо дар асоси шартномаҳо гузаронида мешаванд ва дар асоси шартнома музди меҳнат ба аудиторон дода мешавад. Ташкилотҳои назорати молиявӣ ҳам бо ёрии аудиторҳо аз тарафи худ тафтиши корхонаҳоро мегузаронанд. Аз рӯи тартиби гузаронидан назорати молиявӣ ба назорати пешакӣ, ҷорӣ ва навбатӣ ё минбаъда ҷудо мешаванд.

**Адабиёт**


1. Алибеков Ш.И. Ревизия и контроль: учеб. пособие. СПб.: СПбГУЭФ, 2003. 51 с.
2. Бондаренко Е. И., К вопросу о соотношении понятий «внутренний финансовый контроль», «внешний финансовый контроль», «аудит» [Текст] / Е. И. Бондаренко // Государство и право: теория и практика: материалы междунар. заоч. науч. конф. (г. Челябинск, апрель 2011 г.). - Челябинск: 2011. – с. 106-109.
3. Бурцев В.В. Организация системы государственного финансового контроля в Российской Федерации. – М.: Дашков и Ко, 2002, стр. 81
4. Зотов Ф.П., Семенцов А.Б. Современный внутренний аудит в управлении качеством: методология, практика, развитие теории: монография. – Екатеринбург: Урал. гос. лесотехн. ун-т, 2012 – 138 с.

5. Родионова В.М., Шлейников В.И. Финансовый контроль. – М.: ФБК-ПРЕСС, 2002. - 540 с.

6. Саидов, Р. Н. Афзалиятҳои ҳамкории воҳидҳои аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақоми олии аудити давлатӣ / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 3(42). – P. 58-65. – EDN WYEGXG.

7. Орзуев, П. Ҷ. Хусусиятҳои аудити самаранокӣ дар низоми аудити мустақили давлатӣ / П. Ҷ. Орзуев, Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 3(27). – P. 83-90. – EDN SFFETD.

## ХУСУСИЯТҲОИ АУДИТИ НИЗОМИ НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ

**Ҳасанов Қувватали Абдухолиқович** – ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: 000-50-19-19.

Дар мақола қайд карда мешавад, ки назорати дохилӣ воситаи асосии идоракунии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи муаллиф нақши асосии назорати дохилӣ дар он дида мешавад, ки он ба таври фаврӣ норасогиҳои мавҷударо ошкор менамояд. Ишора карда шудааст, ки нисбати чорабиниҳои санҷишие, ки аудитор аз болои низоми назорати дохилӣ татбиқ менамояд, бояд арзёбии ҳама самтҳои фаъолиятро дар бар гирад.

**Калидвожаҳо:** аудити дохилӣ, назорат, қоидаҳои санҷишӣ, баруйхатгирӣ, низоми назорати дохилӣ, тавозуни муҳосибӣ.

## ОСОБЕННОСТИ АУДИТА СИСТЕМЫ ВНУТРЕННЕГО КОНТРОЛЯ В СТРАХОВЫХ ОРГАНИЗАЦИЯХ

**Хасанов Кувватали Абдухоликович** – ассистент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: 000-50-19-19.

В статье отмечается, что внутренний контроль является основным инструментом управления деятельностью страховых организаций. С точки зрения автора, главная роль внутреннего контроля видится в том, что он своевременно выявляет имеющиеся недостатки. Отмечено, что аудиторские мероприятия, которые аудитор осуществляет над системой внутреннего контроля, должны включать оценку всех направлений деятельности.

**Ключевые слова:** внутренний аудит, контроль, правила аудита, инвентаризация, система внутреннего контроля, бухгалтерский баланс.

## FEATURES OF AUDIT OF THE INTERNAL CONTROL SYSTEM IN INSURANCE ORGANIZATIONS

**Hasanov Kuvvatali Abdukhalikovich –** assistant of the audit and revision department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov str., 64/14. Phone: 000-50-19-19.

The article notes that internal control is the main tool for managing the activities of insurance organizations. From the author's point of view, the main role of internal control is seen in the fact that it promptly identifies existing deficiencies. It is noted that the audit activities that the auditor carries out over the internal control system should include an assessment of all areas of activity.

**Key words:** internal audit, control, audit rules, inventory, internal control system, balance sheet.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ шаклҳои гуногуни назорат амал меамояд, ки назорати дохилӣ аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо ба ҳисоб меравад. Назорати дохилӣ бо механизми мунтазамии татбиқи амалҳои назоратӣ-санҷишӣ метавонад аз дигар намудҳои назорат фарққунанда бошад. Маҳз зери назорати доимӣ қарор додани дороиҳо ва амадлиётҳои хоҷагидорӣ ба назорати дохилӣ имконият медиҳад, то самаранокии низоми идоракуниро таъмин кунад. Аммо ҳолатҳое мавҷуданд, ки ба устувории низоми назорати дохилӣ таъсири манфӣ мерасонанд, ки ошкор ва бартараф

намудани онҳо истифодаи хизмати аудиториро талаб менамояд. Воқеан, санҷиши аудиторӣ ва низоми машваратҳои аудиторӣ барои устувор намудани унсурҳои низоми назорати дохилӣ ёрӣ мерасонанд.

Назорати дохилӣ воситаи асосии идоракунии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ва танзимкунандаи муносибатҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ баромад мекунад [2, с. 23]. Дар алоқа бо ин, ҳамчун воситаи муҳим корхонаҳо қарорҳои идоракунии пешакӣ ва аҳамияти стратегидоштаро қабул мекунанд.

Новобаста аз он ки дар шарҳи низоми назорати дохилӣ маҷмӯи чорабиниҳои характери назоратӣ-санҷишӣ дошта фаҳмида мешавад, аммо он омӯзиши маҷмӯи фаъолияти корхона, қисмҳои таркибии он, самаранокии иқтисодӣ, ба таври қонунӣ амаликунии амалиётҳои ҳоҷагӣ, пурагии ахбороти муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, инчунин ҳолати объектҳои назоратиро пурра фаро гирифта наметавонад. Бинобар ин, зарурати назорати аудиторӣ пеш меояд.

Назорати дохилӣ ҳамчун унсури ҷудонашавандаи низоми идоракунии фаврии ширкатҳои суғуртавӣ мебошад. Ин шакли назорат дар давраи "амаликунии чорабиниҳо барои ноилгардӣ ба мақсад" ва "танзими чорабиниҳо барои ноил гаштан ба мақсади гузошташуда", дар ҷараёни нишон додани амалиётҳои ҳоҷагӣ ва молиявии ширкати суғуртавӣ истифода мешавад. Дар асоси маълумотҳои ҳуҷҷатҳои аввала, ҳисобгирии фаврӣ ва муҳосибӣ, барӯихатгирӣ ва мушоҳидаи назорати ҷорӣ, огоҳ кардан аз талаф, зарарҳо ва ғайра ба роҳ монда мешавад.

Нақши асосии назорати дохилӣ ба таври фаврӣ ошкор кардани норасогиҳо дар истифодабарии қонун ва дастурамалҳои амалкунанда, нишондиҳандаҳои нақшавии тасдиқшуда бо роҳи мувофиқ овардани маълумотҳои ҳақиқӣ бо талаботҳои мавҷуда ба роҳ монда мешавад. Назорати дохилӣ новобаста аз ҷараёни гузаронидани амалиётҳои ҳоҷагӣ гузаронида шуда, ба ошкоркунӣ ва истифодабари имкониятҳо равона карда мешавад. Ҷиҳати мусбии ин намуди назорат мавҷудияти имкониятҳои саривақт ошкоркунии имкониятҳои васеъкунии фаъолият мебошад [3, с. 42].

Дар ҷараёни аудити низоми назорати молиявӣ ҳолати баҳисобгирии муҳосибӣ бояд ба таври зарурӣ омӯхта шавад. Чунки хизмати муҳосибот унсури асосии низоми назорати дохилӣ дониста мешавад.

Аудитор дар рафти санҷиш ба сифати объекти омӯхташаванда ҷараёнҳои дар фаъолияти хоҷагидории корхона баамалояндаро аз нуқтаи назари қонунӣ, саҳеҳӣ, мақсаднокӣ масрафнокӣ, нигоҳдории моликият, дуруст барасмиятдарорӣ ва истифода бурдани сармояи худӣ ва амалиётҳои амсоли инҳоро, ки зери таъсири низоми назорати дохилӣ қарор доранд, қабул менамояд [4, с. 211]. Ҳамчунин аудитор рафти санҷиш фаъолияти шахсони мутасадии корхона, ҳолатҳои ҷудогона, мушкилоти баҳсталаб, масъалаҳои технологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва тамоми зуҳуротҳое, ки ба низоми назорати дохилӣ шомиланд, дида мебарояд.

Мо чунин мешуморем, ки агар аудитор ҳолатҳои зеринро дида барояд, онгоҳ вай ба устувории низоми назорати дохилии ташкилоти суғуртавӣ баҳо дода метавонад:

- барӯйхатгириҳои гузаронидашуда оид ба мавҷудият ва нигоҳдории арзишҳои масолеҳӣ, истеҳсолоти нотамом (сохтмони нотамом), нимфабрикатҳо, таҷҳизот барои идораҳо, воситаҳои пулӣ ва дигар дороиҳо;
- санҷиши визуалии дурустии барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо (пурра ва ҷиҳати саҳеҳ барасмиятдарории нишондодҳои ҳуҷҷатҳо, ошкоркунии ҳуҷҷатҳои қалбакӣ;
- санҷиши пуррагӣ ва дурустии ҳуҷҷатҳо бо мақсади муайян намудани дурустии маълумоти он, инчунин баҳодиҳии дурустӣ ва бо пуррагӣ нишон додани қайдҳо дар сабткунакҳои муҳосибӣ, ҷадвалҳои коркардшуда, журнал – ордерҳо, дар китоби асосӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо;
- санҷиши дуруст ҳисобкунии нишондиҳандаҳои ҳисобдорӣ аз қабили пардохти уҳдадории

музди меҳнат, уҳдадории андозӣ, маблағи фарсудашавӣ, захираҳо, фоизҳои қарзҳо ва ғ.;

- таҳлил ва баҳодиҳии дурустии нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, оморӣ бо мақсади муайян намудани эътимоднокии онҳо ва ошкор намудани таъсири онҳо ба қабули қарорҳои идоракунӣ.

Маъмулан аудитор дар ҷараёни санҷиши низоми назорати дохилии ташкилоти суғуртавӣ қисмати зиёди вақти худро дар санҷиши фаъолияти шуъбаи аудити дохилӣ равона мекунад. Чунки назорати дохилӣ дар шакли аудити дохилӣ унсури асосии низоми мазкур мебошад. Аслан дар субъектҳои иқтисодӣ интихоби шакли назорати дохилӣ аз мураккабии сохторҳои муассисаҳо, шакли ҳуқуқӣ, намуд ва шакли фаъолият, муносибати роҳбарияти муассисаҳо бо назорат ва баҳодиҳии бевоситаи фаъолияти менеҷерҳо дар тамоми дараҷаҳои идоракунӣ вобастагӣ дорад.

Бояд қайд намуд, ки ба ғайр аз вазифаҳое, ки хоси аудити дохилӣ мебошад, инчунин иҷроиши санҷишҳои иқтисодӣ, коркарди стратегияи молиявӣ, гузаронидани тадқиқотҳои маркетингӣ ва корҳои машваратӣ – идоракунӣ низ ба он вобаста карда шудааст.

Чорабиниҳои санҷишие, ки аудитор аз болои низоми назорати дохилӣ татбиқ менамояд, бояд баҳодиҳии ҳама самтҳои фаъолияти низоми мазкурро фаро гирад, аз ҷумла: ҷорабиниҳо оид ба сари вақт ошкоркунӣ ва огоҳонидани нодуруст гузаронидани амалиётҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ [1, с. 271].

Аудити низоми назорати дохилӣ дар муқоиса бо дигар намуди объектҳо хусусияти хоси худро дорад, ки ин пеш аз ҳама ба мақсадҳои низоми амалкунандаи назорати дохилӣ алоқаманд мебошад. Вобаста ба ин, мақсади низоми мазкур аз таъмини риояи сиёсати ҳисобдорӣ, стратегияҳои роҳбарият, таъмини нигоҳдории амвол ва ахборот, сари вақт ва ба таври пурра омодакунии ахборот, таъмини риояи талаботҳои қонунгузорӣ иборат мебошад.

Ба ақидаи мо аудити низоми назорати дохилӣ ба самаранокии низоми идоракунии ташкилоти суғуртавӣ мусоидат менамояд, агар, сарчашмаҳои иттилоотии зерин мавриди санҷиш қарор дода шаванд:

- ҳуҷҷатҳои хазина ва амалиётҳои хазинавӣ;
- ҳуҷҷатҳои бонкӣ ва амалиётҳо бо ҳисобҳои бонкӣ;
- ҳуҷҷатҳои муҳосибот, аз ҷумла низоми иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ;
- ҳуҷҷатҳо аз натиҷаи ҳамкориҳо бо таъминкунандагон;
- тавозуни муҳосибӣ ва дигар шаклҳои ҳисоботи молиявӣ;
- бизнес –нақшаи корхона ва дигар ҳуҷҷатҳои ба низоми назорати дохилӣ алоқаманд.

**Дар натиҷаи** омӯзиши адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин таҳлил ва баҳодиҳии маълумот аз амалияи корҳои назоратии ташкилотҳои суғуртавӣ ба чунин хулос омадем, ки устувории низоми назорати дохилӣ дар корхона аз фаъолияти пурсамари сохторҳои корхона, қабул ва истифодаи машваратҳои аудиторон, ки барои мукаммалгардонии низоми мазкур пешниҳод мешаванд, вобастагӣ дорад. Дар робита ба ин ҳолат, барои қаноатбахш будани низоми назорати дохилӣ пешниҳодҳои зеринро муҳим мешуморем:

1.Бо қаноатмандӣ таъмин будани ҷараёни назорат бо ахборот, яъне марҳилаи ибтидоии назорат бояд ба ҷамъоварии ахборот, ки барои коркард ва қабули қарорҳои мувофиқ ёрӣ мерасонад, нигаронида шавад;

2.Назорат бояд на танҳо барои ошкоркунии камбудиҳо, дуздиҳо, балки баҳриислоҳкунии онҳо дар давраҳои дуру дароз чораҳо мусоидат намояд;

3.Назорат бояд барои сафарбаркунии ҳамаи заҳира ва имкониятҳои мавҷудаи корхона нигаронида шуда, баҳри ноилгардӣ ба мақсадҳои мусбӣ ва самаранокии фаъолият мусоидат намояд;

4.Назорат бояд барои кормандони ташкилоти суғуртавӣ ҳамчун воситаи тарбия, бо роҳи таъминоти қонуну қонунгузориҳо, шиносонидани онҳо ба иҷроиши ҳуқуқу ӯҳдадориҳо равона карда шавад;

5.Назорат бояд дар тамоми давраҳои идоракунӣ истифода шавад, яъне дар давраи гузоштани муаммоҳои ҳалшаванда, муайянкунии мақсад, банақшагирии чорабиниҳо барои ба мақсад ноилгардӣ. Аслан дар давраҳои нишондодашуда назорат бояд баҳри риояи талаботи қонунгузориҳо ва риояи дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ нигаронида шавад.

**Адабиёт**


1.Бейсова, Р. С. Аудит качества: учебное пособие/ Р. С. Бейсова. — Мазур, И. И. Упр авление качеством: учеб. пособие / И. И. Мазур, В. Д. Шапиров. — М.: Высш. шк., 2003. — 334 с.

2.Методика проведения внутреннего аудита в страховой организации // Современный капитал. —2003. — №9. — С. 22- 25.

3.Новицкий, А. Л. Внутренний аудит. Что дает форма отчета? / Болотина Т. Э. // Методы менеджмента качества. — 2005. — N 1. — С. 41-44.

4.Ф.Ф.Терехов, М.А.Терехов Контроль и аудит: Основные методологические приемы и технология. М. Финансы и статистика. 2017.-312 с.

5.Саидов, Р. Н. Афзалиятҳои ҳамкории воҳидҳои аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақоми олии аудити давлатӣ / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 3(42). – P. 58-65. – EDN WYEGXG.

6.Орзуев, П. Ҷ. Хусусиятҳои аудити самаранокӣ дар низоми аудити мустақили давлатӣ / П. Ҷ. Орзуев, Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 3(27). – P. 83-90. – EDN SFFETD.

# КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Хакимова Мавзуна Саторовна** — муаллими калони кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734055, Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: (992) 987-81-96-56; Почтаи электронӣ: mavzuna.khakimova.83@mail.ru

В данной статье автор рассматривает, что управление устойчивым инновационным развития в промышленных предприятии осуществляется посредством управленческих воздействий на частные элементы устойчивости, среди которых необходимо выделять инновационную устойчивость предприятия.Также нужно отметить, что инновационное развитие - это процесс реализации на предприятиях, отраслях, комплексах системы мероприятий, путем первоочередного использования инновационных преимуществ и расширенного воспроизводства.

**Ключевые слова:** устойчивость, устойчивое развитие, инновационное развитие, устойчивое инновационное развитие, промышленные предприятия.

# АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

**Хакимова Мавзуна Саторовна** – старший преподаватель кафедры финансового менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета. 734055, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: (992) 987-81-96-56; Email: mavzuna.khakimova.83@mail.ru

Дар мақолаи мазкур муаллиф қайд карда мегузарад, ки идоракунии рушди устувори инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ тавассути таъсири идоракунӣ ба унсурҳои устувор амалӣ карда мешавад, ки дар байни онҳо устувории инноватсионии корхонаҳоро нишон додан лозим аст. Инчунин бояд гуфт, ки рушди инноватсионӣ раванди татбиқи низоми тадбирҳо дар корхонаҳо, соҳаҳо ва комплексҳо тавассути истифодаи афзалиятҳои инноватсионӣ ва такрористеҳсолкунии васеъ мебошад.

**Калидвожаҳо:** устуворӣ, рушди устувор, рушди инноватсионӣ, рушди устувори инноватсионӣ, корхонаҳои саноатӣ.

# CONCEPTUAL FOUNDATIONS OF INNOVATIVE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL ENTERPRISES IN MODERN CONDITIONS

**Khakimova Mavzuna Satorovna** – Senior Lecturer, Department of Financial Management, Tajik State University of Finance and Economics. 734055, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: (992) 987-81-96-56; Email: mavzuna.khakimova.83@mail.ru

In this article, the author considers that the management of sustainable innovative development in an industrial enterprise is carried out through management influences on private elements of sustainability, among which it is necessary to highlight the innovative sustainability of the enterprise. It should also be noted that innovative development is a process of implementation at enterprises, industries, and complexes of a system of measures, through the priority use of innovative advantages and expanded reproduction.

**Key words:** sustainability, sustainable development, innovative development, sustainable innovative development, industrial enterprises.

В экономической литературе для оценки состояния предприятия и перспектив его функционирования используются два термина «устойчивость» и «устойчивое развитие» [1,31].

Устойчивость как понятие - это способность сохранять неизменным существующее положение, а развитие - процесс закономерного изменения, перехода из одного состояния в другое, более совершенное. В результате развития возникает новое качественное состояние объекта, его состава и структуры.

Устойчивость предприятия - сложная экономическая категория, пронизывающая все сферы деятельности предприятия и являющаяся основой построения критериев ценности принимаемых решений.

Так как предприятие представляет собой большую систему, в современной экономической литературе устойчивость предприятия рассматривается на основе общей теории устойчивости больших систем, в которой под устойчивостью системы понимается способность динамической системы сохранять движение по намеченной траектории (поддерживать намеченный режим функционирования), несмотря на воздействующие на нее возмущения.

Термин «устойчивое развитие» в мировой экономической литературе трактуется, прежде всего, как усиление позиций предприятия на рынке, расширение круга потребительской продукции, увеличение объема сбыта и доли рынка [6, 25].

**Аскарова Санавбархон Султонходжаевна** - доктор философских наук, PhD, заведующая кафедрой мировой экономики, МТУ «Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова», г. Худжанд, Республика Таджикистан, тел: (+992)-92-616-55-57 e-mail: sanam85@mail.ru

Данная статья посвящается формировании стратегии научно-технического и технологического развития промышленного комплекса Республики Таджикистан, и авторами предложены конкретные предложения по этапам формирования стратегии научно-технологического развития промышленного комплекса Республики Таджикистан. Ожидается, что при разработке стратегии научно-технического развития промышленных комплексов следует учитывать логическую последовательность реализации, так как она является основной системы стратегического планирования экономического развития. В целом концепция и содержание стратегии не должны быть сложными, а процесс формирования программ, подготовленных на основе стратегии, должен быть простым и доступным, включать только критические и конкретные вопросы приоритетных технологий. Учитывая тот факт, что инновационная, научно-техническая деятельность охватывает все отрасли экономики, необходимо уделить особое внимание формированию системы управления научно-технологическими процессами. Из этого следует, что

при подготовке таких важных документов, как стратегия развития, программы развития отраслей и их вопросов, необходимо широкое участие научных работников, смежных учреждений, высших учебных заведений, НАН РТ, министерств и научно-исследовательских учреждений. Достижение стратегических целей и развитие отраслей возможно только в случае всестороннего и совместного внимания к их разработке.

**Ключевые слова**: Стратегия развития промышленности, научно-тоническое и технологическое развитие, промышленность, этапы развития, формирование, внедрение, нормативно-правовые акты, отраслевые акты, программы, инновации, промышленные комплексы.

## DEVELOPMENT OF DIGITAL TECHNOLOGIES AND STRATEGY OF INDUSTRIAL SOCIETIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE DIGITAL ECONOMY

**Askarova Sanavbarkhon Sultonkhodjaevna -** doctor of Philosophy, PhD, Head of the Department of World Economy, MTU "Khujand State University named after Academician B. Gafurov", Khujand, Republic of Tajikistan, tel: (+992)-92-616-55-57 e-mail: sanam85@mail.ru

This article is devoted to the formation of a strategy for the scientific, technical and technological development of the industrial complex of the Republic of Tajikistan, and the authors have proposed specific proposals for the stages of formation of a strategy for the scientific and technological development of the industrial complex of the Republic of Tajikistan. It is expected that when developing a strategy for the scientific and technological development of industrial complexes, one should take into account the logical sequence of implementation, since it is the main system of strategic planning for economic development. In general, the concept and content of the strategy should not be complicated, and the process of developing programs prepared on the basis of the strategy should be simple and accessible, including only critical and specific issues of priority technologies. Given the fact that innovative, scientific and technical activities cover all sectors of the economy, it is necessary to pay special attention to the formation of a management system for scientific and technological processes. From this it follows that in the preparation of such important documents as the development strategy, programs for the development of industries and their issues, the broad participation of scientists, related institutions, higher educational institutions, the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, ministries and research institutions is necessary. The achievement of strategic goals and the development of industries is possible only in the case of comprehensive and joint attention to their development.

**Key words:** Industry development strategy, scientific and technological development, industry, development stages, formation, implementation, legal acts, industry acts, programs, innovations, industrial complexes.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои соҳавӣ, стратегияҳо ва дигар аснод ҷузъи муассири равандҳои фаъолияти соҳаҳои саноатии кишвар ва минтақаҳои он мебошанд. Барномаҳо ва санадҳои ба рушди технологӣ, илмӣ ва иқтидории мучтамаъҳои саноатӣ равона гардида, ба ҳайси ҳуҷҷатҳои асосии стратегию банақшагирӣ баромад менамоянд, ки онҳо барои давраҳои дарозмуддат таҳия карда мешаванд. Дар навбати худ, онҳо стратегия, усулҳо ва барномаҳои дарозмуддати ҳам мақомоти идоракунанда ва ҳам роҳбарони корхонаҳои саноатӣ ва ташкилотҳои илмиву тадқиқотӣ мебошанд, ки дар маҷмуъ ташаккул додани чунин стратегияҳо масъалаи хело мураккаб ба ҳисоб меравад.

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ зарурати мутобиқ гардидани модели рушди иқтисодӣ ба тамоюлҳои ҷаҳонии илмиву технологӣ ва дар ин асно зарурияти қабули санадҳои меъёрию барномаҳои соҳавии афзалиятҳои рушди илмӣ-техникии иқтисодиёти миллиро

фарогиранда ба миён омад ва то ба ҳол якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, мавриди татбиқ қарор гирифтаанд [ниг. ба 8; 9; 1; 15; 16]. Ин боиси ба қадри имконият афзудани ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ ва иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ дар қаламрави кишвар гардид (ҷадвали 1). Аз ҷумла дар давраи солҳои 2010-2020 ҳаҷми иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ 3,4 маротиба афзоиш ёфта, дар маҷмуъ 75,3 млн. сомониро ташкил дода аст. Аз ин шумора корҳои илмӣ -техникӣ нисбат ба соли 2010 53,0 млн. сомонӣ 3,4 маротиба афзоиш ёфтааст.

**Ҷадвали 1.- Динамикаи иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳазор сомонӣ**

| Солҳо | 2010 | 2015 | 2016 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020 нисбат ба | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | **2019** | **2010** |
| **Ҳаҷми иҷрои корҳо аз оғози сол** | 22027,0 | 52799,8 | 58434,0 | 66788,4 | 74120,4 | 75292,7 | **101,6** | **3,4 мар.** |
| **аз ҷумла корҳои илмӣ-техникӣ** | 21887,3 | 52287,2 | 57937,7 | 64892,6 | 73513,4 | 74907,1 | **101,9** | **3,4 мар.** |
| **-корҳои илмӣ -таҳқиқотӣ** | 17987,3 | 51935,6 | 57547,2 | 56650,3 | 67011,5 | 68295,8 | **101,9** | **3,8 мар.** |
| **аз ҷумла бунёдӣ** | 8508,7 | 8806,2 | 10465,9 | 12363,1 | 9986,4 | 9157,2 | **91,7** | **1,1 мар.** |
| **-корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ** | 22,8 | 319,0 | 351,4 | 220,3 | 782,7 | 575,0 | **73,5** | **2,5 мар.** |
| **-хизмати илмӣ -техникӣ** | 3867,2 | 32,6 | 39,1 | 5664,3 | 5691,8 | 5990,8 | **105,3** | **1,5 мар.** |

**Ҳисоби муаллиф аз рӯи:** Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 112.

Корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ зиёда аз 2,5 маротиба афзун гардида, дар давраи таҳлилӣ ҳаҷми хизматҳои илмӣ – техникӣ -2,1 млн сомонӣ 5,9 млн. сомониро ташкил додаанд, ки аз нишондиҳандаи соли 2010 1,5 маротиба зиёд мебошад. Вале нишондиҳандаҳои иҷрои корҳо нисбат ба соли 2019 афзоиши кам ёфта, ҳамагӣ 1,1 млн. сомониро ташкил додаанд. Аз ин миқдор дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 корҳои бунёдӣ 8,3 % ва корҳои лоиҳакашӣ бошанд 26,5 % кам шудаанд.

Аммо бо вуҷуди мавҷудияти асноди зикргардида, ба рушди босуръати соҳавӣ ноил гардидан ва ба тамоюлҳои ҷаҳонии рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ баробар гардидан дар дараҷаи кифоягӣ набуда, бархӯрди ҷиддии мукаммалсозӣ ва таҷдидсозии аснодҳову стратегияҳоро талаб менамояд. Масалан тибқи маълумотҳои омории пешниҳоднамудаи Бонки ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар ҷадвали 5.12, дар радабандии нишондиҳандаҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ба миқдори 62 млн. доллари ИМА маҳсулоти технологияи баланд содир кардааст. Соли 2020 бошад якбора ин нишондиҳанда коҳиш ёфта, ба 2 млн. доллар расида аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз

лиҳози ба рушди технологиву илмӣ нисбат ба кишварҳои рушдкарда ва рӯ ба рушд дар радабандӣ хело қафомонда арзёбӣ карда мешавад [4].

Бояд қайд намоем, ки чунин ҳолат бо сатҳи пасти ҳавасмандкунии тиҷорат нисбат ба фаъолияти инноватсионӣ, афзоиш ёфтани рақобатпазирӣ дар ҷаҳон ва суст идора шудани равандҳои таҷдидсозиву инноватсиякунонии фаъолияти соҳаҳои саноат аз ҷониби сохторҳои давлатӣ алоқамандӣ дошта, тақозои таҷдид ва бознигарии стратегияҳо, санадҳои меъёрӣ ва барномаҳои соҳавиро дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чи хеле ки зикр гардида буд, як қатор асноди ба равишҳои фаъолияти саноатӣ дахлдошта мавҷуд бошанд (масалан яке аз асноди асосӣ – ин «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030») ҳам, аз таҳлили маводҳои дар адабиётҳо овардашуда бармеояд, ки айни замон стратегияи рушди илмӣ-техникии минтақавӣ ва соҳавии саноатӣ мавриди татбиқ қарор нагирифта нашуда аст. Махсусан дар ягон минтақаи кишвар равишҳои методологии дорои муҳтавои стратегияи илмӣ-техникӣ дар соҳаи саноат ва ташаккули коркарди онро пайдо намудан ғайриимкон аст. Танҳо соли 2010 «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илму технология барои солҳои 2011-2015» қабул гардида буд [5].

Бояд қайд намоем, ки стартегияи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стратегияву барномаҳои давлатӣ ҳамчун асос маншаъ гирифта, самтҳои мухталафи фаъолияти самарабахши соҳаро фаро мегирад. Дар стратегия, пеш аз ҳама, арзёбии воқеии ҳолати рушди илмӣ-технологии саноатӣ дар минатқаҳо тариқи муайян сохтани мавҷудияти иқтидори  илмиву техникӣ, сатҳи технологии корхона, то чӣ андоза вобаста будани онҳо аз воридоти таҷҳизоту технологияҳо аз берун, рақобапазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда, фаъолияти инноватсионӣ, таъсиррасонии ин омилҳо ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минатқаҳо ва аҳолии кишвар дарҷ гардида, дар он натиҷаҳои пешбинишудаи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ пешниҳод мегарданд ва нақшаҳои имконпазири рушди технологӣ муайян карда шуда, тартиботи технологияҳои афзалиятдор ташаккул дода мешавад. Ҳамчунин мақсад ва афзалиятҳои рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ муайян гардида, ташаккули системаи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатии минтақавӣ, ташкили корҳои илмӣ-тадқикотӣ ва коркардҳо дар минтақаҳо барои татбиқи технологияҳои пешқадам ва таъмин намудани ҷобаҷогузории онҳо пешниҳод гардида, дар ин замина давраҳои асосӣ ва механизмҳои амалисозии стратегияҳо, инчунин системаи назорати амалишавии қарорҳои қабулгардида ва тамоюлҳо инъикос карда мешаванд.

Агар ба таври кушод ироа кунем, дар тартиби сохтори стратегияи рушди илмиву техникии муҷтамаъҳои саноатӣ, пеш аз ҳама, бояд инъикоси ҳолати воқеии рушди саноати минтақавӣ, вуҷуд доштани иқтидори илмӣ-техникӣ, рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолӣ инъикос гардида, таъсири бевоситаи онҳо ба сатҳи некӯаҳволии аҳолии кишвар ва минтақаҳое, ки дар онҳо муҷтамаъҳо ҷойгир мешаванд, ба вазъи экологӣ ва, махсусан, ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Вобаста ба баҳоҳои гузошташуда натиҷаҳои пешбинишудаи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ дар ҳар як минтақа ироа гардида, равандҳои имконпазири рушди технологӣ интихоб гардида, абзорҳои технологии афзалиятнок муайян карда мешаванд.

Баъд аз ин натиҷаҳои ташхисшудаи интихоби самтҳои афзалиятдори рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ пешниҳод шуда, ҳадафҳои стратегӣ ташаккул дода шуда, нақша ва роҳҳои рушди технологӣ муайян карда мешаванд. Дар ин замина пешниҳодҳои асоснок ва аз таҳлилу коркард гузаштаи ташаккулёбии системаи рушди илмиву технологӣ пешниҳод мегарданд, ки онҳо бояд ба самтҳои афзалиятнок ва ҳадафҳои ба миён ниҳода мувофиқ бошанд. Вобаста ба ин фаъолгардонии корҳои илмиву тадқиқотӣ оид ба татбиқи технологияҳои пешқадам, дастарсӣ ба онҳо, истифодаи самараноки имкониятҳои онҳо инъикос карда мешаванд. Дар идома тадбирҳои

оид ба таъмин кардани рушди илмӣ-технологии муҷтамаъҳои саноатӣ бо мутахассисони варзидаи баландихтисос пешниҳод мегарданд.

Баъдан масъалаҳои муҳимми стратегӣ барои рушди илмӣ-технологии муҷтамаъҳои саноатӣ, инкишофи иҷтимоъҳои технологӣ, баҳогузории таъсири иҷтимоии рушди технологӣ ташаккул дода шуда, давраҳои асосӣ ва механизмҳои амалисозии стратегия, иҷрои қарорҳои қабулгардида ва ғайра инъикос карда мешаванд.

Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми коркард, стратегияи рушди илмиву техникии соҳаҳои саноатӣ бо як қатор хавфҳо низ рӯ ба рӯ шуданаш мумкин аст, ки онҳо бояд ба инобат гирифта шаванд ва роҳҳои камтаъсир кардани онҳо ироа гарданд. Масалан, барои камтаъсир кардани хавфи номувофиқатии манфиатҳои тарафҳои иштирокдорони амалишавии стратегия, ҳангоми баргузории машваратҳо (бо гузаронидани ҳамоишҳои бузург) ва бевосита барои ноил гардидан ба қабули қарорҳое, ки ба иҷрои мақсаду нақшаҳо мусоидат мекунанд, бояд иштироки тарафҳои мухталиф таъмин гардад ва бад-ин васила ноил гардидан ба мақсадҳои умумӣ фароҳам оварда шавад [1, С.98].

Ҳамчунин бояд аз хавфи ғайрифаъол будани сатҳи инноватсионӣ ва қабули инноватсия сухан ронем, ки асли зуҳури чунин хавфҳо марок надоштани корхонаҳо ба рушди фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Таъсири чунин хавфҳоро бо тадбирҳои ҳавасмандкунонии рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ ба роҳ мондан мумкин аст. Дар ин самт, Ҳукумати ҷумҳурӣ якчанд равандҳоро пеш гирифта аст. Аз ҷумла бевосита аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду давра-16 январи соли 2018 ва 16 марти соли 2022 эълон намудани мораторияи ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ибтикори қобили қабул мебошад, ки мақсади он дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ буда, ба таҳкими иқтидори саноатию содиротии ҷумҳурӣ равона гардида аст. Ғайр аз ин тадбирҳои озод намудани корхонаҳо аз андозбандӣ, пешниҳод намудани дастгирии давлатӣ фақат ба он корхонаҳое, ки таҷдидсозӣ ва рушди технологияҳои инноватсиониро ба роҳ мондаанд, бояд ба таври фаъол ба ҳаёт татбиқкарда. Аз ҷониби дигар, афзалият барои гирифтани дастгирии давлатӣ ба он корхонаҳое дода шавад, ки дар онҳо амалисозии стратегияҳои технологӣ мавҷуд бошанд.

Дар навбати худ яке аз хавфи дигар метавонад хавфи марбут ба молия ва буҷет бошад. Барои аз чунин хавфҳо эмин мондан бояд пеш аз ҳама ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ вусъат бахшида шавад. Ҳамчунин ҷузъиёти талаботҳои аз буҷет маблағгирандагон ҳангоми хариди маҳсулот, кору хизматрасониҳо ба таври шаффоф муайян карда шуда, бо мақсади аниқ кардани хавфҳо ҳолати бахшҳои тиҷоратӣ мониторинг карда шавад. Махсусан ӯҳдадориҳои буҷетӣ, ки ба хариди таҷҳизот, сохтмон, таъмир, ҷойгиркунии масолеҳи харидашуда ва ғайра равона мегарданд, назорати ҷиддиро талаб мекунад. Барои самаранок гардидани равандҳои ба кам кардани чунин намуд хавфҳо алоқаманд, таҷрибаи ҳамкориҳои ашхоси иҷрокунандаи вазоифи расмӣ бо ташкилоту созмонҳои илмиву консалтингӣ, ки ба таҳқиқи хавфҳо сарукор доранд, самарабахш хоҳад буд [2, С.99].

Норасоии мутахассисони баландихтисоси идоракунии технологияҳо ва равандҳои илмӣ-техникӣ имрӯз яке аз сабабҳои боздорандаи рушди илмиву технологӣ ба ҳисоб меравад. Барои эмин мондан аз ин авомил бояд равандҳои ҳавасмандгардонии илмомӯзон ва ҷалб намудани мутахассисони баланд маҳорат ба роҳ монда, ҳамчунин барои ҳамаҷониба истифода бурдани қобилияти онҳо ва тақвият ёфтани маҳорати онҳо шароит фароҳам оварда шавад [3, С.21].

**Адабиёт**

1. Водолажская Е.Л. Управление устойчивым развитием высокотехнологичных отраслей промышленности // Дисс. на соис. уч. степ. док-а экон. наук. 08.00.05. / Е.Л. Водолажская. – М., 2019. – 303 с.

2. Гамукин В.В. Бюджетные риски: группы, виды, примеры // Монография / В.В. Гамукин. - Тюмень: издательство Тюменского государственного университета, 2015. – 340 с.

3. Дыбов А.М. Возможности минимизации рисков в процессе инновационной деятельности//Вестник Удмуртского университета. Серия «Экономика и право». – Ижевск, 2012. – С.20-24.

4. Саидов, Р. Н. Вопросы повышения уровня благосостояния населения Республики Таджикистан в современных условиях / Р. Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/9(190). – С. 230-238. – EDN VBGQWX.

5. Саидов, Р. Н. Методологические вопросы уровня жизни населения Таджикистана и потребительских цен / Р. Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/4-2. – С. 74-80. – EDN ZSGTDN.

6. http://wdi.worldbank.org/table/5.12 (санаи мурочиат ба сомона:12.09.2022)

7. https://www.anrt.tj/ru/nauchnye-issledovaniya/strategiya-rtv-oblasti-nauki-i-tekhnologij-na-2011-2015-gody (санаи мурочиат ба сомона 27.07.2022).

## РУШДИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ҲАМЧУН НУҚТАИ КАЛИДӢ ДАР ПАЙЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

(Бардошт аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар, 28.12.2024, шаҳри Душанбе)

**Пирова Ш.С. -** ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Институти Технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ**,** Тел.93 949 37 73.

**Рустамова Г. -** омузгори кафедраи забон ва адабиёти руси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тел. 907913677. Почтаи эл. rustamova-71@mail.ru

Дар мақола рушди иқтисоди рақамӣ ҳамчун нуқтаи калидии Пайёми Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Қайд мегардад, ки азбаски соли 2025 соли рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия эълон гардид, моро зарур аст, ки ҳаматарафа махсусан олимон саҳми босазои хешро дар рушди иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсия гузорем. Зеро ба гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ будҷети давлатӣ ду маротиба зиёд мешавад.

**Калидвожаҳо:** технологияи иттилоотӣ, рушди тиҷорати электронӣ, бизнеси рақамӣ, субъектҳои иқтисодӣ, ҳадафҳои стратегӣ, майдони рушд.

## РАЗВИТИЕ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ КАК КЛЮЧЕВОЙ ПУНКТ В ПОСЛАНИЕ ЛИДЕРА НАЦИИ УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМАНА

**Пирова Ш.С. -** ассистент кафедры менеджмента и маркетинга Института цифровых технологий и искусственного интеллекта, тел. 93 949 37 73.

**Рустамова Г. -** преподаватель кафедры русского языка и литературы Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, тел. 907913677. E-mail: rustamova-71@mail.ru

В статье анализируется развитие цифровой экономики как ключевой момент Послания Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона. Отмечается, что поскольку 2025 год объявлен годом развития цифровой экономики и инноваций, нам необходимо внести существенный вклад в развитие цифровой экономики и инноваций во всех сферах, особенно в сфере науки. Ведь переход к цифровой экономике позволит увеличить государственный бюджет вдвое.

**Ключевые слова:** информационные технологии, развитие электронной коммерции, цифровой бизнес, хозяйствующие субъекты, стратегические цели, сфера развития.

## DEVELOPMENT OF DIGITAL ECONOMY AS A KEY POINT IN THE MESSAGE OF THE LEADER OF THE NATION RESPECTED EMOMALI RAHMAN

**Pirova Sh.S. -** Associate Professor of the Department of Management and Marketing of the Institute of Digital Technologies and Artificial Intelligence, tel. 93 949 37 73.

**Rustamova G. -** Lecturer of the Department of Russian Language and Literature of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, tel. 907913677. E-mail: rustamova-71@mail.ru

The article analyzes the development of the digital economy as a key point of the Address of the Leader of the Nation, the respected Emomali Rahmon. It is noted that since 2025 has been declared the year of development of the digital economy and innovation, we need to make a significant contribution to the development of the digital economy and innovation in all areas, especially in the field of science. After all, the transition to a digital economy will double the state budget.

**Key words:** information technology, development of e-commerce, digital business, business entities, strategic goals, development area.

Паёми имсолаи Роҳбари давлат, ки дар бинои нави мақоми олии қонунгузори мамлакат – Маҷлиси Олӣ баргузор гардид, масъалаҳои самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар баррасӣ шуд.

Аз суханронии муҳтарам Пешвои миллат бармеояд, ки ҳоло кишвари мо дар марҳилаи нави тараққиёти худ қарор дошта, бо амалӣ намудани стратегияву барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардида истодааст.

Вобаста ба ин, чуноне ки Пешвои муаззами миллат дар суханрониашон қайд карданд, дар заминаи амалисозии ҳадафҳои миллиамон, пеш аз ҳама, амнияти миллӣ ва рушди устувори иқтисодиро таъмин намоем ва сатҳу сифати зиндагии мардумро боз ҳам баланд бардорем. Зеро мардуми Тоҷикистон шоистаи зиндагии хуб аст.

Дар баробари ин Роҳбари давлат иброз намуданд, ки нооромиву низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни олам, шиддат гирифтани мухолифатҳои сиёсӣ ва таҳримҳо миёни кишварҳои абарқудрат, мусаллаҳшавии бошитоб, «ҷанги сард», тағйирёбии иқлим, инчунин, канда шудани занҷирҳои таҳвили молу маҳсулот ва дигар омилҳои берунӣ моро водор месозанд, ки барои пешгирӣ кардани таъсири манфии онҳо ба иқтисодиёти кишвар тадбирҳои саривақтӣ андешем[1]. Зеро иқтисодиёт яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ ва дохилии кишвар ба ҳисоб меравад.

Мусаллам аст, ки имрӯзҳо Ҳукумати мамлакат бо истифода аз ҳамаи захираву имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати мунтазам беҳтар гардонидани шароити зиндагии мардум нақшаҳои бузурги созандагиро роҳандозӣ карда истодааст. Ҷиҳати рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва амалисозии лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузории давлатӣ, инчунин, татбиқи нақшаву барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ дар панҷ соли охир аз ҳисоби буҷети давлат ва сармояи дохиливу хориҷӣ зиёда аз 197 миллиард сомонӣ равона карда шуд.

Барои иҷрои нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии истиқлоли давлатӣ аз ҳисоби соҳибкорону шахсони саховатпеша ва сокинони бонангу номуси кишвар дар се соли охир беш аз 20 миллиард сомонӣ хароҷот карда шуд. Корҳое, ки дар ин самт анҷом дода шуданд, ба таъмин гардидани нишондиҳандаҳои пешбинигардидаи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва пешрафту ободии шаҳру деҳоти мамлакат мусоидат намуданд.

Дар доираи нақшаи зикргардида дар се соли охир дар мамлакат беш аз 1500 иншооти соҳаи маориф, яъне муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, 660 иншооти варзиш, 175 иншооти фарҳангу фароғат ва ҳазорҳо иншооти дагари истеҳсоливу иҷтимоӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд.

Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои мушаххас даромади пулии аҳолӣ аз 48 миллиард сомонӣ соли 2019-ум ба 147 миллиард сомонӣ дар соли 2024-ум расид.

Ҳамчунин, Вазорати молия, Бонки миллӣ, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ҳалли масъалаҳои вусъат додани истифодаи технологияҳои муосири рақамиро ҳарчи зудтар таъмин намоянд.

Ба ибораи Пешвои миллат, «Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст»[1].

Ҳамчунин, зимни Паёми хеш муҳтарам Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад:

1.Такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ.

2.Инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси маҳзани мукаммали миллии маълумот.

3.Рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили маҳзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ.

4.Рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ.

5.Истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ.

6.Андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот.

7.Ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ.

Ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имконияти технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд.

Дар ин раванд, муҳайё кардани шароити беҳтарин барои тарбияи кадрҳо, пешниҳод намудани имтиёзҳои гуногун, ҳавасмандгардонии мутахассисони самти самти технологияҳои иттилоотӣ ва бозомӯзӣ дар муассисаҳои пешқадами хориҷӣ зарур дониста шуд.

Дар робита ба ин, Роҳбари давлат пешниҳод намуданд, ки дар заминаи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамӣ таъсис дода шавад. Ба ин донишгоҳ мақоми пойгоҳи асосии тайёр кардани мутахассисони самти мазкур дода, илова бар ин, дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар факултаю кафедраҳои дахлдор таъсис дода шаванд.

Ҳамин тариқ, соли 2025 азбаски соли рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия эълон гардид, моро зарур аст, ки ҳаматарафа махсусан олимон саҳми босазои хешро дар рушди иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсия гузорем. Зеро ба гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ будҷети давлатӣ ду маротиба зиёд мешавад.

**Адабиёт**


1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 28.12. 2024.

2.Аллен Р. Глобальная экономическая история: Краткое введение. М: изд-во Института Гайдара, 2017.

3.Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.

4.Нестеренко Е.С., Науменко Р.В. Системный подход как основа понятийно – категориального аппарата цифровой экономики/ Е.С. Нестеренко Р.В. Науменко // Креативная экономика.-2019.-Т.13.-№5.-с.911-926.

## НИШОНДИҲАНДАҲОИ ОМОРИИ РАВАНДҲОИ ИҶТИМОӢ- ИҚТИСОДИИ ДЕМОГРАФӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

**Одиназода Меҳрубон Абдураҳмон** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи омори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе. E-mail: Mehrubon.01@mail.ru. Телефон: (+992) 900-17-17-59.

**Тураева Муқаддам Турабоевна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе. E-mail: muki88@mail.ru Телефон: (+992)777-11-6000.

Дар мақола маълумотҳои оморӣ оид ба равандҳои иҷтимоӣ- иқтисодии демографӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таҳлил гардида, инчунин ҷанбаҳои мусбати тағйирёбии равандҳои демографӣ барои солҳои охир қайд гардидаанд. Дар мақола роҳҳои самаранок ҷамъоварии маълумот оид ба аҳолӣ дар шароити рақамикунонӣ пешниҳод карда шудааст. Таҳлили омории равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии демографӣ дар ин давра нишон доданд, ки хусусиятҳои хоси тағйирёбии аҳолии минтақаҳо ба назар расида, саривақт ва бе камбуди ҷамъоварии онҳо мушкилоти соҳаро ба бор оварда истодааст. Хулосабарорӣ гардидааст, ки дар ҳолати сари вақт гузаштан ба рақамикунонии нишондиҳандаҳои равандҳои демографӣ, метавонем камбудиҳои ҷойдоштаи соҳарро баратараф намуда, барои рушди иҷтимоию-иқтисодии мамлакат таъсири бевосита расонем.

**Калидвожаҳо:** омор, аҳолӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, рақамикунонӣ, равандҳои демографӣ, тағйирёбӣ, синнусол, афзоиши табиии аҳолӣ.

## СТАТИСТИЧЕСКИЕ ПОКАЗАТЕЛИ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ДЕМОГРАФИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДА К ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

**Одиназода Мехрубон Абдурахмон** - кандидат экономических наук, доцент кафедры статистики Таджикского национального университета, Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, E-mail: Mehrubon.01@mail.ru. Телефон: (+992) 900-17-17-59.

**Тураева Мукаддам Турабоевна** – к.э.н., доцент кафедры налогов и налогообложение Таджикского государственного университета коммерции. Тел: (+992)777-11-6000, Электронная почта: muki88@mail.ru

В статье анализируются статистические данные о социально-экономических демографических процессах в условиях цифровизации экономики, а также выделяются позитивные стороны изменений демографических процессов за последние годы. В статье представлены эффективные способы сбора данных о населении в условиях цифровизации. Статистический анализ социально-экономических демографических процессов за этот период показал, что проявились специфические особенности изменения численности населения регионов, своевременный и точный сбор которых создает проблемы для отрасли. Сделан вывод о том, что при своевременном переходе к цифровизации показателей демографических процессов можно устранить имеющиеся недостатки отрасли и оказать непосредственное влияние на социально-экономическое развитие общества.

**Ключевые слова:** статистика, население, социальный, экономический, цифровизация, демографические процессы, изменение, возраст, естественный прирост населения.

# STATISTICAL INDICATORS OF SOCIAL-ECONOMIC DEMOGRAPHIC PROCESSES IN THE CONDITIONS OF THE TRANSITION TO THE DIGITAL ECONOMY

**Odinazoda Mehrubon Abdurahmon** - candidate of economic sciences, assistant professor of the Department of Statistics of Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe. E-mail: Mehrubon.01@mail.ru. Phone: (+992) 900-17-17-59.

**Turaeva Muqaddam Turaboyevna** - candidate of economic sciences, Tajik State University of Commerce. Tel: (+992)777-11-6000, Email: muki88@mail.ru

The article analyzes statistical data on socio-economic demographic processes in the context of digitalization of the economy, and also highlights the positive aspects of changes in demographic processes in recent years. The article presents effective ways to collect data on the population in the context of digitalization. Statistical analysis of socio-economic demographic processes over this period showed that specific features of changes in the population of regions emerged, the timely and accurate collection of which creates problems for the industry. It is concluded that with a timely transition to digitalization of indicators of demographic processes, it is possible to eliminate the existing shortcomings of the industry and have a direct impact on the socio-economic development of society.

**Key words:** statistics, population, social, economic, digitalization, demographic processes, change, age, natural population growth.

Бо ташаббус ва дастгириҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рақамикунонии иқтисодиёти мамлакат таваҷҷуҳи хоса равона карда мешавад. Масъалаи «ҳукумати электронӣ» ва «рақамикунонии иқтисодиёт» дар Паёми Пешвои миллат яке аз нуктаҳои асосиро ишғол мекунад. Аз ҷумла, дар Паёми навбатии худ Пешвои миллат санаи 28 декабри соли 2024 чунин қайд намуданд, ки, “Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст”[12, 2-5].

Дар шароити муосир рақамикунонӣ яке аз омилҳои асосии рушди устувор ва тараққиёти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Рақамикунонии иқтисодиёт дар соҳаҳои гуногуни кишвар ба роҳ монда, дар солҳои охир ба як қатор дстовардҳо ноил гаштааст, ки рақамикунонии соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла меҳнат, муҳоҷират, шуғли аҳоли ва таҳсилоти иптидоии касбӣ барои беҳтар намудани хизматрасониҳои давлатӣ ба аҳолӣ ва содагардонию шаффофияти фаъолияти сохторҳои давлатӣ мусоидат менамояд.

Баҳодиҳӣ ба накши омилҳои иҷтимоӣ - иқтисодии демографӣ дар таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ мебошад. Вобаста ба ин ҳолат баҳои комилан мувофиқи тамоюли инкишофи равандҳои иҷтимоӣ - иқтисодии демографӣ ва муайян намудани оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии онҳо зарур аст. Дар ин раванд моро лозим аст, ки ба рақамикунонии маънбаҳои маълумот гузарем.

Дар баъзе минтақаҳои кишвар суръати нисбатан баланди зиёдшавии табиии аҳолӣ дида мешаванд, ки тафовути минтақавӣ дар хусусияти равандҳои демографӣ бо дигаргуншавӣ ва тағйиротҳо дар тарзи ҳаёт, инчунин хусусиятҳои этникӣ, ки бо одат ва анъанаҳои миллӣ дар муносибатҳои оилавӣ, нигоҳ дошта мешаванд, вобастагӣ доранд. Аҳамияти омӯзиш ва таҳқиқи равандҳои иҷтимоӣ - иқтисодии демографии мамлакат дар аксари суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсусан таъкид мегардад [11, 3-6].

Барои расидан ба ҳадафи мазкур дар раванди рақамикунонии таҳқиқот масъалаҳои зерин гузошта шудаанд:

❖ омӯзиши ҳолат, хусусият ва тамоюли рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ;

❖ таҳлили тамоюли инкишоф ва тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ- демографӣ ва пешниҳод намудани тавсияҳо доир ба такмил додани махзани маълумотҳо ва методологияи таҳлили омории равандҳои демографӣ;

❖ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохили кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ дар байни аҳолӣ.

Аз рӯи маълумотҳои оморӣ дида мешавад, ки шумораи аҳолӣ сол аз сол афзоиш меёбад. Дар маҷмуъ дар давраи солҳои 2019 – 2024 он ба 1161,7 ҳазор нафар ё худ ба 12,7% афзуд. Аз маълумотҳои дар график овардашуда бармеояд, ки суръати афзоиши аҳолӣ ба ҳисоби миёна 2% -и солонаро ташкил дода истодааст. Инчунин, афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ ва суръати пасти рушди иқтисодӣ нишондодҳои шадиди демографиро афзунтар мегардонад. Ба вазъи демографии солҳои пешина назар афканему муқоисаи маълумотҳоро нисбат ба соли 2024 дида бароем, фарқият хеле назаррас аст, чунки қабули консепсияи сиёсати давлатию демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва назорати бевоситаи Ҳукумат ва муассисаҳои илмӣ–таҳқиқотӣ тавонист шуури демографии аҳолиро тағйир дода, таъсири бевоситаи худро расонад [6, 101-106].

**Диаграммаи 1. -** Тағйирёбии шумораи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳаз. наф).

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2024. - С. 25.

Ҳиссаи аҳолии шаҳр соли 2024 дар шумораи умумии аҳолӣ ҳайати худро бе тағйир нигоҳ медорад ва 28,9% -ро ташкил медиҳад, лекин ҳиссаи аҳолии деҳот то 71,1% зиёд шудааст. Ин ҳолат аз мо тақозо менамояд, ки ба ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва ҳарчи зудтар гузаштан ба рақамикунонии соҳаҳо диққати аввалиндараҷа диҳем [11, 88-100].

Бояд ҳаминро қайд намоем, ки тағйирёбии вазъияти демографиро дар мамлакат пешгӯйӣ карда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҷорӣ шудани устувори демографӣ торафт ба чашм мерасад. Натиҷаҳои дурнамои мо нишон доданд, ки шумораи аҳолӣ то соли 2030 аз 10288,3 то 11372,6 ҳазор нафар меафзояд, ки ин нишондиҳанда дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 то 11,5 млн. нафар пешбинӣ карда шудааст [2, 124-126]. Барои расидан ба ин ҳадаф омилҳои таъсиррасони афзоиши табии аҳолӣ бетағйир рушд кардан гиранд.

Аз маълумотҳои ҷадвал истифода намуда дар алоҳидагӣ ҳар як нишондиҳандаи ташкилкунандаи иқтидори демографиро муқоиса менамоем, ки шумораи аҳолӣ яке аз онҳо мебошад. Ҳангоми таҳлил намудан муайян гардид, ки шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, нисбат ба солҳои муқоисашаванда яъне солҳои 2023-2000 ҳақиқатан афзоишёбанда будааст.

**Ҷадвали 1. - Тағйирёбии шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2000 – 2023**

| Солҳо | Шумораиаҳолӣ ҳаз, наф | Афзоиши табиӣ (занҷирӣ) | Афзоиши табиӣ (базисӣ) | Коэффитс-иенти табиӣ (занҷирӣ) | Коэффит-сиенти табиӣ (базисӣ) | Суръати афзоиш (занҷирӣ) | Суръати афзоиш (базисӣ) | Арзиши мутлақи 1% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2000 | 6250,0 | - | - | - | - | - | - | - |
| 2001 | 6375,5 | 125,5 | 125,5 | 1,02 | 1,02 | 1,96 | 1,96 | 63,0 |
| 2002 | 6506,5 | 131 | 256,5 | 1,02 | 1,04 | 2,01 | 4,10 | 64,0 |
| 2003 | 6640,0 | 133,5 | 390 | 1,02 | 1,06 | 2,01 | 6,24 | 65,1 |
| 2004 | 6780,4 | 140,4 | 530,4 | 1,02 | 1,08 | 2,07 | 8,48 | 66,4 |
| 2005 | 6920,3 | 139,9 | 670,3 | 1,02 | 1,10 | 2,02 | 10,7 | 67,8 |
| 2006 | 7062,9 | 143,5 | 813,8 | 1,02 | 1,13 | 2,03 | 13,0 | 68,0 |
| 2007 | 7063,8 | 143,5 | 813,8 | 1,02 | 1,13 | 2,03 | 13,0 | 69,2 |
| 2008 | 7215,7 | 151,9 | 965,7 | 1,02 | 1,15 | 2,10 | 15,5 | 70,7 |
| 2009 | 7373,8 | 158,1 | 1123,8 | 1,02 | 1,17 | 2,14 | 18,0 | 72,3 |
| 2010 | 7529,6 | 155,8 | 1279,6 | 1,02 | 1,20 | 2,06 | 20,5 | 73,9 |
| 2011 | 7616,4 | 86,6 | 1366,4 | 1,01 | 1,22 | 1,13 | 21,7 | 75,6 |
| 2012 | 7807,2 | 190,8 | 1557,2 | 1,02 | 1,24 | 2,44 | 24,9 | 76,6 |
| 2013 | 7987,4 | 180,2 | 1737,4 | 1,02 | 1,27 | 2,25 | 27,8 | 78,2 |
| 2014 | 8161,1 | 173,7 | 1911,1 | 1,02 | 1,31 | 2,12 | 30,6 | 80,1 |
| 2015 | 8352,0 | 190,9 | 2102 | 1,02 | 1,33 | 2,28 | 33,6 | 81,9 |
| 2016 | 8551,2 | 199,2 | 2301,2 | 1,02 | 1,36 | 2,32 | 36,8 | 83,7 |
| 2017 | 8742,8 | 191,6 | 2492,8 | 1,02 | 1,39 | 2,19 | 39,9 | 85,9 |
| 2018 | 8931,2 | 188,4 | 2681,2 | 1,02 | 1,42 | 2,10 | 42,9 | 87,5 |
| 2019 | 9126,6 | 195,5 | 2876,6 | 1,02 | 1,46 | 2,14 | 32,0 | 89,7 |
| 2020 | 9313,8 | 187,2 | 3063,8 | 1,02 | 1,49 | 2,01 | 32,9 | 88,9 |
| 2021 | 9886,8 | 573,0 | 3636,8 | 1,06 | 1,58 | 6,15 | 32,5 | 89,2 |
| 2022 | 10078.4 | 191,6 | 3828,4 | 1,02 | 1,61 | 1,93 | 32,7 | 89,3 |
| 2023 | 10288,3 | 209,9 | 4038,3 | 1,02 | 1,64 | 2,08 | 32,6 | 89,5 |

**Сарчашма:** Ҷадвал аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои Тоҷикистон: 25-соли истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе, 2016. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон. Душанбе, 2024. - С.25., Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2024. - С.9 тартиб ва ҳисоб карда шудааст.

Соли 2030 дар мамлакат барӯйхатгирии навбатии аҳолӣ ва фонди манзил гузаронида мешавад. Таҳлили омории шумораи аҳолиро бо ёрии усули сохтан ва таҳлил намудани қаторҳои динамикӣ, гузаронидан мумкин аст. Таҳлили қаторҳои динамикӣ дар омор бо роҳи муқоиса кардани сатҳи онҳо гузаронида мешавад. Дар асоси маълумотҳои ҷадвали 3 ояндабинии шумораи аҳолиро барои давраҳои соли 2028, 2030 ва 2035 бо истифода аз функсияи хаттии оморӣ дида мебароем.

Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки таҳлилҳои омории пешгӯишавандаи мо ба пешгӯинамоии Стратегияи миллии рушд то давраи соли 2030 наздикӣ дорад.

**А) функсияи хаттӣ:**

$S_t = So + \Delta \times t$;

$\Delta = \frac{St - So}{t}$ : $\Delta_{(2023\text{-}2000)} = \frac{10288{,}3 - 6250{,}0}{23} = 175{,}6$ ҳаз. наф

**S $_{(2028)}$ = 10288,3+175,6×5=11166,3**

**S $_{(2030)}$ = 10288,3+175,6×7=11517,5**

**S $_{(2035)}$ = 10288,3+175,6×12=12395,5**

Дар ҷадвали зерин пешгӯии равандҳои демографӣ ва аломати натиҷавиро дар асоси модели (2) чунин меорем:

**Диаграммаи 2. –Дурнамоии шумораи аҳолӣ то соли то соли 2035**

Diagram 2. - Forecast of population until 2035

Хулоса рақамикунонӣ дар равандҳои демографӣ саривақтӣ мебошад. Барои дар вақти муайяншуда дастрас намудани маъвбаҳои дурусти маълумотҳои демографӣ яке аз мақсад ва ҳадафҳои асосии ҳукумат ва сохторҳои марбута ба ҳисоб меравад.

Бо ин мақсад як қатор пешниҳодҳои зеринро дар амал татбиқ намудан лозим аст:

- тағйир додани шуури демографии аҳолӣ дар мамлакат;
- то шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумотҳо;
- фаҳмидан ва истифодаи дурусти техногияи рақамӣ ва инноватсия аз ҷониби аҳолӣ;
- ташаккул ва тарбияи тафаккури демографии ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои синнусолии аҳолӣ ва танзими шумораи фарзандон дар оила.

**Адабиёт**


1. Бобоева Р.М. Вопросы моделирования зависимости роста ВВП страны от состояния рынка труда / Р. М. Бобоева, М. А Одинаев, О. С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. -№6. - С. 27-33. EDN:IEUODK

2. Мирзоев С.С. Характеристика современной демографической ситуации и тенденция ее изменения в Республике Таджикистан. / С. С. Мирзоев, М. А. Одинаев // Экономика Таджикистана. –Душанбе, 2019. - №3. - С.112-120. EDN:LNRGNA

3. Аҳмадов Ф.М. Тенденция развития демографических процессов и его воздействия на окружающую среду/ Ф.М.Аҳмадов, М.А.Одинаев // Вестник ТНУ/Серия экономических наук. 2015. - № 2/3(165). - С. 35-38 EDN:UNJJVH

4. Мирзоев С.С. Иқтидори демографӣ ҳамчун омили рушддиҳандаи иқтисодиёт/ Одинаев М.А, Мирзоев С.С // Пайёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2019. -№ 7. - С. 99-105. EDN:UULFDW

5. Одинаев М.А. Таҳқиқи омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. … ном. илм. иқт: 08.00.12 / М.А.Одинаев – Душанбе, 2020.– 196 с. С. 80, 87, 88-90.

6. Одинаев М.А. Тенденция демографического развития регионов и её социально-экономические проблемы/ М.А.Одинаев, О.С.Табаров // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. 2014. - № 2/10(152). - С. 98-103. EDN:VBGPQF

7. Одинаев М.А. Индексный метод анализа динамики рождаемости в Республике Таджикистан / Одинаев М.А., Мирзоев С.С // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. Международный теоретический и научно-практический журнал. -№1 (24) 2019. - С. 286-290. EDN:VYGSVT

8. Одинаев М.А. Экономико- статистическое моделирование демографических процессов республики Таджикистан / М.А. Одинаев, Табарзода О.С. // Экономика Таджикистана. -2021. -№3. -С. 157-164. EDN:WEMGFR

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ 28.12.2024.

10. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 28.12.2023

11. Саидов, Р. Н. Вопросы повышения уровня благосостояния населения Республики Таджикистан в современных условиях / Р. Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/9(190). – С. 230-238. – EDN VBGQWX.

12. Саидов, Р. Н. Методологические вопросы уровня жизни населения Таджикистана и потребительских цен / Р. Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/4-2. – С. 74-80. – EDN ZSGTDN.

13. Статистический сборник Республики Таджикистан: Агентство по статистике при Президенте РТ. – Душанбе, 2024. – 470 с.

**АСОСҲОИ ИЛМИИ РУШД ВА ТАШАКУЛЁБИИ ТУРИЗМ ДАР ШАРОИТИ БОЗОР**

**Қурбонова Шаҳноза Бобишоевна** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи суғурта. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимов, 64/14. Почтаи электронӣ: kurbonova-88@ internet. ry. Телефон: (+992) 985208282

Дар мақола моҳияти туризм, пайдоиш ва тамоюли рушди он, мафҳумҳои туризм, саноати сайёҳӣ, иқтисодиёти сайёҳӣ ва хусусиятҳои хоси фаъолияти туризм муайян шудааст. Қайд карда мешавад, ки сайёҳи таърихи тулонӣ дошта ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ то ҳол таърифи ягона пайдо накардааст. Моҳияти сайёҳӣ ва мафҳумҳои асосии он дар соҳаҳои муайяни иқтисодиёт, сотсиология, фарҳангшиносӣ ва ҷуғрофия таҳия шудаанд. Иқтисодшиносон туризмро аз рӯи саҳми он дар рушди иқтисодии миллӣ, талабот ва пешниҳод, тавозуни пардохт, нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодӣ ва шуғл баррасӣ карданд.

**Калидвожаҳо:** Туризм, муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ, захираҳои туристӣ, объекти туризм, истироҳат, реакреатсия, экотуризм, сиёсати иқтисодӣ, таҷрибаи хоҷагидорӣ ва иқтисодиёти туризм.

**НАУЧНЫЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ И ОРГАНИЗАЦИИ ТУРИЗМА В УСЛОВИЯХ РЫНКА**

**Курбанова Шахноза Бобишоевна** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры Страхование. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14.E-mail: kurbonova-88@ internet. ru. Телефон: (+992) 985208282

В статье определяется экономическая сущность туризма, его зарождение и тенденции развития, концепции туризма, туристическая отрасль, экономика туризма и специфика ее деятельности. Отмечается, что туризм с многолетней историей еще не нашли единого определения как социально-экономического и культурного явления. Сущность туризма и его основные концепции разрабатываются в определенных областях экономики, социологии, культурологии и географии. Экономисты рассматривали туризм с точки зрения его вклада в национальное экономическое развитие, спрос и предложение, платежный баланс, финансовые и экономические показатели и занятость.

**Ключевые слова:** Туризм, международные экономические отношения, туристические ресурсы, туризм, рекреация, отдых, экотуризм, экономическая политика, хозяйственная практика и экономика туризма.

**SCIENTIFIC BASES OF DEVELOPMENT AND ORGANIZATION OF TOURISM IN MARKET CONDITIONS**

**Kurbanova Shakhnoza Bobishoevna** - Tajik State Financial and Economic University, assistant of the Department of Insurance. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. E-mail: kurbonova-88@ internet. ru. Phone: (+992) 985208282

The article defines the economic essence of tourism, its origin and development trends, the concept of tourism, the tourism industry, the economics of tourism and the specifics of its activities. It is noted that tourism with a long history has not yet found a single definition as a socio-economic and cultural phenomenon. The essence of tourism and its basic concepts are developed in certain areas of economics, sociology, cultural studies and geography. Economists have looked at tourism in terms of its contribution

to national economic development, supply and demand, balance of payments, financial and economic performance, and employment.

**Key words:** Tourism, international economic relations, tourism resources, tourism, recreation, recreation, ecotourism, economic policy, economic practice and economics of tourism.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз кишварҳои дорои захираҳои бойи табии ва сайёҳи мебошад масъалаҳои рушди соҳаи туризм барои илми иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидории кишвар проблемаи аввалиндараҷа ба шумор меравад.

Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бойи табиӣ, ҷойгиршавӣ мусоиди ҷуғрофӣ, манзараҳои гуногуни табиӣ, олами наботот ва ҳайвонот, оромии ҷомеа барои сайёҳон давлати ҷаззоб ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, масъалаҳои ташаккули механизми ташкилию идоракунии рушди бахши сайёҳӣ ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи фаъолияти хоҷагидории кишвар аҳамияти махсус пайдо карда сайёҳони дохиливу хориҷиро дар кишвар афзоиш медиҳад.

Моҳияти сайёҳӣ ва мафҳумҳои асосии он дар соҳаҳои муайяни иқтисодиёт, сотсиология, фарҳангшиносӣ ва ҷуғрофия таҳия шудаанд. Иқтисодшиносон туризмро аз рӯи саҳми он дар рушди иқтисодии миллӣ, талабот ва пешниҳод, тавозуни пардохт, нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодӣ ва шуғл баррасӣ карданд.

Ҷомеашиносон ва фарҳангшиносон сайёҳиро аз нуқтаи назари тарзи рафтори туристӣ (фардҳо ва гурӯҳҳо), тарзи зиндагӣ, урфу одатҳо омӯхтанд. Ҷуғрофиён аз руи ҷанбаҳои фазоии сайёҳӣ, самти ҷараёни туристӣ ва пароканда шудани онҳо дар қаламравҳо, истифодаи захираҳо ва инчунин тағирёбии муҳит сайёҳиро арзёбӣ кардаанд[7,8].

Таърифҳои гуногуни сайёҳӣ дар сарчашмаҳои гуногуни илмӣ, ва таълимӣ пайдо кардан мумкин мебошад. Дар асоси омузиши маълумотҳои гуногуни илмиву оморӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки истилоҳи сайёҳӣ аз ҳама истилоҳоти гуногунҷабҳа мебошад.

Масалан олими австралиягӣ Нил Лайпер се равиши таърифи сайёҳиро "иқтисодӣ", "техникӣ" ва "куллӣ" дар солҳои 60-70-ум муқаррар кардааст[6,392]. Таърифҳои иқтисодии сайёҳӣ ба зуҳуроти туризм ҳамчун соҳа ва тиҷорат иакя мекард. Тарифҳои техникӣ бошад хусусиятҳои консептуалии туризмро барои мақсадҳои оморӣ, ҳуқуқӣ ва соҳавӣ барассӣ намуд ва таърифҳои куллӣ (яъне мураккаб) бошад туризмро дар маҷмӯъ ҳамаҷониба ва мунтазам баррасӣ мекунад.

Баъзе олимони иқтисодӣ ва коршиносон бо мақсади пешгирӣ кардани ихтилофҳо ва баҳсҳои илмӣ дар атрофи мафҳуми сайёҳӣ пешниҳод мекунанд, ки мафҳуми маҷмӯии саёҳат ва сайёҳӣ ҳамчун синоним истифода бурда шавад.

Олимони дигар бошанд сайёҳат ва интиқолро баробар мешуморанд ва таъкид мекунанд, ки фаъолияти сайёҳи ба ҳамлу нақл мансубият дорад. Олимони дигар бошад мафҳуми сайёҳатро ба маънои фароғат шарҳ медиҳанд ва таъкид мекунанд, ки сайёҳат мақсади фароғатро дорад ва тиҷорату тиҷорат таҳсилот бошад ба соҳаи сайёҳи вобастагӣ надорад.

Бори аввал таърифи расмии байналмилалии истилоҳи сайёҳӣ аз ҷониби Лигаи Миллатҳо соли 1937 пешниҳод шуда буд. Истилоҳи сайёҳӣ маънои онро дошт, ки сайёҳ ҳамчун шахсе, ки ба муддати 24 соат ё бештар аз он ба кишвари дигаре сафар мекунад[7,8]. Яке аз камбудиҳои чунин мафҳум ин сарфи назар кардани сайёҳии ватанӣ ба ҳисоб мерафт.

Чӣ тавре, ки аз маълумотҳои имруза бармеояд дар зери мафҳуми сайёҳон инчунин сайёҳии дохили кишвар низ дохил мешавад ва ин намуди сайёҳи низ дар рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар саҳми муҳимро доро мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки имруз бо рушди муносибатҳои хоҷагии ҷаҳонӣ мафҳуми сайёҳӣ ҳамчун ҷузъи низоми иқтисодиву иҷтимоӣ хеле васеъ гашт.

Дар тавсияҳо оид ба омори сайёҳӣ аз соли 1994, СММ се шакли туризмро яъне дохилӣ, байналмилалӣ ва транзитӣ, тасниф мекунад.

Дар асоси консепсияи яке аз олимони барҷастаи амрикоӣ Нил Лейпер, сайёҳиро як ҷузъи ҷуғрофӣ муайян кардан мумкин аст, ки ҷузъҳои он инҳоянд:

1) минтақае, ки афзоиши сайёҳонро ба вуҷуд меорад, 2) минтақаи транзитӣ, 3) минтақаи макони сайёҳӣ, яъне минтақае, ки сайёҳонро қабул мекунад.

Олими дигар И. Игнатьева, қайд мекунад, ки мафҳуми "туризм" -ро танҳо дар сурати таҳлили маҷмӯъи ҳамаи категорияҳои асосии илми туризм пурратар ошкор кардан мумкин мебошад. Ба ақидаи И.Игнатева туризм ҳамзамон як намуди фаъолият, як шакли истироҳат ва шохаи бахши иқтисоди миллӣ ва роҳи сарф кардани вақт барои фароғат, санъат, илм ва тиҷорат ва монанди инҳо ба ҳисоб меравад[3,22].

Мувофиқи қонунгузорӣ ҶТ туризм **ин** шуғле, ки низоми ташкили усулҳои гузаронидани истироҳатро бо мақсадҳои солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат (ба истисноӣ ҳаҷ), тиҷоратӣ, варзишӣ, касбию хизматӣ ва дигар мақсадҳо тавассути саёҳат (тур) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷои истиқомати доимӣ ба роҳ мемонад[4].

Ба ақидаи мо туризм мафҳуми васеъро доро буда ҳамзамон вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, гуманитарӣ ва монанди инҳо вазифаҳоро иҷро карда барои рушду нумӯъи кишвар хизмат мерасонад. Туризмро ҳамчун сайёҳати муваққатии шаҳрвандон, шаҳрвандони хориҷӣ аз ҷои истиқомати доимӣ бо мақсадҳои мухталиф яъне касбӣ, тиҷоратӣ, варзишӣ, динӣ, барои беҳбудии саломатӣ, дониш ва ғайра мекучанд, тавсиф кардан мумкин мебошад.

Дар бораи ташаккулёбии туризм сухан ронда мафҳуми рекреатсияро сарфи назар кардан аз нуқтаи назари тадқиқоти мо нодуруст арзёбӣ мегардад. Дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ туризм ва рекреатсия ҳар хел маънидод карда мешавад.

Тавре аз луғати энсиклопедии русӣ бармеояд рекреатсия (истироҳат) аз калимаи истироҳати лотинӣ гирифта шуда маънояш барқароршавӣ, барқароркунии қувваҳои инсонии дар раванди меҳнат сарфшуда мебошад[8,85].

Олими дигар А.М. Сазыкин чунин мешуморад, ки рекреатсия туризм, экскурсия ва истироҳатро дар бар мегирад. Ин олим туризмро муҳимтарин ҷузъи фароғат меҳисобад[1,122].

Дар асоси таҳлилҳои назариявию таҷрибавӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки рекреатсия (истироҳат) ва туризм мафҳумҳои якранг нестанд, балки ҳамдигарро пурра ва такмил медиҳанд. Рекреатсия ҳамчун барқарорсозии саломатии инсон фаҳмида мешавад, ва онро дар ҷои истиқомати, ё атрофи шаҳр амалӣ кардан мумкин аст. Туризм бошад маънои аз ҷои истиқомати доимӣ ба минтақа ва ё кишвари дигар сафар карданро дорад. Барои аксарияти давлатҳои дунё рекреатсия як намуди маъмули фаъолияти туристи ба шумор меравад.

Мувофиқи методологияи таснифоти байналхалқӣ туризм ба чанд намуди ҷудо мешавад:

- туризми дохилӣ бо ҷалби сайёҳон дар дохили кишвари худ;

- туризми воридотӣ, сайёҳоне, ки резидентҳои ин ё он кишвар нестанд, яъне шаҳрвандони хориҷӣ;

- туризми содиротӣ, сафари одамонро аз як кишвар ба кишвари дигар. Чунин намуди туризм ғайрифаъол аст, зеро асъор аз кишвар содир карда мешавад.

- туризм дар дохили кишвар, аз ҷумла ҳам туризми дохилӣ ва ҳам туризми воридотӣ;

- туризми миллӣ, ки ҳам сайёҳии дохилӣ ва ҳам туризми хориҷиро фаро мегирад;

- туризми байналмилалӣ, ки аз туризми воридотӣ ва хориҷӣ иборат мебошад [5,16].

Чи тавре, ки маълум мегардад туризм бағайр аз доро будани мафҳуми васеъ боз ба намудҳои зиёд ҷудо мешавад. Барои баъзеҳо, туризм бо километри тайшуда ва сафарҳо ба ҷойҳои таърихӣ, барои дигарон сайёҳат ба кишвари хориҷӣ ва монанди инҳо фаҳмида мешавад. Албатта соҳаи туризм бисёрҷабҳа буда аз ин нуқтаи назар ақидаи ҳамаашон қобили қабул шуморида мешавад.

Туризм чи тавре, ки аз таҳлилҳо бармеояд на фақат омили рушди иқтисодёти кишвар, балкӣ шарти муҳими такмилдиҳандаи соҳаи фарҳанг, ҳифзи муҳити зист ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъияти арзёбӣ мегардад.

Имрӯз мо туризмро ҳамчун падидаи азими асри XX, ҳамчун яке аз падидаҳои дурахшони замони мо, ки воқеан ба тамоми соҳаҳои ҳаёти мо ворид шуда, ҷаҳон ва манзараи атрофро тағир медиҳад, дарк мекунем.

Туризм ба яке аз омилҳои муҳими иқтисод табдил ёфтааст, ва бинобар ин мо онро на танҳо сафар, сайёҳат ё таътил медонем. Ин мафҳум хеле васеътар аст ва маҷмӯи муносибатҳо ва ваҳдати робитаҳо ва падидаҳоеро, ки одамро дар сафар ҳамроҳӣ мекунанд, ифода мекунад.

Суръати баланди рушди туризм, ҳаҷми зиёди даромадҳои асъорӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисод фаъолона таъсир мерасонад, ки ин ба ташаккули индустрияи сайёҳии худ мусоидат мекунад. Туризм аз ҳисоби тақрибан 6% маҷмӯи маҳсулоти миллии ҷаҳон, 7%-и сармоягузории ҷаҳонӣ, ҳар ҷои кории 16-ум, 11% -и хароҷоти ҷаҳонии истеъмолотро ташкил медиҳад[2].

Қайд кардан зарур аст, ки имруз дар шароити паҳн шудани пандемия туризм низ мисли дигар соҳаҳои муҳими иқтисодӣ тамоюли пастшавиро пайдо кардааст. Дар ин бобат сухан дар бораи он меравад, ки дар шароити пасопандемия ва барқарор шудани муносибатиҳои тиҷоративу иқтисодӣ ба соҳаи сайёҳи таваҷҷуҳи шаҳрвандон боз зиёд мешавад. Имруз барои барқарор намудани муносибатҳои дуҷонибаву бисёрҷониба тамоюлоти ҷаҳони муосирро аз ҷумла махсусияти рушди туризм ба инобат гирифтан лозим меояд.

Махсусияти рушди туризм дар шароити кунунӣ ба объектҳои кашфнашудаи табиии, ба экотуризм, агротуризм, шикор, куҳнавардӣ, туризми илмӣ ва монанди инҳо алоқамандӣ пайдо кардааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93% қаламравро куҳҳо ташкил менамоянд ҳамаи намудҳои зикргардидаи соҳаи туризм мавҷуд мебошад. Ин ба мо имконият медиҳад, ки мо соҳаи туризмро ба яке аз қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодиёти миллӣ табдил намоем.

Барои ҷалби сайёҳон захираҳои туристиро дар кишвар аз он нуқтаи назар рушд додан лозим меояд, ки дидани онҳо мақсади асосии сайёҳон мебошанд. Маҳз ташаккулёбӣ ва мукаммал намудани соҳаи сайёҳи нишондиҳандаҳои иқтисодии туризмро аз қабили шумораи туристон ва хизматрасонии туристӣ муайян карда мешавад.

Қайд кардан муҳим аст, ки назария ин маҷмӯаи мантиқии таҷриба ба ҳисоб меравад. Назарияи туризм низ дар ин ҷо истисно намебошад. Таълимоти туризм ва ташакулёбии назариявии он дар тӯли тамоми марҳилаҳои рушд ба вуҷуд омада шудааст. Туризм дар шароити кунунӣ ҳамчун падидаи нави иҷтимоиву иқтисодӣ арзёбмегардад. Сайёҳате, ки дар асрҳои пеш сурат гирифт дар давраи муосир сифатҳои навро касб карда дар таълимоти муосир маънои васеъро пайдо мекунад.

Рушди оммавии туризм аз пайдоиш ва барқароршавии муносибатҳои ҷамъиятии капиталистӣ дар Аврупои Ғарбӣ оғоз меёбад. Аз ин рӯ аксари мутахассисони илмӣ бар он ақидаанд, ки сайёҳии муосир бо сохтор, заминаи моддӣ, усулҳои кор дар заминаи рушди туризми асрҳои пеш ташаккул ёфтааст. Бинобар ин, назарияи туризм бояд ҳамчун як низоми илмии мантиқан ва падидаи нав дар муносибатҳои байналхалқӣ дарк ва омӯхта шавад.

Ташаккули назарияи туризм бо раванди табдили туризм ба омили нави ташаккулёбии фаъолияти хоҷагидории ҷаҳонӣ ниёз дорад. Дар ин бобат дарк кардан зарур аст, ки ташаккулёбии назарияи туризм натиҷаи корҳои олимон мебошад, ки барои фаъолияти таҷрибавии соҳа заминаи устувор гузошт.

Ҳамин тариқ таҳлили рушди туризмро дар марҳилаҳои гуногуни тараққиёти ҷомеъаи ҷаҳон омухта қайд кардан зарур мешуморем, ки туризми муосир ба аниқ намудани мафҳуму моҳияти

ягонаи туризм ба воситаи методҳои нави тадқиқотӣ, ҷамъоварии донишҳои нав оиди туризм, ки моҳияти мантиқии онро ифода мекунад ниёз дорад.

**Адабиёт**


1. Игнатьева. И.Ф. Организация туристической деятельности. И.Ф.Игнатьева - СПб.: Питер, 2015.-- С.21-22
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи туризм. №824 ш. Душанбе. 03.09.1999.
3. Левченко К.К. Организационно-экономические аспекты развития въездного туризма и его влияние на экономику территории (на примере Краснодарского края). К.К. Левченко. диссер. к.э.н. 08.00.05.Сочи-2017. С.16
4. Leiper N. The Framework of Tourism; Towards a Definition of Tourism, Tourist, and the Tourist Industry // Annals of Tourism Research. Volume 6, № 4, 1979. pp. 392—395.
5. Писаревского Е.Л.Основы туризма : учебник / коллектив авторов ; под ред. Е.Л. Писаревского. — М. : Федеральное агентство по туризму, Москва 2014. с.8
6. Российский энциклопедический словарь. Т.2. – М., 2001. – С.85.
7. Содиков М.С. Современные тенденции и перспективы развития интеграционных связей стран ШОС. М.С. Содиков., М. Донаева. Финансово-экономический вестник. № 3(19) 2019. Стр.139
8. Темный Ю.В., Темная Л.Р. Экономика туризма. - М.: Финансы и статистика , Инфра- М, 2010. – С.24

## ХУСУСИЯТҲОИ АУДИТИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ

**Нуралиев У.М. -** унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисои Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимов, 64/14.

Мақола фарогири хусусиятҳои аудити низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Дар мақола қайд карда мешавад, ки қисми зиёди ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторони инфиродӣ дар робита бо фармоишгари аудит ба низоми баҳосибгирии муҳосибӣ алоқаманд мебошанд. Аз нигоҳи муаллиф ҳангоми санҷиши маълумоти баҳисобгирӣ ва ҳисобот мавҷудият ва ҳолатҳои зерин таҳлил бояд карда мешаванд: мавҷудияти моликият (воситаҳои асосӣ ва маблағузориҳо, захираҳо ва хароҷотҳо, дороиҳои ғайримоддӣ); мавҷудияти дигар дороиҳои дарозмуддат; воситаҳои пулӣ, ҳисоббаробаркуниҳо ва дороиҳои дигар; уҳдадориҳои дарозмуддат; қарзҳо ва дигар амалиётҳои қарзӣ; ҳисоббаробаркуниҳо ва дигар уҳдадориҳо.

**Калидвожаҳо:** аудит, баҳисобгирии муҳосибӣ, хазина, дороӣ, уҳдадорӣ, сармоягузорӣ, дороиҳои ҷорӣ, дороиҳои дарозмуддат.

## ОСОБЕННОСТИ АУДИТА СИСТЕМЫ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА

**Нуралиев У.М. -** соискатель кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.

В статье рассматриваются особенности аудита системы бухгалтерского учета. В статье отмечается, что большинство прав и обязанностей аудиторских организаций и индивидуальных аудиторов по отношению к заказчику аудита связаны с системой бухгалтерского учета. С точки зрения автора, при проверке данных бухгалтерского учета и отчетности необходимо анализировать следующие условия и положения: наличие имущества (основных средств и вложений, резервов и затрат, нематериальных активов); наличие других долгосрочных активов; денежных средств, расчетов и других активов; долгосрочных обязательств; кредитов и других кредитных операций; расчетов и других обязательств.

**Ключевые слова:** аудит, бухгалтерский учет, казначейство, активы, обязательства, инвестиции, оборотные активы, долгосрочные активы.

## FEATURES OF AUDIT OF THE ACCOUNTING SYSTEM

**Nuraliyev U.M. -** applicant of the accounting department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14.

The article examines the features of the audit of the accounting system. The article notes that most of the rights and obligations of audit organizations and individual auditors in relation to the audit customer are related to the accounting system. From the author's point of view, when checking accounting and reporting data, it is necessary to analyze the following terms and conditions: availability of property (fixed assets and investments, reserves and costs, intangible assets); availability of other long-term assets; cash, settlements and other assets; long-term liabilities; loans and other credit transactions; settlements and other liabilities.

**Key words:** audit, accounting, treasury, assets, liabilities, investments, current assets, long-term assets.

Хизмати муҳосибот қисми асосии объекти аудитшаванда ба ҳисоб меравад. Чунки дар амалияи фаъолияти аудиторӣ маҷмӯи чорабиниҳои санҷишӣ дар самти омӯзиши фаъолияти қонунӣ ва тибқи меъёрҳои амалкунанда ба роҳ мондани корҳои ҳисобдорӣ татбиқ мегарданд. Вобаста ба ин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» оварда шудааст, ки аудит санҷише мебошад, ки дар асоси шартнома бо дархости фармоишгар аз тарафи аудитори инфиродӣ ё ташкилоти аудиторӣ мутобиқи стандартҳои аудит, бо мақсади изҳор намудани ақидаи мустақил оид ба саҳеҳӣ ва мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ва дигар иттилооти марбут ба ҳисоботи молиявӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ё стандартҳои миллии ҳисобдорӣ гузаронида мешавад. Чи тавре, ки дар Қонун оварда шудааст, мақсади аудитор аз ибрози ақидаи мустақил оид ба саҳеҳӣ ва мутобиқати ҳисоботи молиявӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ё стандартҳои миллии ҳисобдорӣ иборат мебошад [1, с 2].

Бояд қайд намуд, ки ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторони инфиродӣ бо вуҷуди фаъолияти санҷишии худ, боз як қатор хизматрасониҳои марбут ба омӯзиш, таҳлил ва баҳодиҳии хизмати муҳосиботро иҷро менамоянд, аз ҷумла: таҳлили ҳисоботи молиявӣ; ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти характери молиявидоштаи низоми иттилоотии баҳисобгирии муҳосибӣ; ташкил, барқарор ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, тартиб додани ҳисоботи молиявӣ, маслиҳати муҳосибӣ; маслиҳатҳо оид ба ташкил, барқарор ва пешбурди баҳисобгирии андозӣ, тартиб додани ҳисоббаробаркуниҳои андозӣ ва эъломияҳо; тартиб додани ҳисоботи омории ташкилотҳо; дар заминаи иттилооти муҳосибӣ ба роҳ мондани таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ; ба таври муваққатӣ иҷро намудани корҳои таълимӣ дар самти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ; ба низоми барномавӣ дохил кардани баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ, тавсияҳо оид ба автоматикунонии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ, таълими пешбурди автоматикунонидашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ; таҳия ва интишори тавсия ва маводи методӣ оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, тартиб додани ҳисоботи молиявӣ ва ғ.

Бояд қайд намуд, ки қисми зиёди ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторони инфиродӣ дар робита бо фармоишгари аудит ба низоми баҳосибгирии муҳосибӣ алоқаманд мебошанд. Масалан қабули қарор оид ба гузаронидани аудит бо ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявии субъекти санҷидашаванда ва шиносоӣ бо онҳо; санҷидани ҳисоботҳо, низоми ҳисобдорӣ ва муқоисаи нишондиҳандаҳои онҳо бо мавҷудияти воқеии молу мулк ва ӯҳдадориҳои субъекти санҷидашаванда; аз кормандони муҳосибот дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ талаб намудани маълумоти иловагии барои гузаронидани аудит зарурӣ; ҷалб намудани мутахассисони гуногунсоҳа дар мувофиқа бо субъекти санҷидашаванда бо назардошти он, ки онҳо барои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ масъул робитаи хешовандӣ ё манфиати молиявӣ надоранд аз ҷумлаи ҳуқуқҳое мебошанд, ки ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторони инфиродӣ дар робита бо низоми баҳосибгирии муҳосибӣ ба зима доранд.

Вобаста ба зарурат, ки дар сохтори субъекти иқтисодӣ шуъбаи аудити дохилӣ кушода мешавад, қисми зиёди вазифаҳои зерсохтори мазкур ба низоми баҳисобгирии муҳосибӣ алоқаманд мебошанд. Санҷиши низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ; мониторинги баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ; таҳия намудани тавсияҳо оид ба беҳдошти кори низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми назорати дохилӣ; санҷиши иттилооти муҳосибӣ; омӯзиши махсуси моддаҳои алоҳидаи ҳисобот; амиқ санҷидани амалиёти муҳосибӣ ва бақияҳои ҳисобҳои муҳосибӣ; санҷиши татбиқу риояи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ; талаботи сиёсати баҳисобгирӣ аз ҷумлаи вазифаҳои шуъбаи аудити дохилӣ мебошанд [3, с 6].

Бояд қайд намуд, ки ҳаҷми санҷиши аудитории низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ аз талаботҳои қонунгузории амалкунанда, ҳуҷҷатҳои батанзимдарории меъёрии фаъолияти аудиторӣ, инчунин аз майлу хоҳиши мизоҷон муайян гардида, одатан омӯзиш ва таҳлили тавозун, ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ, замимаҳо ба шаклҳои ҳисоботӣ ва навиштаҷоти шарҳиро дар бар мегирад.

Ба ақидаи мо, аудитор бояд ҳаққонияти маҳдудиятҳои бонкро дар ҳуқуқи моликият ба дороиҳо, дараҷаи эътимоднокии кафолатҳо, маълумотҳоро нисбати уҳдадориҳо, дараҷаи боваринокии дороиҳои шартӣ ва уҳдадориҳое, ки миқдоран баҳо дода шудаанд, асоснокии маблағҳои қабулшудаи уҳдадориҳоро ба ҳисоби хароҷоти асосии дарпешистода санҷида барояд.

Чунин меҳисобем, ки ҳангоми санҷиши маълумоти баҳисобгирӣ ва ҳисобот мавҷудият ва ҳолатҳои зерин таҳлил бояд карда мешаванд:

- мавҷудияти моликият (воситаҳои асосӣ ва маблағузориҳо, захираҳо ва хароҷотҳо, дороиҳои ғайримоддӣ);
- мавҷудияти дигар дороиҳои дарозмуддат (сармоягузориҳои дарозмуддат, маблағузориҳо ба бонкҳои фаръӣ);
- воситаҳои пулӣ, ҳисоббаробаркуниҳо ва дороиҳои дигар (хазина, суратҳисоб, рақами арзӣ, коғазҳои қиматнок ва маблағгузориҳои кӯтоҳмуддат, ҳисоббаробаркуниҳо бо ишироккунандагон, истифодабарии воситаҳои қарзӣ, ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорон ва дигар дебиторон);
- уҳдадориҳои дарозмуддат;
- қарзҳо ва дигар амалиётҳои қарзӣ;
- ҳисоббаробаркуниҳо ва дигар уҳдадориҳо.

Дар ҷараёни аудити низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дурустӣ ва муқоисашавандагии нишондиҳандаҳо санҷида мешаванд.

Ба рафти санҷиш ҳамаи амалиётҳои хоҷагидорӣ ва ҳуҷҷатҳои зерини муҳосибӣ фаро гирифта мешаванд, аз ҷумла:

- амалиётҳое, ки дар охири давраи ҳисоботӣ ба қайд гирифта шудаанд;
- нишондиҳандаҳои асосии молиявӣ, коэффитсиентҳо ва рақамҳои назоратӣ, ки аз рақами миёнаи барои 5 соли охир ҳисобкардашуда фарқи куллӣ доранд;
- вазъияти ғайриқаноатбахши дороиҳои ҷорӣ;
- далелҳои муқарраршуда оид ба зарурияти беасоси афзоиши даромадҳо барои нигоҳдории нархи саҳмияҳо шаҳодатдиҳанда;
- сабабҳои даъвоҳои судӣ ба бонк, хусусан вобаста ба даъвоҳои саҳомон;
- истифодабарии шаклҳои гуногуни ҳисобот дар қисматҳои бонк ва ғайра.

Дар рафти аудити хизмати муҳосибот объекти марказиро ҳисоботи молиявӣ ташкил медиҳад. Дар рафти санҷиши ҳисобот аудиторро лозим меояд, ки ба риояи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавӣ баҳогузорӣ намояд [2, с 2]. Ҳамчунин ҳар як моддаи тавозун бояд дар охири сол бо натиҷаҳои барӯйхатгирӣ тасдиқ карда шавад. Тамоми фарқиятҳо, ки бо маълумоти барӯйхатгирӣ ошкор шудаанд, бояд ислоҳ карда шаванд ва дар сабткунакҳои зарурии баҳисобгирӣ то пешниҳоди ҳисобот ба истифодабарандагон инъикос ёбанд.

Тамоми қоидаҳое, ки оид ба аудит то ба имрӯз оварда шудаанд, моҳиятан ба санҷиши сифати маълумоти ҳисобдорӣ ва мувофиқати онҳо ба санадҳои меъёрии амалкунанда ишора мекунанд. Дар воқеъ мақсади асосии аудит низ ба тасдиқи эътимоднокии нишондиҳандаҳои ҳисобдорӣ нигаронида шудааст.

Дар рафти санҷиш ба таври илова мувофиқати тарзи бадастовардан ва мазмуни нишондиҳандаҳои ҳисобот ба талаботи санадҳои меъёрии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ки тарзи мураттаб сохтану пешниҳод кардани шаклҳои ҳисоботро танзим мекунанд, таҳлил ва муқоиса карда мешаванд.

Ҳисоботи ҷамъбастии бонк чун қоида аз аудитор омӯзиши амиқро талаб менамояд. Онро аз рӯи намудҳои асосии фаъолият тартиб додан мувофиқи мақсад аст: саноат, сохтмон, савдо ва дигар бахшҳое, ки ба бонкҳои фаръӣ ва ҷамъиятҳои марбута вобастаанд. Ҳангоми санҷиши шаклҳои ҳисоботи ҷамъбастии солона аудитор бояд дар асоси қоидаҳои муқарраршуда якҷоя инъикосёбии нишондиҳандаҳои ҳисобдории бонкҳои фаръӣ ва ҷамъиятҳои вобастабударо мавриди санҷиш қарор диҳад, ба шарте, ки сиёсати баҳисобгирии қабулшуда ягона бошад [3, с 158].

Дар сурате, ки аудитор дар ҳисобот вайронкуниҳоро ошкор накард ё вайронкуниҳои ошкоршуда ночизанд ва ба давлат, муассисон (саҳмдорон) зарар ворид намесозанд, ӯ инҳоро дар қисмати таҳлилии хулосаи аудиторӣ нишон медиҳад. Дар чунин маврид ӯ ҳақ дорад хулосаи мусбӣ барорад.

Агар вайронкуниҳое, ки аудитор ошкор кардааст, ба қонунӣ будани фаъолияти бонк таъсир расонад ё ба давлат, муассисон (саҳмдорон) зарар ворид созанд, онҳоро низ аудиторон дар қисмати таҳлилии хулоса сабт мекунад. Аммо дар ин маврид барои бартараф кардани вайронкориҳо аудитор ҳуқуқи додани хулосаи мусбии аудиториро надорад.

Аудитор дар рафти санҷиши низоми баҳисобгирии муҳосибӣ, алалхусус ҳисоботи молиявӣ камбудиҳои эҳтимолии зеринро муайян ва ошкор менамояд:

- нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ, ки бо натиҷаҳои барӯйхатгирӣ тасдиқ шудаанд;
- хатоҳои арифметикӣ, ки ҳангоми ҳисоби нишондиҳандаҳои ҳисоботии яклӯхтгардонии қисмати нишондиҳандаҳо содир шудаанд;
- набудани алоқамандии нишондиҳандаҳои алоҳидаи шаклҳои гуногуни ҳисобот;
- нопурра будани нишондиҳандаҳои (реквизитҳо)-и хатмии ҳисобот ва ғайра.

Ба ақидаи мо, ташкили аудити хизмати баҳисобгирии муҳосибӣ барои санҷиш ва баҳодиҳии амиқи нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботӣ молиявӣ мусоидат менамояд, агар пешниҳодҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

1.Аудит дар асоси стандартҳои байналмилалии аудит ташкил ва гузаронида шавад;

2.Чорабиниҳои санҷишӣ ба омӯзиши асосҳои ташкил ва баргузории аудити хизмати муҳосибот нигаронида шуда бошад;

3.Аудит муқоисашавандагии нишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро муайян ва ошкор намояд;

4.Аудитор рафти ташкили санҷиши хизмати муҳосиботи бонкро бо меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» ба роҳ монад;

5.Аудит устувор гардонидани низоми назорати дохилӣ, алалхусус низоми баҳосибгирии муҳосибиро таъмин намояд.

**Адабиёт**

1.Аудит: (учебник для вузов) В.И. Подольский, П.Г. Макарова, А.А. Савин, Л.В. Сотникова. – М.: Юнити – Дане 2018 г. – 606 с.

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ”, № 993 аз 22.07. 2013 сол. http:www.mmk.tj;

3.Организация и методика проведения общего аудита. Барышников Н. П. - Москва: Инф.-издат. дом «ФИЛИНЪ», 2016.- 448 с.

4.Орзуев, П. Ҷ. Хусусиятҳои аудити самаранокӣ дар низоми аудити мустақили давлатӣ / П. Ҷ. Орзуев, Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 3(27). – P. 83-90. – EDN SFFETD.

5.Саидов, Р. Н. Афзалиятҳои ҳамкории воҳидҳои аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақоми олии аудити давлатӣ / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 3(42). – P. 58-65. – EDN WYEGXG.

## ТАҲҚИҚИ АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

**Машрапов Қиёмиддин Шокамолович -** ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамӣ Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С.Носир 33. Тел.: (+992) 93 941 00 05. E-mail: mashrapovq3@gmail.com

**Усмонова Мавсумахон Абдубашировна -** магистранти соли 1-уми кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии ихтисоси игтисодиёти ҷаҳони МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров", ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон,тел: (+992)-92-756-52-01 e-mail: shoirakhon.usmonova@mail.ru

Дар мақола муаллиф оиди оғози гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди бозорӣ дар раванди истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ баён намудааст. Афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ асосан аз сатҳи таъминот ба ҷойи кор ва даромадҳои он вобаста аст. Агар сатҳи таъминоти корӣ ва даромадҳои аҳолӣ баланд бошад, фаъолнокии муҳоҷирати аҳолӣ шаклҳои худро тағйир медиҳад. Муаллиф оиди назарияҳои «муҳоҷирати аҳолӣ ва ҳаракати аҳолӣ», «назарияи музди меҳнат», назариявӣ дар ҳолати омории мувозинат, модели Хекшер-Олин, ақидаи бозори байналмилалии муҳоҷиратро муҳокима намуд.

**Вожакалидҳо:** муҳоҷирати меҳнатӣ, равандҳои муосир, селоби сармоя, селоби қувваи корӣ, мувозинат дар бозор

## ИССЛЕДОВАНИЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ОСНОВ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ В РЕСПУБЛИКУ ТАДЖИКИСТАН В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

**Машрапов Киёмиддин Шокамолович -** ассистент кафедры управления государственными финансами и цифровые экономики Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица С. Носира, 33. Тел.: (+992) 93 941 00 05. E-mail: mashrapovq3@gmail.com

**Усмонова Мавсумахон Абдубашировна -** магистрант 1 курса кафедры мировой экономики, специальность: мировая экономика, Государственный технический университет «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова», г. Худжанд, Республика Таджикистан, тел: (+992)-92-756-52-01 e-mail: shoirakhon.usmonova@mail.ru

В статье автор описывает начало перехода Республики Таджикистан к рыночной экономике в процессе использования трудовых ресурсов и повышения уровня жизни населения. Рост миграции населения зависит прежде всего от уровня занятости и доходов. Если уровень занятости и доходов населения высок, то активность миграции населения меняет свои закономерности. Автор рассмотрел теории «миграции населения и движения населения», «теорию заработной платы», теорию статистического равновесия, модель Хекшера-Олина и идею международного рынка миграции.

**Ключевые слова:** трудовая миграция, современные процессы, приток капитала, приток рабочей силы, рыночное равновесие.

## STUDY OF THE THEORETICAL BASIS OF LABOR MIGRATION TO THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE CONDITIONS OF THE DIGITAL ECONOMY

**Mashrapov Qiyomiddin Shokamolovich -** assistant at the Department of Financial Management Department and Digital Economy of the Academy of Public Administration under the President of the

Republic of Tajikistan. 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir str. Phone:(+992) 93 941 00 05. E-mail: mashrapovq3@gmail.com

**Usmonova Mavsumakhon Abdubashirovna -** magistrant 1 kursa kafedry mirovoy ekonomiki, spetsial'nost': mirovaya ekonomika, Gosudarstvennyy tekhnicheskiy universitet «Khudzhandskiy gosudarstvennyy universitet imeni akademika B. Gafurova», g. Khudzhand, Respublika Tadzhikistan, tel: (+992)-92-756-52-01 e-mail: shoirakhon.usmonova@mail.ru

In the article, the author describes the beginning of the transition of the Republic of Tajikistan to a market economy in the process of using labor resources and improving the standard of living of the population. The growth of population migration depends primarily on the level of employment and income. If the level of employment and income of the population is high, then the activity of population migration changes its patterns. The author examined the theories of "population migration and population movement", "theory of wages", the theory of statistical equilibrium, the Heckscher-Ohlin model and the idea of an international migration market.

**Key words:** labor migration, modern processes, capital inflow, labor inflow, market equilibrium.

Бо оғози гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди бозорӣ захираҳои меҳнатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ аҳаммияти аввалиндараҷаро дар истифодабарии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ касб намуд. Вале дар барбари он, идораи самараноки муҳоҷирати дохилии меҳнатӣ низ аҳаммият дорад.

Равандҳои муосири мухоҷират бо шиддатнокии худ бо равандҳое, ки дар гузашта ба амал омадаанд, қобили муқоиса ва ташбеҳ нестанд. Афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ асосан аз сатҳи таъмини қувваи корӣ бо ҷойи кор ва даромади он вобаста аст. Агар сатҳи иштиғол ва даромади аҳолӣ баланд бошад, фаъолнокии муҳоҷирати аҳолӣ шаклҳои худро тағйир медиҳад.

Таълимот дар бораи муҳоҷират яке аз муҳимтарин қисмҳои таркибии илми ҷамъиятшиносӣ мебошад. Ин ба таъсири омилҳои зиёди иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, этникӣ ва ғайра рабт дода мешавад. Аз соли 1885 олим Е. Г. Равенштейн «қонунҳои мухоҷират»-ро таҳия намуд, ки он таълимот ва иттилоот оиди ҳаракати фазоии аҳолӣ  ба ҳисоб мерафт.[1,с.482]. Дар бораи моҳияти мафҳумҳои «муҳоҷирати аҳолӣ ва ҳаракати аҳолӣ» дар миёни олимон андешаи ягона вуҷуд надорад. Ҷанбаи маконии (демографии) ҳаракати аҳолӣ, тағйири макон кардани аҳолӣ аз лиҳози фазоӣ, физикӣ ё ҷуғрофиро ифода мекунад ва аз ҷанбаи иҷтимоии ҳаракати аҳолӣ, ки дар он тағйири мавқеи фард (масалан, тағйири шуғл) ба амал меояд, фарқ дорад. Назарияи муосири мухоҷират тавассути мактаби неоклассикии иқтисодӣ бунёд гузошта шудааст. Ч,.Хикс дар асари худ «Назарияи музди меҳнат» дар чаҳорчӯбаи фарзияи классикии рафтори оқилонаи тағйири макон кардани қувваии кориро вобаста ба гуногунии рушди кишварҳо дар пардохти музди меҳнат дар сатҳи бузург асоснок намуд. Ташкили шароитҳоро барои барқароршавии тавозун дар сатҳҳои музди меҳнат ва эътидоли бозори меҳнат ӯ натиҷаи чунин тағйироти маконӣ медонист. Дар натиҷаи муҳоҷират, пеш аз ҳама, дар минтақаҳое, ки қувваии кории зиёд доранд, ин қувва камтар шуда, ҳамзамон захираҳои барзиёди меҳнатӣ ба минтақаҳои ба он ниёзманд интиқол дода мешуд. Сониян, даромади аҳолӣ, махсусан, аз ҳисоби интиқоли пули муҳоҷирон нисбатан баробар мегардид. Тибқи назарияи классикӣ ва неоклассикии иқтисодӣ фарги байни мамлакатҳо дар сатҳи миллии музди меҳнати воқеӣ, ки аз рейи талаботи ҳудудии ҷойгиршавии қувваии корӣ муайян мешавад, сабаби бозтақсими  қувваҳои корӣ ва захираҳои меҳнатӣ мегардад. Ташаккул ва рушди ду ҷараёни макроиқтисодии ба ҳам алоқаманд ва мутақобил ба вуҷуд меояд, ки ҳолати тавозуни байналхалқиро дар сатҳи музди меҳнати воқеии иқтисодҳои миллии мутақобил ҳампоягиро ба вуҷуд меорад.

Минтақаҳои қувваи кориашон нокофӣ, вале дорои сармояи барзиёд маъмулан сатҳи баланди музди меҳнат доранд. Ҳамзамон манотиқи дорои қувваии барзиёди корӣ сатҳи пасти музди меҳнат доранд. Захираҳои меҳнатӣ тибқи қонуни «дасти ноаён»-и бозор барои худ роҳҳои муфидро ҷустуҷӯ карда, кӯшиш мекунанд то ҳадди ниҳоии меҳнати худро босамар ба кор баранд.[2, с. 34-53.] Дар натиҷа, асосан муҳоҷирати қувваи кории ғайриихтисосӣ аз мамлакатҳои (ҳудуди) сатҳи музди кориашон паст ба кишварҳои (ҳудуди) музди меҳнаташон баланд ба вуҷуд меояд. Ҳаракати сармоя аз давлатҳои музди меҳнаташон паст ба ҷараёни ҷавобӣ дучор мешавад. Чунин ҷараёни сармоя асосан бо интиқоли сармояи саноатии меҳнатталаб муайян мешавад ва дар радифи он муҳоҷирати мутахассисони баландихтисос сурат мегирад. Ин равиши усулӣ (методологӣ) аз бартарияти шарти (принсипи) зарурати иқтисодӣ сарчашма гирифта, бо ин восита «ғайриэҳсосӣ» будани навъи мухоҷиратро ба сиёсати амалишавандаи муҳоҷират шарҳ медиҳад. Ин механизми неоклассикӣ, ки боиси тавозуни ҳолати макроиқтисодии меҳнат ва сармоя дар бозорҳои ҷаҳонӣ мешавад, дар расми 1 нишон дода шудааст.

**Расми 1.**-Тартиби (механизми) неоклассикии нигохдории ҳолати мувозинат дар бозори ҷаҳонии сармоя ва меҳнат.

Аз лиҳози назариявӣ дар ҳолати омории мувозинат афзоиши холиси муҳоҷирати қувваи корӣ ва сели холиси сармоя дар ҳудуди муайян ба сифр баробар мебошанд. Аз ин нуқтаи назар, муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ ҳамчун раванди даврӣ, ки тағйирёбандагии аҳолии мухоҷиршавандаро ҳамроҳ дорад, амалан аз сиёсати пешгирифтаи мухоҷират вобаста нест. Дар ҷаҳони комили неоклассикӣ раванди «баробаркунии нархҳои омилҳои истеҳсолӣ» амсилаи (модели) Хекшер-Олин) ниҳоят ба афзоиши конвергенси миёни сатҳи музди меҳнати ҳудуди таъйиншуда ва ҳудуди хориҷшавии муҳоҷирон сабаб мешавад[3,с.42]. Фарзияи комилият амсилаи неоклассиконро хеле абстрактӣ карда, мафҳуми воқеии таъсири мухоҷиратро ба ҷомеаҳои донори муҳоҷирон дода наметавонад. Бо вуҷуди ин, олимону сиёсатмадороне, ки мухоҷиратро ҳамчун воситаи рушди ҷомеаи донор ҳифз мекунанд, дар маҷмӯъ муҳиммияти интиқоли пулҳоро, ки дар рушди иқтисоди маҳал, минтақа ва давлат нақши муҳим доранд, эътироф мекунанд. Назарияи неоклассикии мухоҷират муҳоҷирати деҳотӣ-шаҳриро ҳамчун қисми таркибии раванди қонуние медонад, ки тавассути он захираҳои барзиёди меҳнатии ҳудуди деҳот ба истеҳсолоти саноатии шаҳр ҷалб мешаванд[4,с. 91]. Бо таҳлили ин санади таърихи иқтисод, ки тибқи он рушди иқтисодӣ маъмулан ба кӯчиши тадриҷӣ ва тӯлонии агентҳои иқтисодӣ аз истеҳсолоти кишоварзии деҳот ба бахши саноатии шаҳрҳо рабт дода мешавад, назарияи неоклассикии мухоҷират ба назарияи «рушддиҳии (девелопменталистӣ)»-и саноатикунӣ (Developmentalist Theory) мепайвандад [5,с.191]. Аз рейи гуруҳбандӣ таҳаввулоти аз нуқтаи назари илмӣ вобаста ба арзёбии таъсири муҳоҷират ба ташаккули иқтидори рушди устувори идорашавандаро метавон дар чаҳор марҳила

тақсим намуд (ҷадвали 1.)

**Ҷадвали 1.-Марҳилаҳои асосии рушди таҳқиқоти алоқамандии муҳоҷират ва рушд дар якҷоягӣ бо сиёсат**

| Давра | Тавсифи таҳқиқот | Муқаррароти сиёсӣ |
|---|---|---|
| То соли 1973 | Хушбинӣ нисбат ба таъсироти мутақобилаи рушд ва муҷоҷират | Хушбинии рушд, интиқоли сармоя ва дониши муҳоҷирон барои гузариши давлатҳои дар ҳоли рушд ба зинаи рушди устувор мусоидат мекунад |
| 1973 - 1990 | Руҳафтодагӣ (пессимизм) нисбат ба таъсироти мутақобилаи рушд ва муҳоҷират (реҳафтодагии рушддиҳанда) | Шаккокии афзоянда. Ба назар гирифтани таваккалҳои афзоянда, «фирори ақлхо» ва ҳамгироии муҳоҷирони бозгарданда |
| 1990 - 2001 | Назарияи иқтисоди нави муҳоҷирати меҳнатӣ, равиши таъмини зиндагӣ, фаромиллатгароӣ (транснатсионализм) | Шаккокии устувор; устувор кардани сиёсати мухоҷират |
| Баъди соли 2001 | Афзоиши интишороти гуногун, аммо асосан муносибати мусбиат дошта, ба алоқамандии рушд ва муҳоҷират | Сели афзояндаи интиқоли пулии муҳоҷирон ба ватани худ ҳамчун манбаи сармоягузорӣ ба иқтисодҳои дар ҳоли рушд далниста мешавад. Пасандозхои диаспораҳои миллӣ дар иқтисодҳои рушдкарда низ ҳамчун манбаи сармоягузорӣ шинохта |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар давраи рушди (девелопменталистии) солҳои 1950-1960 чунин ҳисобида мешуд, ки тавассути сиёсати бузурги саноатикунӣ иқтисодҳои заиф метавонанд дар заминаи тахдиди саноати навбаромад (модернизатсияи неосаноатӣ) ба самти пешравандаи рушди иқтисодӣ гузаранд. Дар ин давра муҳоҷирати меҳнатии оммавии бузурги аҳолӣ аз кишварҳои дар ҳоли рушд ба кишварҳои мутараққӣ мушоҳида шуд. Ҳукуматҳои давлатҳои дар ҳоли рушд фаъолона ба муҳоҷиршавии аҳолӣ мусоидат карданд, зеро онро воситаи асосии мусоидаткунанда ба рушди давлат медонистанд.

Бо вуҷуди ин, онҳо истилоҳоти «муҳоҷири иқтисодӣ» ва «муҳоҷири меҳнатӣ»-ро аз ҳам фарқ мекарданд. Истилоҳи «муҳоҷири меҳнатӣ» нисбати он нафароне истифода мешавад, ки барои дарёфти ҷойи пешниҳодкунии қувваи кории худ муҳоҷир шудаанд ва ҳамчун коргарони кироя фаъолият мекунанд. Дар холе, ки «мухоҷири иқтисодӣ» дар мавриди нафароне истифода мешавад, ки ё ба маънии маҳдуд ба истилоҳи «муҳоҷири меҳнатӣ» ҳамвазнанд ё ба маънии васеи истилоҳ нафароне хастанд, ки бо мақоми молик (сармоягузор) ё соҳибкори ташкилкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ мухоҷир шудаанд. «Хушбинҳои рушддиҳандаи (девелопменталистии) муҳоҷират» майл ба ин андеша доранд, ки муҳоҷират боиси интиқоли сармоя шуда, ғояҳои демократиро вориди ҷомеаҳои анъанавӣ мекунад. Аз ин нуқтаи назар, муҳоҷирони бозгашта, ҳамчун захираи тахдидии муҳимме қабул мешавад, ки дорои ғояҳои нав ва сармояи ибтидоии ҳамроҳ бо таҷриба ва кордонӣ мебошад.

Ҷонибдорони равияи неоклассикӣ мухоҷиратро ҳамчун раванди мусбат баррасӣ мекунанд. Дар амсилаи (модели) назариявии рушди мутавозин муҳоҷират аз ҷониби онҳо чун падида қабул

мешавад, ки барои тақсимоти беҳтарин омилҳои истеҳсолӣ мусоидат мекунад ва некӯаҳволии мардумро баланд мебардорад. Аз ин мавқеъ аз деҳот ба шаҳрҳо (дар доираи марзҳои давлатӣ) тақсим кардани қувваи корӣ шарти муҳимтарини рушди иқтисодӣ ва дар умум, рушди устувор арзёбӣ мешавад. Гардиши озоди қувваии корӣ дар муҳити бозор дар ниҳоят, чунон ки интизор меравад, бояд ба норасоии қувваи корӣ ва ҳамин тавр бештар маҳдуд шудани бозтавлиди қувваи корӣ ва баланд шудани музди меҳнат дар ҳудуде шавад, ки қувваи корӣ аз он хориҷ шудааст.

М. Тодаро ва Ч. Харрис амсилаи (модели) бунёдиеро бо ду бахши муҳоҷирати меҳнатии деҳотӣ-шаҳрӣ таҳия карданд. Ин амсилаи (модели) Харрис-Тодаро воситаи таҳлилии назарияи неоклассикии мухоҷиратро пешниҳод кард. Он сабаби зиддияти доимии муҳоҷирати деҳотӣ-шаҳриро новобаста аз афзоиши сатҳи бекорӣ дар шаҳрҳо тавзеҳ дод. Харрис ва Тодаро мегуфтанд, барои он ки ин падида дарк шавад, бояд равиши неоклассикии анъанавӣ, ки ба фарқи сатҳи музди меҳнат асос меёбад, такмил дода шавад: «Бояд тафриғасозии «чашмдоштӣ»-и даромади деҳот ва шаҳр, яъне тафриғасозии даромад, ки мутобиқи эҳтимоли пайдокунии ҷойи кор дар шаҳр оварда мешавад, ба назар гирифта шавад»[6,с.29].

Онҳо чунин меҳисобиданд, ки даромади эҳтимолӣ на танҳо аз даромади воқеӣ (ё миёна) дар ҳудуди кабулкунандагон, балки аз эҳтимоли машғул будан ба кор низ вобаста аст. Тахмин меравад, ки айни ҳол фарқи даромади деҳа ва шаҳр хеле баланд боқӣ мемонанд ва барои бартарафсозии хатари бекорӣ «дилгармӣ ба даромадҳои баланди доимӣ сели анбуҳи муҳоҷиронро аз деҳот ба бор меорад»[4,с.138]. Дертар амсилаи (модели) Харрис-Тодаро бо дарназардошти воғеиятҳои нав такмил карда шуд»[3,с.147]. Вориди таҳлил шудани дигар омилҳо дар катори бекорӣ, ки ба афзоиши даромади эхтимолӣ таъсир мекарданд ва дар натиҷаи муҳоҷират дастрас мешуданд, дучори тағйирот гардиданд. Даромади эҳтимолӣ дар шакли нисбатан баланди музди кор бояд чунин омилҳое, монанди хароҷоти муҳоҷират, масрафи роҳ, бекории муваққатӣ дар ҳудуди давлати кабулкунанда ва хароҷоти равонии (психологии) муҳоҷират тавозӣ шаванд.

**Адабиёт**

1.Ravenstein, E.G. (1885). The laws of migration. J. Roy. Stat. Soc. 48, pp.167- 227. Reprinted in theJiobbs-Merril reprint series No.S-582.

2. Lewis W.A. Economic Development With Unlimited Supplies of Labour // The Manchester School of Economic and Social Studies. - 1976. - Vol. 22. - May. - pp. 453.

3.Todaro M.P. A Model of Labor Migration and Urban Employment in Less-Developed Country//American Economic Review. - 1969. - Vol. - 59. - № 1.

4.Иброхимов, И. Р. Направление совершенствования государственного регулирования уровня жизни населения в Республике Таджикистан / И. Р. Иброхимов, Р. Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 3-1. – С. 35-40. – EDN UWLSIR.

5.Саидов, Р. Н. Оценка факторов формирования уровня жизни населения в Республике Таджикистан / Р. Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 5. – С. 141-146. – EDN VAASMO.

6.Harris J.R., Todaro M.P. Migration, unemployment and development: A two-sector analysis. American Economic Review, 1970, 60:126-42. Lewis W.A. Economic Development with Unlimited Supplies of Labour. Manchester School of Economic and Social Studies, 1954, 22:139-91. Schiff M. How Trade, Aid, and Remittances Affect International Migration. Washington: World Bank, International Economics Department, 1994.

7.Lewis, W. Arthur.Economic Development with Unlimited Supplies of Labour,” Manchester School, 1954, 22:191.

## ТАҲЛИЛИ РАВАНДҲОИ ВОРИДОТИВАЗКУНӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ҲАМГИРОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ХОҶАГИИ ҶАҲОНӢ

**Нуриддинова Майсара Сайдумаровна** – муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Борбад 48/5. Тел: 915-19-02-98. E-mail nuriddinovamajsara@qmail.com

Дар ин таҳқиқот равандҳои воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, имкониятҳои рушди истеҳсоли дохилӣ ва коҳиши вобастагӣ аз маҳсулоти хориҷӣ баррасӣ мешаванд. Ҳамзамон, зарурат ва фурсатҳои ҳамгироии Тоҷикистон бо иқтисоди ҷаҳонӣ дар заминаи рушди устувор ва рақобатпазирӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

**Калидвожаҳо.** воридотивазкунӣ, ҳамгироии иқтисодӣ, истеҳсоли миллӣ, рақобатпазирӣ, рушди устувор, иқтисоди бозорӣ, Тоҷикистон.

## АНАЛИЗ ИМПОРТНЫХ ПРОЦЕССОВ И ВОЗМОЖНОСТЕЙ ИНТЕГРАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СОВРЕМЕННУЮ МИРОВУЮ ЭКОНОМИКУ

**Нуриддинова Майсара Саидумаровна** – старший преподаватель кафедры «Менеджмент и маркетинг» Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Республика Таджикистан, ул. Борбад 48/5. Тел: 915-19-02-98. E-mail nuriddinovamajsara@qmail.com

В данной работе анализируются процессы импортозамещения в Республике Таджикистан, рассматриваются перспективы развития внутреннего производства и снижения зависимости от внешних товаров. Также исследуются возможности интеграции Таджикистана в современную мировую экономику с акцентом на устойчивое развитие и повышение конкурентоспособности.

**Ключевые слова:** импортозамещение, экономическая интеграция, национальное производство, конкурентоспособность, устойчивое развитие, рыночная экономика, Таджикистан.

## ANALYSIS OF IMPORT PROCESSES AND POSSIBILITIES OF INTEGRATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN INTO THE MODERN GLOBAL ECONOMY

**Nuriddinova Maysara Saidumarovna** – Senior Lecturer, Department of Management and Marketing, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Republic of Tajikistan, Borbad St. 48/5. Tel: 915-19-02-98. E-mail: nuriddinovamajsara@qmail.com

This study analyzes import substitution processes in the Republic of Tajikistan, focusing on the development of domestic production and reducing dependence on foreign goods. It also explores opportunities for Tajikistan's integration into the modern global economy with an emphasis on sustainable development and improved competitiveness.

**Key words:** import substitution, economic integration, domestic production, competitiveness, sustainable development, market economy, Tajikistan.

Дар шароити тағйирёбандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва чолишҳои муосир, воридотивазкунӣ ба яке аз самтҳои муҳими рушди иқтисоди миллӣ табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар талоши тақвияти иқтидори истеҳсолии дохилӣ ва кам кардани вобастагӣ аз маҳсулоти воридотӣ қарор дорад. Ҳамзамон, раванди ҳамгироии кишвар бо низоми иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар доираи созмонҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ густариш меёбад.

Воридотивазкунӣ як стратегияи иқтисодист, ки ба рушди истеҳсоли дохилӣ бо мақсади иваз кардани маҳсулоти воридотӣ равона шудааст. Барои Тоҷикистон, ки дар бисёре аз бахшҳои истеҳсолӣ вобастагӣ аз воридот дорад, ин стратегия метавонад ба тавсеаи ҷойҳои корӣ, афзоиши маҳсулоти дохилӣ ва баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат намояд. .[5, с.36]

Дар солҳои охир, тавассути барномаҳои давлатӣ, ҳукумат кӯшиш мекунад, ки рушди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти ватаниро афзоиш диҳад. Бо вуҷуди пешрафтҳо, монеаҳо чун камбуди сармоягузорӣ, норасоии технологияҳои муосир ва мушкилоти логистикӣ мавҷуданд. .[1, с.27]

Тоҷикистон бо чанд созмони байналмилалӣ ҳамкорӣ дорад, аз ҷумла САИ (Созмони Аҳамияти Иқтисодӣ), СҲШ, ва талош дорад ба СУТ (Созмони Умумиҷаҳонии Савдо) пурра ворид шавад. Монеаҳои асосӣ дар ин самт – системаи андозбандии мураккаб, набуди инфрасохтори рақобатпазир, ва паст будани қобилияти содиротии маҳсулоти ватанист.

Тоҷикистон дорои манбаъҳои бойи табиӣ, қувваи барқи арзон ва нерӯи кори ҷавон мебошад. Бо истифодаи оқилонаи ин манбаъҳо ва рушди ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, кишвар метавонад иқтидори содиротиро тақвият бахшида, воридотивазкуниро амалӣ созад.

Воридотивазкунӣ на танҳо ҳамчун стратегияи иқтисодӣ, балки ҳамчун омили муҳими таъмини амнияти иқтисодӣ ва истиқлолияти иқтисодӣ арзёбӣ мегардад. Ҳамзамон, таҳкими равобити иқтисодӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ барои рушди устувор ва дастрасӣ ба бозорҳои берунӣ аҳамияти калидӣ дорад. .[2, с.46]

Воридотивазкунӣ – ин ҷараёни ҷойгузинии маҳсулоти воридотӣ бо маҳсулоти истеҳсоли дохилист, ки тавассути рушди саноати миллӣ амалӣ мегардад. Тоҷикистон бо вуҷуди доштани захираҳои табиӣ ва имкониятҳои коркард, дар соҳаҳои зиёд, аз ҷумла саноати сабук, агросаноат ва техникавӣ, вобастагии шадид аз воридот дорад.

Манфиатҳои асосии воридотивазкунӣ:

-рушди соҳибкории дохилӣ;

-таъсиси ҷойҳои корӣ;

-кам кардани харҷи асъори хориҷӣ;

-таъмини амнияти озуқаворӣ ва энергетикӣ.

Дар доираи «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» як қатор корхонаҳои истеҳсолӣ таъсис ёфта, иқтидори истеҳсолоти ватанӣ афзоиш ёфтааст. Аммо бо вуҷуди ин пешравиҳо, камбудиҳо дар самти сармоягузорӣ, дастрасӣ ба технологияҳои замонавӣ ва норасоии бозори дохилӣ мушоҳида мешаванд.[1, с.66]

Ҳамгироӣ имкон медиҳад, ки:

-содироти маҳсулоти ватанӣ афзоиш ёбад;

-дастрасӣ ба бозорҳои нав ва технологияҳо беҳтар гардад;

-таҷрибаи идоракунӣ ва рақобатпазирӣ афзоиш ёбад.

Монеаҳо:

-паст будани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ;

-маҳдудияти инфрасохторӣ;

-сиёсати андозу гумрукии номусоид.

Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди обӣ, канданиҳои фоиданок ва иқтидори коркарди маҳсулоти кишоварзист. Бо истифодаи самараноки онҳо, воридотивазкунӣ метавонад ба воситаи:

-дастгирии давлатӣ (субсидия, имтиёз);

-рушди кластерҳои истеҳсолӣ;

-ворид кардани технологияи навин;

-ҷалби сармояи мустақим ва таҷрибаи байналмилалӣ — тақвият ёбад.

Хулоса воридотивазкунӣ ва ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ ду самти ҳамбаставу муҳим барои рушди иқтисоди Тоҷикистон мебошанд. Бо тадбирҳои дуруст ва сиёсати мақсаднок, кишвар метавонад ҳам истеҳсоли дохилиро тақвият бахшад ва ҳам дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи устувор касб намояд.

Барои пешбурди самараноки воридотивазкунӣ ва ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ, зарур аст:

-дастгирии бештар ба соҳибкорони ватанӣ;

-ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ;

-соддасозии сиёсати андозу гумрук;

-рушди соҳаи таълим ва навоварӣ (инноватсия).

Бо амалисозии ин чораҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад мавқеи худро дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ таҳким бахшида, устувории иқтисоди дохилиро таъмин намояд.

**Адабиёт**

1. Ҳукуматии ҶТ. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Душанбе, 2019.

2.Сайфиддинов С. Иқтисоди Тоҷикистон ва масоили ҷаҳонишавӣ, Душанбе: Ирфон, 2021.

3.Иброхимов, И. Р. Направление совершенствования государственного регулирования уровня жизни населения в Республике Таджикистан / И. Р. Иброхимов, Р. Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 3-1. – С. 35-40. – EDN UWLSIR.

4.Саидов, Р. Н. Оценка факторов формирования уровня жизни населения в Республике Таджикистан / Р. Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 5. – С. 141-146. – EDN VAASMO.

5.World Bank. Tajikistan Economic Update, Fall 2023.

6. Asian Development Bank. Key Indicators for Asia and the Pacific, 2022.

7. Муродов Б. Таҳлили стратегияи воридотивазкунӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд, Душанбе, 2020.

8. IMF. Regional Economic Outlook: Middle East and Central Asia, October 2023.

## НАҚШИ АУДИТ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНА

**Ҳомидова М.М.** –муаллими калони кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.

**Одилҷони Фаизалӣ** – магистранти курси 2-юми Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Дар мақолаи илмӣ роҳҳои такмили аудити самаранокӣ дар шароити истифодаи техникаҳои иттилоотӣ-рақамӣ оварда шудааст. Дар шароити рушди инноватсионӣ муаллифон самаранокии аудити бахши давлатиро аз истифодаи васеи техникаҳои иттилоотӣ-рақамӣ вобаста медонанд. Аз ин рӯ, дар қисмати хотимавӣ пешниҳодҳои муаллифон дар самти такмили аудити самаранокӣ ба истифодаи нерӯи инноватсионӣ, хусусан техникаҳои иттилоотӣ-рақамӣ вобаста карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** аудити самаранокӣ, техникаҳои иттилоотӣ-рақамӣ, қоидаҳои санҷишӣ, таҳлили муқоисавӣ, назорати молиявӣ, инноватсия, методологияи аудити самаранокӣ.

## РОЛЬ АУДИТА В РАЗВИТИИ ПРЕДПРИЯТИЙ

**Хомидова М.М. –** старший преподаватель кафедры менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.

**Одилджони Фаизали** – магистрант 2 курса Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана

В научной статье представлены пути совершенствования аудита эффективности в контексте использования информационных и цифровых технологий. В контексте инновационного развития авторы считают, что эффективность аудита государственного сектора зависит от широкого использования информационных и цифровых технологий. Поэтому в заключительном разделе предложения авторов по совершенствованию аудита эффективности связаны с использованием инновационного потенциала, в частности информационных и цифровых технологий.

**Ключевые слова:** аудит эффективности, информационные и цифровые технологии, правила аудита, сравнительный анализ, финансовый контроль, инновации, методология аудита эффективности.

## THE ROLE OF AUDIT IN ENTERPRISE DEVELOPMENT

**Khomidova M.M.** – Senior Lecturer, Department of Management, Tajik State University of Finance and Economics, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14.

**Odiljoni Faizali -** 2nd year master's student at the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan

The scientific article presents ways to improve performance audit in the context of using information and digital technologies. In the context of innovative development, the authors believe that the effectiveness of public sector audit depends on the widespread use of information and digital technologies. Therefore, in the final section, the authors' proposals for improving performance audit are related to the use of innovative potential, in particular information and digital technologies.

**Key words:** performance audit, information and digital technologies, audit rules, comparative analysis, financial control, innovation, performance audit methodology.

Самаранокии раванди идоракунии молияи давлатӣ аз чорабиниҳои санҷишӣ-назоратӣ ва сатҳи татбиқи онҳо вобастагӣ дорад. Дар дилхоҳ мамлакати ҷаҳон аз болои дуруст ва самаранок

истифодабарии воситаҳои давлатӣ ниҳодҳои дахлдор фаъолият менамоянд. Масалан, дар ИМА ин ниҳод раёсати Асосии назоратии Конгрес зери роҳбарии назоратчии Генералӣ, дар Британияи Кабир шӯрои миллии ревизорон зери роҳбарии ревизори асосӣ, дар Канада назоратчии Генералӣ, дар Ҷопон раёсати назоратӣ-ревизионӣ, дар Ҳиндустон Комитети парламентии ҳисоботи давлатӣ, дар Финландия панҷ ревизори давлатӣ, дар Фаронса ва Венгрия Палатаи ҳисоб амал менамоянд.

Мақсади аудити самаранокӣ аз муайян кардани самаранокии иқтисодӣ, маҳсулнокӣ ва самаранокии истифодаи захираҳои давлатӣ иборат мебошад, ё ин ки мақсади аудити самаранокӣ дар таъмини сифатан беҳтар намудани ҷараёни идоракунии захираҳои давлатӣ дар асоси пешниҳоди маълумоти пурра, саҳеҳ ва беғаразона оид ба фаъолияти ташкилотҳое, ки ба раванди буҷет ҷалб гардидаанд, дида мешавад.

Дар шароити истифодаи техникаҳои иттилоотӣ-рақамӣ ба сифати маълумотҳои омӯхташаванда дар аудити самаранокӣ ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи натиҷаҳои фаъолият оиди ташаккул ва истифодаи воситаҳои давлатӣ ва иттилоотӣ дар шакли электронӣ ҷойдошта баромад менамоянд.

Дар шароити истифодаи техникаҳои иттилоотӣ-рақамӣ дар аудити самаранокӣ ба сифати қоидаҳои санҷишӣ-назоратӣ таҳлили ташкили кор, таҳлили муқоисавӣ, таҳияи меъёрҳои дахлдори баҳодиҳӣ, пурсишҳо, мусоҳибаҳо, истифодаи барномаҳои компютерӣ, ки барои таҳлил ва баҳодиҳии камбудиҳои ошкоршуда истифода мешаванд, баромад мекунанд.

Ба ақидаи мо, дар шароити рушди инноватсионӣ аудити самаранокӣ бояд вазифаҳои зеринро иҷро намояд:

- санҷиши фаъолияти ташкилоти назоратшаванда дар заминаи иттилоотӣ электронӣ-рақамӣ ва муайян намудани сабабҳои ғайрисамаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ аз тарафи гирандагони онҳо;
- ҷустуҷӯи таҳлилӣ ва муайян намудани алоқамандии сабабу натиҷаҳои кори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва хулосаҳои он;
- ташаккули таркибӣ, муайян намудани тавсияҳо барои беҳтар кардани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои санҷидашаванда;
- ба мақомоти қонунгузор додани имконияти баҳодиҳӣ ба натиҷанокии қабули қарорҳо оид ба танзими раванди буҷетӣ;
- таъмини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо маълумот ва тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳо.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади истифодаи дуруст, мақсаднок ва самараноки воситаҳои буҷетӣ мақомотҳои зиёде фаъолият менамоянд. Аммо мақомоте, ки дар соҳаи назорати молиявӣ мақоми олиро дорад, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бояд қайд кард, ки зарурати мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ афзоиши буҷети давлатӣ ва маблағгузории соҳаҳои бахши бучетию давлатӣ мебошад.

Моҳияти аудити самаранокиро дар идоракунии молияи давлатӣ дар ҳамон сурат мусбӣ шуморидан мумкин аст, агар чорабиниҳои санҷишӣ – назоратӣ дар заминаи истифодаи техникаҳои иттилоотӣ-рақамӣ ба роҳ монда шуда, корҳои таҳлилию ташхисиро бо пуррагӣ фаро гирифта тавонанд. Чунин меҳисобем, ки рафти таҳлилҳо ва ташхисҳои гузаронидашаванда ва натиҷаҳои онҳо бояд бо принсипи воқеият такя намоянд.

Бояд қайд кард, ки дилхоҳ чорабиниҳои назоратии аудити самаранокӣ барои иҷрои саривақтии вазифаҳо ва уҳдадориҳои дар назди шахсони масъули назоратшаванда дар ҳоле мусоидат менамоянд, ки агар чорабиниҳои назоратии амалишаванда таъсиррасон бошанд.

Дар шароити истифодаи дастовардҳои инноватсионӣ ва техникаҳои иттилоотӣ-рақамӣ аудити самаранокӣ метавонад барои идоракунии молияи давлатӣ мусоидат намояд, агар

чорабиниҳои назоратӣ омӯзишӣ ва баҳодиҳии нуқтаҳои зеринро дар бар гиранд: назорати иҷрои қонунгузории амалкунандаи соҳа; омӯзиши мавҷудияти қарорҳои муассиса оид ба мақсаднок истифода намудани воситаҳои буҷетӣ, ки аз санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ сарчашма мегиранд; ошкор кардани ҳолати истифодабарии воситаҳои буҷетӣ; муайян кардани истифодаи иқтисодии маблағҳои буҷетӣ дар асоси маълумоти электронӣ; мусоидат намудан ба муакаммалгардонии назорати самаранок истифодабарии воситаҳои буҷетӣ.

Оид ба мукаммалгардонии механизми аудити самаранокӣ пешниҳод менамоем, ки бояд ба таври зарурӣ ҳама унсурҳои низоми назорати молиявӣ фаъол буда, омӯзиши чунин самтҳоро ба роҳ монад: омӯзиши қонунии амалиётҳои хоҷагидорай; омӯзиши мақсаднокии амалиётҳои хоҷагидорӣ; баҳодиҳии эътимоднокии амалиётҳои хоҷагидорӣ; баҳо додани амалиётҳои хоҷагидорӣ дар асоси маълумоти баҳисобгирӣ ва ҳисоботӣ; дида баромадани амалиёти хоҷагидорӣ дар мувофиқа бо санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии соҳа; баҳодиҳии ҳолати воқеии объектҳои назоратшаванда ва ғ.

Яке аз талаботҳое, ки барои дар сатҳи баланди касбӣ иҷро шудани назорати молиявиро таъмин менамояд, риояи принсипи новобастагӣ мебошад. Яъне аудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дигар мақомоти марбута дар рафти санҷиш ҳамчун мутахассиси мустақил ва аз ҷиҳати молиявӣ новобаста ба объекти санҷидашаванда муносибат намояд.

Пешниҳод менамоем, ки роҳи мубрами гирифтани сади роҳи истифодаи ғайрисамараноки воситаҳои буҷетӣ – ин устувор гардонидани назорати пешакии аз тарафи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашаванда мебошад. Бо ин гуфтаҳо қайд карданием, ки кормандони ин ниҳод дар рафти омӯзиши лоиҳаи буҷет нишондиҳандаҳои қисми даромад ва хароҷоти онро аз нуқтаи назари дурустӣ, мақсаднокӣ ва эътимоднокӣ баҳо диҳанд. Яъне, пеш аз оне, ки ба ин ё он соҳа маблағҳо ҷудо шаванд, асоснокии моддаҳои хароҷотро саҳеҳ таҳлил кардан лозим меояд. Чунин мешуморем, ки агар чорабиниҳои назоратии аудити самаранокӣ дар вақти омӯзиши лоиҳаи буҷет ҳамчун назорати пешакӣ самаранок набошад, онгоҳ дар натиҷаи гузаронидани назорати баъдина, ки татбиқи сиёсати молиявии давлатиро ташкил менамояд, истифодаи ғайрисамараноки воситаҳоро ошкор карда наметавонад.

Масъалаи ташкил ва гузаронидани аудити самаранокӣ агар як муаммо бошад, таъсиррасон будани он муаммои дигар аст. Аз таҳлили рақамҳои ҳисоботҳои Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд, ки ҳамасола дар натиҷаи санҷишҳои ин ниҳоди давлатӣ норасоиҳо дар самти истифодаи ғайрисамараноки моликияти давлатӣ ҳамчун зарари молиявӣ ошкор карда мешаванд, ки сол то сол майли афзоишёбӣ доранд. Бинобарин чунин шумоswitch мумкин аст, ки натиҷаи санҷишҳои Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як тараф ошкор намудани истифодаи ғайрисамараноки воситаҳои буҷетиро ифода намуда, аз тарафи дигар афзоиши сатҳи коррупсияро дар сохторҳои давлатӣ дар назар дорад. Аз ин хотир, чунин мешуморем, ки назорати молиявии аз болои маблағҳои буҷетӣ равонашуда на он қадар таъсиррасон ба назар мерасанд. Бояд тазаккур дод, ки чорабиниҳои назоратӣ бояд таъсиррасон бошанд. Гап сари истифодаи механизми таъсиррасонии назорат аз тарафи ниҳодҳои назораткунанда меравад.

Ба ақидаи мо дар шароити истифодаи техникаҳои иттилоотӣ-рақамӣ аудити самаранокии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дуруст идоракунии молияи давлатӣ мусоидат менамояд, агар ҳолатҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

- аудити самаранокӣ бояд дар заминаи меъёрҳои амалкунандаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», Дастурамал оиди тартиби гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб ба роҳ монда шавад;
- чорабиниҳои аудити самаранокӣ устувор гардонидани низоми назорати молияи давлатиро барои давраҳои дарозмуддат таъмин намояд;

- истифодаи васеи таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта, аз ҷумла истифодаи дастовардҳои инноватсионӣ дар ташкил ва гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ;

- коркард ва мукаммал намудани методологияи аудити самаранокӣ дар шароити истифодаи техникаҳои иттилоотӣ-рақамӣ ва шароити афзоиши ҳиссаи воситаҳои давлатӣ дар муассисаҳои давлатию буҷетӣ;

- мувофиқати натиҷаҳо аз рафти санҷишҳои ҷорӣ ба натиҷаҳои ниҳоии ба дастомада.

**Хулоса,** аудити самаранокӣ дар шароити истифодаи техникаҳои иттилоотӣ-рақамӣ бояд баҳри мукаммал гардонидани механизми идоракунии молияи давлатӣ мусоидат намояд. Санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи назорати молиявӣ мукаммал буда, муаммоҳои ба миён омадаро метавонанд ҳаллу фасл намояд. Аммо нуқсонҳои асосӣ, ки барои таъсиррасон будани назорати молиявӣ монеа эҷод менамояд, ин риоя нагардидани баъзе аз принсипҳо ва тартиботи санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии дар фаъолияти мақомотҳои назораткунанда ҷойдошта мебошад.

**Дар охир қайд карданием**, ки барои устувор гардонидани идоракунии молияи давлатӣ аудити самаранокӣ бояд дар заминаи истифодаи техникаҳои иттилоотӣ-рақамӣ, ки метавонанд методикаи мукаммали санҷишию баҳодиҳиро руи кор биёранд, ба роҳ монда шавад. Ба ақидаи мо амали фаъоли унсурҳои аудитии самаранокӣ дар низоми назорати молиявӣ метавонанд барои мукаммалгардонии идораи молияи давлатӣ мусоидат намоянд.

**Адабиёт**


1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон.- ш. Душанбе, 28 июни соли 2011, № 749.- http://mmk.tj

2.Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе: 2019.- 486 с.

3.Саидов, Р. Н. Афзалиятҳои ҳамкории воҳидҳои аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақоми олии аудити давлатӣ / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 3(42). – P. 58-65. – EDN WYEGXG.

4.Орзуев, П. Ҷ. Хусусиятҳои аудити самаранокӣ дар низоми аудити мустақили давлатӣ / П. Ҷ. Орзуев, Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 3(27). – P. 83-90. – EDN SFFETD.

5.Саунин А.Н. Аудит эффективности использования государственных средств: Учебное пособие.-М.: Издательство Московского университета, 2015.-336с.

6.Сомонаи расмии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон: www.sai.tj

## ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ-АСОСИ РУШДИ НЕРӮИ ИНСОНӢ

**Ҳакимов Саъдулло Назриевич** – муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кучаи Нахимов 64/14, Тел. (+992) 919.13.31.71 email: sadullo-61@mail.ru

Дар мақола оид ба таҳия ва татбиқи стратегияи бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дурнамои дарозмӯҳлат ва чораҷӯиҳои зарурие, ки дар пешбурди зиндагии мардум қарор гирифтааст ва он асоси рушди нерӯи инсонӣ ҳисоб меёбад дар баробари истиқлолияти энергетикӣ, саноатикунонии босуръати кишвар ва раҳои аз бунбасти коммуникатсионӣ ба самтҳои асосии стратегияи давлатӣ сухан меравад. Масъалаҳое, ки бояд дар стратегия дарҷ ёбанд, аз ҷумла дастрасии физикӣ ва иқтисодии маҳсулоти ғизоӣ, ҳифзи муҳити зист ва идоракунии самарабахш, риояи меъёрҳои агротехникӣ ва дар маҷмӯъ, истифодаи дурусти захираҳои инсонӣ ва афзалиятҳои он дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии органикӣ пешниҳод карда шудаанд. Расидан ба ҳадафҳои умумимиллӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизо, кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ маркази масъалаҳоро дарбар мегиранд.

**Калидвожаҳо:** бехатарии озуқаворӣ, дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ, кишоварзӣ, рушди неруи инсонӣ, комплекси агросаноатӣ, таъминнокии аҳолии мамлакат ба маҳсулоти ватанӣ, таъмини корхонаҳои саноатӣ ба ашёи хом, рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ, рушди босуботи иқтисодиёт.

## БЕЗОПАСНОСТЬ ПРОДОВОЛЬСТВИЯ – КЛЮЧ К РАЗВИТИЮ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА

**Хакимов Саъдулло Назриевич** - Старший преподаватель кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета.734067. Республика Таджикистан г. Душанбе пр. Нахимова 64/14, Тел. (+992) 919.13.31.71 email: sadullo-61@mail.ru

В статье рассматриваются вопросы разработки и реализации стратегии продовольственной безопасности Республики Таджикистан на долгосрочную перспективу и необходимые меры, которые необходимы для улучшения жизни людей и являются основой развития человеческого потенциала, наряду с энергетической независимостью, ускоренной индустриализацией страны и преодолением коммуникационного тупика, как основными направлениями государственной стратегии. Вопросы, которые следует включить в стратегию, включают физический и экономический доступ к продуктам питания, защиту окружающей среды и эффективное управление, соблюдение агротехнических стандартов и, в целом, надлежащее использование человеческих ресурсов и их преимуществ в производстве органической сельскохозяйственной продукции. В основе вопросов лежат достижение национальных целей и обеспечение доступа населения к продовольствию, сокращение бедности и развитие аграрного сектора.

**Ключевые слова**: продовольственная безопасность, доступность продовольствия, агротехнические нормы, продовольственное обеспечение, норма потребления, сельского хозяйство, снабжение промышленных предприятий сырьем, развитие дехканских хозяйств, устойчивое экономическое развитие.

## FOOD SECURITY IS THE KEY TO HUMAN DEVELOPMENT

**Khakimov Sadullo Nazrievich** - Senior Lecturer, Department of Economic Analysis and Statistics, Tajik State University of Finance and Economics. 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Ave. 64/14, Tel. (+992) 919.13.31.71 Email: sadullo-61@mail.ru

The article examines the development and implementation of the food security strategy of the Republic of Tajikistan for the long term and the necessary measures that are needed to improve people's lives and are the basis for the development of human potential, along with energy independence, accelerated industrialization of the country and overcoming the communication deadlock, as the main directions of the state strategy. Issues to be included in the strategy include physical and economic access to food, environmental protection and good governance, compliance with agricultural standards and, in general, the proper use of human resources and their advantages in organic agricultural production. The issues are based on achieving national goals and ensuring access of the population to food, reducing poverty and developing the agricultural sector.

**Keywords:** food security, availability of food, agrotechnical standards, food supply, consumption rate, agriculture, supply of industrial enterprises with raw materials, development of dekhkan farms, export of domestic products to the country, sustainable economic development.

Асри XXI давраи ташаккули фарҳангу технологияи навин буда, бо дарназардошти афзуншавии аҳолии сайёраи замин ниёзмандии инсоният ба неъматҳои моддӣ бештар мегардад. Дар давраи муосир пешрафти ҷомеаи ҷаҳон аз стратегияи давлатӣ дар бахши иқтисодӣ бештар вобастагӣ дорад. Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми корӣ дар раванди иқтисодӣ ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи иқтисодиёт дере нагузашта самар овард, ки дар ин ҷода заҳмату талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беандоза бузург мебошад. Таъмини бехатарии озуқаворӣ дар даҳсолаҳои охир чун бахши муҳими иқтисодӣ мавриди омӯзиш ва чораҷӯиҳои зарур дар пешбурди зиндагии мардум қарор гирифтааст, ки он асоси рушди нерӯи инсонӣ ҳисоб меёбад ва он дар баробари истиқлолияти энергетикӣ, саноатикунонии босуръати кишвар ва раҳои аз бунбасти коммуникатсионӣ ба самтҳои асосии стратегияи давлатӣ дар ҷодаи рушди кишвар ворид карда шудааст.

Чуноне, ки И.С. Фасеҳзода қайд намудаанд, робитаҳои байниминтақавии озуқаворӣ сатҳи рушди муосирро нишон дода, тақсимоти воқеии меҳнатро дар комплекси агросаноатӣ муайян намуда, алоқамандии комплексҳои минтақавии озуқаворӣ, ки ҳамчун муносибатҳои иқтисодии истеҳсолот зуҳур ёфтаанд, инчунин амалигардонӣ ва мубодилаи намудҳои якхелаи озуқаро миёни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони он баррасӣ менамояд [10, с.214-218].

Бо назардошти мушкилоти ҷойдошта дар самти бехатарии озуқавории мамлакат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Ҳукумати кишвар дастур доданд, ки доир ба дастгирии соҳаи кишоварзӣ, бахшҳои коркарди маҳсулоти он ва ҳавасманд намудани кишоварзон баҳри истифодаи самараноки захираҳои обу замин тадбирҳои иловагӣ андешанд, инчунин тавассути ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати азхудкунӣ ва обёрии заминҳои нав чораҷӯӣ карда шавад. Бояд қайд намуд, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини иқтисоди миллӣ буда, таъмини яке аз ҳадафи стратегии Ҳукумат, яъне амнияти озуқавории мамлакат, асосан аз сатҳи рушди он вобаста мебошад [1, с.13-14].

Дар аксарияти кишварҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққӣ низ мушкилоти таъмини озуқаворӣ дида мешавад. Дар баробари ин мо бояд дурнаморо ба инобат гирифта, маҳсулоти озуқавориро аз хориҷи кишвар неву, балки истеҳсолоти ватаниро ба монанди давлатҳои тараққикарда, хусусан ИМА ва Франсия – бештар аз 100%, Олмон – 93%, Италия – 78%, Япония 50%, Руссия -49,3% ба роҳ монем [9, с. 95].

Бехатарии озуқаворӣ ин чунин ҳолате мебошад, ки дар он давлат қобилияти қонеъ намудани талабот ба озуқаро дар сатҳи мӯътадили ҳаётгузаронии аҳолӣ кафолат медиҳад. Мафҳуми «Сатҳи

мўътадилӣ ҳаётгузаронии аҳолӣ» дар доираи илм аз нуқтаи назари рушди инсонӣ шарҳ дода мешавад, ки барои саломатии инсон ва дарозумрии он аҳамият дорад. Яъне дар ин ҳолат бехатарии озуқаворӣ дар захира намудани озуқа ё таъмини истеҳсоли ватании он баҳри ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунанда инъикоси ҳақиқии худро наёфта, балки аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ дар дигаргун сохтани таркиби истеъмолоти аҳолӣ бо беҳтар гардонидани сифати озуқа баҳри нигоҳ доштани саломатии инсон бештар бояд шарҳ дода шавад. Аз ҳамин ҷиҳат ҳам таъмини бехатарии озуқаворӣ асоси рушди инсонӣ ва нерӯи он баромад мекунад.

Таъмини бехатарии озуқаворӣ, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, фурӯш, инчунин ҳалли мушкилоти дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии озуқаворӣ хусусияти системавӣ дорад. Мавҷудияти маҳсулоти озуқа ба ҳар нафар аҳолӣ ба воситаи тарози (баланси) озуқаворӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар тарози (баланси) озуқаворӣ ҳар кадом маҳсулоти асосии озуқа аз ҷиҳати мавҷудияти умумии худи маҳсулот ва истеъмоли он дар давраи муайян нишон дода мешавад, ки маъмулан як солро дар бар мегирад. Нишондиҳандаи мавҷудияти озуқаворӣ дар миқёси миллӣ ба ҳисоби миёна оварда шудааст ва дар он манбаи дастрас будан ба хонавода (имконияти истеҳсол, дарёфт кардан ё гирифтани озуқа бо ҳар усул) ба назар гирифта намешавад [2, с. 21].

Дар шароити ҷаҳонишавии хоҷагии ҷаҳонӣ истиқлолияти иқтисодии ҳар як мамлакат хосияти нисбиро доро мебошад, аммо дар муқаррароти зерин истиқлолияти иқтисодӣ ҳамчун имконияти назорати самарабахши захираҳои худӣ ва соҳиб шудани чунин дараҷаи рақобатпазирии иқтисодие мебошад, ки ҳалли ҳамаи мушкилиҳои фаъолияти ҷамъият ва давлатро таъмин менамояд.

Бехатарии озуқаворӣ ҳамон вақт таъминшуда ҳисобида мешавад, ки агар озуқавории мувофиқ (аз ҷиҳати миқдор, сифат, бехавфӣ ва аз нуқтаи назари иҷтимоию фарҳангӣ маъқул) мавҷуд ва дастрас буда, ҳамаи мардум доимо барои таъмини ҳаёти солим, чунин озуқавориро қаноатмандона истеъмол кунанд. Бехатарии озуқаворӣ қисми таркибии бехатарии иқтисодӣ буда, мақсади асосии он истифодаи самараноки захираҳо дар роҳи комёбшавӣ ба тавозуни бозорӣ, яъне талабот ва таклифоти озуқаворӣ, таъмини ашёи хом барои соҳаҳои коркардабарорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ мебошад ва ин на танҳо бо истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва имконияти харидории онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, балки бо қобилияти таъминнокии аҳолии кишвар ба маҳсулоти зарурии озуқаворӣ мебошад. Бо ин мақсад меъёрҳои тиббии истеъмолӣ ва санитарӣ барои назорати озуқаворӣ бояд дар сатҳи давлатӣ баррасӣ карда шаванд. Масъалаи мазкурро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар нанамуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ меъёрҳои тавсиявӣ муқаррар карда шудааст, ки мо онро дар ҷадвали 1 муфассал шарҳ додаем.

**Ҷадвали 1.-Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018**

| № | Номгӯи маҳсулот | Грамм дар як шабонарӯз | Килограмм дар як моҳ | Килограмм дар як сол |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Нон ва маҳсулоти нонӣ, ярмаҳо, лӯбиёгиҳо | 404,7 | 12,1 | 147,7 |
| 2 | Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 111,9 | 3,4 | 40,8 |
| 3 | Моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ | 24,6 | 0,7 | 9,0 |
| 4 | Шир ва маҳсулоти ширӣ | 316,0 | 9,5 | 115,3 |
| 5 | Тухм (дона) | 0,5 | 15,0 | 180,0 |
| 6 | Равған (растанӣ, чарбу) | 46,2 | 1,38 | 16,6 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 7 | Қанд | 54,8 | 1,6 | 20,0 |
| 8 | Сабзавот ва полезиҳо | 455,0 | 13,7 | 166,1 |
| 9 | Мева ва буттамева | 340,0 | 10,2 | 124,1 |
| 10 | Картошка | 252,0 | 7,6 | 92,0 |
| 11 | Чой | 5 | 0,15 | 1,8 |

**Сарчашма:** Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2018, №451.

Дар баробари ин, ҳангоми муайян намудани вазъи бехатарии озуқаворӣ масъалаҳои зерин низ бояд ба назар гирифта шаванд: ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ватанӣ, ашёи хоми ватанӣ, талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ тибқи меъёрҳои Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ муқарраршуда, сатҳи худтаъминкунӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ тибқи меъёрҳои илман исботшуда бо дарназардошти шароити табиӣ ва иқтисодии макони зист [3, с.31].

Давлат вазифадор аст, ки барои аксарияти аҳолӣ дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодии намудҳои асосии озуқавориро тибқи меъёрҳои ба таври илмӣ асосёфтаи истеъмоли инсон фароҳам орад. Аз ин рӯ, муносибати методологии таҳқиқи бозори озуқаворӣ аз мамлакатҳои Ғарб, ки низоми ташаккулёфтаи муносибатҳои бозорӣ доранд, набояд нусхабардорӣ карда шавад. Низоми муносибатҳои иқтисодӣ дар шароитҳои хоҷагидории нимбозорӣ ва нимнатуралӣ муносибати замонавии навро талаб мекунад. Ин муносибат бояд бо менеҷменти самарабахш, захираҳои иттилоотӣ ва худи низоми ташкили муносибатҳо дар маҷмӯи озуқаворӣ асос ёфта бошад. Низоми идоравӣ бояд хусусиятҳои зеринро ба ҳисоб гирад:

-менталитети мавҷудаи аҳолӣ оид ба ташаккули захираҳо, ки ба натурализатсияи фаъолияти хоҷагӣ меорад;

-фаъолияти ғайрирасмии миёнаравӣ, ки иттилоотро таҳриф намекунад, вале ба баланд шудани нархҳои маҳсулоти озуқаворӣ таъсир мерасонад.

-тавассути фурӯшандаҳои фардӣ дар бозор фурӯхтани маҳсулоти озуқаворӣ, ки ҳаҷми онро баҳо додан мушкил мегардонад;

-робитаи суст дар байни бахшҳои истеҳсолӣ ва истеъмолии иқтисодӣ.

Роҳҳои ноил шудан ба таъминоти озуқавориро нишон дода, қайд менамоям, ки ҳар як давлат ва Тоҷикистон низ истисно нест, ки асоси «бехатарии озуқаворӣ»-ро тибқи хусусиятҳои он, ҳамчунин тибқи нақши анъана, тарзи зиндагӣ ва психологияи аҳолӣ ташкил медиҳад.

Дар навбати худ, зарур аст, ки аз ҳисоби ба вуҷуд овардани муносибатҳо ва муттаҳид намудани онҳо, чораҳо оид ба такмили низоми идораи тамоми соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва кор карда баровардани низоми чорабиниҳо доир ба баланд кардани устувории робитаи дуҷонибаи воҳидҳои низоми агробизнеси мамлакат ва минтақаҳо иҷро шавад. Бо озуқаворӣ таъмин будани аҳолӣ яке аз роҳҳои асосии муайян кардани вазъи бехатарии озуқаворӣ мебошад. Дар умум вазъи бехатарии озуқавории мамлакатро ду нишондиҳанда муайян мекунад:

-ҳаҷми умумии захираҳои ғалладонагӣ (миқдори зарурии захираи солона то ҳосили оянда);

-истеҳсоли дигар маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳисоби миёна ба сари аҳолӣ.

Новобаста ба афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ (10,3 млн. нафар) истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ба сари аҳолӣ дар даврони истиқлолият рӯ ба беҳбудӣ овардааст, ки мо дар ҷадвали 2 бо пуррагӣ шарҳ додаем.

**Ҷадвали 2.-Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як нафар аҳолӣ, кг**

| | **1991** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ғалладона | 54,3 | 141,5 | 152,2 | 165,0 | 161,8 | 175,0 | 172,3 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Картошка | 32,3 | 106,8 | 107,9 | 108,7 | 106,2 | 109,6 | 112,4 |
| Сабзавот | 112,1 | 234,7 | 236,7 | 263,5 | 264,9 | 272,0 | 297,2 |
| Полизӣ | 31,2 | 71,1 | 76,1 | 80,5 | 83,5 | 84,4 | 99,2 |
| Меваҳо ва буттамеваҳо | 31,6 | 49,6 | 51,4 | 49,7 | 45,3 | 51,3 | 65,2 |
| Ангур | 21,6 | 26,8 | 26,8 | 25,4 | 27,3 | 30,2 | 18,7 |
| Гӯшт (дар вазни кушташуда) | 13,4 | 14,5 | 14,8 | 16,0 | 16,7 | 17,5 | 19,6 |
| Шир | 104,9 | 108,9 | 108,5 | 108,5 | 106,3 | 106,6 | 109,8 |
| Тухм, дона | 81,1 | 49,9 | 78,7 | 104,5 | 107,4 | 121,4 | 120,2 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2024, С.285.

Чуноне, ки аз ҷадвали мазкур ба мо маълум гашт истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2023 ба як нафар аҳолии кишвар дар бештари маврид нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 1991 рушд ёфтааст. Яъне ғалладона аз 54,3 ба 172,3 кг., картошка аз 32,3 ба 112,4 кг., сабзавот аз 112,1 ба 297,2 кг., зироати полезӣ аз 31,2 ба 99,2 кг., меваҷот аз 31,6 ба 65,2 кг., ангур аз 21,6 ба 18,7 кг., гӯшт аз 13,4 ба 19,6 кг., шир аз 104,9 ба 109,8 кг. ва тухм аз 81,1 ба 120,2 дона.

**Ҷадвали 3.- Таъминнокии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳсулоти кишоварзӣ (таносуби фоизи бо меъёри тавсияшавандаи истеъмол 1 кг/одам дар як сол)**

| **Навъҳои маҳсулот** | **Меъёри тавсияшавандаи истеъмол 1 кг/одам дар як сол** | **СОЛҲО** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2021** | | **2022** | | **2023** | |
| | | **Ба сари аҳолӣ, кг.** | **Сатҳи таъмин будан, %** | **Ба сари аҳолӣ кг.** | **Сатҳи таъмин будан, %** | **Ба сари аҳолӣ, кг.** | **Сатҳи таъмин будан, %** |
| Ғалла маҳсулоти ғалладонагӣ | 147,7 | 161,8 | 109,5 | 175,0 | 118,4 | 172,3 | 116,6 |
| Сабзавот ва полезӣ | 166,1 | 348,4 | 209,7 | 356,4 | 214,5 | 396,4 | 238,6 |
| Картошка | 92,0 | 106,2 | 115,4 | 109,6 | 119,1 | 112,4 | 122,2 |
| Мевагӣ ва ангур | 124,1 | 72,6 | 58,5 | 81,5 | 65,6 | 83,9 | 67,6 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 115,3 | 106,3 | 92,2 | 106,6 | 92,4 | 109,8 | 95,2 |
| Гӯшт ва маҳсулотӣ гуштӣ | 40,8 | 27,0 | 66,1 | 26,7 | 65,4 | 29,0 | 71,0 |
| Тухм (дона) | 180,0 | 107,4 | 59,6 | 121,4 | 67,4 | 120,2 | 66,7 |

**Сарчашма:** ҳисобҳои муаллиф дар асоси маводи маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024”

Аз маълумоти овардашудаи ҷадвал дида мешавад, ки таъминнокии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 бо ғалла ва маҳсулоти ғалладонагӣ -116.6%, сабзавот ва полезӣ-238,6%, картошка-122,2%, ки ин аз таносуби фоизи бо меъёри тавсияшавандаи истеъмол 1 кг/одам дар як сол зиёд мебошанд, аммо дигар номгуи махсулоти истеъмоли аз меъёри тавсияшаванда кам арзёби мегарданд.

Дар солҳои 80-уми асри XX пас аз муваффақиятҳои **«инқилоби сабз»**, ки ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ мусоидат намуданд, эътироф карда шуд, ки норасоии маҳсулоти хӯрокворӣ ва ҳатто гуруснагӣ, аксаран на он қадар аз сабаби коҳиши якбораи истеҳсолоти маҳсулоти хӯрокворӣ ба вуҷуд омадааст, чӣ қадаре ки аз паст шудани даромади қишрҳои муайяни ҷамъият, яъне талаботи харидорӣ ба амал меояд. Аз ҳамин сабаб, ба мафҳуми «бехатарии озуқаворӣ» аломатҳои чун дастрасии воқеӣ ва иқтисодии аҳолӣ ба озуқаворӣ низ дохил шудаанд.

Бехатарии иқтисодӣ ба таъмини аҳолии мамлакат бо маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва озуқаворӣ оварда мерасонад, дар баробари ин бештар бехатарии озуқаворӣ ва истиқлолият айният дода шуда, дар ин маврид манбаъҳои озуқаворӣ ва қобилияти харидории аҳолӣ ба назар гирифта намешаванд.

Ташкил додани низоми идоракунии устувор аз гуногуншаклии таркибҳои бозорӣ ҷудо намудани унсурҳои инфрасохтории низомташкилкунанда ва дар соҳаҳо муттаҳид намудани онҳоро дар назар дорад. Ҳангоми вобаста бо мувозинаи тақозо ва арзаи маҳсулот ва вазъи иҷтимоии харидорон, низоми таҳлил ва пешгӯии рушди бозори озуқаворӣ, тағйир наёфтани роҳҳои ташаккулёбии нархҳо, давлат ин вазъро танзим мекунад. Ба яке аз роҳҳои танзим дар ин ҳолат ҷорӣ кардани сиёсати нархӣ дохил мешавад. Пеш аз иҷро намудани ин мақсад санҷиши саривақтии бозори озуқавории минтақа, ба ҳисоб гирифтани иқтидори он ва пешгӯйии рушд бо роҳи дар марказҳои шаҳр ва ноҳияҳо ташкили Марказҳои санҷиши сифатӣ ва консалтинг (мониторинги консалтингӣ) зарур мебошад.

Дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта таҷрибаи чандинсолаи дастгирии молиявии хоҷагиҳои фермерӣ нишон дод, ки афзоиши ёрии пулии давлат ба ин хоҷагӣ мисли истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ самарабахш нест. Маҳз барои ҳамин гузариш ба модели нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар он нархҳои ҷаҳонӣ асосӣ мебошанд, зарурати бо мақсади дастгирии нархҳои дохилӣ аз буҷет ҷудо намудани маблағи зиёдро ба вуҷуд овард. Вале аз ин пас ҳатто дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта имконнопазир будани давом додани пулҷудокунии соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб гирифта шуда, дар аксари онҳо зарурати дида баромадани принсипҳои бунёдии сиёсати аграрӣ пайдо шуд.

Аз ин ҷо таъминоти бехатарии иқтисодӣ ҳалли як қатор масъалаҳоро дар назар дорад:

– ташкил намудани шароитҳои иқтисодии босубот барои рушди бозори озуқавории мамлакат;

–гузаронидани сиёсати самарабахши агроозуқаворӣ;

– таъмини имкониятҳои баробар барои ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ;

– гузаронидани сиёсати дурусти миллӣ дар соҳаи бо кор таъминкунии аҳолӣ;

– амалӣ гардонидани сиёсати иҷтимоии давлат, ки ба решакан кардани камбизоатӣ ва нобаробарӣ дар бобати дастрасӣ ба озуқавории хушсифат, ҳамчунин истифодаи он равона шудааст;

– ба даст овардани истеҳсолоти устувор, муътадил ва гуногуни озуқаворӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва самарабахшии меҳнат;

– амалӣ намудани стратегияҳои рушди соҳаҳои маҷмӯи агросаноатӣ бо мақсади зиёд намудани имкониятҳои маҳаллии истеҳсоли озуқаворӣ

– ба дохил кардани технологияҳои пешқадам дар соҳаи истеҳсолот, коркардкунӣ, нигоҳдорӣ ва фурӯши ашёи хом ва озуқаворӣ мусоидат намудан;

– истифода бурдани афзалиятҳои тақсимоти байналхалқии меҳнат;

– гузаронидани фаъолияти иқтисодиёти хориҷӣ, мувозина байни фаъолияти содиротию воридотӣ;

– сармоягузории соҳаи аграрӣ

Умуман, бехатарии озуқаворӣ яке аз воҳидҳои муҳимми бехатарии иқтисодии мамлакат ба ҳисоб рафта, бо маҷмӯи шароитҳои иқтисодӣ ва иҷтимоие таъмин мешавад, ки бо рушди хоҷагии

аҳолӣ ва тамоми маҷмӯи озуқаворӣ, ҳамчунин бо вазъи умумии иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ алоқаманд мебошад.

Ҳамин тавр метавон қайд кард, ки барои ҳалли масоили бехатарии озуқаворӣ амалӣ намудани маҷмӯи чораҳо лозим мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад зарур аст, ки ҳамкории давлатӣ-хусусӣ мустаҳкам гардад, ҳамчунин ислоҳоти институтсионалии бо рушди иқтидори инсонии мамлакат алоқаманд гузаронида шаванд ва пеш аз ҳама дар натиҷаи истифодаи самарабахши заминҳои корам ва истифодаи технологияҳои муосир дар соҳаи комплекси агросаноатӣ вобаста мебошад.

**Адабиёт**


1. Ашуров И.С. Амнияти озуқаворӣи Тоҷикистон /И.С. Ашуров // Рушди босуботи комплекси агросаноатӣ – омили муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конфренсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ (12 – 13 майи соли 2017) - Қӯрғонтеппа – 2017. – С.21-34.

2. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2024,– С 285.

3.Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, январ – декабр. Душанбе – 2020. – С. 24-25.

4.Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2020

5.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» санаи истифодашуда: 28.12.2012 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, №643, 18 05 2009 с., Душанбе 2016г. саҳ. 6-9.

6.Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 28.12.2024.

7.Саидов, Р. Н. Развитие частного сектора с целью повышения уровня жизни населения Таджикистана / Р. Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/5(207). – С. 135-143. – EDN XFVVKJ.

8.Иброхимов, И. Р. Направление совершенствования государственного регулирования уровня жизни населения в Республике Таджикистан / И. Р. Иброхимов, Р. Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 3-1. – С. 35-40. – EDN UWLSIR.

9.Саидов, Р. Н. Оценка факторов формирования уровня жизни населения в Республике Таджикистан / Р. Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 5. – С. 141-146. – EDN VAASMO.

## ҶАҲОНИШАВӢ: МОҲИЯТ ВА ТАМОЮЛИ МУОСИРИ РУШД

**Саидмахмадова Садбарг Муродалиевна –** муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 918-58-84-13

Мақола ба таҳлили моҳияти ҷаҳонишавӣ ва тамоюлоти муосири рушди он бахшида шудааст. Ихтилофоти асосии марбути мафҳуми «ҷаҳонишавӣ» ва масъалаҳои моҳияти падидаи мазкур, самти кунунии рушди он баррасӣ гардидаанд. Муаллиф назари худро дар бораи табиати ҷаҳонишавӣ, замина ва таркиби он пешниҳод кардааст. Ҳамчунин дар ҷараёни таҳқиқот муқаррар карда шуд, ки ҳолати муосири ҷаҳонишавӣ сатҳи ҷаҳонишавии раванди такрористеҳсолро дар миқёси иқтисоди ҷаҳонӣ инъикос мекунад. Таҳлил дар асоси таҳқиқоти назариявӣ дар соҳаи истеҳсолоти байналмилалӣ гузаронда шудааст. Хулосаҳои дар натиҷаи ин таҳқиқот баровarда дар бораи хосияти ҷаҳонишавӣ мумкин аст минбаъд дар тадқиқоти муфассалтари мавзуи дигаргуниҳои куллии иқтисоди ҷаҳон мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шаванд.

**Калидвожаҳо:** ҷаҳонишавӣ, иқтисоди (хоҷагии) ҷаҳон, яққутбӣ, ғайриҷаҳонишавӣ, байналмилалишавӣ, фаромиллишавӣ, такрористеҳсол, истеҳсолоти байналмилалӣ.

## ГЛОБАЛИЗАЦИЯ: СУЩНОСТЬ И СОВРЕМЕННЫЕ ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ

**Саидмахмадова Садбарг Муродалиевна -** старший преподаватель кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 918 58 84 13

Статья посвящена анализу сущности глобализации и современных тенденций ее развития. Рассмотрены основные противоречия, связанные с понятием «глобализация» и затрагивающие вопросы о сущности данного явления и нынешнего вектора его развития. Предложено авторское видение природы глобализации, ее предпосылок и содержания данного понятия. Также в ходе исследования было установлено, что нынешнее состояние глобализации характеризует уровень интернационализации воспроизводственного процесса в масштабах мировой экономики. Анализ основан на результатах фундаментальных исследований в области международного производства. Сделанные по результатам данного исследования выводы о сущности и характере глобализации могут быть использованы в дальнейшем при более детальном изучении темы глобальных изменений мирового хозяйства.

**Ключевые слова:** глобализация, мировое хозяйство, монополярность, деглобализация, интернационализация, транснационализация, воспроизводство, международное производство.

## GLOBALIZATION: ESSENCE AND MODERN DEVELOPMENT TRENDS

**Saidmahmadova Sadbarg Murodalievna** - Senior Lecturer, Department of Economic Theory, Tajik State Financial and Economic University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Tel.: (+992)918 58 84 13

The article analyzes the essence of globalization and modern trends of its development. Considers the main contradictions associated with the concept of «globalization» and touches on questions about the nature of this phenomenon and the current vector of its development. Proposed author’s vision of the nature of globalization, its prerequisites and content of this concept. Also during the research it was established that the current condition of globalization is characterized by the level of internationalization of reproduction process in the world economy. The analysis is based on the results of basic research in

the field of international production. The conclusions drawn by results of this research about essence and nature of globalization can be used further at more detailed studying of a subject of global changes of the world economy. The findings of this study about essence and nature of globalization can be used further for a more detailed studying of a theme of global changes of the world economy.

**Key words:** globalization, the world economy, monopolarity, deglobalization, internationalization, transnationalization, reproduction, international production.

Бо вуҷуди васеъ паҳн гаштани мафҳуми «ҷаҳонишавӣ», тафсиру таърифи ягонаи он то ҳол ҳосил нашудааст. Ин бо мавҷудияти ихтилофоти сершумор алоқаманд аст, ки таҳлилу арзёбиашон ҳадафи ҳамин таҳқиқот мебошад. Набудани назари ягона дар бораи моҳияти ҷаҳонишавӣ дар шумори зиёди таърифоти он, ихтилофи назар оид ба аломатҳои хоси ин падида ва ояндаи рушди он зоҳир мешавад. Сабаби ба миён омадани чунин ҳолати мураккабу серпаҳлу бад ин раванди ҷаҳонишавист, ки дар ҳама соҳаҳои ҳаёту фаъолияти одамон сар мекунад. Лекин бояд гуфт, ки қисми зиёди таърифҳои пешниҳоду истифодашаванда марбути хосиятҳои ҳамшабеҳи падидабуда, саҳван ба раванди ҷаҳонишавӣ нисбат дода мешаванд. Омили субъективӣ низ ҷой дорад, яъне чизи дилхоҳ ба воқеият шабоҳат дода мешавад, ки ин барои мавзуи хеле маъмулу рӯзмарраи тағйирёбии иқтисоди ҷаҳон табиист. Боз як ихтилофи дигар бо арзёбии вазъи муосири ҷаҳонишавӣ,ба самти рушди он алоқаманд аст. Дар пасманзари суст ё ҳатто манфӣ шудани суръати рушди тиҷорати байналмилалӣ ва ҳаракати сармоя ҳамчун пайомади ҷунбишҳои бuҳронии муосир бисёре аз коршиносон аз марҳилаи нави ғайриҷаҳонишавӣ мегӯянд. Қайд карда мешавад, ки дар доираи ин раванд кишварҳо ба рушди дохилии худ мекӯшанд ва ин табиатан ба вобастагии камтари иқтисодиёти онҳо аз ҳамдигар оварда мерасонад. Яъне, ҳаракати муқобил ба ҷаҳонишавӣ ба вуқуъ мепайвандад. Мақсад аз ин таҳқиқот таҳлили нуқтаҳои назари гуногун дар бобати масъалаҳои мазкур ва баровардани хулосаи худ дар заминаи маълумоти мавҷуда ва усули арзёбии коршиносон мебошад.

Назариёти оид ба таърифи ҷаҳонишавӣ. Дар тӯли садсолаҳо раванди наздикшавии ба тадриҷи кишварҳо ва мардумони ҷаҳон ба мушоҳида мерасад. Аммо фақат имрӯз суръати рушди ин раванд ба маротиб афзоиш ёфтааст. Ҷаҳонишавӣ воридшавии кишварҳои ҷаҳон ва тамоми ҷомеаро ба зинаи нави ҳамкорӣ – ҳамкории номаҳдуду умумиҷаҳонӣ дар назар дорад. Маҳз раванди ҷаҳонишавӣ аз ибтидои солҳои 90-уми садаи XX нақшаи афзалиятноки баёни тартиботи ҷаҳонӣ гардид [10, с. 168]. Аввалин маротиба мафҳуми ҷаҳонишавӣ дар илмҳои ҷамъиятӣ дар осори иқтисодшиносоне пайдо шуд, ки аз ташаккулёбии бозори ягонаи ҷаҳон хабар доданд. Дар ин раванд, ҳамгироии рӯзафзуни бозорҳои молу хизматрасонӣ ва сармоя ба амал омад. Ба ин васила, ҷаҳонишавӣ сараввал маҳз дар соҳаи иқтисод аён гашт. Бунёдгузори истилоҳи «ҷаҳонишавӣ» олими амрикоӣ Т. Левит ба шумор меравад, ки соли 1983 дар мақолаи худ чопи Harvard Business Review дар бораи муттаҳидшавии бозорҳои маҳсулоти алоҳидаи истеҳсоли ширкатҳои фаромиллии (ШФМ) бузург навишта буд. Алҳол бештари муҳаққиқони ҷаҳонишавӣ мекӯшанд, ки онро чун равандҳои ҳаракати батадриҷи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба фазои ягонаи тибқи қонуну меъёрҳои ҳуқуқии ягона амалкунанда маънидод намоянд, ки бояд ба гум шудани гуногунӣ ва беназирии ҷомеаҳо, гуногунии тамаддунҳои мухталиф оварда расонад [7, с. 16]. Сухан дар бораи якрангшавии хоси ҷомеаи ҷаҳонӣ меравад, ки на танҳо ба соҳаи истеҳсолию иқтисодии он дахолат мекунад, балки маишати одиро ҳам дигаргун месозад. Дар ҷараёни ин тағйирот, талаботи физиологӣ, маънавӣ ва фарҳангии одамон дигаргун мешаванд. Бо ҳамин бояд «як навъ яксоншавӣ ва стандартизатсияи дарки милливу фарҳангӣ, диниву таърихии воқеияти муосир аз ҷониби ҳамаи халқҳои ҷаҳон» ба амал ояд [7, с. 16]. Аз ин хулосае бармеояд, ки ҷаҳонишавӣ раванди дастсоз, якнавъ сиёсатест, ки пешбурди бошууронаи онро бештар ба кишварҳои мутараққӣ зери роҳбарии

ИМА нисбат медиҳанд. Чунончӣ, масалан, Н. Абдулгамидова, С. Гурбанов ҷаҳонишавиро чун раванди дорои табиати яккутбӣ баррасӣ намуда, онро чун «институтсионализатсияи низоми истисмори неоколониалии иқтисоди ҷаҳон аз тарафи «империализми доллар» маънидод мекунанд» [1, с. 20]. А. Г. Дугин ва як қатор муҳаққиқони дигар ҳам бар ин назаранд, ки тамоми рӯйдодҳои чорчӯби ҷаҳонишавӣ ба манфиати ИМА воқеъ мешаванд. Зимнан ҳадафи асосии онҳо густариши бештарини доираи нуфузи доллари Амрико мебошад [10, с. 169]. Иқтисодшиноси маъруфи рус В. Иноземсев васеътар фикрронӣ карда мегӯяд, ки ҷаҳонишавӣ раванди тӯлонии муқаррару пойдор гардонидани ҳокимияти капитализми аврупоӣ мебошад [5, с. 42]. Нуқтаҳои назари тундрав, мисли ақидаи муҳаққиқи хориҷӣ И. Валлерстайн низ ҳастанд, ки ӯ ҷаҳонишавиро чун кӯшиши муқаррар намудани ҳокимияти як тамаддун бар ҷаҳони боқимонда ё чун муқаррар намудани ҳокимияти яккатози бозорҳои ҷаҳонӣ аз сӯи як кишвар баррасӣ мекунад [2]. Аксарияти чунин ғояҳо ба ин асос ёфтаанд, ки маҳз ба туфайли ҷаҳонишавӣ ИМА то ҳол аз уҳдаи қарзи азими хориҷӣ мебарояд (он бо сабаби камбуди бузурги ҳарсолаи тавозуни амалиёти ҷорӣ ба вуҷуд меояд). Ин қарз дар поёни соли 2015, бино ба маълумоти Вазорати молияи ИМА, 17,5 трлн. долларро ташкил дод. Ба ин васила, ҷаҳонишавӣ ба ИМА имкон медиҳад, ки ҳатто бо вуҷуди бухрони иқтисодии ҷаҳон, аз дефолт халос шавад ва нуфузи долларо чун асъори асосии иқтисоди ҷаҳон ҳифз намояд [6, с. 234]. Бо назардошти ин гуфтаҳо метавон хулоса кард, ки мафҳумҳои ҷаҳонишавӣ ва ташаккули хоҷагии ҷаҳонии яккутбӣ, ки зимни он дараҷаи рушди саноатии кишварро ҳиссаи хизматрасонӣ дар истеҳсоли ММД муайян мекунад, ба ҳам омехта мешаванд. Мо ҷонибдори ақидаи В. Перская ва В. Глуховсев ҳастем, ки чунин омезиши мафҳумҳои иқтисодӣ натиҷаи иштибоҳи идеологие мебошад, ки шӯравишиносону сиёсатшиносон дар охири солҳои 70-ум ва ибтидои солҳои 80-уми асри гузашта баён кардаанд. Идеологияи мазкур раванди ҷаҳонишавӣ номида шуд, то ки дар шароити пошхӯрии ИҶШС ва низоми кишварҳои сотсиализм мавҷудияти таркиботи идеологиро дар низоми капитализм пардапӯш кунанд ва нишон диҳанд, ки хоҷагии капиталистӣ дар рушди худ дар ҳақиқат танҳо ба қонунҳои воқеии капитализм итоат мекунад. Вале бо вуҷуди ин, унсури капиталистӣ дар кишварҳои демократии Ғарб арзи ҳастӣ мекунад ва ба низоми тарбияи аҳолӣ, ба дарки арзишҳои тамаддунҳо ва халқҳои дигар аз ҷониби он, ба раванди ташаккулёбии хоҷагии миллӣ, инчунин, ба рушди муносибатҳои ҳамгироӣ таъсири зиёд мерасонад. Ин унсури идеологӣ ба ҷаҳонбинии миллии психологӣ, фарҳангии таърихӣ ва динӣ асос меёбад. Он ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва ИМА оварда ва то имрӯз фаъолона аз ҷониби онҳо ба кишварҳои дигари ҷаҳон таҳмил карда мешавад. Ҳангоми суханронӣ дар бораи солҳои 80-уми асри гузашта, мо давраи рушди иқтисоди ҷаҳониро дар шароити ба ном интизори натиҷаҳои «ҷанги сард» ва ташаккули қоидаҳои мувофиқашудаи истиқрори модели нави иқтисодии хоҷагии ҷаҳон дар шароити қатъи низоми сотсиалистии хоҷагидориро дар назар дорем. Дар ин давра, ИМА дар сатҳи қонунгузорӣ барои таъсиси ширкатҳои фаромиллӣ (ШФМ) мусоидат мекунанд, ки истеҳсолоташон дар берун аз ҳудуди кишварҳои миллӣ қарор дорад, имтиёзҳои гумрукии тарифиро барои воридоти маҳсулоти ин ШФМ ба ИМА таъмин мекунанд [7, с. 42]. Соли 1989 Созишномаи Вашингтон қабул карда шуд, ки принсипҳои он ба татбиқи сиёсати озодсозии саросарии ҳаракати омилҳои истеҳсол, қатъи танзими давлатӣ ва яксон кардани ҳуқуқи моликият дар иқтисоди ҷаҳон равона шудаанд. Принсипҳои мазкур аслан нуқтаи авҷи модели неолибералӣ мебошанд ва ба пайиҳам гум шудани вазифаву нақши давлатҳои миллӣ дар таъйини самти рушди иқтисодии худ оварда мерасонанд. Соли 1997 Созишномаи Пост-Вашингтон қабул шуд, ки ҳадафҳои он рушди иҷтимоию иқтисодии миллатҳо, ҳифзи муҳити экологӣ, аз байн бурдани сатҳи нобаробари даромадҳо ва мусоидати умумӣ барои демократикунонии ҷомеа дар асоси яксон намудани стандартҳои демократӣ эълом шуданд. Нуктаи асосие, ки бар асоси тамоми гуфтаҳои боло мехостем қайд намоем, ин аст, ки таҳиягарони принсипҳои мазкур чунон амал карданд, ки

гӯё демократия молест, ки онро бе мамониат содир ё ворид метавон кард. Дар асл кӯшишҳои якхела намудани стандартҳои демократӣ боиси он шуд, ки пешбарии онҳо дар давлатҳои гуногун бо истифода аз равишҳои зӯроварӣ сурат гирифт. Зӯроварӣ аллакай зуҳуроти ниятҳои имперотурист, ки ҳеҷ умумияте бо ҷаҳонишавӣ надоранд, зеро ҷаҳонишавӣ ба фикри мо, дорои табиати воқеан иқтисодӣ мебошад. Ба ин васила, яккутбӣ будани иқтисоди ҷаҳонӣ идомаи мантиқии «идеологияи бархӯрд ва тобеъсозии тавоноии тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба манофеи кишварҳои мутараққии постиндустриалӣ аст» [7, с. 19]. Яъне, ҳамсон донистани даъвоҳои импературии тамаддуни Ғарб барои ҳукмронӣ дар низоми ҷаҳонӣ ва ҳама гуна ниятҳои сиёсӣ, ақоиди ҳокимони алоҳида ҳангоми барангехтани таассуроти миллатгароёнаи ҷомеа, дар пояи рушди баланди иқтисодӣ, илмии техникӣ ва рақобатпазирии байналмилалӣ, бо раванди ҷаҳонишавӣ дуруст нест. Таҳлили моҳияти ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванди иқтисодӣ. Барои дарк намудани моҳияти ҷаҳонишавӣ, пеш аз ҳама, ба таърихи пайдоиши ин раванд руҷуъ бояд кард, яъне ба вақте ки инсоният ба роҳи рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ қадам ниҳод. Таърихан чунин омадааст, ки бисёре аз мардумон ба ин ё он гунаву шакл бо ҳамдигар ҳамкорӣ карданд. Ба ин маъно раванде ҷой дошт, ки воқеан аз лаҳзаи пайдоиши аввалин давлатҳо зуҳур намуд [9, с. 163]. Сухан дар бораи байналмилалишавии иқтисоди ҷаҳон меравад. Дар шакли кунуниаш раванди мазкур дар тавсеи содироти молу хизматрасонӣ ба берун аз сарҳадоти давлатӣ ва ҳам вуруди маҳсулоту хизматрасонии хориҷӣ, афзоиши ҳаҷми сармояи хориҷӣ дар иқтисоди миллӣ ва сармояи миллӣ дар иқтисоди хориҷӣ, омадурафти байналмилалии қувваи корӣ ифода ёфтааст. Дар марҳалаи рушду такомули худ байналмилалигардонӣ бо густариши ҳаҷми тиҷорати ҷаҳонӣ иртибот дошт, ки он ба туфайли сиёсати иқтисодии давлатҳои пуштибони ин раванд имконпазир гашт. Сухан дар бораи дараҷаи кушодагии иқтисоди давлатҳо меравад, ки он ба сатҳи озодии фаъолияти иқтисодии беруна (ФИБ)-и кишвари мунтахаб рабт дошта, масалан, дар соҳаи тиҷорати хориҷӣ метавонад бо нишондиҳандаҳои ҳиссаи содирот ва воридот ифода ёбад. Дар марҳалаи муосири рушди раванди байналмилалишавӣ афзалият тадриҷан ба додугирифти худи омилҳои истеҳсолот, яъне сармоя, захираҳои меҳнатӣ ва иттилоотӣ дода мешавад. Сармоя яке аз омилҳои асосиест, ки иқтисоди кишварҳоро ба низоми иқтисоди ҷаҳон пайвастааст. Робитаҳои молиявии ҷаҳонӣ аз солҳои 70-уми асри гузашта рӯ ба тараққӣ ниҳоданд ва имрӯз андозаи муҳоҷирати байналмилалии сармоя, ки навъҳои қарзӣ, соҳибкорӣ ва дигар намудҳои сармояро муттаҳид мекунад, ба садҳо миллиард доллар расида, боиси ташкил ёфтани бозорҳои нави молиявӣ гаштааст, ки дар он ҳаҷми бузурги воситаҳои молиявии озод роҳҳои истифодаи муфидро меҷӯянд. Ба ин васила, бештари кишварҳои ҷаҳон, ки хоҳишманди пайвастани иқтисоди миллии худ ба шабакаи молиявии ҷаҳон мебошанд, имрӯз дар миёни шумораи бисёри робитаҳо бо ҳазорон ниҳоди гуногуни молиявӣ дармондаанд. Раванди дигаре, ки натиҷаи байналмилалишавӣ мебошад, «фаромиллишавии» иқтисоди ҷаҳон аст. Зери мафҳуми байналмилалишавӣ одатан раванди тавсеи фаъолияти байналмилалии корхонаҳо, бонкҳо, ширкатҳои соҳаи хизматрасонӣ, баромадани онҳо ба беруни сарҳадоти миллии кишварҳои алоҳида фаҳмида мешавад. Яъне, байналмилалишавӣ танҳо аз ҷанбаи ниҳодии равандҳои ҷаҳонии бизнес - фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ ва бонкҳои фаромиллӣ дар тамоми ҷаҳон иборат аст. Байналмилалишавии иқтисоди ҷаҳон ба туфайли равандҳои зерин муяссар шуд:

- рушди сифати воситаҳои нави нақлиёт ва иртибот (пайдоиши Интернет), ки зуд паҳн шудани молу хизматрасониро таъмин кард;
- истифодабарии технологияҳои пешқадами илмиву техникӣ ва дигар технологияҳои навин дар натиҷаи суръатафзоии инқилоби илму техника;
- пайдо шудани майдонҳои тиҷорати электронӣ ҳамчун шакли нави пешбурди фаъолияти иқтисодӣ;

• аз ҷониби созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ ба амалияи ҷаҳонӣ ворид намудани стандартҳои ягонаи сиёсати андозӣ, минтақавӣ, кишоварзӣ, зиддиинҳисорӣ ва ғайра ва ҳам маҳакҳои ягонаи сиёсати макроиқтисодӣ [10, с. 170]. Ширкатҳои фаромиллӣ сохторҳои истеҳсолию тиҷоратии аз ҷиҳати андоза ва фарогирӣ хеле азим мебошанд, ки хоҷагиҳои миллии чандин кишварҳоро ба ҳам мепайванданд. Дар хоҷагии ҷаҳонӣ садҳо ширкатҳои бузургтарин ҳукмронӣ мекунанд, ки онҳо таносуби истеҳсоли ҷаҳонӣ, рушди соҳаҳои муҳимтарини хоҷагии ҷаҳониро муайян менамоянд. Иқтидори умумии баъзе аз ширкатҳои фаромиллӣ бо имконоти давлатҳои хурд ва ҳатто миёна қобили қиёс аст. Филиалҳои ШФМ ҳамчун намояндагони бизнеси хусусӣ дигар барои мутобиқшавӣ ба тартиботи ин ё он кишвар ниёзманд нестанд, акнун онҳо худашон ба сохтори иқтисод, шуғл, музди меҳнати ин кишварҳо таъсир мерасонанд, талаботро нисбат ба сатҳи тахассуси кадрҳои маҳаллӣ пешниҳод мекунанд [11, с. 50]. Ҳамаи инҳо имрӯз ШФМ-ро ба субъектони асосии муносибатҳои иқтисодие табдил додаанд, ки тавассути фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ мешаванд [8, с. 64]. Ба ин васила, ШФМ нақши неруи ҳаракатдиҳандаи ҷаҳонишавии хоҷагии оламро аз они худ кардаанд ва маҳз онҳо дар кушодашавии бештари сарҳадоти кишварҳои гуногун манфиатдоранд, то дастрасии номаҳдуд ба захираҳои табиӣ, инсонӣ, ақлонӣ, ба бозорҳои дохилӣ барои фурӯши маҳсулоту хадамоти худ дошта бошанд [4, с. 159]. Тартиби равандҳои зикршуда, яъне кушодашавии иқтисоди миллӣ барои ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои дигар дар ҷараёни озодсозии ФИБ, раванди байналмилалишавии баъдӣ, ки дар рафти он ин ҳамкорӣ сурат мегирад ва омилони асосии ин ҳамкорӣ, чунонки гуфтем, ШФМ мебошанд, ба ташаккулёбии бозори ягонаи ҷаҳонии мол, хизматрасонӣ, сармоя, қувваи корӣ ва дониш оварда мерасонад. Ҷаҳонишавӣ оқибати рушд ёфтани раванди байналмилалишавӣ ва марҳалаи олии он аст. Ҷаҳонишавӣ хосияти хеле печидаву пурихтилоф дорад, аз ин рӯ, онро ба равандҳои сирф бозорӣ, яъне бо соҳаи мубодила маҳдуд набояд кард. Аллакай, дар чоряки охирини асри XIX низоми иқтисоди ҷаҳонии ташаккулёфта, дар натиҷаи рушди раванди саноатикунонии кишварҳои мутараққии ҷаҳон, хусусияти ҷаҳонии фурӯши маҳсулотро касб карда буд. Аммо ин ҳоло раванди ҷаҳонишавӣ набуд. Ба ғайр аз соҳаи мубодила раванди байналмилалишавӣ ба истеҳсолот ҳам дахолат намуда, онро байналмилалӣ мекунад. Байналмилалишавии истеҳсолот сохтани маҳсулоти ниҳоиро бо кӯшиши тавлидгарони кишварҳои гуногуни ҷаҳон бо дараҷаи мухталифи ҷалби онҳо ба ин раванд пешбинӣ мекунад. Ҳамкории ду соҳа: истеҳсолот ва мубодила дар чорчӯби раванди такрористеҳсол амалӣ мегардад, ки тибқи назарияи иқтисоддони фаронсавӣ Франсуа Кенэ аз марҳалаҳои зерин иборат аст: истеҳсол; тақсим; мубодила; истеъмол. Зимни баррасии раванди такрористеҳсол дар шакли моддӣ (аз дидгоҳи сармоягузорӣ) ба марҳалаҳои мазкур марҳалаи таъмини захира илова мешавад, ки он аз омодасозӣ барои истеҳсол (омодагии илмӣ, технологӣ, молиявӣ ва ғ.) иборат аст. Инчунин, ба марҳалаи истеъмол давраи хизматрасонии баъди фурӯш изофа мешавад [3, с. 9]. Ба ин васила, мо чунин меҳисобем, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ сатҳи байналмилалишавии раванди такрористеҳсол (минбаъд барои мувофиқат мо истилоҳи «раванди истеҳсоли ММД-и ҷаҳон»-ро истифода мекунем) дар миқёси иқтисоди ҷаҳон ҳосил мешавад. Зимнан зери мафҳуми байналмилалишавӣ мо баровардани даври такрористеҳсол ва ҳам марҳалаҳои алоҳидаи онро ба берун аз сарҳадоти давлатӣ бо мақсади муносибсозии хароҷот ва афзудани фоида, инчунин дастрасӣ ба манбаъҳои ашёи хом ва ё бозорҳои нави фурӯши маҳсулот мефаҳмем. Масъалаи ғайриҷаҳонишавии низоми ҷаҳонӣ. Дар ҷараёни робитаҳои муосири иқтисоди ҷаҳонӣ суръати рушди тиҷорати байналмилалӣ ва ҳаракати сармоя суст ва баъзан паст мешавад. Дар партави ин тамоюлот коршиносон дар бораи давраи нави ғайриҷаҳонишавӣ сухан меронанд, ки дар доираи он

кишварҳо мекӯшанд рушди худро дар доираи сарҳадоти худ маҳдуд кунад, ки ин оқибат ба вобастагии камтари иқтисоди ин кишварҳо аз ҳамдигар оварда мерасонад.

**Адабиёт**

1. Абдулгамидов Н. Губанов С. Двойные стандарты однополюсной глобализации // Экономист. - 2002. - № 12.

2. Валлерстайн И. Россия и капиталистический мир-экономика // Свободная мысль. -1996. - № 5.

3. Войтешонок Г.А. Инвестиционная деятельность: скрытые ресурсы процесса трансформирования экономики России: Автореф. дис. ... к.э.н. - М., 1998.

6. Глобализация мировой экономики: вызовы и ориентиры: моногр. / В. В. Зубенко [и др.]. - М.: Дашков и К, 2012.

5. Иноземцев В. О призраках и реальности // Свободная мысль. - 2003. - № 4.

6. Паньков В.С. Глобализация экономики: некоторые дискуссионные вопросы // Безопасность Евразии. - 2008. - № 1.

7. Перская В. Глуховцев В. Многополярность: миф или реальность? (Геоэкономические аспекты). - М.: Экономика, 2011.

8. Россия в глобальном мире: Альм. / под ред. В. П. Горюнова, С. Н. Погодина. - СПб.: Издательство Политехнического университета, 2013. № 1 (24).

9. Современные глобальные трансформации и проблема исторического самоопределения восточнославянских народов: Моногр. / под ред. Ч. С. Кирвеля. 2-е изд. - Гродно: ГрГУ им. Я. Купалы, 2009. - 547 с.

10. Тарасова О.А. Глобализация как экономический процесс: понятие, этапы // Вестник ЯрГУ. Серия «Гуманитарные науки». - 2013. -№ 1 (23).

11. Шишков Ю. Реалии современной экономики и архаика государственного регулирования // Международные процессы.-2010. - № 1 (22).

## ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ СОСТАВЛЕНИЯ УЧЁТНОЙ ПОЛИТИКИ В БЮДЖЕТНЫХ И НАУЧНЫХ ОРГАНИЗАЦИЯХ

**Султонова Савсан Мохирхуджаевна** - старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 900-18-28-85

В статье рассматриваются вопросы реформирования учётной политики бухгалтерского учёта в целом для всех организаций и в частности более конкретно рассматриваются аспекты данного реформирования в организациях государственного сектора. Механизмом реализации учётной политики выступают Международные стандарты бухгалтерского учета в государственном секторе (МСБУГС) и Руководство по государственной финансовой статистке, которые в условиях Таджикистана внедряются в бухгалтерский учёт бюджетных организаций.

**Ключевые слова**: учётная политика, бухгалтерский учёт, международные стандарты, реформирование системы бухгалтерского учёта, нормативно-правовые документы, государственные финансы, государственный сектор, механизм реализации.

Низоми баҳисобгирии муҳосибӣ шарти асосии самаранокии назорати молиявӣ баҳисоб рафта, саҳеҳӣ ва пуррагии инъикоскунии ҳаракати нишондиҳандаҳои арзишии фаъолияти субъектҳои хоҷагидории таҳтиназоратиро таъмин менамояд. Фақат бо ҳамин шарт натиҷаҳои назорати молиявӣ барои таҳлил ва баҳодиҳии воқеъбинонаи рушди нишондиҳандаҳои молиявӣ ва таҳриркунии раванди татбиқкунии сиёсати молиявӣ дар давраи муайяни рушди ҳам субъекти хоҷагидорӣ ва ҳам давлат имконият медиҳанд.

Назорати молиявӣ чун ҳама дигар соҳаҳои фаъолият дорои объект, предмет ва субъекти худ мебошад. Объекти назорати молиявӣ мақомоти ҳокимияти иҷроия, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо мебошанд, ки аз ҷониби субъектҳои давлатӣ ва ғайридавлатии (мустақили) назорати молиявӣ фаъолияти молиявиву хоҷагидории онҳо назорат карда мешавад. Предмети назорати молиявӣ фаъолияти молиявиву хоҷагидории объектҳои таҳтиназоратӣ дар бахши бунёдкунӣ, ихтиёрдорӣ, истифодабарӣ ва бегонакунии воситаҳои пулӣ ва дигар дороиҳои давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад [6 с. 8].

Соҳаи назорати молиявӣ ҳама амалиёти тавассути пул ва дар баъзе ҳолатҳо бе пул (моливазкунӣ, бартер) анҷомдодашаванда мебошанд. Субъектҳои назорати молиявӣ гуногунанд: мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ (Президент, ҳукумат, парламент, мақомоти андоз, гумрук ва ғ.), идораҳои назоративу тафтишотии вазоратҳо, хадамоти молиявиву иқтисодии корхонаву ташкилотҳо, ширкатҳои аудиторӣ, аудиторҳои чун соҳибкори инфиродӣ фаъолияткунанда, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, шаҳрвандон ва андозсупорандагон.

Азбаски назорати молиявӣ яке аз вазифаҳои идоракунӣ мебошад, принсипҳои умумии идоракунӣ барои вай низ хос мебошанд. Вобаста ба ин чунин принсипҳои назорати молиявӣ ҷудо мешаванд: банақшагирӣ, системавият, муттасилӣ, қонуният, воқеъбинӣ, мустақилӣ, ошкорӣ, масъулият, натиҷанокӣ, мақсаднокӣ, самаранокӣ, таъсирбахшӣ [6, с. 18].

Назорати молиявӣ вобаста ба аломатҳои гуногун (субъектҳои баҷоорандаи назорат, замони гузаронидан, хосияти алоқамандии субъект ва объекти назорат, соҳаҳои фаъолияти молиявӣ, таъминоти ахборӣ, усулҳои гузаронидан) ба якчанд намудҳо ҷудо мешавад (расми 1).

Вобаста аз субъектҳои баҷоорандаи назорат чунин намудҳои назорати молиявӣ ҷудо карда мешаванд: давлатӣ, дохилихоҷагӣ, ҷамъиятӣ ва мустақил (аудит).

Назорати давлатии молиявӣ тавассути назорати молиявии беруниидоравӣ ва дохилиидоравӣ татбиқ карда мешавад.

Назорати молиявии беруниидоравӣ аз ҷониби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хазинадории марказӣ, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатии назоратӣ ба ҷо оварда мешавад. Дар ин маврид объекти назорат пеш аз ҳама риоягардии қонунгузории молиявӣ ва манфиатҳои молиявии давлат мебошад.

Назорати молиявии дохилиидоравиро хадамоти назоратӣ-тафтишотии вазоратҳо, идораҳо, корхонаҳои асосӣ ва саридораҳои муассисаҳо ба ҷо меоранд. Объекти ин намуди назорати молиявӣ фаъолияти истеҳсолӣ ва молиявии корхонаҳо ва муассисаҳои зертобеъ мебошад.

Вазифаҳои назорати молиявии дохилиидоравӣ инҳоянд: санҷиши ба қонунҳо мувофиқ будани амалиёти хоҷагидорӣ ва молиявӣ; назорати истифодабарии сарватҳои моддӣ ва молиявӣ; санҷиши ҳифзи воситаҳои пулӣ ва сарватҳои моддӣ; санҷиши дурустии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ; гузаронидани санҷишҳо дар корхонаву ташкилотҳои зертобеъ [6, с. 13].

Назорати молиявии дохилихоҷагиро хадамоти молиявии корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо (муҳосибот, шӯъбаи молия, аудити дохилӣ) анҷом медиҳанд. Масъулият барои ташкили дурусти баҳисобгирии муҳосибӣ, саривақт тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ, дуруст ва саривақт гузаронидани пардохтҳо ба буҷет ва дигар фондҳои давлатӣ, истифодабарии мақсаднок ва самараноки маблағҷудокуниҳо аз буҷети давлатӣ бевосита ба сармуҳосиби корхона (муассиса) вогузор карда шудааст. Дар ширкатҳои саҳомӣ назорати дохилихоҷагиро комиссияҳои назоратӣ-тафтишӣ анҷом медиҳанд [6, с. 14].

Назорати молиявии мустақил (аудит) аз ҷониби ширкатҳои аудиторӣ ва аудиторони инфиродӣ анҷом дода шуда, санҷиши саҳеҳии ҳисоботи молиявии дар асоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ тартибдодашударо ифода менамояд.

Аудит дар мафҳуми замони муосир на танҳо ҳамчун санҷиши ҳуҷҷатҳо ва ҳисоботҳои молиявӣ, балки ҳамчун равиши таҳлилӣ ва арзёбӣ ба самаранокии идоракунии молиявӣ шинохта мешавад. Вобаста аз усулҳои гузаронидан назорати молиявӣ ба намудҳои ревизия (тафтишот), экспертизаи судии муҳосибӣ ва санҷиши аудиторӣ, ҷудо мешавад. Аудит ба ду шакл ҷудо мешавад:

Аудити дохилӣ, ки аз ҷонибӣ худи ташкилот бо мақсади беҳтар намудани низоми идоракунӣ анҷом дола мешавад:

Аудити беруна, ки аз ҷониби шахсони мустақил ва сохторҳои назоратии давлатӣ гузаронида мешавад.

Дар замони муосир муҳтавои аудит ва назорати молиявӣ фаротар аз тафтиши одии ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ рафта, ба арзёбии хавфҳои молиявӣ, мутобиқат ба санадҳои меъёрӣ, самаранокии истифодаи маблағҳо, ҳалати назорати дохилӣ ва сатҳи шаффофият равона шудааст. Илова бар ин, бо ҷорӣ шудани технологияҳои рақамӣ, масалан системаи ERP ва платформаи ҳисобгирии абрӣ, равандҳои аудит ва назорат тағйири куллӣ ёфтаанд.

Ревизия – санҷиши тамоми фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона (муассиса) дар анҷоми давраи ҳисоботӣ мебошад. Вай барои назорати риоякунии қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои молиявӣ, саҳеҳии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби мақомоти давлатии назорати молиявӣ гузаронида шуда, тарзи фошкунии ҳуҷҷатии камомад, беҳудасарфкунӣ, тасарруф ва дуздии воситаҳои пулӣ ва сарватҳои моддӣ, пешгирикунии суйиистеъмолкуниҳои молиявӣ мебошад. Аз натиҷаҳои ревизия санад тартиб дода шуда, дар асоси он барои бартарафкунии камбудиҳои ошкоршуда тадбирҳо андешида мешаванд.

Муассисаҳои буҷетӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, масъулияти махсусе барои истифодаи дурусти онҳо доранд. Дар чунини муассисаҳо, аудит ва назорати молиявӣ бояд на танҳо риояи қонунгузорӣ, балки самаранокии хароҷот, шаффофияти шартномаву тендерҳо ва пешгирии фасодро дар бар гирад. Ин амр ба ҷалби бештари боварии ҷомеа ба муассисаҳои давлатӣ мусоидат мекунад.

Хулоса: Назорати моливӣ ва аудит дар замони муосир дигар на танҳо воситаи санҷиши амалиётҳои молиявӣ, балки унсури стратегии идоракунии муассисаҳо гардидаанд. Бо дарназардошти густариши хавфҳо ва мураккабшавии муҳити иқтисодӣ, таҳкими низоми назорат ва аудит воситаи асосии таъмини устувории молиявӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ», ш. Душанбе, аз 22 июли соли 2013, таҳти № 993 (бо таъғироту иловаҳо), www.mmk.tj
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ», ш.Душанбе, аз 21.07.2010 № 631), www.mmk.tj
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», ш. Душанбе, 25 марти соли 2011, № 702, АМОҶТ, с.2011, №3, м.169 www.minfin.tj
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 июни соли 2011, № 749. -http://mmk.tj
5. Белуха Н.Т. Аудит: Учебник. – Киев “Знания” КОО, 2000. – 769 с.
6. Саидов, Р. Н. Афзалиятҳои ҳамкории воҳидҳои аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақоми олии аудити давлатӣ / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 3(42). – P. 58-65. – EDN WYEGXG.
7. Орзуев, П. Ҷ. Хусусиятҳои аудити самаранокӣ дар низоми аудити мустақили давлатӣ / П. Ҷ. Орзуев, Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 3(27). – P. 83-90. – EDN SFFETD.
8. Уроқов Д.У., Қурбонов Р., Гадоев Д.О., Нарзуллоев З.Р., «Аудит», Душанбе- 2002.

## АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ НЕКУАҲВОЛИИ ИНСОН

**Расулзода Ҳиддоятуллои Маҳабат -** ассистенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.

Дар мақола асосҳои омили рушди амнияти озуқаворӣ аз нигоҳи олимону муҳақиқони ватанию хориҷӣ бо назардошти назарияҳои мактабҳои гуногуни илмӣ ва давраҳои ташаккули он баррасӣ гардидааст. Давраҳои пайдоиши мафҳуми илмии бехатарии озуқаворӣ дар асоси санадҳои байналмилалӣ ва моҳияти илмию равишҳои методологии он муайян карда шудааст. Исбот карда шудааст, ки омӯзиши назариявии мафҳуми бехатарии озуқаворӣ ва инчунин фаҳмишу дарки дурусти он ҳамчун категорияи илмӣ таҳқиқи ҷанбаҳои илмию назариявиро мукаммал мегардонад. Ақидаҳои гуногунпаҳлӯ ва назари олимону муҳақиқони хориҷию ватанӣ оид ба мафҳуми илмии бехатарии озуқаворӣ вобаста ба давраҳои мубрам гардидани ин гуна масъалаҳо мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** амнияти озуқаворӣ, кишоварзӣ, илм, назария, методология, ҳолат, дурнамо, истеҳсолот, истеъмолот.

## ПРОДОВОЛЬСТВЕННАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ БЛАГОСОСТОЯНИЯ НАСЕЛЕНИЯ

**Расулзода Хиддоятуллои Махабат -** ассистенти кафедры «Национальная экономика и предпринимательство» Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.

В статье рассматриваются основы фактора развития продовольственной безопасности с точки зрения отечественных и зарубежных ученых и исследователей, с учетом теорий различных научных школ и периодов ее становления. Определены периоды появления научной концепции безопасности пищевых продуктов на основе международных документов, ее научной сущности и методологических подходов. Доказано, что теоретическое изучение понятия безопасности пищевых продуктов, а также правильное его понимание как научной категории дополняет исследование научно-теоретических аспектов. Проанализированы различные мнения и взгляды зарубежных и отечественных ученых и исследователей на научную концепцию безопасности пищевых продуктов в связи с критическими периодами таких вопросов.

**Ключевые слова**: продовольственная безопасность, сельское хозяйство, наука, теория, методология, ситуация, перспектива, производство, потребление.

## FOOD SECURITY AS A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF POPULATION WELFARE

**Rasulzoda Hiddoyatulloi Mahabat -** assistant of the Department of National Economy and Entrepreneurship of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14.

The article examines the fundamentals of the development factor of food security from the point of view of domestic and foreign scientists and researchers, taking into account the theories of various scientific schools and periods of its formation. The periods of the emergence of the scientific concept of food safety based on international documents, its scientific essence and methodological approaches are determined. It is proved that the theoretical study of the concept of food safety, as well as its correct understanding as a scientific category, complements the study of scientific and theoretical aspects. Various

opinions and views of foreign and domestic scientists and researchers on the scientific concept of food safety in connection with critical periods of such issues are analyzed.

**Key words:** food security, agriculture, science, theory, methodology, situation, prospect, production, consumption.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи бехатарии озуқаворӣ яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар доираи иҷрои сиёсати давлатии иқтисодӣ ин масъала самтии афзалиятнок мебошад. Истеъмоли озуқаворӣ муҳимтарин нишондиҳандаи сатҳи зиндагӣ ва беҳбудии иҷтимоии аҳолӣ ба шумор меравад. Таъмини кафолатноки дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ дар миқёси тамоми ҷаҳон хосияти аввлиндараҷаро доро гашта, дар доираи «масоили озуқаворӣ» баҳо дода мешавад. Дар натиҷаи кам шудани ҳаҷми маҳсулот дар солҳои ислоҳот дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инфрасохтори таъминоти озуқаворӣ, воридот ва нархи маҳсулоти хӯрокворӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст, дар натиҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабабгори барзиёдии сунъии озуқаворӣ ҳангоми коҳиши истеъмол ба сари аҳолӣ гаштааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун дар аксари кишварҳои ҷаҳонӣ ҷанбаи амният як самти муҳими сиёсати давлатӣ, фаъолияти қонунгузорӣ ва тадқиқоти илмӣ боқӣ мемонад [8.с-59]. Ба ин муносибат Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон қайд намуданд, ки «Дар шароити Тоҷикистон соҳаи кишоварзӣ омили асосии таъминкунандаи амнияти озуқаворӣи кишвар, манбаи таъмини корхонаҳои коркарди саноатӣ бо ашёи хом, бахши ташаккулдиҳандаи иқтидори содиротии мамлакат ва муҳимтар аз ҳама, заминаи ташкили ҷойҳои нави корӣ ба ҳисоб меравад», инчунин «бо дарназардошти ин, дар сурати оқилона ва самаранок истифода бурдани захираҳои истеҳсолии соҳа мо метавонем худро бо маҳсулоти ғалладонагиҳо, меваю сабзавот, гӯшту шир ва дигар намудҳои озуқа пурра таъмин намоем» [9].

Олимони соҳа қайд менамоянд, ки вазъи таъминоти озуқаворӣ дар мамлакат бо дараҷаи пасти уҳдадории ҳуқуқии субъектҳои хоҷагидор, мавҷуд набудани инфрасохтори зарурӣ, дараҷаи баланди инҳисори савдо аз ҷониби гурӯҳҳои муайян дар бозорҳо, вайрон кардани тавсифоти сифатии маҳсулоти хӯроквории фурӯхташаванда, дараҷаи пасти маданияти муносибатҳои бозорӣ муайян мешавад. Дар ҳолати наандешидани чораҳои таъхирнопазир соҳаи иҷтимоии деҳот вайрон гардида, ҳавасмандгардонии меҳнат аз байн меравад, тамоюли манфии рафторӣ меафзояд, ки бунёд ва афзалиятҳои муайяни аҳолинишини деҳотро ҳамчун мавзеи зиндагӣ ва маданияти қисми назарраси аҳолии мамлакат аз байн мебарад.

Таъмини амнияти озуқаворӣ проблемаи мураккаб ва бисёрҷанбаи доираи глобалӣ буда, ба манфиатҳои тамоми гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолии тамоми ҷаҳон дахл дорад.

Ҳалли қариб ҳамаи проблемаҳои асосии фаъолияти комплекси агросаноатӣ ва ҷустуҷуи имкониятҳои баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ ба таъмини аҳолии мамлакат бо озуқа нигаронида шудааст. Аз ин лиҳоз, амнияти озуқаворӣ дар таъмини ҳаёти ҷомеа мавқеи хоса дорад, зеро мавҷудияти маводи ғизоӣ шарти асосии ҳаёти инсон мебошад.

Дар навбати худ, фаъолияти кишоварзӣ ба истифодаи сарватҳои табиӣ ва пеш аз ҳама замин, ки мавқеъи фазоӣ дорад, асос меёбад.

Дар шароити муосир амнияти озуқаворӣ асоси рушди иҷтимоию иқтисодӣ, унсури муҳими амнияти иқтисодӣ мебошад.

Дар оғози асри XXI омилҳои иқтисодӣ ва муҳитию иқлимӣ ба шиддатнок гардидани буҳрони озуқа дар ҷаҳон мусоидат намуданд. Афзоиши табиии аҳолии сайёра, зиёд гардидани талабот ба озуқа дар ҷаҳон, дар бисёр давлатҳо аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ таъмин нагардидани аҳолӣ бо озуқаи асосӣ дар сатҳи меъёрҳои муносиби илман асоснок, дар 30 соли охир кам шудани захираҳои

ҷаҳонии ғалладона то сатҳи буҳронӣ, норасогии захираҳои энергетикӣ, вайрон шудани баробарии муҳити сайёра дар натиҷаи фаъолияти техногении инсоният дар 50 соли охир (гарм шудани ҳарорат дар сайёра) ва дигар омилҳо барои таъмини кафолати дастёбии воқеӣ ба озуқа таъсири манфии худро расонида истодааст.

Ба ақидаи И.Г.Ушачев "Ҳоло танҳо каме беш аз 1 млрд нафар аҳолии ҷаҳон дар давлатҳои инкишофёфта бо даромади зиёд ба ҳар як нафар, 3 млрд бо даромади миёна ва зиёда аз 2 млрд нафар бо сатҳи даромади паст умр ба сар мебаранд. Ҳамзамон, беш аз 800 млн. нафар аҳолии ҷаҳон солҳои охир аз гуруснагӣ азият мекашанд. Тибқи таҳқиқоти ташкилотҳои байналмилалӣ дар сурати то соли 2050 ба 9 млрд нафар расидани шумораи доимии аҳолии кураи замин, теъдоди аз гуруснагӣ азияткашанда ба 1,5 млрд. нафар мерасад" [5.с-172].

Барои таъмини амнияти озуқаворӣ самаранок истифода намудани захираҳои мавҷудаи соҳаи кишоварзӣ дар асоси ба талаботи иқтисодиёти бозорӣ мутобиқ намудани сохтори он зарур мебошад [2.с-6].

Тамаддун доимо дар ҳаракату пешравӣ қарор дорад. Яке аз ҷараёну равишҳои ҳаётии одамон таъмин будан бо ғизову имконоти ҳаётгузаронӣ дониста шудааст. Одамон дар оғози таърих ҳам баҳри бо ғизо таъмин кардани худ заҳматҳову машақати беандозаро гузашта ба ин мақсади азаливу ҳамазамониашон ноил мегардиданд. Ҳоло дар замони мо ҳам ин вазифаи асосиву ҳамаҷониба зарурат дошта мавқеъю манзалат ва таъиноти худро нигоҳ дошта меояд. Дар асари беназири солҳои ҳазорум таълиф кардаи бузургвори халқи тоҷик Абурайҳони Берунӣ «Осор-ул Боқия» [1.с-220] хонда метавонем, ки башарият босуръат зиёд мешавад ва зери таъсири ин раванд миқдори ғизо барои одамон каму норас шуда мемонад, аз ин боис мардумон ба ҷангҳову хунрезиҳо рӯй оварда, баҳри дастрас гардонидани ғизо кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Маҳз бо ҳамин сабабҳо зери таъсири пажӯҳишҳои навтарин ва хулосаҳои замонавии давлатҳову халқҳо Созмони Миллали Муттаҳид баъд аз анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба масъалаҳои таъминоти башар бо озуқаворӣ диққати зиёдтар ҷудо карда меояд[6.с-31]. Ҳанӯз миёнаи солҳои 50-уми асри бистум СММ барои ташкил кардани ин равандҳо комиссияи озуқавориро пеш гирифта буд. Он замон раиси ин комиссия файласуфи машҳури Британияи Кабир Бертран Рассел таъин шуда буд. Комиссияи озуқаворӣ ҳамон солҳо ба хулоса омада буд, ки барои то дараҷае беҳбуди бахшидан ба таъминоти одамон бо ғизо «инқилоби сабз» - ро ба роҳ мондан зарур дониста шуд. Зери ибораи «инқилоби сабз» назарнамо зиёд кардани ҳосилхезии майдонҳои кишти ғалладона дар назар дошта шуда, ба ғалладонаи ҷаҳонӣ зироатҳои гандум, ҷуворимакка, лубиё, шолӣ, ҷав ва дигарҳо мансуб дониста мешуданд.

Масъалаҳои гуногуни бехатарӣ ва амнияти миллии озуқаворӣ дар замони муосир аҳамияти муҳим пайдо намудаанд. Таъмини бехатарии озуқаворӣ яке аз самтҳои муҳими амнияти миллӣ ва сиёсати иқтисодии давлат ва ҳадафи стратегии он ба шумор меравад [10.с-44].

Амнияти озуқаворӣи мамлакат ин вазъи иқтисодии давлат мебошад, ки аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ бехатарии озуқаворӣи кишвар таъмин гардида, дастёбии воқеӣ ки барои ҳаёти солиму фаъол ва рушди демографии ҳамаи аҳолӣ зарур аст, кафолат дода мешавад. Мусаллам аст, ки бехатарии озуқаворӣ қисми таркибии бехатарии иқтисодӣ буда, мақсади асосии он истифодаи самараноки захираҳо дар роҳи комёбшавӣ ба тавозуни бозори талабот ва таклифоти маҳсулоти озуқаворӣ, таъмини ашёи хом барои соҳаи коркард ва истеҳсоли маҳсулоти молӣ мебошад [3.с-149]. Бо вуҷуди он ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд қонунгузорӣ, дастурамал, низомнома ва барномаҳои стратегӣ нисбати таъмини амнияти озуқаворӣ таҳия ва пешниҳод шуда бошад ҳам, аммо камбудиҳо дар ин самт бештар ба чашм мерасанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд таҳдидҳои озуқаворӣ вуҷуд доранд, ки асосашон инҳо ба шумор мераванд, ки онро дар расм ба таври зерин ношон дода шудааст.

**Расми 1.** Таҳдидҳои озуқаворӣ.

Хунукназарӣ намудан нисбати меъёрҳои истеҳсолӣ дар раванди истеҳсолот ва ғайра. Инро бояд ба инобат гирифт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 №621 ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» қабул шудааст [7].

Як қатор олимон дар он ақидаанд, ки амнияти ғизоии мамлакат – ин ҳамин гуна вазъи иқтисодӣ мебошад, ки дар он кафолати таъмини «ба тамоми аҳолӣ дастрас гардидани миқдори зарурии маводи ғизои барои таъмини ҳаёти солиму фаъол мебошад» [3.с-150].

Файзалиев Д.Р. дар кори худ қайд менамояд, ки амнияти озуқаворӣ категорияи муҳимтарини иҷтимоию иқтисодӣ буда, инро дар назар дорад, ки тамоми субъектҳои иқтисодиёт зери назорати давлат қарор дошта, давлат истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазирро дар бозори озуқаворӣ бояд таъмин намояд[11.с-292].

Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо вуҷуди тағйирёбии вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва амнияти ҷаҳон, дар роҳи пешрафти бемайлони иқтисодӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва ба ин васила таъмин намудани зиндагии шоистаи аҳолӣ бо қадамҳои устувор пеш меравад.

Амнияти иқтисодии кишвар фароҳам овардани шароите мебошад, ки пешгирии иқтисодиёти миллии кишварро аз таҳдидҳои иқтисодии дохилӣ ва берунӣ кафолат медиҳад. Моҳияти амнияти иқтисодиро метавон ҳамчун алоқаи мутақобилаи ҷузъҳои он бо мақсади таъмини амнияти кишвар, пешгирии таҳдидҳои эҳтимолӣ ва таҳкими манфиатҳои миллии давлат муайян кард [4.с-103].

Сиёсати давлатӣ дар таъмини амнияти иқтисодӣ аз ҳимояи ҳуқуқи аҳолӣ, нигоҳ доштани шароити муътадили зиндагии одамон, таъмини захираҳо барои хоҷагии халқ, инчунин, ҳалли вазифаҳои дохилӣ ва хориҷии кишвар таркиб ёфтааст. Амнияти иқтисодӣ вазъи устувори тадриҷан тағйирёбандаи иқтисодиёти миллии кишвар мебошад, ки ҳамчун сатҳи устувории системаи сиёсати идоракунӣ ва дастгирии давлатӣ мебошад, ки ҳимояи манфиатҳои кишварро аз таҳдидҳои берунию дохилӣ таъмин менамояд. Сиёсати амнияти иқтисодӣ бо мақсади таъмини фаъолияти устувори системаи хоҷагии халқ ва соҳаҳои гуногуни он, ҷиҳати ҳамаҷониба қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад. Инчунин, сиёсати амнияти иқтисодӣ маҷмӯи тадбирҳоро дар самти рушди устувори нерӯҳои истеҳсолӣ, ки қодиранд аҳолии кишварро бо неъматҳои ҳаётан муҳими моддӣ ва маънавӣ таъмин кунанд, дар бар мегирад.

Яке аз омилҳои асосии мусбии ҷаҳонишавӣ тақсимоти байналхалқии меҳнат ва афзоиши истеҳсолоти маҳсулоти озуқаворӣ мебошад. Аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодии озуқа, пеш аз ҳама, бо нақши он чун шарти ҳалкунандаи рушди ҷисмонӣ ва маънавии инсон, беҳгардонии вазъи демографӣ, нигоҳдории озуқаворӣ ба миқдори зарурие, ки муътадилии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии амнияти озуқаворӣ қобилияти давлат ба додани кафолати озуқаи истеҳсоли ватанӣ,

қонеъгардонии талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти хӯрока ба сатҳе, ки барои таъмини фаъолияти ҳаётии муқаррарии ӯ кофист, фаҳмида мешавад.

**Адабиёт**


1. Абурайҳони Берунӣ. Осор-ул боқия. Д., 1990, саҳ. 220.
2. Алтухов А.И. Обеспечение продовольственной независимости страны – основа ее продовольственной безопасности //Экономика сельского хозяйство России. – М. – № 12. – 2015. – С. 2–7.
3. Давлатов Г.П. Таъмини бехатарии озуқаворӣ ҳамчун асоси амнияти миллӣ ва иқтисодӣ/ Г.П. Давлатов// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон №1(35) 2021 саҳ 148-152.
4. Доутова А.Р. ҷанбаҳои назариявӣ ва нақши амнияти озуқаворӣ дар таъминоти иқтисодиёти миллӣ/ Доутова А.Р. Сафаров А.С.// Иқтисодиёти Тоҷикистон 2021, №2, С. 101-107.
5. И.Г.Ушачев Продовольственная безопасность России в рамках глобального партнерства. М.: 2013, – С. 172–173
6. Исоматов Б.И. роҳу воситаҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикисто/ Исоматов Б.И., Туйчиқулов З.Ҷ., Ғафурова Ҳ.Ш// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон №1(30) 2020 саҳ. 29-38
7. Қонуни ҶТ «Дар боаи амнияти озуқаворӣ» (Ахбори МОҶТ аз 26.12.2010 №621) Душанбе 2010 с.
8. Назарзода А.С. Рушди истеҳсолоти маҳсулоти озуқаворӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти минтақа/Назарзода А., Фасеҳзода И.// Идоракунии давлатӣ. 2021. № 3 (52). С. 58-64.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20.04.2012
10. Султонов З.С. Направления и механизмы развития инфраструктурного обеспечения предпринимательства в Республике Таджикистан/Султонов З. С., Саидова М.Х., Табарова Д.А.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. №3(28)-2019. - С.43-47.
11. Файзалиев Д.Р. Баъзе нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои амнияти озуқаворӣ/Д.Р.Файзалиев// Паёми Донишгоҳи давлаии бохтар ба номи Н.Хусрав 2019, № 1-4-1 (68) С. 292-298
12. Саидов, Р. Н. Вопросы повышения уровня благосостояния населения Республики Таджикистан в современных условиях / Р. Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/9(190). – С. 230-238. – EDN VBGQWX.
13. Саидов, Р. Н. Оценка факторов формирования уровня жизни населения в Республике Таджикистан / Р. Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 5. – С. 141-146. – EDN VAASMO.

## МАСЪАЛАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ

**Каримов Нурмахмад Ярмахмадович**– муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Нахимов 64/14. Телефон: +(992)919277770

Давлат ҳавасманд кардани деҳқононро барои беҳтар кардани сифати замин, афзоиши ҳосилнокии замин ва истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин менамояд. Ҳамзамон,онҳо аз руи қонунгузорӣ барои ифлосшавӣ ва хисорот ба замин ва коҳиши ҳосилнокии он ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашида мешавад. Заминҳое, ки мақсаднок ё самаранок истифода намешаванд, барои аз нав тақсим кардани минбаъда аз хоҷагиҳои деҳқонӣ метавонанд бароварда шаванд. Муайян кардани роҳҳо ва шаклҳои ташкили хоҷагии деҳқонии худ, деҳқон бояд дақиқ дарк кунад, ки он аз ҷиҳати ҷуғрофӣ чӣ гуна ҷойгир карда шавад, то бо хароҷоти камтарин ва фоидаи зиёд ба даст орад. Аз ин рӯ, замини ба деҳқон додашуда бояд аз рӯи нақшаи пешаки ба комплекси истеҳсоли-маишӣ, бинои истиқоматӣ, биноҳои истеҳсолӣ ва ёрирасон, майдонҳо, алафдарав, чарогоҳҳо ҷудо карда шавад.

**Калидвожаҳо:** хоҷагии фермерӣ, методология, сифати замин, ҳосилнокии замин, маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, бинои истеҳсолӣ ва ёрирасон, майдонҳо, алафдарав, чарогоҳҳо.

## ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ КРЕСТЬЯНСКИХ (ФЕРМЕРСКИХ) ХОЗЯЙСТВ

**Каримов Нурмахмад Ярмахмадович** - старший преподаватель кафедры бухгалтерского учёта Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: +(992) 919277770

Государство предоставляет фермерам стимулы для улучшения качества земель, повышения их производительности и производства экологически чистой продукции. При этом за загрязнение и порчу земель, снижение их продуктивности они несут административную и уголовную ответственность, предусмотренную законом. Земли, которые не используются по назначению или неэффективно, могут быть изъяты из хозяйств для дальнейшего перераспределения. Определяя пути и формы организации своего хозяйства, фермер должен четко представлять, как разместить его территориально, чтобы добиться наименьших затрат и наибольшей прибыли. Поэтому предоставляемая фермеру земля должна быть отведена по предварительному плану под производственно-хозяйственный комплекс, жилые дома, производственные и вспомогательные постройки, поля, сенокосы и пастбища.

**Ключевые слова**: фермерское хозяйтсво, методология, качество земель, продуктивность земель, экологически чистая продукция, производственные и вспомогательные здания, поля, косилки, пастбища.

## THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF THE ORGANIZATION OF PEASANT (FARM) HOUSEHOLDS

**Karimov Nurmahmad Yarmahmadovich** - Senior Lecturer, Department of Accounting, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov St. 64/14. Phone: +(992) 919277770

The state provides farmers with incentives to improve the quality of land, increase its productivity and produce environmentally friendly products. At the same time, they bear administrative and criminal

liability for pollution and damage of land, reduction of its productivity, as provided by law. Land that is not used for its intended purpose or is used inefficiently may be taken from farms for further redistribution. When determining the ways and forms of organizing his farm, the farmer must clearly understand how to place it territorially in order to achieve the lowest costs and the highest profit. Therefore, the land provided to the farmer must be allocated according to a preliminary plan for a production and business complex, residential buildings, production and auxiliary buildings, fields, hayfields and pastures.

**Key words:** farming, methodology, land quality, land productivity, environmentally friendly products, production and auxiliary buildings, fields, mowers, pastures.

Дар адабиёти илмӣ ва ҳатто ҳуқуқии мо фарқият дар байни хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ дида намешавад. Дар "Луғати иқтисодии муосир" гуфта мешавад: хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) - шакли соҳибкории мустақил дар шакли субъекти хоҷагидории озод бо ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ. Чунин хоҷагиро шаҳрвандони алоҳида, оилаи онҳо ё гурӯҳи шахсони муттаҳидшуда, ки маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол, коркард ва мефурушанд, намояндагӣ мекунанд. Хоҷагидорӣ дар асоси манфиатҳои иқтисодӣ фаъолият мекунад.

Муаллифони дигар байни хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ фарқиятро мебинанд. Ҳамин тавр, муаллифони китоби дарсии "Иқтисодиёти хоҷагии деҳқонӣ" зери мафҳуми хоҷагии деҳқонӣ, хоҷагии оилавиеро, ки дар асоси меҳнати шахсии деҳқон ва аъзои оилаи ӯ фаъолият мекунад, дарк мекунанд.

Ба назари мо, ин баҳсҳои тафовут дар байни хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ сабабе вуҷуд дорад. Гарчанде ки хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ хусусиятҳои умумӣ доранд, аммо дар мундариҷаи ин мафҳумҳо фарқиятҳо ба назар мерасанд ва онҳо чунинанд.

1. Мақсади асосии хоҷагиҳои деҳқонӣ қонеъгардонии эҳтиёҷоти оилаи худ мебошад. Фермер бошад молро барои гирифтани фоида ба бозор мебарорад. Вай соҳибкор дар замин аст.

2. Хоҷагии деҳқонӣ танҳо меҳнати шахсии аъзоёни оиларо истифода мебарад. Хоҷагии фермерӣ бошад  дар асоси омезиши меҳнати худи ва кироя ба роҳ монда шудааст.

3. Хоҷагии деҳқонӣ, чун қоида, универсалӣ, яъне ба ҳам истеҳсоли зироат ва чорводорӣ машғул аст. Хоҷагии фермерӣ бошад  майл ба махсусгардонии истеҳсолот доранд.

4 Асоси иқтисодии хоҷагии деҳқонии муосир моликияти хусуси ба замин мебошад. Хоҷагии фермерӣ метавонад ҳам дар заминаи моликияти шахсӣ ва ҳам ба иҷора асос ёбад.

5. Хоҷагии фермерӣ ҳамчун субъекти соҳибкории мустақил бо ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ муайян карда мешавад, деҳқонон чунин мақом надоранд.

Пас, ба андешаи мо, дар бораи фермерӣ ва хоҷагии деҳқонӣ ҳамчун мафҳумҳои гуногун сухан гуфтан ҷоиз аст. Дар таҳқиқоти минбаъда мо ин принсипро риоя хоҳем кард.

Дар ибтидо, ҳангоми баҳодиҳии самтҳоиислоҳоти иқтисодӣ, бисёре аз олимон ва ислоҳотчиён, хоҷагии қишлоқро ҳамчун  соҳаи ба ислоҳот мутобиқ аз руи модели гузариш ба иқтисоди бозорӣ, намуди ба рақобат тобовар баррасӣ карданд.

Дар ин соҳа, ба назар чунин менамуд, ки хоҷагиҳои зиёд эҳтимол ба системаи рақобати озод шомил шаванд. Интизор мерафт, ки дастгирии давлатии ташаккули хоҷагиҳои деҳқонӣ ба пайдоиши муҳити рақобатпазирӣ мусоидат намуда, ба табдил додани хоҷагиҳои коллективии наонқадар самаранок ба субъектҳои комили муносибатҳои бозаргонӣ таъсири мусбӣ хоҳад расонд.

Ғайр аз ин, хоҷагиҳои навтаъсисбуда, ҳадди аққал бо шароит ва анъанаҳои дар давраи ҳокимияти шӯравӣ мавҷудбуда алоқаманд нестанд. Омилҳои берунае, ки ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ташаббус монеъ мешаванд, амалан вуҷуд надоранд.

Асоси истеҳсолоти кишоварзӣ се омили асосӣ аст: замин, меҳнат ва сармоя. Ҳаҷм ва таносуби дурусти он, ки аксар вақт фаъолияти бомуваффақияти ҳама гуна корхонаҳоро муайян мекунад.

Аммо хоҷагиҳои деҳқонӣ хоҷагиҳое мебошанд, ки аз дигар корхонаҳои кишоварзӣ моҳиятан фарқ мекунанд ва таносуби унсурҳои истеҳсолот дар онҳо дигаргун хоҳад буд.

Хусусияти кишоварзӣ аз он иборат аст, ки замин якбора якчанд сифатро пайдо мекунад: аввалан, ҳамчун унсури истеҳсолот (маҳалле, ки биноҳо, иншоот, хонаҳо барои чорво, анборҳо ва ғайра) ҷойгир аст, яъне заминаи омезиши органикӣ аз дигар захираҳои истеҳсолӣ; дуюм, ба туфайли ҳосилхезии худ, ба равандҳои истеҳсолӣ, ки воситаи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ ва сарвати бебаҳои миллӣ ба шумор меравад, фаъолона таъсир мерасонад.

Аммо бар хилофи дигар воситаҳои истеҳсолот, замин маҳсули табиат аст, на меҳнати инсонӣ; макони муайян ва доимӣ дорад, ки бо шартҳои ҷисмонан ҷойивазнашавандагии он муайян карда мешавад; масоҳати маҳдуди замин барои васеъ кардани корхона мушкилоти муайян эҷод мекунад; он ба фарсудашавии доимӣ дучор намешавад, зеро арзиши он ва фарсудашавиҳо кам карда намешавад. Ҳаҷм ва андозаи қитъаҳо, хосиятҳои хок ва шакли замин, шароити роҳи замин ба ташкили корхона таъсир мерасонанд.

Фарқият аз рӯи хосиятҳои табиӣ, гуногунии маҳсулнокии меҳнати ба он марбутро муайян мекунад, ки дар миқдори гуногуни маҳсулот, даромади умумӣ ва фоида ифода меёбад. Аз ин рӯ, барои хоҷагиҳо, сифати беҳтарини заминҳо ин аст: "... мавқеи мусоид дар муносибат ба бозор ё ба кам шудани хароҷоти моддӣ ва кӯшишҳои меҳнатӣ барои ба даст овардани ҳамон даромади умумӣ, ё афзоиш додани ин даромад бо ҳамон хароҷоти моддӣ ва қувваи меҳнатӣ оварда мерасонад"

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ бо тағйири куллии муносибатҳои замин, ки дар мамлакати мо мавҷуданд, алоқаманд аст. Шаклҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибмулкии замин, моликият ва истифодаи он тағир меёбанд.

Шакли аслии ҳуқуқи замин, ки то имрӯз маҳфуз аст, ин соҳибмулкӣ ба замин мебошад. Таваҷҷӯҳи махсус ба ин шакл моликияти меросии якумра бо кафолатҳои возеҳи ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад. Бо кафолати ҳуқуқҳои хеле васеъ, ки аз ҳуқуқҳои моликон фарқе надоранд, ҳамзамон савдои замин ва оқибатҳои манфии вобаста ба онро истисно менамояд (7, саҳ 55).

Истифодаи замин ҳуқуқи истифодабарии ин қитъаро ба манфиати истифодабаранда ифода мекунад. Қонунгузорӣ намудҳои зерини истифодаи заминро пешбинӣ менамояд: истифодаи номаҳдуди (доимӣ) ва муваққатии замин.

Барои истифодаи номаҳдуд қитъаҳои замин ба ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликият ва доираи фаъолияташон дода мешаванд.

Агар истифодабаранда соҳиби замин набошад, пас байни онҳо, чун қоида, шартнома баста мешавад, ки муҳлати истифодабари, пардохт ва дигар шартҳоро муайян менамояд. Чунин истифодаи фаврии пулакии замин иҷора номида мешавад . Он метавонад ҳам хусусияти кӯтоҳмуддат (то 5 сол) ва дарозмуддат (то 50 сол) дошта бошад. Иҷорагир ҳуқуқ дорад заминро мутобиқи шартҳои шартнома ба даст орад, соҳиби зироатҳо ва маҳсулоти истеҳсолшуда бошад. Аз нуқтаи назари пешбурди хоҷагидорӣ, иҷора нисбат ба моликияти хусуси ба замин, шакли нисбатан фасеҳ (чандирӣ) ҳисобида мешавад.

Ба ақидаи деҳқонон зиёд кардани ҳаҷм ва самаранокии ҳосилнокии хоҷагӣ аз ҳисоби иҷораи замин назар ба хариди замин осонтар аст; Он ба деҳқонони навкор имкон медиҳад, ки аз сармоягузориҳои назаррас канорагирӣ кунанд. Бо вуҷуди ин, аксари мардум соҳибмулк буданро назар ба иҷора гирифтан  афзалтар медонанд: агар заминҳои хоҷагӣ нархаш боло равад, ба манфиати заминдор аст ва иҷорагир бояд ҳаққи истифодаи онро зиёд кунад.

Моликияти хусусӣ ҳуқуқи бештар ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ба заминро медиҳад. Молик ҳақ дорад соҳиби замин, ихтиёрдорӣ, ва истифодаи замин бошад. Ҳама гуна амалиёт (амалиёти хоҷагӣ, лизинг, аз ҳисоби худ баровардан  ва ғайра) метавонад танҳо бо розигии ӯ анҷом дода шавад. Ҳар як хоҷагӣ мекӯшад, ки замини худро дошта бошад, аммо ангезаи хариди мол дар натиҷаи таъсири

омилҳои зиёд ташаккул меёбад: таносуби нархи иҷора ва фурӯш, сифати замин, нақшаҳои оянда ва ғайра.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мехоҳанд хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) таъсис диҳанд, метавонанд қитъаи заминро барои истифода,ва ё меросии якумрӣ  гиранд. Ҳамзамон, онҳо хонаи истиқоматиеро, ки дар деҳот мавҷуд аст, нигоҳ медоранд. Додани замин барои хоҷагиҳои деҳқонӣ дар доираи муқаррарнамудаи давлат бепул анҷом дода мешавад. Ҳаҷми замин дар ҳар як ҳолат бо назардошти шумораи аъзои хоҷагии деҳқонӣ, тахассуси он, инчунин меъёрҳои ниҳоӣ, ки дар вилоят ё ноҳия муқаррар карда шудаанд, муайян карда мешавад.

Ба фонди замини хоҷагиҳои деҳқонӣ дохил кардани қитъаҳое, ки ба парвариши маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба талаботи санитарӣ ҷавобгӯ нестанд, манъ аст. Хароҷоти санҷиши агротехникӣ, сертификатсияи экологии хок, инчунин пешбурди ҳуҷҷатҳои кадастри замин, аз ҳисоби буҷет анҷом дода мешаванд.

Давлат ҳавасманд кардани деҳқононро барои беҳтар кардани сифати замин, афзоиши ҳосилнокии замин ва истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин менамояд. Ҳамзамон,онҳо аз руи қонунгузорӣ барои ифлосшавӣ ва хисорот ба замин ва коҳиши ҳосилнокии он ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ кашида мешавад. Заминҳое, ки мақсаднок ё самаранок истифода намешаванд,  барои аз нав тақсим кардани минбаъда аз хоҷагиҳои деҳқонӣ метавонанд бароварда шаванд.

Муайян кардани роҳҳо ва шаклҳои ташкили хоҷагии деҳқонии худ, деҳқон бояд дақиқ дарк кунад, ки он аз ҷиҳати ҷуғрофӣ чӣ гуна ҷойгир карда шавад, то бо хароҷоти камтарин ва фоидаи зиёд ба даст орад. Аз ин рӯ, замини ба деҳқон додашуда бояд аз рӯи нақшаи пешаки  ба комплекси истеҳсоли-маишӣ,  бинои истиқоматӣ, биноҳои истеҳсолӣ ва ёрирасон, майдонҳо, алафдарав, чарогоҳҳо ҷудо карда шавад.

Ҳангоми ҳалли ин масъала тавсияҳои зеринро ба назар гирифтан зарур аст: наздик будан ба шабакаи роҳҳо ва бозорҳои фурӯши маҳсулот, ҷойгиршавии мувофиқ, хароҷоти камтарини нақлиёти ва қувваи корӣ, мақсаднокии рушди намуди муайяни истеҳсолот.

Ҳангоми ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ, фермерон аксар вақт бо ҷойгиршавии бениҳоят нодурусти қаламрави худ: пароканда шудани заминҳои корам ва марғзорҳо, масофаи хеле калон аз саҳро то ҷои зист, рӯ ба рӯ мешаванд, ки ин ба хароҷоти хеле гарони интиқоли дохили хоҷагӣ оварда мерасонанд.

Аз ин рӯ, беҳтар намудани ташкили минтақаи ҷойгиршавӣ шояд заруртарин ва муҳимтарин тадбирҳои соҳаи кишоварзӣ бошад ва идораи замин яке аз бахшҳои асосии сиёсати иқтисодии ҳамаи кишварҳои аграрӣ мебошад.

**Адабиёт**

1. Ашуров, М. Н. Ҳолати муосир ва дурнамои рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкории инноватсионӣ дар минтақа / М. Н. Ашуров, Б. Ҷ. Исвалиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 3(32). – С. 130-137.

2. Масуд Н.М., Мадаминов А.А. Основы формирования малых предприятий в сельском хозяйстве//Кишоварз. 2012. № 1. С. 57.

3. Сёмин А.Н., Третьяков А.П. Тенденции новой индустриализации в сельском хозяйстве современной России// Агропродовольственная политика России. 2017. № 2 (62). С. 27.

4. Шодиев К.К. Организационно-экономические основы развития малого и среднего предпринимательства в сельском хозяйстве Республики Таджикистан. Монография / К.К. Шодиев. – Душанбе: Ирфон, 2021. С. 155.

5. Шарофов У., Иззатов А., Шарофов П. Сельскому хозяйству инновационный путь развития// Кишоварз. 2015. № 3. С. 96.

6. http://www.president.tj/ru/node/10587.

7.Саидов, Р. Н. Хоҷагиҳои хонаводагӣ: мушкилот ва дурнамои рушди онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 4-2. – P. 130-140. – EDN BGCVJI.

8.Саидов, Р. Н. асосҳои назариявию амалии молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). – P. 81-88. – EDN FTWEFX.

## НАҚШИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОРӢ

**Саидов Раҷабали Назифович**-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

**Ҷалилзода Умриҷон Абдураззоқ** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, магистранти курси 1-уми ихтисоси 1-250108- баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: umrijonj@gmail.com, Tel: +992 00-133-94-80.

Дар мақолаи мазкур муаллиф, масъалаҳои ташаккул ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун унсури муҳимтарини таъминоти иттилоотии идоракунии субъекти хоҷагидории муосирро баррасӣ намудааст. Марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти миллӣ бо дигаргунҳои амиқ дар низоми идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ тавсиф дода мешавад. Дар назди роҳбарияти корхонаҳо вазифаи татбиқи усулҳои нави идоракунии муносиб ба шароити қтисодии муосир ва тамоюлҳои рушди низомои идоракунии пешқадам гузошта мешавад. Азбаски барои амалкунии муътадили низоми идоракунии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ташкили дурусти таъминоти итттооти он зарур аст, имрӯз нақши баҳисобгирии муҳосибӣ чун унсури муҳимтарини низоми таъминоти иттилоотии идоракунӣ баланд мегардад. Имрӯз омӯзиши низомҳои миллӣ ва байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ, ошкор намудани хусусиятҳои онҳо ва қабули лаҳзаҳои беҳтарини онҳо барои татбиққунӣ дар равандҳои ташаккул ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷолибияти хосаро касб намудааст. Ин имкон медиҳад, ки сатҳи таҳрифҳои ахбори дар ҳисоботи молиявии субъектҳои иқтисодӣ пешниҳодгардида паст ва сатҳи дарки он баланд карда шавад. Ташкили низоми баҳисобгирии муҳосибии ба масъалаҳои мутобиқсозии фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ ба таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ ҷавобгӯ асоснок карда мешавад. Муҳимтарин  нақши низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар идоракунии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ муайян карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** субъектҳои хоҷагидорӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ, стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ), иттилоот, иқтисодиёти миллӣ.

## РОЛЬ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В СИСТЕМЕ УПРАВЛЕНИЯ СУБЪЕКТЫ ХОЗЯЙСТВА

**Саидов Раджабали Назифович**-кандидат экономических наук, доцент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

**Джалилзода Умриджон Абдураззок** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, студент 1 курса магистратуры, специальность 1-250108 - бухгалтерский учет, анализ и аудит. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Электронная почта: umrijonj@gmail.com, тел.: +992 00-133-94-80.

В данной статье автор рассматривает вопросы формирования и развития системы бухгалтерского учета как важнейшего элемента информационного обеспечения управления современным хозяйствующим субъектом. Современный этап развития национальной экономики характеризуется глубокими изменениями в системе управления хозяйствующими субъектами.

Перед руководством предприятия стоит задача внедрения новых методов управления, соответствующих современным экономическим условиям и тенденциям развития передовых систем управления. Поскольку для бесперебойного функционирования системы управления хозяйствующими субъектами необходима правильная организация ее информационного обеспечения, сегодня возрастает роль бухгалтерского учета как важнейшего элемента системы информационного обеспечения управления. На сегодняшний день изучение национальных и международных систем бухгалтерского учета, выявление их особенностей, принятие оптимальных моментов их внедрения в процессы становления и развития системы бухгалтерского учета в Республике Таджикистан приобрело особый интерес. Это позволяет снизить уровень искажений информации в финансовой отчетности хозяйствующих субъектов и повысить уровень ее понятности. Обосновано создание системы бухгалтерского учета, отвечающей вопросам адаптации деятельности хозяйствующего субъекта к влиянию внутренних и внешних факторов. Определена важнейшая роль системы бухгалтерского учета в управлении деятельностью хозяйствующих субъектов.

**Ключевые слова:** хозяйствующие субъекты, бухгалтерский учет, международные стандарты финансовой отчетности (МСФО), информация, национальная экономика.

## THE ROLE OF ACCOUNTING IN THE MANAGEMENT SYSTEM OF ECONOMIC SUBJECTS

**Saidov Radjabali Nazifovich** - candidate of economic sciences, associate professor of the audit and revision department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

**Jalilzoda Umrijon Abdurazzo -** Tajik State University of Finance and Economics, 1st year master's student, specialty 1-250108 - accounting, analysis and audit. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. E-mail: umrijonj@gmail.com, Tel: +992 00-133-94-80.

In this article, the author considers the issues of formation and development of the accounting system as the most important element of information support for the management of a modern economic entity. The modern stage of development of the national economy is characterized by profound changes in the management system of economic entities. The management of enterprises is tasked with implementing new management methods appropriate to modern economic conditions and trends in the development of advanced management systems. Since the smooth functioning of the management system of economic entities requires the organization of its information support, today the role of accounting is increasing as the most important element of the management information support system. Today, the study of national and international accounting systems, the identification of their features and the adoption of their optimal moments for implementation in the processes of formation and development of the accounting system in the Republic of Tajikistan has acquired particular interest. This allows reducing the level of distortions of information in the financial statements of economic entities and increasing their level of understanding. The organization of an accounting system that meets the issues of adapting the activities of an economic entity to the influence of internal and external factors is justified. The most important role of the accounting system in managing the activities of economic entities is determined.

**Key words:** economic entities, accounting, international financial reporting standards (IFRS), information, national economy.

Имрӯз фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ мураккаб буда, аз амалиёт, равандҳо ва зуҳуроти

сершумори дар муҳиги тиҷоратии дохилӣ ва берунии он рухдиҳанда ва баҳодиҳии муносиби натиҷаҳои онҳо вобаста мебошад. Суботи иқтисодии корхонаҳо дар замони муосир танҳо ҳангоми назораи доимӣ ва ҳадафнок, ошкоркунӣ, ояндабинӣ ва пешгирӣ намудани мушкилот, ҳамбаста намудани нишондиҳандаҳои молиявии муайанкунандаи фаъолияти он имкон дорад. Воситаи ба ҷо овардани амалҳои мазкур роҳандозӣ намудани идоракунии фаъолияти хоҷагидории корхона дар асоси маълумотҳои иттилоотӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ташаккулёбанда мебошад.

Дар ҷомеъаи имрӯза идоракунии муносиби ҳама гуна субъекти хоҷагидорӣ бештар аз иттилооти пешкашнамудаи баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста аст. Баҳисобгирии муҳосибӣ маҷмӯи иттилоот ва ҳуҷҷатҳои таҷассумкунандаи нишондиҳандаҳои муҳими фаъолияти корхонаро дар бар гирифта, масъулияти асосиро барои қабули қарорҳои идоракунӣ ба зимаи худ дорад. Вай таъмингари ягонаи итгилооти бо ҳуҷҷатҳо асоснокшуда ва мураттаб оид ба ҳастии воқеъӣ ва истифодабарии амвол, равандҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои он, ухдадориҳо, ҳисобикуниҳо ва дигар ҷиҳатҳои фаъолияти хоҷагидории корхона ба ҳисоб меравад. Яъне, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ - низоми ботартиби ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва ҷамъбасткунии итгилоот бо ифодаи пулӣ оид ба дороиҳо ва ухдадориҳои корхона ва ҳаракати онҳоро бо роҳи баҳисобгирии яклухт, беист ва ҳуҷҷатноки тамоми амалиёти хоҷагидорӣ ифода менамояд.

Ҳамин тавр, менеҷменти корхона бо доштани тасаввуроти амиқ оид ба ҳастӣ ва бузургии сарватҳои моддӣ ва молиявӣ вазъи муосири корхонаро баҳодиҳӣ намуда, заминаҳоро барои банақшагирии рушди фаъолияти он бунёд намудан зарур аст. Дар ин маврид вазифаи муҳими таҳқиқоти муосир дар соҳаи мазкур рушди самтҳои нави баландбардории иттилоотнокии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва дастгирии баҳисобгирӣ-таҳлилии татбиқи ғояҳои нави идоракунӣ мебошад. Иттилооти баҳисобгирӣ тибқи равишҳои муосири идоракунӣ бояд дастгирии иттилоотии менеҷменти корхонаро бо чунин самтҳои муҳим таъмин намояд: ташаккули стратегияҳои тиҷоратӣ, банақшагирӣ ва назорати намудҳои фаъолият, таҳлил ва қабули қарорҳои идоракунӣ, истифодаи босамараи сарватҳо, зиёд намудани арзиши корхона, ҳифзи дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ ва назорати дохилӣ [4, с. 7].

Рушди муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, равандҳои ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳамгироии субъектҳои хоҷагидорӣ дар сатҳи байналмилалӣ ба ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ талаботи худро пешниҳод менамоянд. Равандҳои ҳамгироии байналмилалии иқтисодиёт ба зарурати бунёди механизми муносиби ташаккули ахбор оид ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар миқёси байналмилалӣ меоранд, ки ба ҷо овардани он дар доираи раванди стандартикунонии байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ имкон дорад.

Дар ин гуна шароит низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ худро ба талаботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) ва амалияи идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ мутобиқ намуда, бо дарназардошти хусусиятҳои миллии пешбурди фаъолияти иқтисодӣ ва санадҳои қонунгузории миллӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ фаъолияти худро роҳандозӣ менамояд.

Ҳамзамон, зарурати дигаркунӣ ва мукаммалсозии методология ва методикаҳои дар давоми солҳои тӯлонӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ пойдоршуда ба миён меояд.

Сатҳи рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳар як мамлакат аз мувофиқ будани он бо рушди иқтисодиёти миллӣ ва ҷавобгӯ будан ба талаботи идоракунии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ муайян мегардад. Барои гирифтани ахбори саҳеҳ ва воқеъбинона оид ба натиҷаҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ корбурди усулҳо ва қоидаҳои муносибе зарур аст, ки бо ёрии онҳо фаъолияти хоҷагидорӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ инъикос гардида, ахбори натиҷавии барои қабули қарорҳои идоракунӣ зарурӣ дар шакли ҳисоботи молиявӣ ташаккул

меёбад.

Барои таъмин намудани ҳамаи истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ бо маълумоти воқеӣ оид ба таркиб, ҷойгиршавӣ ва истифодаи дороиҳо, ухдадориҳо ва сармояи субъекти хоҷагидорӣ, инчунин пешкаш намудани маълумоти ҷамъбастӣ оид ба корхонаҳои як соҳа ва умуман мамлакат риоя намудани принсипҳои методологии ягонаи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявӣ аҳамияти муҳим дорад. Принсипҳои мазкур унсури асосии ташкилдиҳандаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар миқёси корхонаҳои алоҳида ва иқтисодиёти миллӣ мебошанд. Онҳо барои ҳар як мамлакат вобаста аз талаботи қонунгузории миллӣ бо дарназардошти муқаррароти принсипҳои байналмилалӣ таҳия карда мешаванд.

Ҳамин тавр, баҳисобгирии муҳосибӣ маҷмӯи унсурҳои дорои шакл ва муҳтавои муайян мебошад, ки дар алоқамандии байниҳамдигарӣ амал намуда, низоми ахбории мураккабро барои таъмини идоракунии субъектҳои иқтисодӣ ташкил медиҳанд. Яъне, баҳисобгирии муҳосибӣ «низоми ахбор оид ба вазъ ва ҳаракати сарватҳои корхона, оид ба натиҷаҳои фаъолияти он мебошад, ки фаъолияти хоҷагидории корхонаро бо ченаки пулӣ инъикос мекунад» [5, с.4].

## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ ДАР ДУРНАМОИ ХАРОҶОТИ КОРХОНА

**Саъдонов Алидод Ғуломович** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистика. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Наҳимова 64/1. Тел: 900234470.

**Фезалиев Абдураҳим Султонкаримович –** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистика. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Наҳимова 64/1. Тел: 934613743.

Мақолаи мазкур ба истифодаи воситаҳои технологияҳои рақамӣ дар дурнамои хароҷоти корхона бахшида шудааст. Дар мақола пайдарпайии истифодабарии воситаҳои барномаи MS Excel пурра оварда шудааст. Модели эконометрикии хароҷоти корхона тартиб дода шуда дар асоси он дурнамо барои кварталҳои минбада оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** хароҷоти корхона, модел, технологияҳои рақамӣ, воситаҳои барномавӣ, дурнамо.

## ПРОГНОЗИРОВАНИЕ РАСХОДОВ ПРЕДПРИЯТИЯ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

**Саъдонов Алидод Гуломович –** Таджикского государственного финансово экономического университета, старший преподаватель кафедры цифровая экономика и логистика. Адрес: 734067 Республика Таджикистан, г. Душанбе ул. Нахимова 64/1. Тел: 900234470

**Фезалиев Абдурахим Султонкаримович -** Таджикского государственного финансово экономического университета, старший преподаватель кафедры цифровая экономика и логистика. Адрес: 734067 Республика Таджикистан, г. Душанбе ул. Нахимова 64/1. Тел: 934613743

Данная статья посвяшена использванием цофровых технологии в прогнозирование расходов предприятие. В статье польностю показанно алгоритм использвание инструментов MS Excel. Построенно модель расходов передприятие и на её основы прогноз на следующих 4 квартал.

**Ключевые слова:** расходы предприятия, модель, цофровые технологии, программые средство, прогноз.

## FORECASTING ENTERPRISE EXPENSES USING DIGITAL TECHNOLOGIES

**Fezaliev Abdurahim Sultonkarimovich** - The Tajik state University of finance and economics, senior lecturer of digital economy and logistics department. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe Nakhimov str. 64/1. Tel: 934613743

**Sadonov Alidod Ghulomovich –** The Tajik state University of finance and economics, senior lecturer of digital economy and logistics department, TSUFE. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe Nakhimov str. 64/1. Tel: 900234470

This article is dedicated to the use of digital technologies for forecasting enterprise expenses. It provides a detailed description of the algorithm for applying Microsoft Excel tools. An enterprise expense model has been developed, based on which a forecast for the next four quarters has been made.

**Key words:** enterprise expenses, model, digital technologies, software tools, forecasting.

Барои дурнамои ҳаҷми хароҷот дар пешомади кӯҳтомуддат дар асоси динамикаи қатори вақтӣ модели зеринро истифода бурдан мумкин аст.

$$Y=T*S*E \quad (1) \qquad [3, 345]:$$

Моделе, ки дар он қатори вақтӣ ҳамчун ҳосили зарби аъзоҳои номабаркардашуда тасвир меёбад, модели мултипликативии қатори вақтӣ номида мешавад.

Дар ҷадвали зерин маълумотҳо оиди хароҷоти корхона барои чор соли охир  аз руи квартал оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.- Маълумотҳои аввала оиди хароҷоти корхона**

| Давра | Хароҷоти корхонаи ҶСП «Сиёма» | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| Квартали 1 | 39721 | 63554 | 79384 | 82068 |
| Квартали 2 | 66202 | 90035 | 111633 | 113198 |
| Квартали 3 | 79443 | 105924 | 124037 | 130178 |
| Квартали 4 | 68850 | 82091 | 89307 | 99048 |
| Ҳамагӣ | 254217 | 341604 | 404360 | 424492 |

Аз рӯи маълумотҳои ҷадвал графики қатори вақтии хароҷотҳои корхонаро месозем.




**Расми 1.-** Графики қатори вақтии хароҷотҳои корхона

Аз расми 1 дида мешавад, ки дар чор квартал лапиши мавсимӣ мавҷуд аст. Даромади ширкат дар давраи баҳорӣ – тобистонӣ нисбат ба давраҳои тирамоҳию зимистонӣ баландтар мебошад.

Баробаркунии сатҳҳои аввалаи қаторро бо усули миёнаи лағжанда ба роҳ мемонем. Натиҷаи ҳисобкунии баҳои ташкилдиҳандаи мавсимиро дар ҷадвали 2 пешкаш менамоем.

**Ҷадвали 2.-**Усули миёнаи лағжанда

| **Квартал t** | **Миқдори мушоҳидаҳо Yt** | **Ҷамъ дар чор квартал** | **Миёнаи тағйирёбанда дар чор квартал** | **Миёнаи тағйирёбандаи марказиронидашуда** | **Бахои компоненти мавсими Si** |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| 1 | 39721 | - | - | - | - |
| 2 | 66202 | | - | - | - |
| 3 | 79443 | 254217 | 63554 | 66533 | 1,194 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 4 | 68850 | 278049 | 69512 | 72491 | 0,950 |
| 5 | 63554 | 301882 | 75471 | 78781 | 0,807 |
| 6 | 90035 | 328363 | 82091 | 83746 | 1,075 |
| 7 | 105924 | 341604 | 85401 | 87380 | 1,212 |
| 8 | 82091 | 357433 | 89358 | 92058 | 0,892 |
| 9 | 79384 | 379031 | 94758 | 97022 | 0,818 |
| 10 | 111633 | 397144 | 99286 | 100188 | 1,114 |
| 11 | 124037 | 404360 | 101090 | 101426 | 1,223 |
| 12 | 89307 | 407045 | 101761 | 101957 | 0,876 |
| 13 | 82068 | 408610 | 102152 | 102920 | 0,797 |
| 14 | 113198 | 414750 | 103688 | 104905 | 1,079 |
| 15 | 130178 | 424492 | 106123 | | - |
| 16 | 99048 | - | - | - | - |

Қиматҳои ташкилдиҳандаи мавсимии ба дастовардашударо истифода намуда қиматҳои S – ро ҳисоб менамоем, ки натиҷааш дар ҷадвали 3 ҷойгир карда шудааст.

**Ҷадвали 3.-** Қимати ташкилдиҳандаи мавсимӣ

| **Нишондихандахо** | **Солхо** | **Рақами квартал i** | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | **I** | **II** | **III** | **IV** |
| | **2016** | - | - | 1,194 | 0,950 |
| | **2017** | 0,807 | 1,075 | 1,212 | 0,892 |
| | **2018** | 0,818 | 1,114 | 1,223 | 0,876 |
| | **2019** | 0,797 | 1,079 | - | - |
| **Ҳамагӣ дар i квартал** | | 2,422 | 3,268 | 3,629 | 2,717 |
| Бахои миёнаи компонентҳои мавсимӣ барои t квартал $\overline{S_t}$ | | 0,807 | 1,089 | 1,210 | 0,906 |
| Тағйирёбанадаи мавсимии ислоҳкардашуда $S_t$ | | 0,805 | 1,086 | 1,206 | 0,903 |

Дар моделҳои мултипликативӣ пардохткунии байниҳамдигарии таъсироти мавсимӣ дар он таҷассум меёбад, ки ҳосили ҷамъи компонентаи мавсимӣ дар ҳар як квартал бояд ба миқдори давраҳо баробар бошад.

Дар ҳолати дидабаромадаамон миқдори давраҳо ба 4 – квартал баробар аст. Натиҷаи ҳисобкуниҳо дар ҷадвали 3 ҳосили ҷамъи қиматҳои миёнаи компонентҳои мавсимӣ ба 4,02 баробар аст. Ин қимат бояд ба чор баробар бошад, аз ин сабаб ҳар як ҷамъшавандаро ба коэффитсиенти баробаркунӣ зарб намоем, ки он чунин муайян карда мешавад.

$$k = \frac{4}{4{,}02} = 0{,}9949$$

Ташкилдиҳандаи мавсимии корректиронидашуда аз рӯи формулаи зерин ёфта мешавад[2,375].

$$S_i = \overline{S_i} \cdot k, \qquad i = \overline{1,4}$$

- $S_i$ - ташкилдиҳандаи мавсимии корректиронидашуда
- $\overline{S_i}$ - қимати миёнаи ташкилдиҳандаи мавсимӣ барои квартали $i$ -юм,
- $k$ - коэффитсиенти баробаркунӣ.

Қиматҳои коректиронидашудаи ташкилдиҳандаи мавсимиро дар ҷадвали 4- ҷойгир менамоем.

**Ҷадвали 4.-** Қиматҳои коректиронидашудаи ташкилдиҳандаи мавсимӣ

| t | yt | Si | $T\cdot E=\frac{Y}{S}$ | Txис | T+S |
|---|---|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** |
| 1 | 39721 | 0,805 | 49347 | 61604 | 49587 |
| 2 | 66202 | 1,086 | 60955 | 65223 | 70838 |
| 3 | 79443 | 1,206 | 65874 | 68843 | 83023 |
| 4 | 68850 | 0,903 | 76246 | 72462 | 65433 |
| 5 | 63554 | 0,805 | 78955 | 76081 | 61241 |
| 6 | 90035 | 1,086 | 82899 | 79701 | 86562 |
| 7 | 105924 | 1,206 | 87832 | 83320 | 100482 |
| 8 | 82091 | 0,903 | 90909 | 86940 | 78506 |
| 9 | 79384 | 0,805 | 98621 | 90559 | 72894 |
| 10 | 111633 | 1,086 | 102785 | 94178 | 102285 |
| 11 | 124037 | 1,206 | 102852 | 97798 | 117942 |
| 12 | 89307 | 0,903 | 98900 | 101417 | 91580 |
| 13 | 82068 | 0,805 | 101956 | 105036 | 84548 |
| 14 | 113198 | 1,086 | 104226 | 108656 | 118009 |
| 15 | 130178 | 1,206 | 107944 | 112275 | 135401 |
| 16 | 99048 | 0,903 | 109688 | 115894 | 104653 |

Барои баҳои параметрҳои модели хатии қатори вақтии масъалаи дидабаромадаамон аз барномаи MS Excel истифода мебарем. Раванди ҳисобкунӣ дар барнома аз рӯи алгоритми зерин амалӣ мегардад:

“Данные - анализ данных – регрессия”. Дар равзанаи пайдошуда ячейкаи У диапозони маълумотҳои сутуни 4 –и ҷадвали 4, дар ячейкаи воридотии фосилаи х маълумотҳои сутуни 1 – и ҷадвали 4 – ро ҷойгир менамоем. Дар фармоиши “Остатки” байрақча гузошта баъд тугмачаи “ОК” –ро пахш мекунем. Дар варақаи нав “Вывод итогов” пайдо мегардад. Қиматҳои зарурии коэффитсиенти муодилаи регрессиониро пайдо менамоем.

Модели ҳисобии қатори вақтии тренд чунин аст:

$$y_t = 57984{,}66 + 3619{,}36 \cdot t$$

Дар асоси муодилаи регрессионии бадастовардашуда барои ҳар як квартал чунин қиматҳои дурнаморо ба даст меорем: 49587 – квартали якум, 70838 – квартали дуюм, 83023 - квартали сеюм , 65433 – квартали чорум.

**Адабиёт**

1. Доугерти Кристофер Введение в эконометрику. Перевод с английского. Москва, Экономический факультет МГУ, 2001.

2. Любушин Н.П. Комплексный экономический анализ хозяйственной деятельности /Н.П. Любушин. – 3- е изд. – М.: ЮНИТИ – ДАНА, 2006 – 448 с.

3. Методы эконометрики: учебник/ С.А. Айвазян. – М.: Магистр: ИНФРА – М, 2010. – 512с.

4. Шанченко**,** Н**.** И**.** Эконометрика: лабораторный практикум/ Н. И. Шанченко – Ульяновск: УлГТУ, 2004. – 79 с.

## НАҚШИ ДОРАКУНӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

**Зарипова Гулниссо Абдулложоновна**, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ, Суроға: 734055, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5.

Дар мақола нақши доракунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Қайд карда мешавад, ки ҷараёни идоракунӣ, менеҷмент ном дорад. Идоракунӣ бошад, ин санъати идора карда тавонистани корхонаҳо, муассисаҳо, ширкатҳо, бонкҳо, ташкилотҳои давлатӣ, хусусӣ, гурӯҳҳои корӣ ва ғайраҳо мебошад. Ба назари муаллиф дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ин соҳаи фаъолият ба камбудиҳои зиёд дучор шуд, алоқаҳои иқтисодӣ канда шуданд, таъминоти моддию – техникӣ вайрон шуд, фурӯши маҳсулот кам гашт ва вазъияти молиявии корхонаҳои истеҳсоли бад шуданд.

**Калидвожаҳо:** соҳибкорӣ, идоракунӣ, меҳнат, менеҷер, саноат, нимфабрикат, саноатикунонӣ, тиҷорат.

## РОЛЬ УПРАВЛЕНИИ В ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**Зарипова Гулниссо Абдуллоджоновна,** ассистент кафедры экономической теории Международного университета туризма и предпринимательства, Адрес: 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбада, 48/5.

В статье рассматривается роль управления в деятельности предпринимателя. Отмечается, что процесс управления называется управлением. Управление — это способность управлять предприятиями, учреждениями, компаниями, банками, государственными и частными организациями, трудовыми коллективами и т. д. По мнению автора, в период перехода к рыночной экономике сфера деятельности столкнулась со многими недостатками, разрываются хозяйственные связи, разрушается снабжение средствами и оборудованием, снижается сбыт продукции, ухудшается финансовое состояние предприятий.

**Ключевые слова:** предпринимательство, управление, труд, менеджер, промышленность, полуфабрикаты, индустриализация, бизнес.

## THE ROLE OF MANAGEMENT IN ENTREPRENEURIAL ACTIVITIES

**Zaripova Gulnisso Abdullodzhonovna,** assistant of the Department of Economic Theory of the International University of Tourism and Entrepreneurship, Address: 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbada Avenue, 48/5.

The article examines the role of management in the activities of an entrepreneur. It is noted that the management process is called management. Management is the ability to manage enterprises, institutions, companies, banks, public and private organizations, work collectives, etc. According to the author, during the transition to a market economy, the sphere of activity faced many shortcomings, economic ties are broken, the supply of funds and equipment is destroyed, sales of products are reduced, the financial condition of enterprises is deteriorating.

**Key words:** entrepreneurship, management, labor, manager, industry, semi-finished products, industrialization, business.

Менеҷмент- ин ноилшавӣ ба мақсадҳои ниҳоӣ бо истифодаи ақлу хирад, меҳнати пурсамар ва самарабахш, таъсир расонидан ба рафтори кормандон мебошад. Менеҷмент- ин воситаи

муомила бо одамон, санъату маҳорати шахсони қобилиятнок, ки дониши баланди касбӣ ва таҷрибаи калони идоракунӣ доранд. [1.15].

Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор Ҳабибов С. Ҳ. оиди фанни менеҷмент чунин баён намудааст: «Менеҷмент ин фаъолияти касбиест, ки дар ҷараёни он роҳбарон ва менеҷерон захираҳои маҳдуди иқтисодиро барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоии корхона ва дигар воҳидҳои хоҷагидорӣ пурсамар истифода менамоянд» [5.7]. Инчунин олим Вершигора Е.Е. дар китоби худ «Менеҷмент» қайд намудааст: «Менеҷмент-ин идоракунии касбии корхонаву ташкилотҳо дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ дар ҳамаи самти фаъолияти хоҷагидорӣ, ки барои ба даст овардани фоида бо роҳи истифодашудаи дурусти захираҳо равона шудааст.[2.10]

Ҷараёни идоракунӣ, менеҷмент ном дорад. Идоракунӣ – ин санъати идора карда тавонистани корхонаҳо, муассисаҳо, ширкатҳо, бонкҳо, ташкилотҳои давлатӣ, хусусӣ, гурӯҳҳои корӣ ва ғайраҳо мебошад.

Менеҷмент – санъати ба даст овардани натиҷаи матлуб тавассути дигарон аст. Олими англис Киллен идоракуниро ҳамчун ром кардани асп тасаввур кардааст. Идора кардан ин кори осон нест, яъне кори хеле вазнин ва душвор аст. Идора кардан - ин корхонаро ба мақсадаш расонидан аст.Ҳокимият ва роҳбарию пешсафӣ муҳимтарин омилҳое мебошанд, ки ба сатҳи самаранокии идоракунӣ таъсири зиёд мерасонанд.Роҳбари ҳар як корхона бояд фаъолияти мақсадноки тобеонашро идора намуда, онҳоро барои самарабахш ҳал намудани вазифаҳои дар назди коллективи меҳнатӣ гузошташуда сафарбар намояд. Аммо амалӣ шудани ин майлу хоҳиши роҳбар пеш аз ҳама аз он вобаста аст, ки роҳбар то чӣ андоза ҳокимияти ҳақиқӣ дорад ва ҳуқуқу ваколатҳояшро барои таъсир расонидан ба рафтори тобеон чӣ тавр ва дар кадом ҳолат истифода мебарад. [5.160]

Ҳокимият – ин функсияи вобастагии дуҷониба аст. Аз як тараф, онҳое, ки онро бо чашми кордонӣ ва дар ҳолати зарурӣ бо мақсади таъсиррасонӣ ба рафтори кормандон моҳирона истифода мебаранд ва аз тарафи дигар ин функсия барои онҳоест, ки ҳокимият ба онҳо таъсир мерасонад. Барои он ки роҳбарону менеҷерон ба мақсади ниҳоии хеш ва муваффақиятҳои меҳнатию истеҳсолӣ бирасанд, онҳо бояд пеш аз ҳама донишу маҳорати баланди касбӣ, таҷрибаю малакаҳои зиёди корӣ дошта бошанд. Роҳбар бояд дар идора кардани тобеон санъати кордониашро ҳамчун эксперт - коршинос, маслиҳатгар дар амал нишон диҳад. Кормандон дар бисёр ҳолатҳо ба лаёқату ҳунар, сатҳи дониши касбӣ ва таҷрибаи кории роҳбар такя мекунанд ва худашонро дар симои роҳбари поквиҷдон, кордон, маслиҳатгар, ғамхору меҳрубон, қадрдону қадршинос дидан мехоҳанд. [5.167]

Системаи идоракунии давлатҳои хориҷӣ яке аз самараноктарин менеҷмент ба ҳисоб меравад ва сабаби асосии муваффақияти он маҳорати баланди бо одамон кор карда тавонистан аст.Маҳз таҷрибаи бою рангин,нишондоду натиҷаҳои беҳтарини меҳнатӣ ва истехсолии корхонаву фирмаҳои пешрафтаи мамлакатхои тараққикардаи дунё барои ҳар як роҳбари корхонаҳо дар ҷумҳурии мо сабақи беҳтарин мебошад.

Агар омӯзиши тарзу усули беҳтарини идоракунӣ ва донистани функсияҳову роҳҳои афзалиятноки менеҷмент дар оянда дар корхонаҳо дуруст ба роҳ монда шавад, маҳз ана ҳамин корхона ба натиҷаҳои намоёни истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ ноил мегардаду самаранокии истеҳсолот баланд хоҳад шуд, ки билохира маҳсулоти хушсифати бозоргиру рақобатпазир истеҳсол мегардаду корхона фоидаи калон ба даст хоҳад овард. Бо ҳамин васила амалигардонии ҳадафи стратегияи раванди саноатикунонии кишвар таъмин гардида, истеҳсолоти маҳсулоти рақобатпазир ва рушди устувори соҳаи саноат боиси таъсиси корхонву коргоҳҳои пуркудрат мегардаду самти идоракунӣ оҳиста-оҳиста рушду такомул ва тараққӣ хоҳанд ёфт.

Идора кардан ин санъату маҳорати баланди кордонӣ, ҳал кардани муаммоҳои ба сари корхона омада ва мубориза барои нигоҳ доштани гурӯҳи корӣ ва меҳнатии корхона аст. Чӣ хеле, ки Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Сарвари давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карда буданд: «Сиёсати давлати мо ба ташаккули пешрафта ба иҷтимоиёт нигаронидашуда, ки ҷузъи ҷудонопазири иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад, равона карда шудааст».

Таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ собит менамояд, ки дар тайёркунии мутахассисони варзидаю касбии соҳаи иқтисодиёт, омӯзишу истифодаи амалии илм ва санъати менеҷмент накши муҳим дорад. Менеҷментро ба таври умумӣ ҳамчун илму ҳунари ғолибой, маҳорату малакаи ба даст овардани мақсадҳои пешгузошта бо истифодаи меҳнатию ҷисмонию ақлонии одамон маънидод кардан дуруст мебошад. Барои пайдо кардани роҳбарону менеҷерони ботаҷриба дар соҳаи идоракунӣ албата донистани фанни менеҷмент муҳим ва зарур даниста мешавад.

Ба ақидаи асосгузор ва роҳбари ширкати «Сони Корпорэйшн» Акио Морита бояд нафарони кордоне роҳбари ташкилот гарданд, ки онҳо пеш аз ҳама хоксор, меҳнатдӯст, ҳалолкор, поквиҷдон ва ботамкин бошанд.

Дар Пайёми навбатии Президенти мамлакат,Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади таъмини амалишавии раванди саноатикунонии босуръати кишвар, ҳалли масъалаҳои иҷимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» эълон карда шуд.Сарвари давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки амалигардонии ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар имкон медиҳад, ки рушди устувори соҳаи саноат ҳамчун тавлидкунандаи арзиши баланди иловашуда таъмин гардида, дар ин раванд даҳҳо ҳазор ҷойи корӣ ташкил карда шаванд.Бо мақсади тақвияти раванди саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми миллӣ дар доираи эълон гардидани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» соли гузашта дар вилояти Суғд 5-адад корхонаву коргоҳҳои саноатӣ таъсис дода шуданду мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Ҳадаф аз бунёди ин корхонаҳои нави саноатӣ истифодаи босамари имкониятҳои худӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва истеҳсоли маҳсулоти баландсифати ватанӣ мебошад.Махсулотҳое, ки дар ин корхонаҳои саноатӣ истеҳсолшуда ба гуфтаи мутахассисон аз ҷиҳати сифат ба талаботи байналмиллалӣ ҷавобгӯ буда, дар бозор рақобатпазир аст.

Вале мутаасифона ҳамаи мо хуб медонем, ки баъди пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон бисёр корхонаву фабрикаҳо бо сабабҳои гуногун аз истеҳолот бозмонда,баста шуданд.

Барои ҳамин ҳам дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ин соҳаи фаъолият ба камбудиҳои зиёд дучор шуд, алоқаҳои иқтисодӣ канда шуданд, таъминоти моддию – техникӣ вайрон шуд, фурӯши маҳсулот кам гашт ва вазъияти молиявии корхонаҳои истеҳсоли бад шуданд. Ҳар як соҳибкор ,ки ба истеҳсоли мол сару кор дорад бояд пеш аз ҳама муайян намояд,ки кадом намуди молро истеҳсол менамояд ва барои муайян намудани истеъмолкунандагони моли худ бо корхонаҳои яклухт ва чаканафурушӣ шартнома бандад. Рӯз то рӯз сафи соҳибкорони ватанӣ меафзояд, корхонаҳои онҳо бо техникаву технологияҳои замонавӣ, мошинҳои истеҳсолӣ, дастгоҳу таҷҳизотҳои навин муҷҷахаз буда, кӯшиш мекунанд, ки маҳсулоти аълосифату бозоргирро истеҳсол намоянд. Вале дере нагузашта корхонаҳои онҳо ба душвориҳо дучор гардида, дар он норасооӣ ва камёфт шудани захираҳои иқтисодӣ, ашёи хому масолеҳ, маводҳои зарурӣ ва нимфабрикатҳо, надоштани маблағи зарурӣ, вайрон шудани таъминоти моддию техникӣ сар мезанаду онҳо оқибат маҷбур мешаванд, ки онро муфлис эълон карда фаъолияти хешро қатъ намоянд. Сабаб дар чист, ки корхонаҳои онҳо ба нобасомониву муаммоҳои сахти иқтисодӣ рӯ ба рӯ мешаванду билохира корхонаҳои истеҳсолии ин соҳибкорон баста мешаванд? Чӣ боиси сар задани ин қазияҳо мешаванд? Тарзи нодрусти идоракунӣ дар корхона ё таҷрибаи кофӣ надоштан

дар самти идоракунӣ аст? Албатта надонистани тарзу усул ва роҳҳои дурусти идоракунӣ, надоштани маҳорату малака, қобилияту кордонӣ, таҷрибаи хуби корӣ ва надонистани амалиёти ташаббускориву навоварӣ боиси муфлисшавии корхонаҳояшон мегардад.Имрӯз бисёр корхонаҳову ташкилотҳо ба роҳбарону менеҷерони кордону болаёқат, пешқадам, бакордодашудаву чусту чолок эҳтиёҷи калон доранд.

Ҳар як роҳбари корхона саъю кӯшиш мекунад, ки ҳамчун пешвои ҳақиқӣ аз ҷониби дигарон эътироф гардад ва мавқеи пешсафиро ба даст оварад.Менеҷерону роҳбарон бояд роҳбарии самарабахши гурӯҳи одамонро амалӣ гардонанд ва барои дигарон пешсаф буданашонро нишон диҳанд. Менеҷерону роҳбарон бояд ақлу фаросати расо ва дониши ҳаматарафа, аз ҷумла дониши касбӣ дошта бошад, қобилияти ташкилотчигӣ дошта, кормандонро бо рафтору кирдори ибратбахш ва сатҳи кордониаш аз дунболи худ барои расидан ба мақсадҳои дар пеш гузошташуда барад, иродаи қавӣ, маҳорати донистану таҳлил намудани технологияи нав, чусту чолокӣ ва боғайратӣ, қобилияти амалӣ кардани навовариҳо дар истеҳсолот, маданияти баланд, ақли расо ва қобилияту истеъдоди зеҳнӣ, поквиҷдонӣ ва ҳисси баланди ҷавобгарӣ, ҳунари гузошта тавонистани масъалаҳои ояндадор ва донистани роҳи ҳалли онҳо, маҳорати ҷамъоварӣ намудан, дорои истеъдоди роҳбарӣ ба тобеон буда, вазъи иҷрои корҳоро дуруст таҳлил намуда, хулосаи мантиқӣ баровbooarda тавонад.Дар ҷараёни идоракунӣ аз услубҳои идоракунӣ, яъне услуби демократии идоракунӣ истифода барад.Услуби демократии идоракунӣ имконият медиҳад, ки ҳарчӣ миқдори бештари кормандон ба ҷараёни идоракунӣ бевосита ҷалб гарданд ва дар қабули қарорҳо бо роҳбарон якҷоя ширкат варзанд. Ҳамчунин ин усул ба муҳити боварикунонӣ ва ҳавасмандгардонӣ роҳи васеъ мекушояд. Роҳбарон бошанд, ҳамеша коргаронро ба ҳамкорӣ дар иҷрои мақсаду вазифаҳои дар назди корхона гузошташуда даъват намуда, кори онҳо назорат ва қадр мекунанд.Менечерону роҳбарон бояд ҳар як муаммои ба сари корхона омадаро аввалиндараҷа таҳлил намояд ва роҳҳои самараноки ҳалли онро ёбад. [4.89]

Зарурияти омӯзиши фанни «Менеҷмент» дар муассисаҳои олӣ дар он аст, ки пас аз хатми муассисаи таълимии мазкур раванди идоракунии роҳбариро дар муассисаю ташкилотҳое, ки ба кор медароянд, роҳандозӣ намоянд. Машғулиятҳо аз фанни «Менеҷмент» қариб, ки дар ҳамаи гурӯҳҳои таълимии донишгоҳ гузаронида мешавад. Бо мақсади пайдо кардани истеъдодҳои нав ва шогирдони болаёқат дар муассисаи таълимӣ маҳфили «Менеҷери ҷавон» созмон дода шудааст. Дар маҳфили мазкур донишҷӯён оид ба фанни «Менеҷмент» ва умуман фанҳои иқтисодӣ маълумоти бештареро пайдо карда, дар викторинаву озмунҳои фаннии дохилидонишгоҳӣ баромад хоҳанд кард. Ба ҳамин восита онҳо ҳам савияи дониши хешро баланд мекунанду ҳам маҳорату малака, санъати суханронӣ ва қобилияти бештари идоракуниро аз худ менамоянд.

Идоракунӣ асоси тараққиёти ҷамъият аст. Ҳар як роҳбар бояд корхонаи худро ривоҷ диҳад, онро то қадри имкон дуруст ба роҳ монад. Барои дуруст ба роҳ мондани он пеш аз ҳама тарзу усулҳои беҳтарини идоракуниро хеле хуб ба роҳ монда мо барои худ маълумоти бештар ва аниқу саҳеҳро пайдо карда, бо истифодаи он каме, ҳам бошад, савияву сатҳи дониши хешро баланд хоҳанд кард. Фанни «Менеҷмент» барои баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии самти идоракунӣ, дар ташкилоту муассисаҳо аз ҷониби донишҷӯён ва умуман коргарони корхонаву ташкилотҳо ҳамчун як усули ёридиҳанда дар ҷараёни идоракунӣ маҳсуб меёбад.Хулоса бояд фанни «Менеҷмент» на танҳо дар муассиасаҳои таълимӣ, балки дар корхонаҳову тащкилотҳо низ барои фаъолнокиву баланд бардоштани маҳорату малака ва истеъдоди идоракунии роҳбарону менеҷерон мунтазам гузаронида шаванд ки ин аз манфиат холӣ нест, чунки барои корхонаро ривоҷу равнақ додан ва ба мақсадаш расонидан айни ҳол мо ба мутахассисони варзидаву болаёқат эҳтиёҷ дорем ва омӯзонидани истеъдоди роҳбарии менеҷерони давлатҳои хориҷа ва тарғиб

намудани тарзу усули идоракунии беҳтарини онҳо хеле ҳам барои корхонаву ширкатҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҷумҳурӣ муҳимтар аст.

**Адабиёт**


1.Бозоров.Ш.Ш, Назарамонова Д.М, Қосимова С.И. Душанбе: «Ирфон»: 2004. 473 с.

2.Вершигора Е.Е.  Менеджмента. ИНФРА-М. 2002. 334 саҳ.

3.Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Қисми 1.Душанбе: «Ирфон» 2004.473 с.

4.Ҳамидов А.Х.Асосҳои менеҷмент: Душанбе: «ЭР-граф»: 2019. 400 с.

5.Ҳабибов С.Ҳ,Фақиров Ҳ.Н, Мирзоалиев А.А, Шаропов Ф.Р. Менеҷмент:Душанбе,«Ирфон»: 2005.308 с.

6.Саидов, Р. Н. Рушди соҳибкорӣ дар деҳот омили баландбардории сатҳи даромадҳои аҳолӣ / Р. Н. Саидов // Мактаби сиёсии Пешвои миллат. – 2022. – No. 3. – P. 322-327. – EDN HPFZWT.

7.Саидов, Р. Н. Арзёбии хароҷоти истеъмолии хоҷагиҳои хонаводагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 1(35). – P. 174-186. – EDN GRURXQ.

## ШАКЛҲО ВА МЕТОДҲОИ БАРНОМАБАНДИИ КОМПЮТЕРИИ “ИНТЕЛЕКТИ СУНЪӢ” ДАР РАВАНДИ ТАЙЁРИИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН

**Марипова Ф.А** -ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ, Суроға: 734055, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5.

Мақола фарогири омӯзиши шаклҳо ва методҳои барномабандии компютерии “интелекти сунъӣ” дар раванди тайёрии касбии донишҷӯён мебошад. Қайд мегардад, ки дар асоси фаъолияти инсон тафаккур нуҳуфта шудааст. Яне агар инсон ташнагиро эҳсос намояд ҳамоно дар ҷустуҷӯи об мепардозад ва то ондаме, ки обро дарёб накард дигар фикрҳои дар сар буда дар навбати баъди карор хоҳанд гирифт. Ҳамин, ки обро дарёфт намуда ташнагиро рафъ намуд, майнаи инсон барои иҷрои фармонҳои навбати мепардозад, ки ҳар яки онҳо бо пайдарпаии мантиқи иҷро хоҳанд шуд.

**Калидвожаҳо:** интелекти сунъӣ, таълим, метод, мақсади муваққатӣ, мақсади ниҳоӣ, нархи маҳсулот.

## ФОРМЫ И МЕТОДЫ ПРОГРАММИРОВАНИЯ КОМПЬЮТЕРНОГО «ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА» В ПРОЦЕССЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКИ СТУДЕНТОВ

**Марипова Ф.А.**-ассистент кафедры «Менеджмент и маркетинг» Международного университета туризма и предпринимательства, Адрес: 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбада, 48/5.

Статья представляет собой комплексное исследование форм и методов компьютерного программирования «искусственного интеллекта» в процессе профессиональной подготовки студентов. Отмечено, что мышление основано на человеческой деятельности. То есть, если человек испытывает жажду, он немедленно начнет искать воду, и пока он ее не найдет, в его голове будут преобладать другие мысли. Как только он найдет воду и утолит жажду, мозг человека приступит к выполнению следующих команд, каждая из которых будет выполняться в логической последовательности.

**Ключевые слова:** искусственный интеллект, образование, метод, временная цель, конечная цель, цена продукта.

## FORMS AND METHODS OF PROGRAMMING COMPUTER "ARTIFICIAL INTELLIGENCE" IN THE PROCESS OF PROFESSIONAL TRAINING OF STUDENTS

**Maripova F.A.**-assistant of the Department of Management and Marketing of the International University of Tourism and Entrepreneurship, Address: 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbad Avenue, 48/5.

The article is a comprehensive study of the forms and methods of computer programming of "artificial intelligence" in the process of professional training of students. It is noted that thinking is based on human activity. That is, if a person is thirsty, he will immediately begin to look for water, and until he finds it, other thoughts will prevail in his head. As soon as he finds water and quenches his thirst, the human brain will begin to execute the following commands, each of which will be executed in a logical sequence.

**Key words:** artificial intelligence, education, method, temporary goal, final goal, product price.

Барои барномабанди дар асоси зеҳни сунъи сараввал мавҳум ва таркиби асосии зеҳни (интилекти) сунъиро таҳлил бояд намуд. Дар асоси фаъолияти инсон тафаккур нуҳуфта шудааст. Яне агар инсон ташнагиро эҳсос намояд ҳамоно дар ҷустуҷӯи об мепардозад ва то ондаме, ки обро дарёб накард дигар фикрҳои дар сар буда дар навбати баъди карор хоҳанд гирифт. Ҳаминки обро дарёфт намуда ташнагиро рафъ намуд майнаи инсон барои иҷрои фармонҳои навбати мепардозад, ки ҳар яки онҳо бо пайдарпаии мантиқи иҷро хоҳанд шуд. Масалан барои аз роҳ гузаштан бояд аввал ба чароғаки раҳнамо назар кард ва ҳаминки рангаш сабз шуд аз роҳ бояд гузашт. Агар амалҳо бо пайдарпаии мантиқи иҷро нашаванд эҳтимоли ба садама дучор шудан ба миён меояд. Ҳаммаи амалҳоеки инсон ба анҷон мерасонад билохира ба ягон натиҷа оварда мерасонад. Яъне майнаи сари инсон ҳамеша амалҳои гуногунро таи расидан ба ягон мақсад иҷро мекунад.

Аз ин ру ба хулосае омадан мумкин аст, ки мақсад-яке аз таркиби асосии зеҳнӣ мебошад, зеро тамоми амалҳо бахотири расидан ба мақсади ниҳои оварда мерасонад. Ғайр аз ин мақсадҳоро ба ду намуд ҷудо намудан мумкин аст:

- Мақсади муваққатӣ.
- Мақсади ниҳоӣ.

Фарқ байни мақсади муваққатӣ ва ниҳои дар он мебошад, ки масалан донишҷу бояд сессияро супорад, яъне то ондамеки сессияро ба анҷом нарасонмдааст мақсади муваққатии ӯ супоридани сессия мебошад аммо мақсади ниҳоияш бошад муттахасис шудан аст. «Дар вақти ба нақшагирии системаҳои эксперти ҳамеша бояд мақсадро ба хотир дошт, ки барои расидан ба он равона шудааст» [1]

Далелҳо ва қоидаҳо. Инсон бо худ миқдори зиёди донишҳоро дорост ва онҳоро ҳамчун маҷмуи далелҳо ва қоидаҳо барои расидан ба мақсад истифода менамояд.

Мисоли 1:

Далели 1. Чароғаки роҳнамо сабз аст.

Қоидаи 1. АГАР чароғаки роҳнамо сабз бошад ОНГОҲ матаваонед аз роҳ гузаред.

Қоидаи 2. АГАР чароғаки роҳнамо сабз набошад ОНГОҲ аз роҳ гузаштан мумкин нест.

Бояд қайд кард, ки дар мисоли овардашуда ҳаммаи қоидаҳо бо муносибати шартии АГАР....ОНГОҲ... оварда шудааст яъне агар ягон шарт иҷро шавад муттаносибан ягон амал иҷро хоҳад шуд.

Мисоли 2.

Тағйирёбандаҳои A ва B додашудааст калонтаригашро муайян намоед.

Далели 1. Тағирёбандаи A=10.

Далели 2. Тағирёбандаи B=15.

Қоидаи 1. АГАР A>B ОНГОҲ тағирёбандаи A калонтарин адад номида мешавад.

Қоидаи 2. АГАР B>A ОНГОҲ тағирёбандаи B калонтарин адад номида мешавад.

Аз ин бар меояд, ки то ягон далеле барои иҷрои ягон амал(қоида) вуҷуд надоштабошад, ягон амалро иҷро намудан ғайри имкон аст. Яъне пеш аз онеки аз ду тағирёбанда калонтаринашро ёбем бояд қимматҳои онҳоро муайян намуд сипас муқоиса намуд. Тафаккури инсон низ пешаки ҳамчун қоида гуфта метавонад ки аз ду адад кадомеки калон аст ҳамон калонтарин ҳисобида мешавад аммо амиқтарашро танҳо пас аз муайян намудани қиммати тағирёбандҳо муайян менамояд.

Мисоли 2-ро бо тамоми забони барномарези ҳал намудан мумкин аст, азбаски забони барномарезии ПИТОН(Python) дар раванди барномарези дар асоси зеҳни сунъи сермаҳсултарин башумор меравад минбаъд коди барномаҳоро дар ин забон хоҳем навишт.

Дар раванди ҳалли ягон масъала бо истифода аз далелҳо натанҳо ба натиҷаи ҳалли масъала ноил шудан мумкин аст балки соҳиби як ё якчанд далели нав низ шудан мумкин аст.

Мисоли 3. Нархи маҳсулот муайян шудааст инчунин маблоғи дар ихтиёр дошта низ муайян аст. Бо истифода аз амалҳои муқоисавӣ мо муйян карда метавонем, ки оё маблағи дар ихтиёрдоштаи мо барои харидории маҳсулот кифояаст ё не. Ғайр аз ин баъд аз ба анҷом расидани кори барнома мо далели нав яъне кифоя ё нокифоя будани маблағамонро пайдо менамоем [ 2].

Мақсад: муайян намоед, ки оё мабла-и дар ихтиёр буда барои харидории мащсулоти муайян кифоя аст ё не.

Далели 1. Маблағи дар ихтиёрдошта 125 сомони.

Далели 2. Намрхи маҳсулоти муайян 110 сомони.

Қоидаи 1. АГАР маблағи дар ихтиёрдошта калон ё баробар ба нархи маҳсулоти муайян бошад ОНГОҲ маблағ барои хардории маҳсулоти муайян кифоя аст.

Қоидаи 2. АГАР маблағи дар ихтиёрдошта хурд аз нархи маҳсулоти муайян бошад ОНГОҲ маблағ барои хардории маҳсулоти муайян кифоя нест.

Бо истифода аз далелҳои мавҷуда масъала зуд ҳалли худро меёбад инчунин дар натиҷа боз далели наве пайдо мегардад.

Далели нав. Маблағ барои харидории маҳсулот кифоя аст.

Код дар ПИТОН:

маблаг=125 махсулот=110 if маблаг >= махсулот: ҳ print("маблаг кифоя!!!")} else: ҳ print("маблаг нокифоя!!!")}

натиҷа:

Мисоли 4. Генератсия (ташкил) и адади се рақама. Муайян намудани суммаи ададҳои он.

Масъалаи мазкурро бо ёрии алгоритми хатти ҳал намудан мумкин аст, зеро миқдори рақамҳои он муайян аст. Аммо масъалаҳои ба ин монандро махсусан вақтеки миқдори ададҳояш номуайян аст бо ёрии сикл(алгоритми даврӣ) ҳал менамоянд.

Коди барнома:

from random import random n=random()*900+100 n=int(n) print('адади ҳосилшудв=',n) a=n//100 b=(n//10)%10 297 print('ҳосили ҷамъи рақамҳо=',a+b+c)

Натиҷа:

Чи тавре, ки дар натиҷа мебинам коди барномаи мо 2 натиҷаро пешниҳод менамояд: аввал натиҷаи адади серақамаи ҳосилшуда, сипас ҳосили чамъи ададҳои серақамаи ҳосилшуда. Ғайр аз ин масъалаи мазкурро бо истифода аз функсияҳои сатрӣ низ ҳал намудан мумкин аст.

**Таҳлили код**: саравал аз дохили функсияҳо функсияи рандом-ро барои тартибдиҳии адади тасодуфи содир менамоем. from random import random # функсияи рандом адади тасодуфии аз 0то1 ро тартиб медищад # ва барои ҳосил намуддани адади серақама онро ба 900 зарб менамоем ва барои аз 100 зиёд шуданаш 100-ро ҷамъ менамоем. n=random()*900+100 #бо функсияи Int қисми бутунашро ба n мебахшем n=int(n) #барои муайян намудани кадом адади тасодуфи ҳосилшуд онро чоп менамоем print('адади ҳосилшудв=',n) #барои адади аввaларо муайян намудан ба 100 бутун тақсим менамоем. a=n//100 #барои адади дувумро ёфтан адади ҳосилшударо ба 10 тоқсими бутун менамоем ва натиҷаро ба модул 10 тақсим намуда бқия аз тақсими бутунро меёбем b=(n//10)%10 #дар ниҳоят барои дарёфти адади разряди хурдтарин адади ҳосилшударо ба бақия аз тақсими бутунро меёбем c=n%10 #сипас ҳар як адади ёфташударо чамъ намуда чоп менамоем. print('ҳосили ҷамъи рақамҳо=',a+b+c)

Ин буд ҳалли якчанд мисолу масъалаҳое ки барои фаҳмиши заминави пайдо намудани он ки интеллекти сунъӣ чигуна сохта шудааст.

**Адабиёт**

1.Методы искусственного интеллекта для синтеза проектных решений : учебное пособие / В.Е. Подольский, И.Л. Коробова, И.В. Милованов, И.А. Дьяков, Н.В. Майстренко. – Тамбов : Изд-во ГОУ ВПО ТГТУ, 2010. – 80 с.

2.Маҷмуаи таълимию методӣ аз фанни “Интелекти сунъӣ”. Душанбе: “Истеъдод”, 2018. -112 саҳифа.

3.Искусственный интеллект : В 3-х кн. Кн. 2. Модели и методы: справочник / под ред. Э.В. Попова. – М. : Радио и связь, 1990. – 303 с.

4.Левин, Р. Практическое введение в технологию искусственного интеллекта и экспертных систем с иллюстрациями на Бейсике / Р. Левин, Д. Дранг, Б. Эделсон. – М. : Финансы и статистика, 1990. – 239 с.

## БУРДУ БОХТИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ АЪЗОШАВӢ БА СОЗМОНИ УМУМИҶАҲОНИИ САВДО

**Самиров Б.А.**-ассистенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ, Суроға: 734055, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5.

Муаллифи мақолаи илмӣ иброз медорад, ки ҳар як ҷараён новобаста аз шакли мавҷудияташ ҳам паҳлӯҳои мусбат ва ҳам паҳлӯҳои манфиро соҳиб аст ва аъзошавии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба СУС ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии худро соҳиб мебошад. Гарчанде дар рӯзномаву маҷаллаҳо бештар аз оқибатҳои мусбии ин аъзошавӣ сухан мегӯянд. Қайд мегардад, ки мушкилии асосии соҳаи бонкии мо ин сатҳи пасти сармоякунонӣ, ноустуворӣ ва номукаммалии захираҳои молиявӣ ва сатҳи пасти идоракунии корпоративӣ ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, созмони умумиҷаҳонии савдо, дороиҳои бонкӣ, бозори хизматрасониҳои бонкӣ, қарз, идоракунӣ.

## ПЛЮСЫ И МИНУСЫ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ОТ ЧЛЕНСТВА ВО ВСЕМИРНОЙ ТОРГОВОЙ ОРГАНИЗАЦИИ

**Самиров Б.А.**-ассистент кафедры мировой экономики Международного университета туризма и предпринимательства. Адрес: 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбада, 48/5.

Автор научной статьи утверждает, что каждый процесс, независимо от формы его существования, имеет как положительные, так и отрицательные стороны, и вступление Республики Таджикистан в ВТО также имеет свои положительные и отрицательные стороны. Хотя газеты и журналы в основном говорят о положительных последствиях этого вступления. Отмечается, что основной проблемой нашего банковского сектора является низкий уровень капитализации, нестабильность и несовершенство финансовых ресурсов, низкий уровень корпоративного управления.

**Ключевые слова:** банковская система, Всемирная торговая организация, банковские активы, рынок банковских услуг, кредит, управление.

## PROS AND CONS OF THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN FROM MEMBERSHIP IN THE WORLD TRADE ORGANIZATION

**Samirov B.A.**-assistant of the Department of World Economy of the International University of Tourism and Entrepreneurship. Address: 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbad Avenue, 48/5.

The author of the scientific article claims that every process, regardless of the form of its existence, has both positive and negative sides, and the accession of the Republic of Tajikistan to the WTO also has its positive and negative sides. Although newspapers and magazines mainly talk about the positive consequences of this accession. It is noted that the main problem of our banking sector is the low level of capitalization, instability and imperfection of financial resources, low level of corporate governance.

**Key words:** banking system, World Trade Organization, banking assets, banking services market, credit, management.

Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол аъзои комилҳуқуқи 51 ташкилоти бонуфузи байналхалқӣ мебошад, аммо аъзогӣ ба дутои онҳо бисёр воқеаи таърихӣ буда, барои рушди иқтисодиёти миллии

мо аҳамияти ҷиддӣ дошт. Яке, аъзо шудан ба Хазинаи байналхалқии асъор (ХБА, рус. МВФ - Международный валютный фонд) мебошад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи апрели соли 1993 ҳамчун аъзои комилҳуқуқи он пазируфта шуд ва дигаре, Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС, рус. ВТО - Всемирная торговая организация) мебошад, ки моҳи марти соли равон ҷумҳурии мо 159-ум аъзои он гашт.

Мавриди қайд аст, ки раванди аъзошавӣ ба ин ду ташкилоти молиявии байналхалқӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври гуногун сурат гирифтааст. Новобаста ба он ки дар солҳои 1993 вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии ҶТ чанде хуб набуд, Ҷумхурии Тоҷикистонро ба аъзогии ХБА зуд пазируфтанд. Шарти асосии аъзо шудан ба ХБА дар он давра ин қабули пешниҳодҳои ин ташкилот доир ба танзим даровардани иқтисодиёти ҷумҳурии мо буд, яъне ҳамаи талаботҳои асосиро нисбат ба иқтисодиёти мо онҳо муайян мекарданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қадамҳои аввалини худро дар арсаи байналхалқӣ ҳамчун давлати соҳибистиқлол мегузошт, таҷриба ва сармояи кофие надошт, ки манфиатҳои иқтисодии худро ҳимоя намояд. Дар баробари ин, дар мамалакат ҷанги шаҳрвандӣ давом дошт ва ба ғайр аз пазируфтани шартҳои ин ташкилоти бонуфуз дигар чораи дигаре вуҷуд надошт.

Аммо бояд зикр намуд, ки дар фарқият аз аъзо шудан ба ХБА аъзогӣ ба СУС мӯҳлати тӯлонӣ ва гуфтушунидҳои бисёреро талаб кард (12-сол), ки онро мо муфассалтар қайд хоҳем кард.

Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ташкилоти бонуфузи байналхалқӣ буда, соли 1995 дар заминаи Асанблеяи генералии оиди тарофаҳо ва савдо (рус. ГАТТ- Генеральное соглашение по тарифам и торговле) ташкил ёфтааст. Мақсади асосии ин ташкилот дар асоси талаботҳои муайян озод намудани савдои байналмилалӣ ва танзими муносибатҳои тиҷоратии байни давлатҳои аъзои он мебошад, ки боиси рушди иқтисодиёти кишварҳои аъзои он гардад.

Дар байни кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил Тоҷикистон ҳафтум давлате мебошад, ки ба ҳайси аъзои комилҳуқуқи ин ташкилот пазируфта шуд (Қиргизистон-1998с., Гурҷистон – 2000с., Молдавия – 2001с., Арманистон – 2003с., Украина – 2008с., Россия - 2012с.)

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи майи соли 2001 ба Котиботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) мактуби дархост оид ба дохилшавӣ ба ташкилоти мазкур ирсол намуд. Моҳи июли соли 2001 Шӯрои Генералии СУС дар ҷаласаи худ дархости Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, оид ба таъсис додани Гурӯҳи корӣ оид ба баррасии масъалаи дохилшавии Тоҷикистон ба СУС ва ба Тоҷикистон додани мақоми кишвари нозир дар ҷаласаҳои СУС, қарор қабул намуд.

Бо назардошти муҳимияти масъалаи дохилшавии Тоҷикистон ба СУС барои иқтисодиёти кишвар ва инчунин бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳои ҷумҳурӣ доир ба омода намудани раванди дохилшавии Тоҷикистон ба СУС Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии масъалаҳои дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС-ро таъсис дод, ки он дар моҳи ноябри соли 2007 ба Комиссияи байниидоравии дузинагӣ оид ба масъалаҳои дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС табдил дода шуд.

Вазифаҳо оид ба ташкил ва ҳамоҳангсозии умумии раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС ба зиммаи Вазорати рушди иқтисод ва савдо вогузор карда шудааст.

Раванди мулоқотҳо оид ба дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС аз оғози ҷаласаи якуми Гурӯҳи корӣ оид ба баррасии масъалаи дохилшавии Тоҷикистон ба СУС дар Котиботи СУС дар шаҳри Женева сар шуд ва 10 декабри соли 2012 бо ба имзо расондани Созишнома оиди ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, ки он 9 январи соли 2013 аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барасмият дароварда шуд, ба анҷом расид. Дар ин муддати гуфтушунидҳо 6 созишномаи дуҷониба оид ба дастрасӣ ба бозори хизматрасониҳо ва 13 созишнома доир ба дастрасӣ ба бозори молҳо ба имзо расонида шуд.

Ҳамаи ин заҳматҳо боис шуданд, ки 2 марти соли 2013 Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун 159-ум аъзои комилҳуқуқи СУС пазируфта шуд.

Дар навбати худ мавриди қайд, аст ки ҳар як чараён новобаста аз шакли мавҷудияташ ҳам паҳлӯҳои мусбат ва ҳам паҳлӯҳои манфиро соҳиб аст ва аъзошавии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба СУС ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии худро соҳиб мебошад. Гарчанде дар рӯзномаву маҷаллаҳо бештар аз оқибатҳои мусбии ин аъзошавӣ сухан мегӯянд.

Бо назардошти он ки ҷумҳурии мо ҷумҳурии агросаноатӣ ба ҳисоб меравад, муттахассисон ва иқтисоддонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар доир ба оқибатҳои аъзошавӣ ба СУС ва таъсири он ба соҳаи хоҷагии қишлоқ ва саноат сухан мегӯянд. Аммо аз нуқтаи назари онҳо соҳаи бонкӣ дур мемонад, ки аъзошавӣ ба СУС ба ин соҳа бевосита таъсири мустақим мерасонад.

Соҳаи бонкии мо дар ҳоли инкишофёбист. Аз ин лиҳоз, ҳар гуна тағйирот ва тамоюлот дар бозори байналхалқии молиявӣ метавонад бевосита ба он таъсир расонад. Дар навбати худ, рушди бомароми иқтисодиёти мамлакат аз соҳаи бонкӣ вобастагии калон дорад.

Рушди босуботи бахши воқеии иқтисоди давлат аксаран аз иштироки фаъоли бонкҳо дар ҷараёни сармоягузорӣ вобаста мебошад.

Дар санаи 1.01.2013 дар ҶТ 16 бонк (аз онҳо 1-тояшон давлатӣ, 9-тояшон тиҷоратӣ ва 6-тояшон бо сармояи хориҷӣ), 124 ташкилоти маблағгузории хурд ва 2 ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ фаъолият мекарданд. Тайи солҳои охир низоми бонкӣ ботадриҷ рушд карда истодааст. Шумораи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ дар 8 соли охир афзуда, аз соли 2005 то ба соли 2012 аз 44 адад, аз онҳо 12-тояшон бонк, то ба 142 адад расидаанд, ки аз онҳо 16-тояшон бонк мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти босуботи низоми бонкӣ пеш аз ҳама ба доираи муштариёни он вобаста мебошад. Аз ин лиҳоз, барои он ки шумораи муштариёни бонк зиёд шавад, бонкҳо бояд боварии мардумро сазовор гарданд. Чунки дар давраи гузариш омилҳое буданд, ки боиси заиф шудани боварии мардум ба соҳаи бонкӣ гаштанд. Ин ҳам бошад, пеш аз ҳама:

Якум, оқибатҳои барҳам хӯрдани Иттифоқи Шӯравӣ ва зери таъсири он барҳам хӯрдани низоми муттамаркази бонкӣ. Дар даврони Шӯравӣ мардум пасандозҳояшонро бо боварӣ дар бонкҳо нигоҳ медоштанд. Баъди барҳамхӯрии Иттифоқи Шӯравӣ ва гузарондани як қатор ислоҳотҳои пулӣ дар ҶТ пасандозҳои дар бонкҳо будаи аҳолӣ маблағи ночизе гаштанд. Ин заминаи асосии кам шудани боварии мардум ба низоми бонкӣ мебошад.

Дуввум, паст будани доираи саводи молиявии аҳолӣ. Яъне як ҳиссаи аҳолӣ то ҳол ҳам оид ба моҳияти хизматрасониҳои бонкӣ маълумоти пурра надоранд. Аз ин лиҳоз, нигоҳ доштани захираҳои худро на дар соҳаи бонкӣ, балки дар сандуқу ҷевонҳо афзалиятноктар мешуморанд, нисбат ба соҳаи бонкӣ.

Севвум, бо назардошти оне ки 97% аҳолии ҶТ мусалмон мебошанд ва ба қоидаҳои шариат диққати ҷиддӣ медиҳанд, як ҳиссаи аҳолӣ «мувофиқи қоидаҳои шариат бо фоиз сару кор кардан раво нест» гуфта, ба хизматрасониҳои бонкӣ кор намегиранд.

Аммо ба ҳамаи ин омилҳо нигоҳ накарда, солҳои охир теъдоди муштариёни бонкӣ зиёд гашта истодаанд ва дар асоси он нишондиҳандаҳои соҳаи низоми бонкӣ низ афзуда истодааст.

Аммо бо ин гуна нишондиҳандаҳо дар сатҳи байналхалқӣ низоми бонкии мо рақобат карда наметавонад. Чунки он барои тоб овардан ба рақобат кофӣ нест. Мо танҳо дар чаҳорчӯбаи низоми бонкии Иттиҳоди давлатҳои мустақил баъзе нишондиҳандаҳои асосии ин соҳаро муқоиса мекунем, чунки дар мавриди аъзо будан дар СУС пеш аз ҳама давлатҳои ба мо ҳамсоя ҳавасманд ҳастанд, ки ба бозори молиявии мо роҳ ёбанд.

Пеш аз ҳама низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишондиҳандаи пасттарини дороиҳои бонкҳо ба ҳар сари як нафари аҳолӣ фарқ мекунад. Дороиҳои бонкӣ ба сари ҳар як нафар аҳолии

Тоҷикистон дар соли 2023 254 долларро ташкил медод, ки ин нисбати ҳамин нишондиҳанда дар Россия 36 маротиба ва дар Қазоқистон 21 маротиба камтар мебошад.

Ҳиссаи дороиҳои низоми бонкӣ дар маҷмӯи махсулоти дохилии Тоҷикистон ҳамагӣ 29,4% ташкил медиҳад, ки ин аз заифии низоми бонкии мо шаҳодат медиҳад, ҳол он ки ин нишондиҳанда дар Украина 80% дар Россия 70% ва дар Белорусия 56% - ро ташкил медиҳад. Дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо бошад, ин нишондиҳанда зиёда аз 100% ташкил медиҳад.

Ҷамъи дороиҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 қариб 2 млрд. долларро ташкил медод, ки аз дороиҳои танҳо як бонки Қазоқистон (Казкомерсбанк) ва ё Россия (Сбербанк) камтар мебошад. Дороиҳои низоми бонкии ҶТ нисбат ба дороиҳои низоми бонкии Россия 600 маротиба ва Қазоқистон 45 маротиба камтар мебошад. Дар доираи давлатҳои собиқ шуравӣ дар ин нишондиҳанда мо танҳо аз Ҷумҳурии Қирғизистон пешсафтар ҳастем. Ҳамон ҳам агар нисбати дороиҳои бонкӣ ба сари ҳар як нафар аҳолӣ гирем, мо аз Қирғизистон қафо мемонем. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки муттамарказии (консентрация) сармоя дар низоми бонкии мо нисбатан баландтар аст, нисбати дигар давлатҳои ИДМ. Чунки 60% сармояи низоми бонкии ҶТ бар дӯши се бонки бузургтарин рост меояд, ки ин барои иқтисодиёт хатаровар низ мебошад. Дар ҳолати муфлис шудани яке аз ин бонкҳои калони ватанӣ он боиси заиф гаштани тамоми иқтисодиёт мегардад.

Доир ба нишондиҳандаи шумораи бонкҳо низ дар доираи давлатҳои собиқ шӯравӣ мо қафо мемонем. Дар санаи 1 январи соли 2013 дар Тоҷикистон 16 бонк фаъолият мекард, ки он ба сари ҳар як миллион нафар аҳолӣ 2 бонк рост меояд. Мавриди қайд аст, ки дар Россия ва Қазоқистон ҷараёни якҷояшавӣ ва кам кардани шумораи бонкҳо идома дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, теъдоди онҳо зиёд карда шуда истодааст.

Мушкилии асосии соҳаи бонкии мо ин сатҳи пасти сармоякунонӣ, ноустуворӣ ва номукаммалии захираҳои молиявӣ ва сатҳи пасти идоракунии корпоративӣ ба шумор меравад.

Дар ҷадвали 3. мо танҳо доир ба нишондиҳандаҳои низоми бонкии давлатҳои аъзои ИДМ сухан кардем, ҳол он ки аъзои СУС танҳо 7-тои онҳо мебошанд, боқимонда 151 давлати аъзои он низ ба воридшавӣ ба бозори молиявии мо ҳавасманд ҳастанд ва сармоя ва дороиҳои бонкҳои баъзеи ин кишварҳо то ба триллионҳо доллари амрикоӣ мерасанд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии масъалаҳои дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС, ки дар ҳайати он соҳаи бонкиро як намоянда аз БМТ муаррифӣ мекард, барои ба рақобат тобовар гаштани низоми бонкии мо ба муддати панҷ сол аз давраи аъзошавӣ ба СУС вақт талаб кард. Яъне то ин муддат бонкҳои хориҷӣ ба бозори қарзии мо ворид намегарданд.

Ҳамаи ин гуфтаҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ки аъзогӣ дар СУС ба низоми бонкии мо оқибатҳои ҳам хуб ва ҳам ногувор дошта метавонад.

Таъсири манфии аъзогӣ дар СУС ба соҳаи бонкӣ дар он зоҳир мегардад, ки:

1. Бозори хизматрасониҳои бонкии мо барои бонкҳои хориҷӣ кушода мегардад. Бонкҳои хориҷӣ метавонанд филиалҳои худро дар ҷумҳурӣ таъсис диҳанд. Аз сабаби оне ки хизматрасониҳои онҳо арзонтар аст ва сатҳи хизматрасонияшон баландтар аст, онҳо метавонанд дар муддати кӯтоҳ бозори молиявии моро зери даст намоянд. Чунин ҳолат ҳангоми аъзошавии Латвия, Эстония ва Полша ба СУС рӯй дода буд, ки имрӯз қариб 70% дороиҳои бонкии ин давлат дар дасти бонкҳои хориҷӣ мебошанд;

2. Гарчанде филиалҳои бонкҳои хориҷӣ дар асоси қонунгузории ҶТ фаъолияташонро ба роҳ мемонанд, дар сиёсати ҷобаҷогузории захираҳои молиявиашон (сиёсати қарздиҳӣ ва сиёсати ҷалби депозитҳо) онҳо ба сиёсати бонки асосияшон, ки дар дигар мамлакат ҷойгир аст ва бештар манфиатҳои давлати худ ва батанзимдарории низоми бонкии худро тарафгирӣ менамоянд, такя

мекунанд. Яъне онҳо метавонанд бо мақсади кам кардани хатарашон воситаҳои пулии дар ҷумҳурии мо ҷамъкардаашонро берун аз ҷумҳурӣ бароварда дар хориҷа нигоҳ доранд. Ё ин ки дар мавриди эҳтиёҷ доштани иқтисодиёт ба маблағҳои қарзӣ онҳо метавонанд қарздиҳиро суст кунанд ва ё фоизҳои бонкиро тағйир диҳанд;

3. Бонкҳои хориҷӣ метавонанд сиёсати фоизиро дар бозори қарзии мо муайян намоянд, чунки онҳо ба сарватҳои арзони бозори молиявии ҷаҳонӣ дастрасӣ доранд, аз он ҷо маблағҳои қарзиро арзон харидорӣ намуда, дар бозори қарзии ҷумҳурии мо онҳоро бо нархи нисбатан арзонтар пешкаш менамоянд, ки ин боиси рақобатнопазирии бонкҳои мо мегардад;

